АТОУЛЛО ҲУСАЙНИ

# БАДОЕЪ-УС-САНОЕЪ

АТОУЛЛО МАҲМУДИ ҲУСАЙНӢ

*

# БАДОЕЪ-УС-САНОЕЪ

НАШРИЁТИ „ИРФОН"
ДУШАНБЕ 1974

8 Тоҷик I+Й (Форс)
А 87

Дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик баробари адабиёти қадимаю бои бадей даҳҳо ёдгориҳои назарии эстетикӣ мавҷуданд, ки «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ (асри XV) аз ҷумлаи онҳост. Муаллиф ҳамчун суханшиноси забардаст ва пешқадами замони худ соҳаҳои гуногуни илми филологияро мудаққиқона омӯхта, афкори адабиётшиносони асрҳои XI-XV-ро бо камоли маҳорат ҷамъбаст намудааст.

Ин китоби пурарзиш барои муҳаққиқон, муаллимону донишҷӯён ва барои ҳамаи онҳое, ки аз лутфу назокат, аз асрори зебоиҳои шеъри тоҷикӣ баҳраманд шудан мехоҳанд, тӯҳфаи хубе хоҳад буд.

БО САРСУХАН, ТАВЗЕҲОТ ВА ТАҲРИРИ
РАҲИМ МУСУЛМОНҚУЛОВ

7—3—1—1
97—74
М 501 (13)

## ЧАНД СУХАН ДОИР БА АТОУЛЛО МАҲМУДИ ҲУСАЙНӢ ВА АСАРИ Ӯ «БАДОЕЪ-УС-САНОЕЪ»

### I

Таърихи адабиёти ин ё он халқ ҳар қадар ғанӣ ва бобаракат бошад, афкори назарии адабӣ-эстетикии он низ ҳамон қадар мукаммал ва рангоранг хоҳад шуд. Илми адабиётшиносии тоҷику форс, аз ҷумла, қисмати муҳимми он — назарияи адабиёт низ ба мисли адабиёти ин халқ таърихи бой ва қадима дорад.

Мутаассифона, афкори назарии халқамон, сарчашмаҳои он, қимату моҳияти он, аҳамияти ақидаҳои пешиниён дар инкишофи адабиёту санъати муосир ва як қатор масъалаҳои дигар алҳол омӯхта нашудаанд. Адабиётшиноси барҷастаи Озарбойҷон Қамол Толибзода ташаббус нишон дода, сарчашмаҳои афкори назарии мардуми Шарқро дар омади гап ба ду гурӯҳ: асарҳои махсуси адабӣ-эстетикӣ ва суханҳои шоирону нависандагон ҷудо намудааст. Манбаъҳои афкори назарӣ-эстетикии халқамонро ба чаҳор тақсим кардан мумкин аст:

1. Суханҳои парокандаи суханварон, чунончӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигар классикони адабиёти тоҷик дар бораи каломи бадей, мақоми адиб дар ҷамъият ва ғайра шеърҳои алоҳида гуфтаанд ва ё дар зимни қасида, маснавӣ ва монанди инҳо ақидаҳои арзишнок изҳор кардаанд.

2. Рисолаҳо, шарҳҳо ва ё фаслҳои махсусе, ки мутафаккирон (ҳамчун Абӯнасри Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Ҳоҷа Насириддини Тӯсӣ ва дигарон) ба масъалаҳои назарии каломи бадей бахшидаанд.

3. Тазкираҳо, қомусҳо, фарҳангҳо ва дигар асарҳои адабии илмӣ, бадей, таърихшиносӣ, ки дар онҳо низ хеле маълумотҳои пурқимати назариро дарёфт кардан мумкин аст. (Ба ин гурӯҳ «Лубоб-ул-албоб», «Қобуснома», «Чаҳор мақола», «Ҳафт қулзум», «Ғиёс-ул-луғот» ва амсоли инҳоро дохил намудан мумкин аст.)

4. Асарҳои махсуси ба илмҳои арӯз, қофия ва бадеъ бахшидашуда. Мувофиқи тақозои шароити таърихӣ, адабӣ ва пеш аз ҳама ба сабаби ҳукмронии дурударози сохти феодалӣ дар Шарқи тоҷик (форс-) забон таҳқиқи соҳаҳои шаклии адабиёти бадеӣ бештар ривоҷ ёфтанд. Бесабаб нест, ки дар таърихи бештар аз ҳазорсолаи адабиётшиносии тоҷику форс садҳо рисолаҳои хурду калон ба миён омадаанд, ки дар онҳо масъалаҳои арӯзи тоҷикӣ-форсӣ, қофияи шеър, санъатҳои бадеӣ аз рӯи дониш ва ҷаҳонбинии нигоранда таҳлил ва тадқиқ шудаанд.

Муҳаммад бинни Умари Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Шарафиддини Ромӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳусайн Воизи Қошифӣ ва даҳҳо дигарон роҷеъ ба санъатҳои бадеӣ, чигунагӣ ва аҳамияти онҳо асарҳо навиштаанд. Аммо дар асри XV шахсе аксари китобҳои адабиётшиносони тоҷику форс ва асарҳои муҳимтарини олимони арабро мутолиа намуда, афкору ақидаҳои мавҷударо то андозае ҷамъбаст карда, дар хусуси санъатҳои бадеӣ китобе бо номи «Б а д о е ъ-у с-с а н о е ъ» навишт. Ин шахс А т о у л л о  М а ҳ м у д и  Ҳ у с а й н ӣ буд.

Амир Бурҳониддин Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ мувофиқи ахбороти Алишери Навоӣ, Ғиёсиддини Хондамир, Сомибек ва дигарон дар Нишопур ба дуньё омадааст. Аммо Бобур Машҳадро зодгоҳи ӯ донистааст, ки ин шояд саҳв бошад.

Таърихи таваллуди Атоулло маълум нест. Аммо дар як рубоие, ки дар «Б а д о е ъ-у с-с а н о е ъ» оварда шудааст, Атоулло «чил сол ба халқ сарф кардам авқот» мегӯяд. Аз ин тахмин кардан мумкин аст, ки муаллиф шояд дар солҳои 30—40-уми асри XV ба дуньё омада бошад.

Хондамир дар «Ҳ а б и б-у с-с и я р» бори дигар нишопурӣ будани Атоуллоро таъкид карда, менависад, ки «Атоуллоро дар авохири авқоти ҳаёт дидаи зоҳирӣ аз рӯъяти ашьё отил гашт ва аз балдаи фохираи Ҳирот ба Машҳад... рафта... даргузашт». Аз ин гуфтаи Хондамир маълум мешавад, ки Атоулло дар охирҳои умраш нобино шуда будааст. Дар ҳақиқат, Атоулло дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» чанд ҷо ба рамад (дарди чашм) гирифтор шудани худро ишора кардааст, ки дар ин сурат маълумоти Хондамир бояд рост бошад.

Дар масъалаи таърихи вафоти Атоулло низ фикрҳо гуногунанд, зеро агар Хондамир «миёнаи шавволи 919» (миёнаи декабри соли 1513)-ро нишон дода бошад, Сомибек дар «Қ о м у с-у л-а ъ л о м» санаи 917 (1511)-ро қайд кардааст. Муаллифони феҳрастҳои дастхатҳои Музеи Британия — Ч. Риё, Институти Халқҳои Осиёи (ҳоло Институти Шарқшиносӣ) АФ СССР — О. Ф. Акимушкин дар масъалаи вафоти Атоулло санаи 929 (1522—23 мелодӣ)-ро зикр кардаанд.

Азбаски зиндагии Хондамир бо Атоулло тақрибан дар як давра ҷараён ёфтааст ва фикри ӯ эътиборнок нашуданаш душвор аст, тахмин кардан мумкин аст, ки Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар моҳи декабри соли 1513 аз олам гузашта бошад.

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар синни ҷавонӣ ба шаҳри Ҳирот, ки он дар асри XV аз марказҳои бузурги илму адаб ҳисоб меёфт, дохил мегардад ва таҳсили илм менамояд. Атоулло аз мударрисони пешқадами Ҳирот илмҳои зиёде, алалхусус илмҳои филологии тоҷику форс ва арабро хеле хуб аз худ менамояд.

Атоулло баъд аз касби камолот мударрис мешавад ва дар мадрасаҳои номии Ҳирот — «Ихлосия», «Султония» ва ғайра дарс мегӯяд. Ӯ дар илму дониш ва фазилат дар андак муддат ном баровардa, аз сарҳалқаи бузургони илму адаби Ҳирот ҷой мегирад. Гумон меравад, ки Атоулло аз дарьёи дониши Абдураҳмони Ҷомӣ шахсан файзьёб гардидааст. Истинодҳои пурэҳтироми самимонаи ӯ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» ба ин далолат мекунанд.

Атоулло аз муқаррабони Алишери Навоӣ будааст ва дар суҳбатҳои ӯ иштирок намудааст, ки ин ҳолат ҳам дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ, ҳам дар китоби «Б а д о е ъ-у с-с а н о е ъ» зикр ёфтааст.

Ин донишманди забардаст бо вуҷуди дар илму дониш мартабаи баланд доштанаш ва бо Навоӣ наздик буданаш, заҳри азобу машаққатҳои зиндагиро хеле зиёд чашида будааст. Ба ин фикр порчаҳои шеърии бисьёре, ки ба муносибатҳои гуногун оварда шудаанд, ишора мекунанд. Масалан:

Ҳаргиз набувад даме ҳузуру тарабам,
Ҳар лаҳза шавад зиёда ранҷу таабам.
Ҳар дам аламе дигар расад бесабабам,
Алқисса, ман аз толеи худ дар аҷабам.

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ тангдастона умр ба сар бурда будааст. Масалан, ӯ дар ҳусни матлаби қасидае, ки зоҳиран ба Алишери Навоӣ бахшида шудааст, қарздории худро ин тариқ нозук ишора кардааст:

Шудӣ Салмони аҳдат дар саноеъ банда гар ӯро
Набудӣ фикри қарзе ғайри қарз-уш-шеър чун Салмон.

Амсоли чунин шеърҳои шиквоӣ аз зиндагӣ, аз қисмат, аз муҳтоҷию қарздорӣ ва ғайра дар китоб бисьёр дучор меоянд, ки қисман бо онҳо хонанда дар ин мухтасар шинос хоҳад шуд.

Хондамир дар китоби «Макорим-ул-ахлоқ» ҳикоятеро меорад, ки он аз як тараф, далели барҷастаи лутфу карами Навоӣ бошад, аз тарафи дуюм, фазилатпарвар ва парастори олимону адибон будани ӯро нишон диҳад, аз тарафи дигар, аз муҳтоҷӣ ва тангдастии Атоулло ва аз ҷиҳати чорум, аз муносибатҳои самимонаи ду фарзанди бузурги халқҳои тоҷику ӯзбек равшан гувоҳӣ медиҳад. Нақли Хондамир дар хусуси он аст, ки Атоулло аз қарибиҳои мадрасаи «Ихлосия», ки худ мударриси он буд, ҳавлиеро харидани мешавад, «аммо амалдоре пайдо шуда, чизе бар ин маблағ меафзояд», ки дар натиҷа савдо вайрон мешавад ва Атоулло аз Навоӣ хоҳиш мекунад, ки он амалдорро аз он кирдор боздорад, то ӯ ҳавлии дилхоҳашро ба нархи арзонтар бихарад. Алишери Навоӣ бар ивази ин хоҳиш ҳавлии дигари беҳтар аз онро ба Атоулло бепул пешкаш мекунад.

Навоӣ нисбат ба Атоулло эҳтироми махсуси самимонае доштааст, ки ин аз «Маҷолис-ун-нафоис»-и ӯ ҳувайдост. Навоӣ ба «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и ин муаллиф баҳои баланди объективона ва беғаразона дода, навиштааст, ки «маълум нест, ки дар ин фан ҳаргиз касе ба ин андоза китобе ҷомеъ ва муфид таълиф карда тавонад».

## 2

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ пеш аз таълифи китоби «Бадоеъ-ус-саноеъ» дар масъалаи қофия «Рисолаи қофия»-ро навиштааст, ки ҳоло аз он якчанд нусхаи дастхат мавҷуд мебошад. Инчунин, ӯ дар чанд ҷои «Бадоеъ-ус-саноеъ» изҳори орзу мекунад, ки баъди хатми ин асари мухтасар китоби мукаммали дигаре бо номи «Так-

мил-ус-саноат» эҷод карданист. Аз рӯи нишондоди муаллифи «Қашф-уз-зунун» — Ҳоҷӣ Халифа ва «Қомус-ул-аълом» — Сомибек ин нияти Атоулло низ ҷомаи амал пӯшида будааст.

Китоби «Бадоеъ-ус-саноеъ», ки ҳоло аз он як нусха дар Музеи таърихи маданияту санъати Самарқанд ва ду нусха дар китобхонаҳои шаҳри Ленинград нигоҳ дошта мешавад, асосан дар масъалаҳои санъатҳои бадеӣ баҳс мекунад.

Муаллиф номи китобро дар дебочаи он чунин таъкид кардааст:

Ин баҳри хаёлот бадоеъ-анҷом,
Қ-аз дурри саноеъ аст бо зебу низом.
Онро ту «Бадоеъ-ус-саноеъ» кун ном,
Созад ба атои ҳақ, Атоӣ, чу тамом.

Атоулло барои нишон додани санаи анҷоми китобаш дар хотимаи асар ду рубоии таърих овардааст, ки яке аз онҳо ин аст:

Ин нусха, ки дар саноеъ омад нодир,
Чун гашт тамом, кардам ӯро ҳозир.
Пурсид зи омиён яке таърихаш,
Бо вай гуфтам: даҳи **ҷамид-ул-охир.**

Аз таърихи рубоии мазкур маълум мегардад, ки асари Атоулло 10-уми ҷумод-ул-охири 898 ҳиҷрӣ (мутобиқи 9 апрели 1492 мелодӣ) анҷом ёфта будааст.

Китоб бо ташвиқ ва маслиҳатҳои Алишери Навоӣ таълиф ёфта, ба номи ӯ бахшида шудааст.

«Бадоеъ-ус-саноеъ» аз дебоча, муқаддима, се санъат, яъне боб ва хотима иборат мебошад.

Дар дебоча сабаби таълифи китоб ва шароити навишта шудани он баён гардидааст.

Дар муқаддимаи асар баҳрҳои вазни арӯз ва зиҳофоти он мухтасаран зикр меёбад. (Азбаски хонандагони имрӯзаи тоҷик ба воситаи асарҳои адабиётшиносон Ш. Ҳусейнзода, Т. Зеҳнӣ, махсусан бо «Арӯзи тоҷики»-и Баҳром Сирус ва чанде мақолаву асарҳои дигар имконияти бо арӯз шинос шуданро доранд ва бинобар тақозои ҳаҷми ин китоб, муқаддима аз он хориҷ карда шуд).

Боби якуми «Бадоеъ-ус-саноеъ» Дар баёни муҳассаноти лафзия» ном дошта, 60 санъати лафзиро дарбар

мегирад. Дар боби дуюм — «Дар муҳассаноти маънавия» 65 санъати маънавӣ маънидод карда шудааст. Дар боби сеюм, ки «Дар муҳассаноти лафзияву маънавия» ном дорад, 22 санъати муштараки маънавию лафзӣ шарҳу баён ёфтааст. (Он санъатҳои бадеие, ки имрӯз он қадар муҳим нестанд ва аз истеъмол баромадаанд, аз мухтасар бароварда шуданд.)

Хотимаи китоб дар ду баҳс буда, дар баҳси аввал иллатҳои шеърии лафзию маънавӣ ва дар баҳси дуюм 15 истилоҳи адабӣ эзоҳ дода шудаанд.

Ҳамон навъе ки аз мундариҷаи бобҳо маълум мегардад, Атоулло санъатҳои бадеиро ба гурӯҳҳо, яъне маънавӣ, лафзӣ ва муштарак тақсим намудааст, ки ин ҳодиса дар китобҳои мӯътабари адабиётшиносии тоҷику форс, ҳамчун «Тарҷумон-ул-балоғат»-и Умари Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот, «Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва ғайра мушоҳида карда намешавад.

Хусусияти ба назар намоёни китоби Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар он аст, ки муаллиф ба баҳсу мунозира ва таҳлили ин ё он чиз диққати ҷиддӣ додааст. Атоулло доир ба масъалаҳои гуногуни қобили муҳокима фикру ақидаҳои адабиётшиносони тоҷику форс ва араб — аз қабили Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Шарафиддини Ромӣ, Шарафиддин Алии Яздӣ, Саккокӣ, Ибн ал-Асир, Тафтозонӣ, Қутбиддини Шерозӣ ва чанди дигаронро нақл карда, дурустию нодурустии онҳоро мувофиқи имкон ва донишу маҳорати худ нишон додааст, Чунончи, танҳо барои таҳлили санъати бадеии таҷнис ва намудҳои он муҳаққиқ беш аз сӣ маротиба ба манбаъҳои гуногуни тоҷикию арабӣ истинод кардааст.

Ақидаҳои адабию эстетикии Атоулло хеле ҷолиби диққат буда, ҳоло ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Масалан, ӯ ягонагии лафзу маънӣ ва тобеияти суханро бар мазмун таъкид карда навиштааст: «Бидон, ки асл дар муҳассаноти лафзия он аст, ки алфозро тобеи маънӣ созанд». «Балки асл дар ҷумлаи муҳассанот — он аст, ки — мегӯяд ӯ,— калом бар ваҷҳе адо ёбад, ки дар инфиҳоми (фаҳми) маънӣ ва латофати он, дар аҳкоми таркиб ва салосати он ихтилоле (халал) падид наёяд».

Ба фикри мо, ин китобро дар роҳи ҷамъбаст намудани афкор ва ақоиди адабиётшиносӣ ва эстетикии тоҷику форс ҷидду ҷаҳди ҷиддие шуморидан мумкин аст.

Хотимаи китоб низ хеле пурбаҳост. Муаллиф доир ба нуқсонҳои шеърӣ бо ҳавсала ва бо камоли маҳорату доноӣ таваққуф кардааст. Ин қисмат ба замми қимати зиёди илмиаш, барои ихлосмандони гулзори адабиёт дастури хубест.

Чунон ки маълум мегардад, масъалаи маънидоди баъзе истилоҳҳои адабӣ диққати донишмандони моро ба худ хеле барвақт ҷалб карда будааст. Масалан, Рашиди Ватвот дар охири китоби худ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» қисмати хурде илова намуда, «мадҳ», «ҳаҷв», «ташбиб», «насиб», «ғазал», «мусарраъ», «хасӣ», «тарҷеъ», «акс», «тадвир», «мукаррар», «мутанофир», «муталойим», «иртиҷол», «ҷазолат», «салосат», «саҳли мумтанеъ» барин истилоҳҳоро хеле мухтасар бошад ҳам, эзоҳ додааст. Айнан чунин қисматро дар поёни китоби Шамси Қайс — «Ал-муъҷам» низ мушоҳида мекунем. Атоулло ҳам дар баҳси дуюми хотима оид ба ин масъала таваққуф кардааст. Аммо Атоулло баъзе истилоҳҳоро ҳамчун «мадҳ», «ҳаҷв», ки маълуму машҳуранд, аз асари худ хориҷ намуда ва қисме аз онҳо — аз қабили «тарҷеъ», «акс», «тадвир» ва ғайраро ба бобҳои санъатҳо дохил кардааст ва бар ивази онҳо дар қисмати истилоҳот «муздаваҷ», «муқаффо», «байт-ул-қасида», «матбӯъ» барин истилоҳҳои шарҳталабро эзоҳ додааст. Аз тарафи дигар, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ҳамчун одати маъмулии худ истилоҳҳоро муфассал ва бо мисолҳо тафсир намудааст.

Китоби «Бадоеъ-ус-саноеъ» барои таърихи адабиёт низ дорои аҳамияти бузургест, зеро муаллиф дар он аз осори қариб панҷоҳ нафар шоир мисолҳои шеърӣ овардааст, ки қисме аз онҳо — ҳамчун Рӯдакӣ, Абӯшакур, Фирдавсӣ, Анварӣ, Унсурӣ, Муиззӣ, Хоқонӣ ва дигарон ба хонандагон маълум бошанд, қисме — аз қабили Баҳромӣ, Ризои Нишопурӣ, Котибӣ, Назирӣ ва дигарон алҳол ба хонандагони умум камтар шиносанд.

Чунон ки худи Атоулло ҳам таъкид кардааст, мисолҳои шеърии «Бадоеъ-ус-саноеъ» тоҷикӣ-форсианд. Ӯ ба мисли дигар адабиётшиносон шеърҳои арабиро бисьёр наоварда, балки ҳамагӣ ду-се байти заруриро зикр кардаасту халос.

Атоулло ба ҷузъиёти таълиф диққату эътибори ҷиддӣ додааст, соҳиби ҳар фикр, ё мисоли шеъриро ҳатман нишон додааст. Агар асарҳои аксари кулли шеършиносони пешин ва минбаъдаи тоҷику форс хусусияти муштараки

дастурӣ дошта бошанд, китоби Атоулло баръакс тамоми нишонаҳои имконпазири асари илмии тадқиқотиро доро мебошад.

Атоулло дар асри XV ва ибтидои асри XVI, яъне дар замони авҷ ва оғози инқирози сохти феодалӣ умр ба сар бурдааст ва аз ин рӯ, ӯ аз баъзе маҳдудиятҳои мафкуравӣ низ озод шуда наметавонист. Ҳангоми мутолиаи ҳар як ёдгории давраи гузашта, аз ҷумла дар асnои хондани ин асар низ хонанда бояд мувофиқи назарияи ленинии омӯзиши мероси маданӣ рафтор кунад.

Дар китоби Атоулло аз эҷодиёти худи муаллиф ҳам барои мисол тақрибан ҳафтсад байт оварда шудааст. Аз ин маълум мегардад, ки Атоулло дар шоирӣ, алалхусус дар рубоисароӣ ва гуфтани шеърҳои маснӯъ моҳир будааст.

Умуман, китоби «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ба аҳамияти калони илмии назариявӣ ва амалии тарбиявӣ молик мебошад.

Ин мунтахаб дар асоси се нусхаи дастнавис (маҳфуз дар Музеи давлатии таърихи маданият ва санъати Самарқанд — рақамаш КП-3351; дар Шӯъбаи дастхатҳои шарқии Китобхонаи оммавии давлатии Ленинград ба номи Салтыков-Щедрин — рақамаш Dorn-319; дар Шӯъбаи Ленинградии Институти Шарқшиносии Академияи Илмҳои СССР — рақамаш В-3760) таҳия карда шудааст.

Азбаски ин нашри оммавист, китоб як андоза ихтисор карда ва услуби он андаке сабуктар гардонда шуд.

Р. Мусулмонқулов

## ДЕБОЧА

**Аммо баъд** чунин гӯяд нависандаи ин рисола ва муаллифи ин мақола:

Камина бандаи маъбуди муғнӣ [1]
Атоуллоҳ Маҳмуд-ул-Ҳусайнӣ,

ки дар замони фароғатбол ин каминаро майли тамом ба назми писандида ва каломи санъатнок мебуд ва ба он фан машғулӣ менамуд. Ҳарчи аз осори он бар сафҳаи рӯзгор зоҳир мешуд, манзури назар ва қабули хурдону бузургон меёфт.

Аммо ба мурури андак фурсатеву замоне ва гузаштани андак вақтеву овоне, ба сабаби балои ҳамрикобии бисьёр, баъзе васвасаҳо ва ба сабаби лузумияти таълим дар мадрасаҳо асли он майл аз байн рафт ва бинои он шуғл барҳам хӯрд, чунончи солҳо мегузашт, ки хотир гирди он кор намегашт. Ва баъзе варақҳо, ки дар он боб навишта ва тартиб дода буд, зарравор парокандаву парешон ва аз гарду ғубори беэътиборӣ бо хок баробару яксон шуда буд. То дар ин айём, ки амир ва амини маъдалат-дастгоҳ, рукн-ус-салтанат—Алишер Навоӣ[2] он зарраҳои ҳақирро манзури назари офтоб-таъсир сохта аз хок бардоштанд ва илтифоти хотири отир бар ҷамъу тартиби он гумоштанд. Ва ин бандаро ба итмоми он амр фармуданд ва дар он амр муболиға намуданд.

Ҳарчанд парешонии аҳволи банда аз ҳад берун ва пароканда аз адад афзун буд, аммо ба қадри вусъату имкон камари ҷидду ҷаҳд бар миён баст. Ва дар ҳар ҳафта як-дурӯзӣ дар гӯшае нишаст, то он варақҳои парешонро ҷамъ сохта тартиб диҳад ва он сиёҳнависи нотамомро тамом карда ба охир расонад. Агарчи зоҳир аст, ки дар ин ҳол он кор чунон ки мебояд, барнамеояд, лекин дарвешон гуфтаанд, ки: «чунончи ояд, на чунон ки бояд».

Ва лозим дониста шуд, ки аксари байтҳои ин рисола натиҷаи фикру хаёли ин шикастаҳол бошад. Ва ҳар гоҳ

шеъри яке аз устодон орад, номи ӯ барад. Ва абьёте, ки Хоҷа Ҷамолиддини Салмон[3] аз барои мисолу баёни санъатҳову баҳрҳо ва зиҳофоти он дар «Қасидаи маснӯъ»-и худ дарҷ карда, ҳар якро дар мавзеи ӯ аз баёни санъатҳо мундариҷ созад ва зиҳофи баҳри ӯро низ зикр кунад, то дар зимни баёни саноеъ он ҳам филҷумла маълум шавад.

Аз бузургону фозилони рӯзгор, хусусан бандагони ҳазрати Навоӣ — он, ки чун ин кор саранҷом ёбад ва ин рисола ба итмом анҷомад, агар саҳву хатое воқеъ шуда бошад, рақами узр бар он кашанд ва ба қалами мушкбор ислоҳ фармоянд.

Рубоӣ:

Ин баҳри хаёлот бадоеъ-анҷом,
Қ-аз дурри саноеъ аст бо зебу низом.
Онро ту **«Бадоеъ-ус-саноеъ»** кун ном,
Созад ба атои ҳақ, Атоӣ, чу тамом.

## Тамҳид

Бидон, ки донишмандони араб зебоиҳои каломро ду навъ эътибор намудаанд:

Навъи аввал — зебоиҳои зотия, ки ба мисли ҳусни зотии дилбарон аст;

ва навъи дуюм — зебоиҳои аразия, ки ҳамчун зинатҳои оразияи эшон аст.

Ва баёни навъи аввалро **«илми балоғат»** мегӯянд ва онро ба сабаби бисьёрии мубоҳиса ду илм сохтаанд: яке **«илми маонӣ»** ва дигаре **«илми баён»**.

Ва баёни навъи дуюмро «Илми тобеи балоғат» мегӯянд ва онро ба сабаби камии мубоҳиса нисбат ба илми балоғат як илм сохтаанд — ва он **«илми бадеъ»** аст.

Ва шоирони Аҷам баъзе аз зебоиҳои зотия, ки машҳур ва серистеъмол бувад, мисли ташбеҳ ва истиорату киноят, ба зебоиҳои аразия зам кардаанд. Ва маҷмӯъро **«Саноеъ»** мегӯяд ва баёни онро — **«илми саноеъ»**, яъне «илми санъатҳои бадей».

Хулоса, санъатҳои калом тақсим мешаванд ба се қисм ба ҷиҳати он, ки ҳар санъат, ки ҳаст — ё санъати лафз асту бас; ё санъати маънию бас; ё санъати ҳам лафзу ҳам маънӣ.

Ва бинобар ин мақсади ин рисола дар се санъат, яъне боб адо ёфт.

# САНЪАТИ АВВАЛ

## ДАР БАЁНИ САНЪАТҲОИ ЛАФЗӢ

Бидон, ки асл дар санъатҳои лафзӣ — он аст, ки лафзро тобеи маънӣ созанд. Балки асл дар ҷумлаи зебоиҳо — он аст, ки калом бар ваҷҳе адо ёбад, ки дар фаҳми маънӣ ва латофати он, дар ҳукми таркиб ва салосати он халале падид наёяд; на он, ки дар ҳусну зинатҳои сухан кӯшанду чашм аз ҳоли халалҳои маънӣ бипӯшанд ё он, ки, масалан, маънии хос гӯянду тариқи ҳусни адо напӯянд.

Ва санъатҳои лафзӣ бисьёру бешумор аст, аммо дар ин рисола аксар вақт бар он чи устодони ин фан эътибор кардаанд, ихтисор хоҳад афтод.

Мисраъ:

З-он ки болотар аз устод дӯкон натвон сохт.

Ва тариқи ҷамеи шоирони Аҷам он аст, ки дар гуфтани саноеъ ва баёни он тарсеъро муқаддам медоранд — ба ҷиҳати он, ки он санъат дар ваҷҳи камол ҷуз дар матлаъ адое намеёбад. Ва ҳарчанд, ки баъзе аз донишмандони араб онро аз қисмҳои саҷъ шумурдаанд. Ва баёни баъзе қисмҳояш мавқуф аст ба баёни таҷнис.

Аммо чун ин рисола ба забони форсӣ навишта мешуд, бар тариқи шуарои Аҷам ибтидо ба тарсеъ намуда шуд.

### ТАРСЕЪ

Ба қавли аксар донишмандони араб иборат аст аз он, ки чун ду порча каломро — хоҳ назму хоҳ наср мулоҳиза кунанд: ҳар лафзе аз ҳар порча мусовӣ бошад бо лафзе, ки муқобили ӯст аз порчаи дигар дар вазн ва мувофиқ бошад бо ӯ дар ҳарфи охирин ё қариб бошад ба он. Ва баъзе аз эшон наздикиро низ шарт накардаанд.

Аммо пеши шуарои Аҷам мувофиқати лафзҳо дар ҳарфи охирин шарт аст. Ва мурод ба «ҳарфи охирин» — ҳарфи равист ва он чи ба мисли ӯст аз наср — чунон ки:

Зи рӯяш мунфаил гулҳо фитода бӯстон дарҳам,
Ба кӯяш муттасил дилҳо кушода дӯстон хуррам.

Ва аз абьёти беназири дилпазири ин санъат байти ҳазрати худованди корӣ, яъне Навоист:

Чунон вазид зи бӯстон насими фасли баҳор,
К-аз он расид ба ёрон шамими васли нигор.

Ва агар риоят кунанд, ки алфоз дар ҳаракоту сукунот[1] низ мувофиқ бошанд, дар ғояти латофат бошад, чунон ки:

Ба ҷафои рақиб додам тан,
Ба ҳавои ҳабиб шодам ман.

Ва мебояд донист, ки аз такрори робитаҳо[2] мутлақо дар назму наср боке нест. Ва дар назм аз такроре, ки ба ҷиҳати радиф бошад ҳам, боке на, чунон ки Рӯдакӣ[3] гуфта:

Қас фиристод ба сирр андар айёр маро,
Ки макун ёд ба шеър — андар бисьёр маро.

Ва инро арбоби ин фан аз қабили тарсеъ доштаанд. Ва аз ихтилофе дар вазн, ки ба ҷиҳати қофия бошад ҳам, боке нест, чунон ки дар ин қасидаи Рашиди Ватвот[4]:

Эй мунаввар ба ту нуҷуми ҷалол
В-эй муқаррар ба ту русуми камол.
Бӯстонест садри ту зи наим
В-осмонест қадри ту зи ҷалол.
Хидмати ту муаввали хидмат,
Ҳазрати ту муқаббали иқбол.

Дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» гуфта, ки «ин қасида бас дароз аст ва аз аввал то охир мурассаъ аст. Ва ғолиб гумони ман он аст, ки пеш аз ман дар арабу Аҷам кас қасидаи тамом мурассаъ нагуфта».

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи масну»-и Хоҷа Салмон ин байт аст — аз баҳри ҳазаҷи мусаммани солим:

Сафои сафвати рӯят сафои гулситон дорад,
Ҳавои ҷаннати кӯят ҳаёти ҷовидон орад.

Ва гурӯҳе аз донишмандони араб тарсеъро санъате алоҳида надоштаанд, балки аз қисмҳои саҷъ шумурдаанд, чунончи мазкур шуд. Ва мувофиқати тамоми алфози ҳар ду порча аз калом дар вазну ҳарфи охир шарт накардаанд, балки ҳар гоҳ, ки ду лафзи охир аз ҳар ду порча мувофиқ бошанд дар вазну ҳарфи охир ва ҳамчунин аксари боқии алфози ҳар ду порча мувофиқ бошанд, он низ пеши ин ҷамоат аз қабили тарсеъ аст. Ва ин ҷамоат ду тоифаанд: гурӯҳе тарсеъро махсус доштаанд ба наср; ва гурӯҳи дигар дар назму насри ҷорӣ доштаанд.

Ва ин санъатро ки **тарсеъ** ном кардаанд, аз тарсеъ — иқд гирифтаанд. Ва он чунон аст, ки гавҳархое, ки дар як ҷониби иқд аст, мисли он гавҳархост, ки дар ҷониби дигар аст. Ва ваҷҳи тасмия [5] зоҳир аст.

## ТАРСЕЪ БО ТАҶНИС

Бидон, ки чун бо тарсеъ санъате дигар зам шавад, боиси камоли ҷамоли ӯ мешавад. Ва аз ҷумлаи саноеъ он чи шуаро риояти онро бо тарсеъ эътибори тамом мекунанд, таҷнис аст. Ва маънии таҷнису қисмҳои ӯ баъд аз ин баён хоҳад шуд.

Ва агар риоят кунанд, ки мисраи дуюм батамом таҷниси мисраи аввал бошад, аҳсан ва акмал бошад, чунон ки:

На ёрӣ мудомам маёвар ба ман,
Наёрӣ мудомам май овар ба ман.

Яъне ёр нестӣ, доим пеши ман маё, агар ба вазни ман шаробам наёрӣ, маёвар онро аз барои ман.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри раҷази мусаммани солим:

Дар мушки гесӯи ту бут, Чинест ҳар тоторро
Бар рашки оҳуи Тибат чинест ҳар тоторро.
Мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун
Мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун.

## ТАҶНИС

Ва онро **аҷнос** низ мегӯянд; дар луғат бо чизе монанд будан аст.

Ва ҷинос — ба маънии муҷонисат аст. Ва дар истилоҳ — иборат аст аз монандии ду лафз ё бештар ба ваҷҳе. Ва он дар ду навъ аст: таҷниси лафзӣ ва таҷниси ғайрилафзӣ. Ва ин ду навъ агарчи дар баъзе сурат бо якдигар ҷамъ мешаванд, аммо ба ҳайсият аз якдигар тафовутноканд, чунончи маълум хоҳад шуд.

Аммо **таҷниси лафзӣ** — иборат аст аз мушобеҳати алфоз дар тамоми адади ҳарфҳо ва навъҳои он ва ҳайъати он, ё дар аксари онҳо — ба шарти мувофиқат дар тартиби ҳарфҳо бар қавли аксарият. Ва пеши баъзеҳо он низ шарт нест, чунончи батафсил дар баёни қисмҳояш зикр хоҳад шуд.

Ва қисмҳои эътиборноки он чунончи соҳиби **«Мифтоҳ»**[6] мегӯяд — панҷ аст.

### Аввал—таҷниси том

Ва онро **таҷниси тасреҳ** низ мегӯянд.

Ва он иборат аст аз он ки алфози мухталифмаънӣ мувофиқ бошанд аз ҷиҳати талаффуз, мувофиқати томма.

Ва мурод аз «мувофиқати томма» — он аст, ки калимаҳо мувофиқ бошанд дар адади ҳуруф, яъне ҳарфҳо ва навъу тартиби он ва ҳайъати ҳосила аз ҳаракоту сукунот ва шиддатнокиву сабукӣ ва дарозию кӯтоҳӣ, чунон ки:

Арақ зад зи тоби маяш бар гул об,
Чу дид он арақ, мунфаил шуд гулоб.

Агарчи лафзи «об» дар мисраи аввал дар китобат дароз аст, лекин дар талаффуз кӯтоҳ аст. Ва муътабар талаффуз аст. Ва Рашиди Ватвот дар таҷниси том эътибор карда, ки алфоз дар китобат низ чун якдигар бошанд ва дар эшон таркиб набошад ва бинобар ин, ин байти охир аз қабили таҷниси том набошад. Ва баъзе аз фусаҳои араб он таҷниси томро, ки мутаҷонисин аз як навъ аз анвои калима бошанд, яъне ду исм бошанд, ё ду феъл, ё ду ҳарф,— **таҷниси мумосила** ном кардаанд —

ба ҷиҳати мумосилати[7] мутаҷонисин ва иттиҳоди навъи онҳо.

Ва он таҷниси томро, ки мутаҷонисин аз як навъ набошанд.

Исму феълу исму ҳарфу феълу ҳарф

**таҷниси муставфӣ** мегӯянд.

Ва баъзе мутлақ таҷниси томро таҷниси муставфӣ мегӯянд. Ва баъзе онро тибоқ мегӯянд.

### Дуюм — таҷниси ноқис

Ва онро **таҷниси мухталиф** ва **таҷниси муҳарраф** низ мегӯянд.

Ва он иборат аст аз мувофиқати калимаҳо дар адади ҳарфҳо ва навъу тартиби он бо мухолифат дар ҳаракоту сукунот, шиддатнокиву сабукӣ ва дарозию кӯтоҳӣ, чунон ки:

Эй, ки софӣ сохтӣ айши маро аз дурди дард,
Дур бод аз гирди ту осеби даври тезгард.

Ва чунон ки:

Ҳанӯз аз лабаш бӯи шир омадӣ,
Ки шер аз ниҳебаш ҳаросон шудӣ.

Дар ин байт ихтилоф як ҳаракат аст ба тариқи маъруф ва номаъруф ва он касраи[8] «шер» аст. Чунон ки:

Шуд аз хор хори ғами ишқи ту
Ҳама халқро ҷомаи ҷон халақ.

Ва чунон ки:

Баҳри гули рӯи ту кашам ҷавру нанолам,
Сад гуна ситам гар расадам, бандаи олам.

Бидон, ки ихтилоф ба шиддатнокиву сабукӣ ва ихтилоф ба дарозию кӯтоҳиро, ки аз қабили ихтилоф дар ҳайъат доштаанд, назар ба сурати хаттӣ кардаанд, вагарна онҳо аз қабили ихтилоф дар адади ҳуруфанд.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри мунсариҳи мусаммани матвии максуф:

Меҳри ҷамолат маро мӯҳри вафо мениҳад,
Дарди фироқат маро дурди ҷафо медиҳад.
Муфтаилун фоилун муфтаилун фоилун
Муфтаилун фоилун муфтаилун фоилун.

Ва муаллифи **«Эзоҳ»**[9] таҷниси ноқис ва таҷниси муҳаррафро яке надошта, балки таҷниси муҳарраф — инро мегӯяд, ки гуфта шуд. Ва таҷниси ноқис — таҷниси зоидро мегӯяд, ки баъд аз ин мазкур хоҳад шуд.

## Сеюм — таҷниси музайял

Ва онро **таҷниси зоид** низ мегӯянд.

Ва он иборат аст аз он, ки калимаҳои мухталиф дар адади ҳуруф мувофиқ бошанд дар анвои ҳуруфи мавҷуда дар эшон. Ин қайд ба ҷиҳати эҳтироз аст аз ҳарфҳое, ки дар аҳад-ул-лафзайн зиёда ҳастанд бар лафзи дигар. Тартибу ҳайъати онҳо, яъне алфоз бар ваҷҳе бошанд, ки агар ихтилоф дар адади ҳарфҳо набошад, миёни онҳо таҷниси том бошад. Ва ин ихтилоф пеши аксари донишмандон ба зиёдатии як ҳарф мебошад дар аввали аҳад-ул-мутаҷонисин, ё дар миёна, ё дар охир. Аммо қисми аввал чунон ки:

Манам аз ҷаври фалак гашта чунин зору низор,
Шуда девонаву шайдо зи ғами ёру диёр.

Ва аммо қисми дигар — чунон ки:

Ё раб, набувад аввал, агар хуб кори ман,
Охир пур аст з-ашки надомат канори ман.

Аммо қисми сеюм — чунон ки:

Ваъдаи бода кардаӣ, зинҳор,
Вақти гул мерасад, биёву биёр!

Ва дар **«Ҳадоиқ-ус-сеҳр»** таҷниси музайял ва таҷниси зоидро иборат аз қисми сеюм доштаву бас. Дар **«Табьён-ул-баён**[10]**»** таҷниси зоидро шомили ҳар се қисм дошта ва таҷниси музайялро махсус сохта ба қисми сеюм. Ва гуфта, ки ихтилофи мутаҷонисин ба зиёда аз як ҳарф низ мебошад. Чунон ки:

Маҷӯй сабру дилу дину ақлу ҳуш аз ман,
Ки тори зулфи ту тороҷ **кард хонаи тан.**

Ва мисоли таҷниси зоид аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри музореи мусаммани макфуфи маҳзуф:

Ба гул барниҳод боз ҷамолат кулоларо,
Чу савсан аз он шудаст забон лол лоларо.
МафоЙлун фоилоту мафоЙлу фоилун
МафоЙлун фоилоту мафоЙлу фоилун.

Ва муаллифи «Эзоҳ» таҷниси зоидро **таҷниси нокис** ном ниҳода, чунон ки гуфта шуд. Ва гуфта, ки он қисми ӯро, ки дар охири аҳад-ул-мутаҷонисин як ҳарф зоид бошад, андакест, ки **таҷниси мутарраф** мегӯянд. Ва он қисми ӯро, ки ихтилоф ба зиёда аз як ҳарф бошад, андакест, ки **таҷниси музаййал** мегӯянд.

Ва «тазйил» — дар луғат дароздоман кардан аст.

## Чаҳорум — таҷниси музореъ

Ва онро **таҷниси мутарраф** низ мегӯянд.

Ва он иборат аст аз мувофиқати алфоз дар адади ҳуруф ва тартиби онҳо бо ихтилоф ба ҷиҳати навъ дар як ҳарф ё ду ҳарф — ба шарти он ки ҳарфҳои мутахолифа [11] қарибмахраҷ бошанд. Ва ҳосили калом — он, ки алфози мутаҷониса бар ваҷҳе бошанд, ки агар ихтилоф ба ҷиҳати навъ дар як ҳарф, ё ду ҳарф набошад, миёни эшон таҷниси том бошад.

Ва ҳарфи мухолиф чун яке бошад, мешояд, ки дар аввали аҳад-ул-мутаҷонисин бошад ва мешояд, ки дар миёна бошад ва мешояд, ки дар охир бошад. Ва ҷомеи ин хусусиятҳост ин рубоӣ:

Эй гашта баландқадр аз илму ҳасаб,
Мағрур машав, мағир худро чу асаб.
Маълуми ту-зони туст, маншин маҳрум
Аз файз, бирав, ба ҳар тараф баҳри талаб.

Бидон, ки махраҷи[12] **«ҳо»** ва **«айн»** — миёни ҳалқ аст; ва махраҷи **«син»** ва **«сод»** — тарафи забон ва тарафи дандонҳои пеш; ва махраҷи **«фо»** — андаруни лаби зерин ва канори дандонҳои пеши болоӣ; ва махраҷи **«бо»** — миёни ду лаб.

Ва мавлоно Қутбиддини Аллома [13] аз соҳиби **«Мифтоҳ»** нақл карда, ки он таҷнисро, ки ихтилоф ба як ҳарф бошад, **таҷниси музореъ** мегӯянд ва онро, ки ихтилоф ба ду ҳарф бошад, **таҷниси мутарраф** мегӯянд.

Мавлоно Саъдаддини Тафтозонӣ [14] тобеи ӯ шудааст.

Ва Амир Саидшариф[15] иборати **«Мифтоҳ»**-ро ба ин шарҳ карда, ки ихтилофи мутаҷонисинро хоҳ ба як ҳарф бошад ва хоҳ ба ду ҳарф, **таҷниси музореъ** мегӯянд ва **таҷниси мутарраф** низ мегӯянд.

Ва иборати **«Мифтоҳ»** эҳтимоли ҳар ду навъ шарҳ дорад. Ва чун Амир Саидшариф донишманди охир аст, ғолибан таҳқиқ карда, ки нақли Аллома асле надорад ва аз ин сабаб мухолифат карда.

Соҳиби **«Эзоҳ»** ва муаллифи **«Табьён»** он қисмро, ки ихтилофи мутаҷонисин ба ду ҳарф бошад, дохили таҷнис накардаанд.

Ва шоирони Аҷам гуфтаанд, ки таҷниси мутарраф он аст, ки мутаҷонисинро ҳама ҳарфҳо муттафиқ бошад ба ҷуз ҳарфи охирин. Ва онон наздикии махраҷро дар он ҳарф шарт накардаанд.

Мисоли таҷниси мутарраф аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст—аз баҳри сареи муставӣ:

Аз таби ишқи ту танам шуд низор,
Тоби ғамат кард дилам тангу тор.
Муфтаилун муфтаилун фоилот
Муфтаилун муфтаилун фоилот.

Ва **«музориат»** дар луғат — мушобиҳат, монандӣ аст. Ва чун дар ин таҷнис он ҳарфҳои мутахолифа мушобеҳи якдигаранд аз ҷиҳати қарибии махраҷ, ин таҷнисро ба эътибори он ҳуруф **музореъ** ном карданд.

Ва **«мутарраф»** дар луғат — асберо гӯянд, ки ранги ёлу думи ӯ мухолифи ранги боқии бадани ӯ бошад. Ва чун дар ин таҷнис ҳарфҳои ду лафзи мутаҷонисин ба як ранг нестанд, балки баъзе мувофиқанд ва баъзе мухолиф, ин таҷнисро ба ҷиҳати монандӣ ба он асб, мутарраф ном ниҳоданд.

## Панҷум — таҷниси лоҳақ

Ин монанди таҷниси музореъ аст. Ва тафовут ҳамин аст, ки ин ҷо ҳуруфи мутахолифа қарибмахраҷ нестанд. Ва ин ҷо низ ҳар гоҳ ихтилоф дар як ҳарф бошад, мешояд, ки дар аввал бошад ва мешояд, ки дар миёна бошад ва мешояд, ки дар охир бошад. Ва ҷомеи ҳар се хусусият аст ин байт:

Ҳар ки тахту бахти ӯ гардад нагун аз даври даҳр,
Гӯ: бияфкан теғи тез аз каф, ки ҳаст он вақт сабр.

Ва соҳиби **«Мифтоҳ»** гуфта, ки ҳар гоҳ ин ҳарфҳои мутахолифа мувофиқ бошанд ба ҷиҳати китобат, яъне дар навишт, монанди **«отиб»** ва **«ойиб»** — онро **таҷниси тасҳиф** мегӯянд. Ва ҳамчунин ҳар гоҳ ихтилоф дар ду ҳарф бошад, се хусусият дорад, чунон ки:

Шаробасту маҳбуб — ҳоким бинӯш,
Китобасту матлуб, ҳосил — хамӯш.

Муаллифи **«Эзоҳ»** ва соҳиби **«Табьён»** ин қисмро, ки ихтилофи мутаҷонисин ба ду ҳарфи ғайри қарибмахраҷ бошад, дохили таҷниси лафзӣ надоштаанд.

Ва каломи **«Мифтоҳ»** бар ваҷҳе воқеъ шуда, ки айб наметавон кард ба он, ки ӯ инро дохили таҷниси лафзӣ дошта, ё не.

Аммо мавлоно Қутбиддини Аллома ба таҷниси лафзӣ дохил намудани ин қисмро беҳтар донистааст.

Ва шуарои Аҷам таҷниси лоҳақро қисме алоҳида аз таҷниси лафзӣ нашумурдаанд, балки аксари қисмҳои ӯро эътибор накардаанд ва як қисми ӯро, ки ихтилофи мутаҷонисин дар ҳарфи охирин бошад, эътибор кардаанд ва дохили таҷниси мутарраф дошта, чунон ки гузашт. Ва аз ин сабаб аз барои ин санъат дар «Қасидаи маснӯъ» Хоҷа Салмон мисоле наёвардааст.

Ва сабаби тасмия ба таҷниси лоҳақ — он аст, ки ҳар гоҳ мутаҷонисин мухолиф бошанд дар баъзе ҳуруф. Асл дар вай он аст, ки миёни ҳуруфи мутахолифа қурби махраҷ бошад. Ва он, ки дар ҳуруфи мутахолифаи ӯ қурби махраҷ набошад — фаръ он аст ва лоҳақ аст ба он аз ҷиҳати муҷонисат.

Ва баъзе аз донишмандони араб таҷниси музореъ ва таҷниси лоҳақро **таҷниси тасриф** ном ниҳодаанд — ба ҷиҳати гардонидани инҳо аз зоҳири ҳоли таҷнис.

## Таҷниси акс

Ва баъзе онро **таҷниси қалб** ном ниҳодаанд.

Соҳиби **«Мифтоҳ»** ва ҷамеи арбоби арабият ва шуарои Аҷам онро аз ақсоми[16] таҷнис нашумурдаанд ва дохили санъати қалб доштаанд.

Аммо мавлоно Қутбиддини Аллома ва муаллифи **«Эзоҳ»** аз қисмҳои таҷнис шумурдаанд ва иборат доштаанд аз он, ки калимаҳо мувофиқ бошанд дар адади

ҳарфҳо ва навъу ҳайъат. Ва мухолиф бошанд дар тартиби он ҳуруф.

Ва ин ба ду тариқ метавонад бувад:

Яке он, ки тартиби ҷамеи ҳуруф баръакс шуда бошад; ва дигаре — он, ки тартиби баъзе баръакс шуда бошад.

Ва ҷомеи ҳар ду тариқ аст ин байт:

Рози мани зор напурсад дигар,
Баста магар боз ба қатлам камар?

Ва пеши ин камина ин аст, ки муносиб он аст, ки инро дохили таҷнис доранд, агарчи аз баъзе ҷиҳат дохили қалб низ бошад — ба ҷиҳати он, ки дар боби таҷнис ихтилофи мутаҷонисинро дар адади ҳуруф ва анвоъ ва ҳайъати он эътибор кардан ва ихтилоф дар тартибро эътибор накардан — тарҷеҳ, било-мураҷҷаҳ аст.

Аммо ба аҳли истилоҳ мунокиша наметавон кард.

### Фоида

Бидон, ки қисмҳои мазкураи таҷнисро номҳо ниҳодаанд ва онро эътибор карда. Ва толиби ин фанро ночор аст аз донистани он.

Яке аз он ҷумла **таҷниси муздаваҷ** аст ва онро **таҷниси мукаррар** ва **таҷниси мураддад** ва **таҷниси муҷаннаб** низ меҳонанд.

Ва он иборат аст аз он, ки дар охири саҷъҳо ё байтҳо аҳад-ул-мутаҷонисинро зам кунанд бо дигаре — хоҳ таҷниси том бошад, чунон ки:

Вақти гул гашт, мул биёр ба ёр,
Наъра зан маст чун ҳазор-ҳазор!

Ва хоҳ ғайри том, чунон ки:

То маҳи бадмеҳри ман гардид бо ағьёр ёр,
Гардаму гирьям миёни кӯчаву бозор зор.

Пеши соҳиби **«Эзоҳ»** лозим аст, ки мутаҷонисин дар охири абьёт [17] асҷоъ [18] бошанд.

Ва Амир Саидшариф каломи **«Мифтоҳ»**-ро ба ин тариқ шарҳ карда.

Ва аз мисоле, ки Рашиди Ватвот оварда, чунин маълум мешавад, ки агар дар миёни мутаҷонисин андак фосила бошад, равост. Ва мисоли ин аст ин рубой:

Афтод маро бо дили маккори ту кор
В-афканд дар ин дилам ду гулнори ту нор.
Ман монда хичил ба пеши гулзори ту зор,
Бо ин ҳама дар ду чашми хунхори ту хор.

Шамси Қайс[19] гуфта, ки таҷниси муздаваҷ — он аст, ки калимоти мутаҷонис муродифи якдигар афтанд ва бошад, ки мутавотир бошанд, яъне андак фосилае бошад дар миёни онҳо чунон ки дар рубоии гузашта. Ва чунон ки Муиззӣ[20] гуфта:

*Эй гӯйзанах, сухан зи гӯят гӯям,*
В-эй мӯймиён, зи ишқи мӯят мӯям.
Гар об шавам, гузар ба ҷӯят ҷӯям,
В-ар сарв шавам, ба пеши рӯят рӯям.

Ва ин ҷинсро **мукаррар** ва **мураддад** хонанд. Пас, пеши ӯ таҷниси муздаваҷ ва таҷниси мукаррар ва мураддад яке бошад.

Мисоли таҷниси мукаррар аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — *аз баҳри муҷтаси мусаммани махбун:*

Агарчи ҳаст гулатро чу ман ҳазор ҳазоре,
*Маро ба даст наёяд чу ту нигор нигоре.*
Мафоилун фаилотун мафоилун фаилотун
Мафоилун фаилотун мафоилун фаилотун.

**Такрир** ва **тардид** — дар луғат «боз гардонидан» аст. Ва **«издивоҷ»** — бо якдигар ҷуфт шудан.

*Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.*

Ва **«таҷниб»** дар луғат — «ба як сӯ бурдан» аст. Ва чун мутаҷонисинро дар охири абьёт ё асҷоъ меоранд, мешояд, ки ин таҷнисро ба эътибори мутаҷонисин **муҷаннаб** ном ниҳода бошанд.

### Таҷниси мураккаб

Назди донишмандони араб иборат аст аз он таҷнис, ки аҳад-ул-мутаҷонисин мураккаб бошад ва дигаре танҳо.

Ва пеши шуарои Аҷам иборат аст аз он, ки яке аз мутаҷонисин мураккаб бошад ё ҳар ду:

Эй дил, чу қиморхона бинӣ дар боз,
Дарнеҳ қадаму зӯҳду риёро дарбоз!

Ва аммо қисми дуюм — чунон ки:

Онро, ки зару сим набошад дар даст,
Ҳар дам зи замона бар дилаш сад дард аст.

Ва агар ин мутаҷонисин дар китобат, яъне шакли навишт низ монанди якдигар бошанд, чунон ки дар ин ду байти гузашта, онро **мутташобеҳи мафруқ** мегӯянд. Ва агар дар китобат мухталиф бошанд, онро **мафруқ** хонанд — чунон ки:

Эй гашта зи шарми ранги рӯи ту гул об,
Чун об шуда ба пеши бӯи ту гулоб.

Донишмандони араб таҷниси муташобеҳ ва мафруқро махсус доштаанд ба таҷниси том. Ва шуарои Аҷам чунин рафтор накардаанд. Ва баъзе дигар аз аҳли арабият гуфтаанд, ки таҷниси мураккабро муташобеҳ ва мафруқ вақте мегӯянд, ки таркиб аз ду калимаи мустақил бошад. Аммо агар таркиб аз калима ва баъзе калимаи дигар воқеъ шавад — чунон ки:

Нашуд ҳеҷ ҳосил маро з-ин диёр
Ба ҷуз меҳнату ҳасрату дарди ёр.

Ё он, ки аҳад-ул-мутаҷонисин мураккаб бошад аз калимае ва ҳарфе аз ҳуруфи мавзӯа[21] аз барои маонӣ — мисли «бо»-и «робита», «то»-и «хитоб», «мим»[22]-и «мутакаллим» — чунон ки:

Надорам, нигоро, чу дар каф дирам,
Ба пеши ту камтар зи хоки дарам.

Онро **таҷниси мураффӯ** мегӯянд. Ва ваҷҳи тасмия — он аст, ки аҳад-ул-мутаҷонисин руфӯ карда шудааст ба баъзе аз калимаи дигар ё ба ҳарфе аз ҳуруфи маънӣ.

Ва мисоли таҷниси мураккаб аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри муқтазаби матвӣ:

То бидид тарфи чаман акси рӯи ёсиминаш,
Аз ҳаёи орази ӯ шуд зи лола ёс минаш.
Фоилоту муфтаилун фоилоту муфтаилун
Фоилоту муфтаилун фоилоту муфтаилун.

**Аммо таҷниси ғайри лафзӣ.**

Бар се қисм аст.

## Аввал — таҷниси хаттӣ

Ва онро **музориа** ва **мушокила** ва **тасҳиф** низ мегӯянд.

Ва он иборат аст аз он, ки алфози мухталифа ба ҳасаби талаффуз монанди якдигар бошанд дар китобат.

Ва агар тамоми байт аз ин қабил бошад, аҳсан хоҳад буд. Ва ин ба ду тариқ мебошад:

аввал — он ки чанд чизро дар ақиби якдигар зикр кунанд ва дар амре шарик созанд — чунон ки:

Хашму чашму ҳаззу хатту ҳолу хол,
Боз нози нозанини ёр бин.

Ва ин тариқ осон аст.

Дуюм — он ки ба тариқи мазкур набошад ва каломе бошад тамом ва дорандаи робитаҳо. Ва ин тариқ холӣ аз шаклҳо нест ва гоҳ мебошад, ки як лафзро таҷнисоти мукаррар меоранд.

Мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри ғариби махбун:

Аҷал ар аз гили ман гул бароварад,
Гули ман бори ҳавоят бар оварад.
Фоилотун фаилотун мафоилун
Фоилотун фаилотун мафоилун.

Ва баъзе аз аҳли арабият таҷниси хаттиро **мутаййам** ном кардаанд ва **«атъам»** — дар луғат ду фарзанд ба як шикам зойидан аст. Ва чун мутаҷонисин ба сабаби мушобиҳат дар сурати хаттӣ монанди тавъамонанд, ин таҷнисро бинобар он **мутаййам** ном ниҳодаанд.

## Дуюм — таҷниси мушавваш

Ва он иборат аст аз он, ки мушобиҳат миёни калимаҳо бар ваҷҳе бошад, ки онро ду қисм аз ақсоми таҷнис ба сӯи худ кашанд ва дар ҳақиқат ҳеҷ кадом аз онҳо набошад — чунон ки:

Гираҳ зад бар абрӯ, зи ҷон шуд фароғат,
Ки бошад бароат тариқи балоғат.

Дар лафзи «бароат» ва «балоғат» агар «айн-ул-феъл» як будӣ, таҷниси хаттӣ мебуд ва агар «лом-ул-феъл» яке будӣ, таҷниси музореъ мебуд.

Ва ин қисмро шуарои Аҷам эътибор накардаанд.

### Сеюм — тачниси би-л-ишорат

Ва он иборат аст аз он, ки тачнис миёни алфоз ба ишорат ҳосил шавад, яъне аҳад-ул-мутаҷонисин мазкур бошад ва ишорат кунанд ба дигаре — чунон ки:

Гуфтам: нигори ман, чӣ кунӣ хуни ошиқон?
Хандиду гуфт: «он ки маро гуфтӣ ин замон».

Аҳад-ул-мутаҷонисин, ки «нигор» аст, ба маънии «маҳбуба» мазкур аст. Ва дар ин лафз, ки «маро гуфтӣ ин замон» — ишорат аст ба мутаҷониси дигар, ки он «нигор» аст, ки бар даст мениҳанд. Ва ин қисмро низ шуарои Аҷам эътироф накардаанд. Ва баъзе аз аҳли арабият дохили тачнис надоштаанд.

### Фоида

Бидон, ки ду санъат аст, ки баъзе, мисли Ибн ал-Асир [23] ва соҳиби **«Табьён»** ва Рашиди Ватвот онҳоро аз ҷумлаи навъҳои тачнис шумурдаанд. Ва баъзе дигар — чун соҳиби **«Мифтоҳ»** ва муаллифи **«Эзоҳ»** аз тавобеъ ва лавоҳиқи тачнис доштаанд.

### Аввал, иштиқоқ

Ва онро **иқтизоб** низ мегӯянд.

Ва он иборат аст аз овардани алфозе, ки ба як асл бозгарданд, яъне мувофиқ бошанд, дар ҳуруф ва асли маънӣ. Ва ин ба урфи аҳли ин фан ду навъ аст:

аввал — он, ки алфоз дар тартиби ҳуруфи аслӣ низ мувофиқ бошанд; ва инро **иштиқоқи сағир** мегӯянд, чунон ки:

Қосид, барои куштани ман теғи кин мапсанд,
Мақсуд ҳосил аст чу аз як нигоҳи ту.

Ва мисоли ин навъ аз «Қасидаи маснӯъ» ҳамон байт аст, ки дар тарсеъ мазкур шуд.

Ва навъи дуюм — он, ки дар тартиб мухолиф бошанд; ва инро **иштиқоқи кабир** мегӯянд, чунон ки:

Ҳумойвор қаноат куну қарам бигзор,
Ки дар рамақ нахурӣ ҳамчу каргасон мурдор.

Мақсуд аз ин байт лафзи «қарам» ва «рамақ» аст, ки дар тартиби ҳуруфи аслӣ мухолифанд ва дар асли маънӣ, ки шиддат аст, мувофиқ, чи «қарам» шиддати иштиҳои лаҳм аст ва «рамақ» — сахтӣ ва тангӣ.

Ва ин навъ иштиқоқро ба ҷиҳати он, ки дар луғат кам мееёбанд, дар калом кам меоранд, хусусан дар ашъори форсӣ. Ва бинобар ин, аз барои ин навъ дар «Қасидаи маснӯъ» мисоле наёварда.

Ва **«иштиқоқ»** дар луғат — шикофтани сухан аст аз сухане. Ва **«иқтизоб»** — порае аз чизе боз кардан. Ва ваҷҳи тасмия маълум аст.

## Дуюм, шабаҳи иштиқоқ

Ва баъзе онро **мушобиҳат** ном кардаанд.

Ва он иборат аст аз овардани калимаҳое, ки чунон намояд, ки миёни онҳо иштиқоқ аст ва дар ҳақиқат набошад — чунон ки:

> Дорӣ аз абрӯи борик камон баҳри камин,
> Бас бувад он машикан боз ту ҷаъди мушкин.

Ва шуарои Аҷам фарқ накардаанд миёни иштиқоқ ва шабаҳи иштиқоқ — чи Рашиди Ватвот дар таърифи иштиқоқ чунин гуфта, ки «иштиқоқ чунон бошад, ки дабир ё шоир дар назм ё дар наср алфозе орад, ки ҳуруфи эшон мутақориб ва мутаҷонис бошанд дар гуфтор». Ва амсалаи баъзе аз қабили иштиқоқ оварда ва баъзе аз қабили шабаҳи иштиқоқ. Ва аз ин ҷумла ин абьёт аст:

> Навои ту, эй хуб турки нав-ойин,
> Даровард дар сабри ман бенавоӣ,
> Раҳе гӯй хуш, варна бас роҳавӣ зан,
> Ки ҳаргиз мабодам зи ишқат раҳоӣ.
> Зи васфат расидаст шоир ба шеъре,
> Зи наътат гирифтаст ровӣ ривоӣ.

Ва Салмон дар «Қасидаи маснӯъ» аз мисоли санъати иштиқоқ ин байт оварда — аз баҳри ҳазаҷи мусаддаси солим:

> Чу дид он лӯълӯи лаъли ту ло бар ло,
> Ба лолоӣ даромад лӯълӯи лоло.
> МафоӢлун мафоӢлун мафоӢлун
> МафоӢлун мафоӢлун мафоӢлун.

Ва маълум аст, ки ин аз барои шабаҳи иштиқоқ аст.

## РАДД-УЛ-АҶУЗ МИН-АС-САДР

Ин санъат дар наср ба иттифоқи ҷумҳури фусаҳои араб ва шуарои Аҷам чунон бошад, ки лафзеро дар аввали фикра[24] оранд ва боз ҳамон лафзро ба ҳамон маънӣ дар охири ҳамон фикра зикр кунанд, ё яке аз ду лафзро, ки миёни эшон таҷнис бошад, ё иштиқоқ, ё шабаҳи иштиқоқ, дар садри[25] фикра оранд ва лафзе дигарро дар охир.

Ва дар **«Мифтоҳ», «Эзоҳ»** ва **«Табьён»** мазкур нест, ки мурод таҷниси том аст, ё мутлақ таҷнис.

Аммо аз рӯи каломи Аллома ва Рашид чунон маълум мешавад, ки мурод таҷниси том аст.

Ва дар таърифи ин санъат дар назм хилоф аст. Пеши шуарои Аҷам иборат аст аз он, ки лафзеро дар садр, яъне аввали мисраи аввал, ё дар ҳашви[26] мисраи аввал, яъне васати[27] ӯ оранд ва боз ҳамон лафзро ба ҳамон маънӣ дар аҷуз[28], яъне охири байт зикр кунанд, ё он, ки яке аз ду лафзро, ки миёни эшон таҷнис бошад, ё иштиқоқ ё шабаҳи иштиқоқ, дар садр ё ҳашви мисраи аввал оранд ва дигареро дар аҷуз. Пас, бинобар ин, ин санъат ҳашт навъ бошад—ба эътибори зарби чаҳор навъ лафз дар ду навъ маҳал, ки садр ва ҳашви мазкур аст.

**Навъи аввал** — он аст, ки лафзе, ки дар садри мисраи аввал оварда бошанд, боз ба ҳамон маънӣ дар аҷуз оранд, чунон ки:

Қарор дар дили ман чун бувад, ки нест туро
Чу чашми хеш зи шӯхӣ ба ҳеҷ гӯша қарор?

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мусаббағ:

Чанг ор ба чанг бо майи гулранг,
Овез ба чанги тараб андар чанг.
Мафъӯлу мафоилун мафоӣлон
Мафъӯлу мафоилун мафоӣлон.

Аммо **навъи дуюм** — он аст, ки лафзе, ки дар ҳашви мисраи аввал бошад, боз ба ҳамон маънӣ дар аҷуз оранд — чунон ки:

Чи сон равам ба ҳисор амон, ки сохт замон
Зи санги тафриқа дар гирди ман ҳазор ҳисор.

Ва мисоли ин навъ аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри раҷази мусаддаси солим:

То ёби аз ишрат наво, эй бонаво,
Даркаш раги чангу тараб баркаш наво.*
Мустафъилун мустафъилун мустафъилун
Мустафъилун мустафъилун мустафъилун.

Ва аммо **навъи сеюм** — он аст, яке аз ду лафзро, ки миёни эшон таҷнис бошад, дар садр оранд ва дигаре дар аҷуз чунон ки:

Манол, аз ситами фақр з-он, ки дар ҳама ҳол
Беҳ аст кунҷи қаноат зи ганҷи молу манол.

Ва мисоли ин навъ аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри музореи мусаммани ахраб:

Болои сарв дорад дар сояи қадат ҷо,
Чун қомати ту з-он рӯ кораш гирифта боло.
Мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун
Мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун.

Аммо **навъи чаҳорум** — он аст, ки яке аз мутаҷонисинро дар ҳашви мисраи аввал оранд ва дигареро дар аҷуз, чунон ки:

Кушода бози аҷал болу карда истеъҷол
Ба қасди ҷону чунин мо нишаста форигбол.

Ва он байт, ки аз «Қасидаи маснӯъ» дар навъи дуюм мазкур шуд, мисоли ин навъ мешавад — агар аз «наво», ки дар ҳашви мисраи аввал аст, маънии «равнақ» ирода кунанд, аммо дур аст.

**Навъи панҷум** — он аст, ки яке аз ду лафзро, ки миёни эшон иштиқоқ бошад, дар садр оранд ва дигареро дар аҷуз — чунон ки:

Тулӯи субҳи саодат куҷо бувад уммед
Шаби маро, ки бувад ҳамчу ман сияҳтолеъ.

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои ин навъ мисоле оварда нашудааст.

Аммо **навъи шашум** — он аст, ки яке аз ин ду лафзи мазкурро дар ҳашви мисраи аввал оранд ва дигареро дар аҷуз чунон ки:

---

* Ҳаракати «то»-ро дар калимаи «тараб» ишбоъ[29] мебояд кард то ин вазн рост ояд. Аммо дар сиҳҳати ишбои ҳаракат ҳарфи аввали калима тараддад аст. Ва агар вазни мисраи дуюмро «мафъӯлу мафоИлу мафоилон» доранд, ки ҳашви ин мисраъ макфуф бошад, ба савоб қариб аст[30].

Ба оҳу нолаи ман, мутрибо, бисоз имшаб,
Ки нест бе рухи ҷонон маро ҳавои тараб.

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои ин навъ ҳам мисоле наёварда.

Ва Рашиди Ватвот навъи панҷум ва шашумро як навъ сохта ва гуфта: «навъи панҷум аз радд-ул-аҷуз алй-ас-садр — чунон аст, ки дар аввал ва охир ду лафз оварда шавад, ки ҳар ду аз як калима биайниҳи[31] муштақ бошанд ва дар асли маънӣ муттафиқ. Аммо дар сиға андак мояи тафовуте бошад; ва ин навъ бар ду қисм аст: як қисм — он, ки як лафз дар садр бошаду як лафз дар аҷуз; ва қисми дигар — он, ки як лафз дар ҳашви мисраи аввал бошаду дигаре дар аҷуз».

Аммо **навъи ҳафтум** — он аст, ки яке аз ду лафзро, ки миёни эшон шабаҳи иштиқоқ бошад, дар садр оварда шавад ва дигаре дар аҷуз, чунон ки:

Мӯякунон дар ғами он моҳрӯй
Ҷома сиёҳ кардаву зорам чу мӯй.

Ва мисоли ин навъ аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри музореи мусаммани аҳраби макфуфи мусаббаъ:

Хуррам касест фасли чунин дар миёни бӯстон
Бо ёру ҷоми бодаи рахшон шуда хиромон.
Мафъӯлу мафъӯлоту мафоӣлу фоилён
Мафъӯлу мафъӯлоту мафоӣлу фоилён.

Ва инро Хоҷа Салмон навъи шашум ном кардааст.

Аммо **навъи ҳаштум** — он аст, ки яке аз ду лафзи мазкурро дар ҳашви мисраи аввал оранд ва дигареро дар аҷуз — чунон ки:

Ба пеши халқ макун нола аз харобии ҳол,
Дило, чу нест зи абнои даҳр умеди навол!

Ва аз барои ин навъ низ дар «Қасидаи маснӯъ» мисоле наёварда.

Ва Рашиди Ватвот навъи ҳафтум ва ҳаштумро низ як навъ дошта ва гуфта, ки: «навъи шашум ҳамчунон аст, ки навъи панҷум — илло он, ки он ду лафз, ки дар аввал ва охир оварда мешавад, аз калима биайниҳи муштақ набошад ва дар асли маънӣ мухталиф бошанд. Ва ин низ ҳамчунон ду қисм аст».

*Ва пеши фусаҳои араб радд-ул-аҷуз алй-ас-садр дар* назм — иборат аст аз он, ки як лафзро аз як навъ аз навъҳои чаҳоргона лафз дар садр аст, ё ҳашви мисраи аввал, ё охири он, ё ибтидои мисраи сонӣ оранд ва лафзе дигар аз ҳамон навъ дар аҷуз. Пас, бинобар ин, анвои ин санъат шонздаҳ бошад — ба эътибори зарби чаҳор навъ лафз дар чаҳор навъ маҳал. Ва аз ин шонздаҳ навъ ҳашт навъ — он аст, ки мазкур шуд ва ҳашт навъи *дигар ин аст, ки зикр мешавад.*

**Навъи аввал** — он, ки лафзе, ки дар охири мисраи аввал ба маънӣ воқеъ шуда бошад, бори дигар ба ҳамон маънӣ дар охири байт оварда шавад, чунон ки:

Ба рӯзи васл дил бурдиву ҳаҷрат қасди ҷон дорад,
Мани бедил аз ин ғам гар бимирам, ҷойи он дорад.

Ва ин навъ агар дар байте воқеъ шавад, ки ҳар ду мисраи ӯ муқаффо бошад, пеши ҳама кас мустаҳсан[32] аст ва он лафзи такрориро донишмандони мутааххири араб ва ҷамеи шуарои Аҷам **«радиф»** мегӯянд ва ин байтро **муқаффии мураддаф.** Ва агар дар байте воқеъ шавад, ки мисраи аввал қофия надошта бошад, онро шуарои Аҷам намеписанданд балки айб мекунанд, чунон ки:

Ҳаст аз ҳиҷрони ту дар сина кӯҳи ғам маро,
З-ин сабаб, шояд, агар хонӣ ту сангиндил маро.

**Навъи дуюм** — он, ки лафзеро, ки ба маънӣ мазкур шуда бошад, дар ибтидои мисраи сонӣ, дар охири байт ба ҳамон маънӣ боз оварда шавад, чунон ки:

Чунки аз ағьёр кашам сад алам,
Ғам набувад гар расад аз ёр ғам.

**Навъи сеюм** — он, ки яке аз мутаҷонисинро дар охири мисраи аввал оранд ва дигареро дар аҷуз, чунон ки:

Куҷо даст гирад маро он нигор,
Ки дасташ ба хун аст доим нигор.

**Навъи чаҳорум** — он, ки аҳдо-ул-мутаҷонисинро дар ибтидои мисраи сонӣ оранд ва дигареро дар аҷуз, чунон ки:

Дар ду ҷаҳон аз карами зулҷалол
Ол бувад ранги муҳиббони ол.

**Навъи панҷум** — он, ки яке аз ду лафзро, ки миёни эшон иштиқоқ бошад, дар охири мисраи аввал оранд ва дигареро дар аҷуз, чунон ки:

Насозӣ ба васли худам гарчи хос,
Ба ағьёр боре маварз ихтисос!

**Навъи шашум** —яке аз ин ду лафзи мазкурро дар ибтидои мисраи дуюм оранд ва дигареро дар аҷуз, чунон ки:

Зи гашти боғу лаби ҷӯйбор дар хотир
Ҳузур нест, агар нест дилбаре ҳозир.

**Навъи ҳафтум** — он, ки яке аз ду лафзро, ки миёни эшон шабаҳи иштиқоқ бошад, дар охири мисраи аввал оранд ва дигареро дар аҷуз, чунон ки:

Назар гар кунад дидаи ман ба ғайраш,
Бирезам равон хуни ӯро зи ғайрат.

**Навъи ҳаштум** — он, ки яке аз ин ду лафзи мазкурро дар ибтидои мисраи сонӣ оранд ва дигареро дар аҷуз, чунон ки:

Ҳар ки обу тоби рухсори арақноки ту дид,
Чашмаи хуршедро дигар намеорад ба чашм.

Ва пеши соҳиби **«Мифтоҳ»** он аст, ки агар як лафз аз як навъ аз анвои алфози мазкура дар ҳашви мисраи дуюм оварда бошанд ва дигареро аз ҳамон навъ дар аҷуз, ин низ дохили радд-ул-аҷуз алӣ-ас садр аст. Ва зоҳир аст, ки ин чаҳор навъи дигар мешавад. Пас, анвои ин санъат ба қавли ӯ бист бошад — ба эътибори зарби чаҳор навъ лафз дар панҷ навъ маҳал, ки садру ҳашви мисраи аввал ва охири ӯ ва ибтидои мисраи сонӣ ва ҳашви ӯст.

Ва ҳам ӯ гуфта, ки аҳсан дар ин санъат — он аст, ки садру аҷуз ба як маънӣ такрор наёбанд.

Ва бидон, ки **«рад»** дар луғат — бозгардонидан аст.

Ва дар урфи шуаро **«садр»** — аввали байтро мегӯянд ва **«аҷуз»** — охири байтро.

Ва ваҷҳи тасмияи ин санъат ба радд-ул-аҷуз алӣ-ас-садр — назар ба маънии луғавӣ дар ҷамеи анвои мазкура ин санъат ба андак тааммуле зоҳир мешавад.

Ва баъзе савол кардаанд, ки маънии радд-ул-аҷуз алӣ-ас-садр тақозои он мекунад, ки лафз аввалан дар аҷуз бошад ва ӯро боз гардонанд ба сӯи садр, ҳол он ки амр бар акс аст. Ва ҷавоби ин савол — он аст, ки ё шоир ё муншӣ аввалан мулоҳизаи қофия, ё он чи ба манзилаи ӯст аз наср мекунад, баъд аз он боқии байт ё фиқраро муносиби он меорад.

Пас, назар ба ин мулоҳиза, лафз аввалан дар аҷуз бошад. Ва он кас, ки ин мулоҳиза накарда, ин санъатро радд-ус-садр алӣ-ал-аҷуз ном ниҳода, чунон ки Шамси Қайс нақл карда. Ва ҳам ӯ гуфта, ки чун он чи дар охири байте омада бошад, дар аввали дигаре боз оранд, онро радд-ул-аҷуз алӣ-ас-садр гӯянд, чунон ки:

Шӯхе, ки ба ҳар касе кунад сад бозор,
Чун ман бирасам, расонадам сад озор.
Озор ба ҷон харам аз он ёр, валек
Онро чи кунам, ки мешавад з-он безор.

Ва дар **«Ҳадоиқ-ус-сеҳр»** оварда, ки «ин санъатро дар шеъри форсӣ **«мутобиқ»** ва **«муқаддар»** низ гӯянд». Ва зоҳир аст, ки ин тасмия ба эътибори он лафз аст, ки дар аҷуз аст, чи лафзе, ки дар садр аст, мувофиқи ӯст, филҷумла ӯро, ё мушобеҳи ӯро, ки ба манзилаи ӯст, ба садри калом бурдаанд.

## ҚАЛБ

Дар луғат бозгуна кардан аст ва дар истилоҳ — иборат аст аз он, ки акс кунанд дар калом тартиби тамоми ҳуруфи лафзӣ ё ҷумларо аз собиқ калом, ё он ки акс кунанд тартиби баъзе ҳуруфи онҳоро ё он, ки калом бар ваҷҳе бошад, ки чун бозгуна бихонанд, ҳамон калом ҳосил шавад.

Ва мақлуб дар чаҳор тарз мебошад: **мақлуби кулл** ва **мақлуби баъз** ва **мақлуби муҷаннаҳ** ва **мақлуби муставӣ.** Ва баъзе аз ин тарзҳо бо баъзи дигар ҷамъ мешавад, чунон ки баъд аз ин маълум хоҳад шуд.

**Мақлуби кулл** — чунон аст, ки тартиби тамоми ҳуруфи лафзӣ ба қиёс ба лафзе дигар, ки муттаҳид аст бо ӯ дар ҳуруф, мунъакс[33] шуда бошад, чунон ки:

Дорам ҳамин мурод, ки ё раб, барои ман
Абрӯҳилоли лолаузорам кунад сухан.

Дар ин байт се навъ мақлуби кулл оварда шудааст: аввал, дар лафзи «дорам» ва «мурод», ки яке мураккаб ва дигаре танҳо; дуюм, дар лафзи «ё раб» ва «барои», ки ҳар ду мураккабанд; сеюм, дар лафзи «ҳилол» ва «лола», ки ҳар ду муфраданд.

Ва мақлуби куллро аз ҷиҳати танҳоиву таркиби калимаҳо ҳамин се хусусият аст.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри мунсариҳи мусаммани матвии мавқуф:

Рои ту, ёр савоб, доди ту маҳз видод,
Фатҳи ту ҳитфи [34] ҳасуд, зайфи [35] ту файзи мурод.
Муфтаилун фоилоту муфтаилун фоилон
Муфтаилун фоилоту муфтаилун фоилон.

**Мақлуби баъз** — чунон бошад, ки ду лафз ё бештар мазкур шавад, ки миёни эшон ихтилоф дар тартиби баъзе ҳуруф беш набошад, чунон ки:

Карам чу дорӣ, камар набандад,
Адӯ ба пешат, магар ба хидмат.

Дар мисраи аввали ин байт ду лафз мазкур аст, ки миёни эшон қалби баъз аст ва дар ҷавҳари ҳуруфи эшон ҳеҷ тафовуте нест ва чун мисраи сониро бо он мулоҳиза кунанд, қалби баъз миёни се лафз мешавад. Аммо дар ҷавҳари ҳуруф андак тафовуте ҳаст, чи дар «карам» — «коф» аст ва дар «магар» — «гоф», ки аз ҳуруфи махсусаи Аҷам аст. Ва мақсуд аз овардани он лафз — ин аст, ки маълум шавад, ки дар ин миқдор тафовут мусоҳала мекунанд ва инро ғалат намешуморанд.

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» дар байте, ки аз барои мақлуби муҷаннаҳ гуфта, ин мусоҳала карда, чунон ки баъд аз ин баён хоҳад шуд. Аммо эҳтироз аз ин авлост.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри раҷази мусаддаси матвӣ:

Бурда зи завқи суханат рашк шакар,
Баста зи иқди карамат кӯҳ камар.
Муфтаилун муфтаилун муфтаилун
Муфтаилун муфтаилун муфтаилун.

**Мақлуби муҷаннаҳ** ва онро **мақлуби муаттаф** низ мегӯянд. Ва он чунон бошад, ки ду лафз, ки миёни эшон қалби кулл аст — яке дар аввали байт шавад ва дигаре дар охир, чунон ки:

Нек буди ба ман, чи шуд, ки чунин
Мекунӣ ҷавр ҳар дам аз сари кин?

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «гоҳ бошад, ки дар аввалу охири ҳар мисрае ин санъатро нигоҳ доранд» ва аз барои мисол ин байт оварда:

З-он ду ҷоду наргиси махмур бо кашшиву ноз
Зору гирьёну ғиревонам ҳама рӯзи дароз.

Ва ғолибан саҳв аст — ба ҷиҳати он, ки миёни «зор» ва «дароз» қалби кулл нест — ба ҷиҳати он, ки дар лафзи «дароз» як ҳарф[36] зоид аст аз лафзи «зор». Ва агар мисли инро **мақлуби зоид** ном кунанд, дур нест.

Ва мисоли мувофиқи мақлуби муҷаннаҳ ба тарикс, ки Рашид гуфта, ин байт аст:

Рои қатлам карду фи-л-воқеъ, ки маъзур аст, ёр
Рози ишқи ӯ чу кардам зоҳир аз афғони зор.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри хафифи махбуни маҳзуф:

Марги кон аст дасти ту зи карам,
Марди ту нест кон ба базли дирам.
Фоилотун мафоилун фаилун
Фоилотун мафоилун фаилун.

Дар мисраи аввал мусоҳала карда ба сабаби он, ки «гоф», ки дар «марг» аст, андак тафовуте дорад ба ҳасаби талаффуз бо «коф», ки дар «карам» аст.

Ва нависандаи **«Эзоҳ»** ин се навъ мақлубро аз қабили таҷнис дошта ва гуфта, ки агар мутаҷонисин ихтилоф дар тартиби ҳуруф дошта бошанд, онро **таҷниси қалб** мегӯянд. Ва пеши ӯ дар мақлуби муҷаннаҳ шарт нест, ки миёни ду лафз қалби кулл бошад. Ва пеши дигарон шарт аст. Пас, ин байт, ки:

*Шукри худованд, ки пайваста ашк*
Ҳаст ба чашмам зи падам, не зи рашк.

Пеши ӯ аз қабили мақлуби муҷаннаҳ бошад ва пеши дигарон не.

## Фоида

Бидон, ки баъзе аз ин навъ мақлубро, ки алфозе, ки миёни эшон қалби баъз аст, бар атрофи байт ё мисраъ воқеъ шаванд, **мақлуби лоҳақ** ном ниҳодаанд. Ва ваҷҳи

тасмия он аст, *ки он лоҳақ аст*, ба мақлуби муҷаннаҳ дар он, ки алфози мақлубаи он ба ҷои алфози мақлуба мақлуби муҷаннаҳ воқеъ шудаанд.

### МАҚЛУБИ МУСТАВӢ

Чунон бошад, ки зикр карда шавад, мураккабе[37], ки чун онро қалб кунанд[38] ва бозгуна[39] бихонанд, ҳамон мураккаби асл ҳосил шавад. Ва ин санъатро хелҳои зиёде ҳаст.

**Мартабаи аввал** — он аст, ки мураккаб камтар аз мисрае бошад монанди «умеди озодии мо» дар ин байт:

Гар зулф ин аст, нест мумкин асло
Аз доми бало *умеди озодии мо.*[40]

**Мартабаи дуюм** — он аст, ки як мисраъ бошад, монанди мисраи дуюми ин байт:

Ба хилват бо ту, эй зебонигорам,
Мурод — рози дарди зор дорам.

**Мартабаи сеюм** — он аст, ки ҳар ду мисраъ чунон бошанд, ки чун ҳар якро қалб кунанд, ҳамон мисраъ айнан ҳосил шавад, чунон ки:

Ноиби даргаҳи шаҳ кард баён —
Ба шумо рози яке зор имшаб.

Ва ин ҳар се мартаба, ки мазкур шуд, осон аст.

**Мартабаи чаҳорум** — он аст, ки чун маҷмӯи байтро қалб кунӣ, ҳамон байт ҳосил шавад.

Аммо баъзе аз мисрае ба мисраи дигар васл карда шавад, инро **мақлуби муставии мувассал** мегӯянд, чунон ки:

Шаккардаҳано ғаме надорӣ,
Дайр, о, дании[41] муғона даркаш!

Ва аз ин қабил аст ин байт, ки дар «Қасидаи маснӯъ» аз баҳри рамали мусаддаси мақсур аз барои мисоли ин санъат оварда, чунон ки:

Нор резад рег рӯзи рағш қалб,
Аблақаш гар зӯр гирад зери рон.
Фоилотун фоилотун фоилон
Фоилотун фоилотун фоилон.

**Мартабаи панҷум** — он аст, ки эҳтиёҷи васл набошад ва ин акмалу мушкили қисмҳои ӯст, чунон ки:

Шакардаҳано, ғаме надорем,
Майро дании муғона даркаш!

Ва баъзе гуфтаанд, ки мақлуби муставӣ дар алфози муфрада [42] низ мебошад, монанди «дид» ва «дод» *. Ва чун ин санъат дар ғояти душворист, ҳама кас дар вай мебояд донист, ки мусомиҳа [44] ҷойиз доштаанд ва миёни ҳарфи мушаддад ва мухаффаф ва мамдуду мақсур [45] ва амсоли онҳо фарқ ниҳодаанд.

Ва Мавлоно Қутбиддини Аллома гуфта, ки яке дигар аз ақсоми мақлуб — **мақлуби мусаҳҳаф** аст. Ва он иборат аст аз он ки калом бар ваҷҳе бошад, ки мақлуби ӯ мусаҳҳафи ӯ бошад, монанди мисраи охири ин байт:

Донӣ, санамо, сабаб чӣ пурсӣ?
Аз ман таби навбати танамро?

## САҶЪ

Пеши тоифае аз аҳли арабият махсус аст ба наср.

Ва ин тоифа саҷъро иборат доштаанд аз мувофиқати фосилаҳои наср дар ҳарфи охирин. Ва мурод ба «фосила» он калима аст, ки ба сабаби ӯ қаринаҳои калом, яъне бахшҳои ӯ аз якдигар ҷудо шаванд. Ва мурод ба «ҳарфи охирин» ҳар ҷо, ки дар ин санъат мазкур шавад, яъне он чи монанди равӣ ва қофия маъмул бошад, охири ҳарфи аслӣ аст аз калима, ё он чи ба манзилаи он ҳарф бошад.

Ва пеши тоифаи дигар дар назм ҳам ҷорист. Ва ин тоифа ду фирқа шудаанд.

Фирқае мегӯянд, ки саҷъ — иборат аст аз мувофиқати фосилаҳои калом, хоҳ назму хоҳ наср дар ҳарфи охирин. Ва баъзе аз шуарои Аҷам тобеи ин фирқа шудаанд.

Ва фирқаи дигар мегӯянд, ки иборат аст аз мувофиқати фосилаҳои мазкур дар ҳарфи охирин, ё дар вазн.

---

* Ва аз ҷумлаи ғароиб аст он чи аз ҳазрати худованди корӣ, яъне Мир Алишер воқеъ шуда — дар вақте ки шоҳзодаи марҳум Мирзо Абубакр[43] бо эшон гуфта, ки «лафзе ёфтаам аз қабили мақлуби муставӣ аст». Эшон пурсидаанд, ки «кадом?» Шоҳзода гуфта, ки лафзи «ковок». Филҳол Навоӣ гуфтаанд, ки «шо бош». Ва ин низ аз қабили мақлуби муставӣ аст.

Лекин мувофиқати фосилаҳо дар ҳуруфи охирин хоҳ бо мувофиқат дар вазн бошад ва хоҳ бидуни он — махсус аст ба наср. Ва мувофиқат дар вазн танҳо — ҷорист дар назм низ, чунон ки дар баёни навъҳои саҷъ маълум хоҳад шуд. Ва баъзе дигар аз шуарои Аҷам мувофиқи ин фирқаанд.

Ва соҳиби **«Мифтоҳ»** гуфта, ки асҷоъ, яъне калимоти охири фиқраҳо дар наср мисли қавофианд дар шеър. Ва зоҳиру машҳур қавли ӯст.

Ва ҳамчунон ки дар таърифи саҷъ ихтилоф аст, дар таъйини навъҳои ӯ низ ихтилоф ҳаст.

Тоифаи аввал мегӯянд, ки анвои ӯ се аст:

1) Саҷъи мутавозӣ;

2) Саҷъи мутарраф;

3) Тарсеъ.

Ва ин тоифа тарсеъро санъате алоҳида намедоранд ва махсус медоранд ба наср.

Ва тоифаи дуюм мегӯянд, ки тарсеъ аз навъҳои саҷъ нест ва санъате алоҳида аст. Ва навъи сеюми ӯ саҷъи мутавозӣ аст.

## Саҷъи мутавозӣ

Пеши тоифаи аввал ва фирқаи дуюм аз тоифаи дуюм — иборат аст аз мувофиқати фосилаҳои наср дар ҳарфи охирин ва вазн. Ва ин бар се қисм аст.

**Қисми аввал** — он, ки монанди фосилаҳо боқии алфози ҳар фиқра мувофиқ бошанд бо алфозе, ки муқобили эшон аст аз фиқраи дигар дар ҳарфи охирин ва вазн — **чунон ки гӯӣ «дар бутон вафое надидам ва ҳар замон ҷафое кашидам».** Ва чунон ки гуфтаанд: **«агар ёр аҳл аст, кор саҳл аст».**

Мақсуд аз овардани ин мисоли машҳур он аст, ки маълум шавад, ки агар дар фиқра андак зиёдатӣ бар фиқраи дигар бошад, боке нест.

**Қисми дуюм** — он, ки ҷамеи боқии калимаҳо чунин набошад, балки баъзе дигар чунин бошад — чунон ки **«соликона сабили инқитоъ аз алоиқ пӯй ва муҳқиқона далели иттилоъ бар ҳақоиқ ҷӯй».**

**Қисми сеюм** — он, ки мувофиқати мазкура ҷуз дар фосилаҳо набошад, чунон ки гӯӣ: **«то пой дар домани қаноат накашӣ, чошнии шарбати озодӣ начашӣ».**

Ва он тоифае, ки тарсеъро аз анвои саҷъ доштаанд, қисми аввал ва дуюмро тарсеъ мегӯянд ва қисми сеюмро саҷъи мутавозӣ.

Ва фирқаи аввал аз тоифаи дуюм дар таърифи саҷъи мутавозӣ фосилаҳоро муқайяд ба наср насохтаанд ва ин санъатро дар назм ҳам ҷорӣ доштаанд, чунон ки:

Дар рӯи булбул ҳар саҳар хандидани гулро нигар,
Бошад, ки бо аҳли назар бикшой он тунги шакар?

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри қариби макфуфи мақсур:

Ниҳон карда ба ёқути лаб даҳон,
Аён карда ба иқди камар миён.
МафоӢлу мафоӢлу фоилон
МафоӢлу мафоӢлу фоилон.

Ва **«тавозӣ»** дар луғат — баробар будан аст. Ва чун дар ин саҷъ фосилаҳо баробаранд дар вазн — ӯро мутавозӣ ном ниҳоданд.

## Саҷъи мутарраф

Пеши тоифаи аввал ва фирқаи дуюм аз тоифаи дуюм иборат аст аз мувофиқати фосилаҳои наср дар ҳарфи охирин ва мухолифати онҳо дар вазн, чунон ки гӯӣ: **«Ҳар ки тарки маносибу моли авқоф кунад, тавонад, ки ойинаи дил аз занғи кудурат соф кунад».**

Ва фирқаи аввал аз тоифаи дуюм фосилаҳоро тақйид ба наср накардаанд ва дар назм низ эътибор кардаанд, чунон ки:

Гаштам аз ишқи ту расво, в-аз фироқат мубтало,
Нестат ҳаргиз туро, ҷоно, чаро парвои мо?

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри мунсариҳи мусаммани матвии маҷдӯъ:

*Мо, ба худо, то хаёли холи ту дорем,*
Ҳоли парешонтар аз хаёли ту дорем.
Муфтаилун фоилоту муфтаилун фоъ
Муфтаилун фоилоту муфтаилун фоъ.

Ва **«мутарраф»** дар луғат — чизеро мегӯянд, ки атрофи ӯ ба ранге бошад мухолифи ранги боқии ҷузъҳо.

Ва чун дар ин саҷъ фосилаҳо якранганд, дар мувофиқати ҳарфи охирин бар хилофи боқии алфоз, ӯро «мутарраф» ном карданд.

## Саҷъи мутавозин

Пеши ҳамаи он тоифа, ки ӯро аз анвои саҷъ доштаанд, иборат аст аз мувофиқати фосилаҳои калом — хоҳ назму хоҳ наср дар вазн, бо мухолифат дар ҳарфи охирин, чунон ки гӯй:«**агар ҳузур хоҳӣ, қаноат бояд».**

Ва чунон ки:

Ба қавли бадандешу аҳли ғараз
Муносиб набошад зи доно ғазаб.

Аммо беҳтар он аст, ки боқии алфоз низ аз ҳар бахше аз калом мувофиқ бошанд дар вазн ё боқии алфози бахше дигар ё ба аксари онҳо, чунон ки:

Ғарат айш бояд, бузургӣ маҷӯй
В-гар қадр хоҳӣ, тавақкӯъ макун.

Ва чунон ки:

Шуд ба кӯяш он рақиби рӯсиях,
Раҳ ба гулшан ёфт охир гулхани.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «саҷъи мутавозин ба наср махсус нест, балки дар шеър ҳамин тавозин калимот афтад ва онро шуаро «мувозана» хонанд ва ин чунон бошад, ки аз аввали ду қарина то охир, ё аз аввали ду мисраъ то охир калимоте оварда шавад, ки ҳар як назири хешро ба вазн мувофиқ бошад, аммо ба ҳарфи равӣ мухолиф. Мисолаш — Масъуди Саъд [46] гӯяд:

Шоҳе, ки рахши ӯро давлат бувад далел,
Шоҳе, ки теғи ӯро нусрат бувад нишон.
Андар пайи гумонаш зеҳ бигсилад яқин
В-андар дами яқинаш пар нафканад гумон.

Ва бошад, ки мувозана дар ду байт афтад. Мисолашман гӯям:

Он ки моли хазоини гетӣ
Нест бо ҷуди дасти ӯ бисьёр,
В-он ки кашфи сароири гардун
Нест дар пеши табъи ӯ душвор».

То ин ҷо каломи ӯст.

Ва ба ҳасаби зоҳир бар вай эътироз меояд — ба ҷиҳати он, ки дар мувозана шарт карда, ки «ҳар калимае назири хешро ба ҳарфи равӣ мухолиф бошад». Ва дар ин ду байт қофияҳо дар равӣ мувофиқанд, пас, дар ин ду байт мувозана набошад. Аммо метавонад бувад, ки мақсуди ӯ аз овардани ин ду байт ишорат бошад ба он, ки мувозана дар пеши қофия эътибор метавонад кард.

Ва Хоҷа Салмон низ ҳамчунин карда; дар байте, ки дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои ин санъат оварда — аз баҳри мутақориби мусаммани солим:

Чу рӯи ту тобанда ахтар набошад,
Чу лаъли ту покиза гавҳар набошад.
Фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯлун.
Фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯлун.

Ва Ибн ал-Асир мувозанаро дохили саҷъ надошта ва ба ин таъриф карда, ки баробарии фосилаҳои наср ва садри байт ва аҷузи ӯст дар вазн, на дар ҳарфи охирин ҳамчунон ки дар саҷъ.

Ва соҳиби **«Эзоҳ»** низ дохили саҷъ надошта, лекин ба ин таъриф карда, ки баробарии фосилаҳост, яъне аз наср дар вазн, на дар қофия. Ва саҷъро иборат дошта аз тасовии [47] фосилаҳо дар қофия ва гуфта, ки: ҳар гоҳ ҷамеи алфозе, ки дар як қарина аст, ё аксари онҳо мисли муқобили худ бошанд аз қаринаи дигар, ин навъ мувозанаро **мумосила** гӯянд.

## МУМОСИЛА

Ва Аллома мумосиларо аз анвои мувозана надошта ва санъате алоҳида шумурда ва ин гуна таъриф карда, ки: он аст, ки як ҷо, ё бештар дар байт ё мисли ӯ аз наср мумосилат бошад дар вазн ва қофия, ё дар вазн танҳо миёни ду калима, ки мулоқии [48] якдигар бошанд ё мувозӣ, чунон ки:

Узори нигорам ба сони гул аст,
Ба рӯ ҳар тараф хол чун булбул аст.

Ва чунон ки:

Агар ниқоб нигорам зи чеҳра бикшояд,
Ба чашми халқ дигар офтоб нанмояд.

Ва чунон ки:

Намуд рӯй ба ман ёру дида ҳайрон шуд,
Рабуд ҳуш зи тан бозу офати ҷон шуд.

### Фоида

Бидон, ки Ибн ал-Асир гуфта, ки: шартҳои хусни сачъ чаҳор аст:

**аввал** — он, ки калимаҳояш писандида бувад;

**дуюм** — он, ки таркибаш зоҳир-ул-маънӣ ва маҳкаму хушоянда бошад;

**сеюм** — он, ки лафз тобеи маънӣ бошад, на акс;

**чаҳорум** — он, ки маонии фикраҳо такрор набошад, яъне мукаррари бефоида чи гоҳ мебошад, ки як маъниро ба ибороти мухталифа адо мекунанд, то шунаванда такроран ба он таваҷҷӯҳ кунад ва дар хотири ӯ қарор гирад.

Ва пеши ин камина — ин аст, ки ин шартҳо, ки ӯ гуфта — махсус ба ҳусни сачъ нест, балки шартҳои ҳусни калом аст — мутлақо хоҳ сачъ ва хоҳ ғайри сачъ. Ва шарти хусни сачъ махсусан ду аст:

**аввал** — он, ки фикраҳо бисьёр тавил, яъне дароз набошанд;

**дуюм** — он, ки мусовӣ бошанд, ё қариб ба он, яъне тафовути зиёд надошта бошанд, чунончи дар баёни навъҳояш баён хоҳад шуд.

### Фоида

Бидон, ки аъломаротиби сачъ аз ҷиҳати миқдори калимаҳо — сачъи кӯтоҳ аст ва ҳадди ӯ аз ду лафз аст ва ҳар фикрае то даҳ лафз. Ва гуфтаанд: алфоз ҳарчанд камтар — ҳусни сачъ бештар. Ва чун аз даҳ даргузашт, сачъи тавил аст, ки муштамил [49] аст бар мартабаи миёна ва мартабаи паст.

Мартабаи миёна — он аст, ки дар ҳар фикрае алфоз аз понздаҳ дарнагузарад ва чун аз ин ҳам даргузашт — мартабаи паст аст.

Ва аъломаротиби сачъ — аз ҷиҳати баробарӣ ва тафовути фикраҳо — он аст, ки фикраҳо баробар бошанд.

Ва мартабаи миёна он аст, ки фикраи дуюм дарозтар бошад аз фикраи собиқ ба андаке, яъне на чунон тӯле, ки аз ҳадди эътидол даргузарад магар он, ки калом се фикра бошанд ва фикраи сеюм мусовии маҷмӯи фикраи аввал ва дуюм ё андаке зиёда, чи ин ҳангом он

ду фиқра ба манзилаи як фиқра мешавад дар муқобили фиқраи сеюм.

Ва мартабаи паст — он аст, ки фиқраи сонӣ бисьёр дароз бошад аз фиқраи собиқ. Ва ин айб аст. Ё он, ки кӯтоҳ бошад аз вай, пас, агар андаке кӯтоҳ аст, айб нест, аммо бисьёр кӯтоҳ — айб аст.

### Фоида

Бидон, ки бинои саҷъ бар сукуни эъҷоз аст, яъне калимоти охири фиқраҳо.

Ва гуфтаанд, ки калимоти охир дар саҷъ монанди қавофист дар шеър.

Ва баъзе гуфтаанд: саҷъ дар калом монанди хол аст бар рӯи маҳбуб, пас, агар бисьёр бошад, ҳусну латофатро мебарад.

Ва чун маънии лугавии «саҷъ»-ро донистӣ, бидон, ки муносибати миёни он ва маънии истилоҳӣ — ин аст, ки чунон ки овозҳои кабӯтар, масалан мушобеҳ ва мувофиқи якдигаранд, фиқраҳои мусаҷҷаъ низ мушобеҳ ва мувофиқи якдигаранд.

### ТАШТИР

Иборат аст аз он, ки ҳар мисраи байтро ду бахш кунанд ва он бахшҳоро мусаҷҷаъ созанд — ба шарти он, ки саҷъи ду бахши мисраи охир мухолифи саҷъи ду бахши мисраи аввал бошад — хоҳ ҳар ду саҷъи мутавозӣ бошанд, чунон ки:

То дар сафи ушшоқи ӯ пайваста бошам сурхрӯ,
Ҳар лаҳза резам аз басар бар рӯи худ хуни ҷигар.

Ва хоҳ мутарраф, чунон ки:

Будам аз ишқи ту зору гаштам аз ҳаҷрат низор,
Як роҳ, аз баҳри худо, бихром, эй маҳ, сӯи мо.

Ва хоҳ аввал мутавозӣ бошаду дуюм мутарраф, чунон ки:

Зи ҷаври ҳабибу ҷафои рақиб
Дилам шуд фигору танам гашт зор.

Ва хоҳ акс, чунон ки:

Зи ҷаврат, нигорам, хушам з-он, ки дорам
Зи дида шаробе, зи сина кабобе.

Ва дар ин санъат саҷъи мутавозинро эътибор накардаанд, ваҷҳи он маълум нест.

Дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои ин санъат мисоле наёварда.

**«Таштир»** дар луғат — ду пистони шутур бастан аст. Ва чун байтро ба чаҳор бахш кунанд ва ду бахши ӯро мусаҷҷаъ ба саҷъе созанд ва ду бахше дигарро мусаҷҷаъ ба саҷъе дигар, мушобиҳати тамом дорад ба он, ки ду пистонро бубанданд ва ду пистонро ба ҳоли худ бигузоранд. Пас, бинобар ин мушоҳибат, ин санъатро **таштир** ном ниҳодаанд.

## ТАҶЗИЯ

Иборат аст аз он, ки дар як байт ду саҷъ риоят кунанд бар ваҷҳе, ки ҳарфи охирини фосила дар саҷъи аввал мухолифи равӣ бошад ва дар саҷъи дуюм мувофиқи он. Яъне нисфи аввали мисраи аввалро ба нисфи аввали мисраи дуюм мусаҷҷаъ ба саҷъе созанд ва нисфи дуюми мисраи аввалро бо нисфи дуюми мисраи сонӣ— мусаҷҷаъ ба саҷъе дигар, ки ҳарфи охирини фосила мувофиқи ҳарфи равӣ бошад, чунон ки:

Чу рафтӣ нигоро, надорам зи ҳаҷр
Ба тан ҳеҷ ёро, ба дил ҳеҷ сабр.

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои ин санъат низ мисоле наёварда.

**«Таҷзия»** дар луғат — пора-пора кардан аст.

Ва чун ҳар ду қаринаро, ки мусаҷҷаъ ба як саҷъанд, аз якдигар ҷудо меоранд, гӯё каломро пора-пора кардаанд. Пас, ин амалро ба ин муносибат таҷзия ном кардаанд.

## ТАСРЕЪ

Мавлоно Қутбиддини Аллома аз Ибн ал-Асир нақл карда, ки ӯ гуфта: ин санъат дар назм ба манзилаи саҷъ аст дар наср. Ва ӯ саҷъро иборат дошта аз мумосилати фосилаҳо дар ҳарфи охирин. Пас, тасреъ пеши ӯ мумосилати охири ду мисраъ байте бошад дар ҳарфи охирин.

Ва дар **«Саҳоҳ-ул-луғат»**[50] оварда, ки: «ат-тасреъу-тақфияти-л-мисраъи-л-аввалӣ». Ва ғолибан муроди Ибн ал-Асир ҳамин аст. Ва иқтифо ба ҳарфи охирин ба ҷиҳати он карда, ки асл дар қофия аст.

Ва соҳиби **«Табьён»** низ гуфта, ки: «тасреъ ба манзилаи саҷъ аст дар наср». Аммо ӯ саҷъро иборат дошта аз мувофиқати фосилаҳо дар ҳарфи охирин, ё дар вазн. Пас, тасреъ, ба қавли ӯ, иборат бошад аз мувофиқати ду лафзи охири ду мисраъ байте дар ҳарфи равӣ, ё дар вазн.

Ва гуфта, ки тасреъро ҳашт мартаба аст.

**Мартабаи аввал** — он аст, ки мисраи аввал мустақил бошад дар фаҳми маънӣ. Ва чун мисраи сониро ба ӯ зам кунанд, тобеъ нашавад дар маънӣ ба он, яъне ҳар як аз мисраъҳо мустақил бошад дар фаҳми маънӣ — чунон ки:

Зи моҳи рухат мунфаил офтоб,
Зи зулфи сиёҳат хиҷил мушки ноб.

Ва инро **тасреи комил** мегӯянд.

**Мартабаи дуюм** — он аст, ки мисраи аввал мустақил бошад, аммо чун мисраи сониро ба ӯ зам кунанд, муқаййад, яъне вобаста шавад ба вай. Ва бар ин тақдир мисраи сонӣ мустақил нахоҳад буд — чунон ки:

Хуш аст дидани лаъли лабат миёни шароб,
Ба сони барги гули тоза дар миёнаи об.

**Мартабаи сеюм** — он аст, ки мисраи аввал мустақил набошад — чунон ки:

Он, ки рӯзи васл мебурдӣ ҳасад бар рӯзи ман,
Ваҳ, ки мебинад маро акнун ба рӯзи хештан.

Ва инро **тасреи нокис** мегӯянд.

Ва мавлоно Қутбиддини Аллома инро мартабаи чаҳорум дошта ва гуфта: «ин писандида ва хуб нест».

**Мартабаи чаҳорум** — он аст, ки мисраи аввал муаллақ бошад дар маънӣ, ки дар аввали мисраи сонӣ мазкур аст — чунон ки:

Чи бошад, эй шаби дайҷури ҳиҷрон, гар шавӣ равшан
Ба субҳи васли ҷонон то, ки ҷон бозоядам дар тан.

Ва Аллома гуфта, ки «инро **таълиқ** мегӯянд ва бисьёр айб аст». Ва инро мартабаи шашум сохта.

**Мартабаи панҷум** — он аст, ки ду мисраъ бар ваҷҳе бошанд, ки ҳар кадомро муқаддам доранд ва дигареро охир, дар маънӣ ҳеҷ қусур набошад.

Ва дар ин мартаба қайде дигар зикр мебояд кард, то аз мартабаи аввал фарқ кунад ва он қайд ин аст, ки ҳар мисраъ мустақил набошад, ё он, ки қоил мебояд шуд ба дахли қисмҳо — чунон ки:

Сӯхта, парвонасифат сад ҳазор
*Шамъи ҷамолат чу ман, эй гулъузор!*

Ва ин мартаба дар ҳусну латофат монанди мартабаи дуюм аст.

Ва Аллома инро мартабаи сеюм сохта ва зоҳир ин аст. Ва гуфта, ки: «инро **тасреи муваҷҷаҳ** ном кардаанд».

Ва ваҷҳи тасмия он аст, ки **«тавҷеҳ»** дар луғат рӯй фаро гардонидан аст чун ҳар як аз он ду мисраъ салоҳияти пасопешӣ доранд, пас, гӯиё рӯи мисраи дигар фаро гардонида шуда ба сӯи ӯ.

**Мартабаи шашум** — он аст, ки қофияи мисраи дуюм ва он чи дар муқобили ӯст аз мисраи аввал, як лафз бошад, ки ба як маънии ҳақиқӣ дар ҷо мустаъмал бошад — чунон ки:

Ҳар ки рухи хуби ту як бор дид,
Аз ғами ишқи ту халосӣ надид.

Ва ин айби фоҳиш аст.

**Мартабаи ҳафтум** — он аст, ки як лафз бошад дар маънии маҷозӣ ҳар ду ҷо мустаъмал шуда.

Ва Аллома ин қайдро зиёда карда: «маънии ӯ дар ду мавзеъ мухталиф бошад». Ва дар **«Табьён»** агарчи ин қайдро зикр накарда, аммо мисолҳо аз ин қабил оварда. Пас, ғолибан он қайд мурод аст,— чунон ки:

Аз муҳити фикри аввал гар бурун орӣ ту дур,
Охир аз чашмат нарезад аз надомат лаълу дур.

Ва он ки маънӣ дар ду мавзеъ муттаҳид бошад, аз қабили мартабаи шашум аст.

Ва Аллома ин ҳар ду мартабаро мартабаи панҷум сохта ва гуфта, ки: «инро **тасреи муқаррар** мегӯянд».

**Мартабаи ҳаштум** — он аст, ки ду калимаи охири ду мисраи байте мувофиқ бошанд дар вазн ва мухолиф бошанд дар ҳарфи равӣ — чунон ки:

Бахри побӯси сагони кӯи ёр
Рӯи худ доим ниҳам бар хоки роҳ.

Ва ба фикри донишмандон ин пасттарин ва бадтарин аст.

Ва Аллома гуфта, ки «инро **тасреи машрут** мегӯянд».

**«Шатр»** дар луғат ба ду ним кардан аст. Ва чун он ду лафз мувофиқанд аз як ҷиҳат, ки вазн аст ва мухолифанд аз тарафи дигар, ки ҳарфи равист, пас, гӯё мувофиқати томмаро, ки мувофиқат дар вазн ва ҳарфи равист, ба ду ним кардаанд ва як нимаро риоят карда ва як нимаро гузоштаанд.

Ва тасреъ пеши шуарои Аҷам — иборат аст аз муқаффо будани мисраи аввал, чунон ки дар матлаи қасида ва ғазал мебошад.

Ва каломи Шамси Қайс далолат бар он мекунад, ки тасреъ — мувофиқати арӯз, яъне ҷузви охирини мисраи аввал ва зарб[51], яъне ҷузъи охирини мисраи дуюм аст дар вазн ва ҳуруфи қофия чи гуфта, ки «мусарраъ — байте бошад, ки арӯзу зарби он дар вазну ҳуруфи қофия муттафиқ ояд, — чунон ки Абулфараҷ[52] гӯяд:

Тартиби мулку қоидаи ҳилму расми дод
Абдулҳамид Аҳмад бинни Абдуссамад *ниҳод*,

ки ҳуруфи қофияи ҳар ду мисраъ «алиф» ва «дол» аст ва вазни ҳар ду «фоилон» *аст — аз* баҳри музореи ахраби макфуфи мақсур бар вазни «мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилон». Ва аштарот — мувофиқати арӯзу зарб дар вазн низ ҷуз дар каломи ӯ ҷои дигар ба назари ин фақир нарасид.

Ва **тасреъ** дар луғат — дари ду лахт кардан аст ва муносибати ин санъат ба он амал зоҳир аст.

## ТАСМИТ

Иборат аз он аст, ки дар шеъре чанд мисраъро бар як қофия оранд, баъд бар қофияи дигар оранд, ки бинои шеър бар он бошад. Ва навъҳои ин зиёд мебошад.

**Навъи аввал** — он аст, ки се мисраъро бар як қофия оранд ва мисраи чаҳорумро бар қофияи асл, ки бинои шеър бар он аст[53], чунон ки:

Аз оташи ғам сӯхтаам, гар ба нигоҳе
Ин ғамзадаро шод кунӣ, нест гуноҳе.
Мурдам зи ғами ҳаҷр, худоро, ки чу моҳе
Бинмой шабе рӯю халосам кун аз ин ғам!

**Навъи дуюм** — он аст, ки чаҳор мисраъро бар як қофия оранд ва мисраи панҷуминро бар қофияи асл. Ва инро мухаммас мегӯянд — чунон ки Азҳарӣ[54] гуфта:

Гавҳарафшон шуд бар атрофи чаман дасти саҳоб
В-аз зумуррад сар бурун зад ғунча чун ёқути ноб.
То тавонӣ рав, кунун чун лола шав ҷоми шароб!
Варна боре ҳар шабе рав пои гул масту хароб.
Бо сурохӣ то саҳаргаҳ даст дар оғӯш кун!

**Навъи сеюм** — панҷ мисраъро бар як қофия оранд ва мисраи шашуминро бар қофияи асл[55], чунон ки Манучеҳрӣ[56] гуфта:

Хезеду хаз оред, ки ҳангоми хазон аст,
Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст!
Он барги разон бин, ки бар он шохи разон аст,
Гӯӣ, ки яке пираҳани рангрезон аст!
Деҳқон ба тааҷҷуб сари ангушт газон аст,
Қ-андар чаману боғ на гул монду на гулзор!

**Навъи чаҳорум** — он аст, ки ҳафт мисраъро бар як қофия оранд ва мисраи ҳаштуминро бар қофияи асл[57] — чунон ки Ломеӣ[58] гуфта:

Аё соқӣ — юл — мудом [59]
Маро бода деҳ мудом —
Суманбӯи лолафом,
Ки то ман дар ин мақом,
Занам як нафас ба ком,
Ки касро зи хосу ом
Дар ин манзил, эй ғулом,
Умеди қарор нест!

Ва мусаммате, ки дар мисраи сеюми ӯ, ё ҳафтум, ё нӯҳум, ё бештар қофияи аслро риоя карда бошанд ва боқии мисраъҳоро бар қофияи дигар мувофиқ овар-да — аз шеъри устодон ба назари ин камина дарнаёмада, бинобар ин, дар зикри анвоъ бар он чи дида буд, иктифо намуд.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ин санъат — чунон бошад, ки шоир байтеро ба чаҳор қисм мутасовӣ кунад ва дар охири ҳар се қисм саҷъ нигоҳ медорад ва дар охири қисми чаҳорум қофия меорад. Ва ин шеърро шуаро мусаҷҷаъ низ хонанд. Мисолаш — Муиззӣ гӯяд:

Эй сорбон, манзил макун ҷуз дар диёри ёри ман
То як замон зорӣ кунам бар рабъу атлолу диман.[60]

Рабъ аз дилам пурхун кунам, хоки диман гулгун кунам,
Атлолро Ҷайҳун кунам аз оби чашми хештан.

Ва раво бошад, ки қисмҳои мусаҷҷаъ аз се зиёда шавад. Аммо се — маъруф аст. Ва гуфта, ки порсиён мусаммат ба навъе дигар мегӯянд. Ва он чунон аст, ки панҷ мисраъ бигӯянд бар як қофия ва дар охири мисраи шашум қофияи аслӣ, ки бинои шеър бар он бошад, биёранд. Ва мусаммат, ки маъруфтар аст наздики порсиён, ин аст ва он пешинро мусаҷҷаъ хонанд ва надонанд, ки мусаммати қадим ва аслӣ он аст».

Аммо Шамси Қайс, ки мутаохир аст, гуфта, ки онро **муваҷҷаҳ** мегӯянд. Ва мусаммат ҷуз чунон нест, ки ӯро порсиён нақл карда.

Ва ҷамоате аз арбоби араб гуфтаанд, ки «тасмит», ки дар луғат марворид дар ришта кашидан аст, дар истилоҳ — иборат аст аз он, ки ҷамеи аҷзои байт ё баъзеро бар як саҷъ оранд, ки мухолифи қофия бошад, то байт монанди риштаи марворид бошад ва аҷзои масҷӯа монанди донаҳо, ки ҷамъ шуда бошанд дар вай.

Ва мебояд донист, ки муроди он ҷамоат ба «аҷзои байт» — аҷзои ҳосила ба ҳисоби тақтеъ аст, на лафзҳои муфрад, ки дар байт воқеъ аст.

Ва тасмитро ба ду қисм сохтаанд:

**Қисми аввал** — он, ки аҷзои масҷӯа мутобиқи аҷзои тақтеия бошанд, чунон ки:

Ба пирӣ чӣ гирӣ вазириву мирӣ?
Фақирӣ, ҳақирӣ, асирӣ гузин ту!

Ва инро **тасмити тақтеъ** мегӯянд.

**Қисми дуюм** — он, ки мувофиқ набошад ва онро тасмити **табқиз** гӯянд — чунон ки:

Макун гашти бӯстон, марав кӯи ҷонон!
Бикаш по ба домон, ба кунҷе нишин ту!

## АКС

Ва онро **табдил** низ мегӯянд ва баъзе онро **тарду акс** мегӯянд. Иборат аст аз он, ки ҷузве аз каломро тақдим кунанд ба ҷузве дигар ва боз акс кунанд ва табдил кунанд макони ҷузъи аввалро ба макони ҷузви сонӣ. Ва ин акс мешояд, ки як ҷумла аз калом бошад

ва безарурат миёни як тарафи ин ҷумла ва мутааллиқи ӯ хоҳад буд. Чунон ки:

Бо сафеҳе гуфт соҳибдавлате:
Хислате некӯст некӯхислатӣ.

Мисраи дуюми ин байт як ҷумла аст чи муштамил бар як ҳукм аст. Ва акс миёни як тарафи ӯ, ки «хислат» аст ва сифати ӯ, ки «некӯ»-ст, воқеъ шуда.

Ва мешояд, ки дар ду ҷумла бошад. Ва ин ба чанд навъ воқеъ мешавад.

**Навъи аввал** — он, ки акс миёни ду тарафи ин ду ҷумла бошад, чунон ки:

Зи хуршеди рухат шаб рӯз будӣ пеш аз ин моро,
Зи дуди оҳам акнун рӯз шаб шуд бе рухат, ёро.

**Навъи дуюм** — он, ки миёни мутааллиқоти[61] ин ду ҷумла воқеъ шавад, на миёни тарафайни ду ҷумла. Ва бар ин тақдир мешояд, ки асли ҳукм дар ду ҷумла яке бошад — чунон ки:

Гаҳе фаршро арш хонд аз тавозӯъ,
Гаҳе аршро фарш хонд аз ҷалолат.

Пӯшида нест, ки асли ҳукм дар ҳар ду ҷумла якест ва ин «хондан» аст.

Ва мебояд, ки асли ҳукм гуногун бошад — чунон ки:

Аз тавозӯъ арш хонад фаршро
В-аз ҷалолат фарш созад аршро.

Пӯшида нест, ки асли ҳукм дар як ҷумла «хондан» аст ва дар дигаре — «сохтан».

**Навъи сеюм** — он, ки акс миёни маҷмӯи асли ҳуқм ва мутааллиқот воқеъ шавад — чунон ки:

Зи хони наволат гадоён — салотин,
Салотин — гадоён зи хони наволат.

Ва мешояд, ки акс бар ваҳҷе воқеъ шавад, ки агар аз охир гиранд ва калима-калима бар акси тартиби каломи асл бихонанд, ҳамон каломи асл ҳосил шавад, бар акси тартиби мақлуби муставӣ. Ва тафовут он аст, ки ин ҷо акси тартиби каломи асл миёни калимоти мӯътабар аст ва дар мақлуби муставӣ ҳуруф. Ва агар инро **маъкус** ном кунанд, дур нест.

Ва ин акс мешояд, ки дар як мисраъ воқеъ шавад — чунон ки дар мисраи охири ин байт:

Дар ҷони гадо оташ аз ғамза чу зад, гуфтам:
Шоҳо, назаре кардӣ, кардӣ назаре, шоҳо.

Ва мешояд, ки дар ҳар як аз ҳар ду мисраъ воқеъ шавад — чунон ки:

Бо мо назаре дорӣ, дорӣ назаре бо мо,
Фармо гузаре ин ҷо, ин ҷо гузаре фармо!

Ва мешояд, ки дар маҷмӯи байт воқеъ шавад — чунон ки:

Дираме дориву дорӣ караме,
Караме дориву дорӣ дираме.

Ва ҷамеи ин анвоъ, ки гузашт, аз қабили маъкуси мураттаб аст. Ва агар дар акс тартиби каломи асл пешу пас воқеъ шавад, онро **маъкуси мушавваш** ном кардан муносиб аст — чунон ки:

Афсӯс, ки гузашт умру мо бехабарем,
Мо бехабарему умр, афсӯс, гузашт!

Ва аз ин қабил он байти машҳур, ки:

Карамдорони оламро дирам нест,
Дирамдорони оламро карам нест.

Ва Аллома ва соҳиби **«Эзоҳ»** санъати аксро дохили саноеи маънавия доштаанд ва ваҷҳи он зоҳир нест; чи фарқи миёни он ва санъати қалб возеҳ нест. Аммо соҳиби **«Табьён-ул-баён»** ин санъатро аз саноеи лафзия доштааст.

Ва баъзе аз шуарои Аҷам гуфтаанд, ки санъати тарду акс онро мегӯянд, ки байте гӯянд бар ваҷҳе, ки чун аз охир гиранд калима-калима то аввал бихонанд, байте дигар ҳосил шавад. Ва байти аввал тард аст ва дуюм — акс.

Ва аз ин қабил аст байте, ки дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои тарду акс оварда — аз баҳри тавили мусаммани солим:

Ба эҳсон туӣ Ҳотам, ба рифъат туӣ Кисро,
Ба фармон туӣ Осаф, ба бурҳон туӣ Исо.[62]
Фаӯлун мафоӣлун фаӯлун мафоӣлун
Фаӯлун мафоӣлун фаӯлун мафоӣлун.

Ва ин байтро чун охир гиранд ва калима-калима боз пас хонанд то аввал, ин байт ҳосил мешавад — аз баҳри музореи ахраб:

Исо туй ба бурҳон, Осаф туй ба фармон,
Қисро туй ба рифъат, Ҳотам туй ба эҳсон.
Мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун
Мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун.

Ва баъзе дигар аз шуарои Аҷам тарду аксро шомили анвои гузашта доштаанд ва як навъи дигар зиёда карда. Ва он — ин аст, ки шоир байте гӯяд, ки чун тартиби баъзе аҷзоро акс кунанд, байте дигар ҳосил шавад — монанди ҳар як аз абьёти ин ғазал, ки шоир гӯяд:

Гар з-он, ки барафрӯзӣ он шамъи шабистонро,
Чандон набувад нуре дигар маҳи тобонро.
То лола шавад даста, бинмо рухи гулгунро,
То ғунча шавад хандон, бинмо лаби хандонро.
Аз айни парешонӣ, то ҷамъ шавад дилҳо,
Бикшой шабе аз рух он зулфи парешонро.

Ва ҷамеи абьёти ин ғазал аз ин қабил аст.

Ва байти «Қасидаи маснӯъ» низ чунин аст, ки дар вай чанд навъ тағйири тартиб мумкин аст ва аз ҳар кадом байте дигар ҳосил шавад — чунон ки:

Қисро ба рифъат туй, Ҳотам ба эҳсон туй,
Исо ба бурҳон туй, Осаф ба фармон туй.
Туй Қисро ба рифъат, туй Ҳотам ба эҳсон,
Туй Исо ба бурҳон, туй Осаф ба фармон.
Туй ба рифъат Қисро, туй ба эҳсон Ҳотам,
Туй ба бурҳон Исо, туй ба фармон Осаф.
Ба эҳсон Ҳотам туй, ба рифъат Қисро туй,
Ба фармон Осаф туй, ба бурҳон Исо туй.
Қисро туй ба рифъат, Ҳотам туй ба эҳсон,
Исо туй ба бурҳон, Осаф туй ба фармон...

Зоҳир аст, ки тарду акс ба ин маънӣ аз муҳассаноти маънавия аст, на лафзия.

Ва соҳиби **«Табьён»** инро аз муҳассаноте дошта, ки мӯҷиби ҳусни лафзу маъниянд. Ва ин маҳалли дағдаға[63] аст.

Ва **«тард»** дар луғат — рондан аст ва **«акс»** — божгуна кардан.

Ва чун дар ин санъат калом ба тартибе хос меронанд ва боз ӯро божгуна мекунанд, ӯро тарду акс ном карданд. Ва ваҷҳи тасмия ба акс ва табдил зоҳир аст.

## ТАРДИД

Иборат аст аз он, ки калимаеро дар мисрае ё дар фикрае тааллуқ диҳанд ба чизе ва боз ӯро дар ҳамон мисраъ ё дар ҳамон фикра тааллуқ диҳанд ба чизе дигар. Ва инро се мартаба аст.

**Мартабаи аъло** — он аст, ки мутлақо дар миёна фосила набошад —чунон ки:

Аз даҳр ба ҷуз алам надидам,
В-аз аҳли карам карам надидам.

**Мартабаи мутавассит** — он аст, ки андак фосила бошад — чунон ки:

Бикушо рӯи чу гул, рӯи диле ҳам бинамо,
Ки зи нодидани ту кор хароб аст маро.

**Мартабаи адно** (паст) — он аст, ки фосила бисьёр бошад — чунон ки:

Дур аз ин дар хуррамӣ набвад, маро маълум шуд,
Ҳаст маҳрум аз биҳишт он, к-аз дарат маҳрум шуд.

Ва метавонад бувад, ки дар як байт ду тардид воқеъ шавад — чунон ки:

Эй парирух, рухи худ соз аён,
Бенавоям, ба навоям бирасон.

Ва соҳиби **«Табьён»** тардидро дохили санъати таҷрир дошта ва онро аз муҳассаноте шумурда, ки мӯҷиби ҳусни лафзу маъниανд. Ва соҳиби **«Эзоҳ»** гуфта, ки тардидро асаре нест дар ҳусн мутлақо ва он, ки дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои он мисоле наёварда, мешояд, ки бар ин буда бошад.

Ва **«тардид»** дар луғат — боз гардонидан аст.

Ва чун дар ин санъат лафзеро, ки як бор тааллуқ ба чизе додаанд, боз мегардонанд ва тааллуқ ба чизе дигар медиҳанд, ӯро **тардид** ном карданд.

## ТААТТУФ

Иборат аст аз он, ки калимаро дар мавзее аз садр тааллуқ диҳанд ба маънӣ, боз ӯро дар ғайри зарби ӯ аз аҷуз таалluқ диҳанд ба маънии дигар, монанди калимаи «кард» дар ин байт:

Оҳ, ки ҳарчанд кард дил ба саги ӯ вафо,
Бар дили мискини зор кард рақибаш ҷафо.

Ва монанди калимаи «намуд» дар ин байт:

Чӣ ҳолат аст, ки ҳарчанд дил намуд ниёз,
Ба пеши ёр намуд ӯ зи тундхӯӣ ноз.

Ва ваҷҳи тасмия он аст, ки гӯё он калима ду дӯши байт аст.

## ТАШРЕЪ

Ва баъзе онро **тавшеҳ** мегӯянд. Ва **зуқофиятайн** низ мегӯянд.

Пеши фусаҳои араб иборат аст аз он, ки шеърро бино ниҳанд бар ду қофия, ё бештар, ки бар ҳар як аз онҳо, ки таваққуф кунанд, назм дуруст бошад ва ба маънӣ мустақим.

Аммо мисоли он, ки шеърро бино ниҳанд бар ду қофия — ин абьёт аст — аз баҳри мутадорики махбун:

Чу кунӣ ба ғалат гузаре сӯи мо,
Бинишин қадаре, рухи худ бикушо!
Ҳама кас дилу ҷон бидиҳад, ки хӯрад
Зи лабат шакаре, бирасон ҳамаро.
Санамо, зи сагони дарат чу мане
Набувад дигаре ба наво зи вафо.

Ин абьётро агар то охир бихонанд — мусамман аст ва бар вазни «фаилун» ҳашт бор. Ва агар бар қавофии аввалӣ таваққуф кунанд — мусаддас мешавад ва бар вазни «фаилун» шаш бор ва абьёг чунин мешавад, ки:

Чу кунӣ ба ғалат гузаре
Сӯи мо, бинишин қадаре.
Ҳама кас дилу ҷон бидиҳад,
Ки хӯрад зи лабат шакаре.
Санамо, зи сагони дарат
Чу мане набувад дигаре.

Ва аз мухтареоти[64] ин услуб — он аст, ки чун бар қавофии аввалӣ таваққуф кунанд, алфозе, ки боқӣ монад, чун ҷамъ кунанд, байте бошад бар ҳамон баҳр, чунон ки дар ин абьёт, ки чун алфози боқияро ҷамъ кунанд, ин байт мешавад:

Рухи худ бикушо, бирасон
Ҳамаро ба наво зи вафо.

Ва агар байти ҳосил дар қофия низ мувофиқ бошад, латифу зебост, чунон ки хоҳад омад.

Ва аммо мисоли он, ки шеърро бино ниҳанд бар се қофия, ин абьёт аст — аз баҳри ҳазаҷ:

Ба даври лолаи ҳумро, биё, ҷоно, сӯи саҳро,
Бикаш хуш соғари саҳбо, барафрӯз он рухи зебо.
Шудем охир зи ҳиҷронат дилафсурда, биё ин ҷо.
Узори оташин бинмо, фикан оташ ба ҷони мо.
*Макун* чандин ту истиғно, мапӯшон рух зи мо, ҷоно,
Ниқоб аз рух фикан боло, масӯз аз ғам дили моро.

Пӯшида намонад, ки қофияи аввалӣ дар байти аввал «саҳро»-ст ва қофияи сония «саҳбо» ва қофияи сеюм «зебо» ва дар боқии абьёт бар ин қиёс аст. Ин абьётро агар то охир бихонанд — мусамман аст ва бар вазни «мафоӣлун» ҳашт бор. Ва агар бар қавофии сония таваққуф кунанд —мусаддас мешавад:

Ба даври лолаи ҳумро, биё, ҷоно,
Сӯи саҳро, бикаш хуш соғари саҳбо.
Шудем охир зи ҳиҷронат дилафсурда,
Биё ин ҷо, узори оташин бинмо.
Макун чандин ту истиғно, мапӯшон рух
Зи мо, ҷоно, ниқоб аз рух фикан боло.

Ва чун алфози боқияро ҷамъ кунанд, байте мешавад аз ҳамин шеър:

Барафрӯз он рухи зебо, фикан оташ
Ба ҷони мо, масӯз аз ғам дили моро.

Ва агар бар қавофии аввалӣ таваққуф кунанд — мураббаъ мешавад ва ин ҳангом мисраъҳои охир аз асли шеър батамом тарҳ мешавад ва абьёти ӯ чунин мешавад:

Ба даври лолаи ҳумро,
Биё, ҷоно, сӯи саҳро.
Шудем охир зи ҳиҷронат

Дилафсурда, биё ин ҷо.
Макун чандин ту истиғно,
Мапӯшон рух зи мо, ҷоно.

Ва зоҳир аст, ки он чи баъд аз ин қавофӣ мемонад ва он мисраъҳои охир аст аз асли шеър, абьёти дигар аст аз ҳамин шеър.

## ТАФЛИҚ

Ва дар мисли ин ашъор санъате дигар ихтироъ метавон кард. Ва он ин аст, ки чун дар байти аввал бар ғайри қофияи охирин таваққуф кунанд, ҳарчи аз он қофия бимонад, ба аввали байти сонӣ васл кунанд ва байте ҳосил кунанд, мувофиқи байти собиқ дар баҳру қофия. Ва ҳар чи баъд аз он бимонад, ба аввали байти сеюм васл кунанд ва байте дигар ҳосил кунанд мувофиқи собиқ бар ин қиёс то охири шеър. Чунон ки дар ин абьёти гузашта чунин ҳосил кунанд, ки:

Ба даври лолаи хумро биё, ҷоно.
Сӯи саҳро, бикаш хуш соғари саҳбо.
Барафрӯз он рухи зебо, шудем охир
Зи ҳиҷронат дилафсурда, биё ин ҷо.
Узори отašин бинмо, фикан оташ
Ба ҷони мо, макун чандин ту истиғно.
Мапӯшон рух зи мо, ҷоно, ниқоб аз рух
Фикан боло, масӯз аз ғам дили моро.

Ва агар ин санъатро **тафлиқ** ва **талфиқ** ном кунанд, муносиб менамояд, чи «тафлиқ» дар луғат — шикофтан аст ва «талфиқ»— фароҳам овардан. Ва дар ин санъат чун баъзе аҷзои абьёт ҷудо карда мешавад аз баъзе ва пайваста карда мешавад ба баъзеи дигар, пас, ӯро тасмия ба ин исм муносиб бошад.

Ва шуарои Аҷам санъати **ташреъро** эътибор накардаанд. Ва аз ин сабаб дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои он мисоле наёварда.

Ва «ташреъ» дар луғат — такроран ба об овардан аст.

Ва чун дар ин санъат шеърро такроран бар қофия бино мениҳанд, мушобиҳат дорад ба он, ки шутуреро масалан мукаррар ба об оваранд. Пас, бинобар ин мушобиҳат ин санъатро **ташреъ** ном ниҳодаанд.

Ва **тавшеҳ** пеши шуарои Аҷам иборат аз санъати дигар аст ва он баъд аз ин мазкур хоҳад шуд.

Ва **«зуқофиятайн»** — он шеърро мегӯянд, ки дар вай ду қофия нигоҳ дошта бошанд. Ва пеши эшон шарт нест, ки агар бар қофияи дигар ғайри қофияи охирин таваққуф кунанд, назм дуруст бошад ва маънӣ мустақим — монанди ин ғазал:

Бода менӯшам, ки аз ҳиҷрон диле дорам кабоб
В-ар нанӯшам, мешавад якборагӣ корам хароб.
Онҷунон мастам зи ишқи ӯ, ки доим хуни дил
Мехӯрам аз косаҳои чашму пиндорам шароб.
Қас ба бедорӣ нахоҳад дид ҳушьёрам дигар,
Халқи олам баъд аз ин бинанд ҳушьёрам ба хоб.
Офтобе гаштай тобон, вале бар дигарон,
Бар ман охир гар нахоҳӣ тофт, бисьёрам матоб,
Эй Атой, кай тавонам дид рӯяш рӯзи васл?
Хуни дил чун гашт пеши чашми хунборам ҳиҷоб.

Ва он шеърро, ки дар вай зиёда аз ду қофия илтизом карда бошанд, **зулқавофӣ** мегӯянд — монанди ин рубоӣ:

Гар саъд бувад толеъву ахтар ёрат,
Доро шавадат тобеъву пурзар дорат.
В-ар з-он, ки надорӣ чу Атой толеъ,
Ранҷи ту бувад зоеъву абтар корат.

Ва агар дар миёни ду қофия ҳоҷиб оранд, он шеърро **зуқофиятайни маҳҷуб** мегӯянд.

Ва ҳоҷиб — иборат аст аз лафзе мустақил дар талаффуз, ки пеш аз қофия илтизом кунанд дар ҳар мисраъ ба як маънӣ такрор ёбад — монанди лафзи «аз ёр» дар ин рубоӣ:

Ҳар дам расадат, дило, гар аз ағьёр ғаме,
Бояд нашавӣ мукаддар аз ёр даме.
З-он рӯ, ки чу нек бингарӣ, он ғамҳо
Аз ҷониби туст аксар, аз ёр каме.

Лафзи «аз ёр» ҳоҷиб аст дар миёни ду қофия воқеъ шуда.

Ва мисоли зуқофиятайни маҳҷуб дар «Қасидаи маснӯъ» ҳамон байтро дошта, ки аз барои таҷниси ноқис оварда ва он мазкур шуд.

## ТАВШЕҲ

Пеши шуарои Аҷам иборат аст аз он, ки шоир дар аввали мисраъҳо, ё байтҳо, ё дар миёнаи онҳо ҳарфе чанд ё калимае чанд оварад, ки чун он ҳарфҳо ё он калимаҳоро ҷамъ кунанд, исме, ё лақабе, ё мисрае, ё байте, ё мисли инҳо чизе ҳосил шавад. Ва шеъри муштамил бар ин санъатро **мувашшаҳ** мегӯянд. Монанди ин қитъа:

Иззату давлат, **илоҳо**, бод бо фатҳу зафар,
Шаҳриёри мулки донишро **ҳамеша** бешумор.
Лутф кун дар зулли шаҳ, ё раб, **бидораш**, то магар
Ёбад оромиш **ба иззу** адли эшон рӯзгор.
Ё раб, эҳсон кун, **ба фазлат** давлати уқбо, ки ӯ
Расми эҳсон кард дар дуньё **ба давлат** ошкор.

Чун ҳарфҳои аввали мисраъҳои аввалиро ҷамъ кунанд, «Алӣ» ҳосил мешавад. Ва чун ҳуруфи авоили мисраъҳои сониро ҷамъ кунанд «шер» ҳосил мешавад[65]. Ва калимаҳореро, ки дар ҳашви мисраъҳои аввалӣ аст, чун ҷамъ кунанд, ин мисраъ ҳосил мешавад:

Илоҳо, бидораш ба фазлат.

Ва калимаҳоеро, ки дар ҳашви мисраъҳои сонӣ аст, чун ҷамъ кунӣ, ин мисраи дигар ҳосил мешавад:

Ҳамеша ба иззу ба давлат.

Ва агар калимотро ба тартиби мисраъҳо ва абьёт ҷамъ кунанд, ин байт ҳосил мешавад:

Илоҳо, ҳамеша бидораш
Ба иззу ба фазлат, ба давлат.

Ва пеши Рашиди Ватвот лозим нест, ки он ҳуруф ё калимотро айнан фаро гиранд, балки агар тасҳифи онҳоро дахл диҳанд ва чизе ҳосил кунанд, аз қабили тавшеҳ аст.

Ва тавшеҳро аксар дар қасида ба кор медоранд. Ва беҳтарин қасидае, ки муштамил аст бар ин санъат, «Қасидаи маснӯъ» аст, ки аз ҳуруфи авоили абьёташ қитъаи латиф берун меояд ва аз ҳуруфи мундариҷа дар ҳашви мисраъҳои аввалӣ қитъаи дигар берун меоянд. Ва аз ҳуруфи мундариҷа дар ҳашви мисраъҳои сония қитъаи дигар берун меояд, ки нуқта надорад; ва аз алфозу ҳуруфи мундариҷа дар абьёт, ки ба ранги дигар навишта шуда[66], абьёти маснӯа берун меояд.

Ва санъати тавшеҳро фаръҳо ва шӯъбаҳо бисьёр аст — мисли он ки бар шакли дарахте мувашшаҳ созанд, инро **«мушаҷҷар»** мехонанд; ва он ки бар шакли ҳайвоне созанд **«муҷассам»** гӯянд ва **«мусаввар»** низ мегӯянд; ва агар он ҳайвон мурғе бошад, он мувашшаҳро **«мутайййар»** хонанд; ва он ки бар шакли доирае бошад, **«мудаввар»** гӯянд; ва он ки бар шакли гиреҳе аз шаклҳои ҳандасӣ ниҳанд, онро **«муаққад»** гӯянд ва монанди инҳо...

Ва Шамси Қайс гуфта, ки тавшеҳ — он аст, ки биноИ шеър бар чанд бахши гуногунвазн ниҳанд, ки ҷумлаи он як қасида бошад. Чун баъзеро аз он бахшҳо ҷудо-ҷудо бархонӣ, шеъри дигар шавад бар вазни дигар — чунон ки Рашидии Самарқандӣ[67] гуфта:

Эй кафи * зоди ту дар ҷуд беҳ аз абри баҳор
Халқро бо кафи ту абри баҳорӣ ба чӣ кор?
Оламеро дил аз афшондани борони кафат
Хушу хуррам шуду ороста чун боғи баҳор.
Беш аз андоза ин тоифа **бар банда гузошт**
**Ҷуди ту бори гарон** в-он ду кафи гавҳарбор.
Дигаронанд чу ман бандаву **ман банда зи шукр**
**Оҷизам чун дигарон** в-аз ҳиҷилӣ гашта фигор.
Узр як сӯ неҳу ангор, ки **кардастам ҷурм**
**Сӯи афват нигарон**, монда дил дар темор.
Ту худовандӣ, эҳсон кун **ин ҷурм ба фазл**
**З-ин раҳӣ даргузарон** з-он, ки туӣ ҷурмгузор.

Ва ин қасида дуру дароз аст ва чанд ҷо санъати тавшеҳ ба кор бурда ва ин ҷо ба ҷиҳати намуна яке оварда шуд. Ва асли қасида аз баҳри рамал аст. Ва он чи ба сиёҳии баланд навишта шуда, ҷудо бархонӣ, ин ду байт аст:

Бар банда гузошт ҷуди ту бори гарон,
Ман банда зи шукр оҷизам чун дигарон.
Қардастам ҷурм, сӯи афват нигарон,
Ин ҷурм ба фазл з-ин раҳӣ даргузарон.

Ва тавшеҳро баъзе аз донишмандони араб ба маънии **тасҳим** низ итлоқ кардаанд. Ва **«тавшеҳ»** дар луғат — вашшоҳ, яъне гарданбанд дар гардани касе кардан аст. Ва чун дарҷ кардани ҳуруф ё калимот дар шеър мушобиҳат дошт ба он маънӣ, онро тавшеҳ ном ниҳоданд.

---

* Сахо.

## ТАЛАВВУН

Иборат аст аз он, ки шеърро бар ваҷхе гӯянд, ки ӯро бар ду вазн, ё бештар тавон хондан. Ва он шеър, ки инчунин бошад, онро **муталаввин** мегӯянд.

Аммо он, ки шеърро бар ду вазн тавон хонд, чунон ки:

Лаъли ту ширинии шаккар шикаст,
Қомати ту қимати ар-ар шикаст.

Ин байтро агар сабук хонанд, аз баҳри сареи матвии мавқуф аст — бар вазни «муфтаилун мафтаилун фоилон» — ду бор. Ва агар сақил (гарон) хонанд, аз баҳри рамали мусаддаси мақсур аст — бар вазни «фоилотун фоилотун фоилон» — ду бор. Ва ин навъ муталаввин, ки ӯро бар ду баҳри мухталиф тавон хонд — **зӯбаҳрайн** низ мегӯянд.

Ва аммо он, ки шеърро бар бештар аз ду вазн тавон хонд, чунон ки:

Рухи ту лолаи аҳмар, хати ту сунбулу райҳон,
Тани ту ғайрати гулҳо, қади ту равнақи бӯстон.

Ин байтро агар бағоят сабук хонанд, аз баҳри рамали махбуни мусаббағ аст — бар вазни «фаилотун фаилотун фаилйон»[68] ду бор. Ва агар бағоят сақил хонанд — аз бахри ҳазаҷи мусаббағ аст, бар вазни «мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлон» — ду бор.

Ва агар миёна хонанд, на бағоят сабук ва на бағоят сақил — аз баҳри муҷтасси махбуни мусаббағ аст, бар вазни «мафоилун фаилотун мафоилун фаилйон» — ду бор.

Ва ин навъ муталаввинро, ки аз баҳрҳои мухталифа бошад, **зӯбуҳур** низ мегӯянд.

Ва мисоли муталаввини зӯбуҳур аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст:

Лаби ту ҳомии лӯлӯ, хати ту маркази лола,
Шаби ту ҳомили кавкаб, маҳи ту бо хати ҳола.

Ва Рашиди Ватвот нақл карда, ки «Аҳмади Маншурӣ[69] мухтасаре сохта ва онро Хуршедӣ[70] шарҳ карда ва номаш «Қанз-ул-ғароиб» ниҳода. Ва ҷумлаи он мухтасар аз абьёти ин услуб аст. Ва дар он ҷо байте оварда, ки ба сиву анд вазн онро метавон хонд.» Ам-

мо Рашид он байтро наёварда. Ва агар меовард, авло мебуд, то мардумро таваҳҳуми газоф нашавад.

Ва дар **«Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ»**[71] оварда, ки «шояд шоир бар вазне байте ё бештар гӯяд, ки агар баъзе аз алфози онро тарҳ кунанд, бар вазни дигар тавон хонд ва инро **маҷмаъ-ул-баҳрайн** низ гӯянд» ва мисол ин ду байтро оварда:

Нусратиддин, эй ҷаҳонбахше, ки **аз иқбол** ҳаст,
Теғи оламгири ту **рӯзи зафар** молик-риқоб.
Пардаи даргоҳу **акси нури** рои равшанат
Пардаи субҳи **саҳархез** асту нури офтоб.

Алфозе, ки тарҳ мекунанд, онҳост, ки ба сиёҳии баланд навишта шудааст. Ва ин қитъа бар баҳри рамали мусаммани мақсур аст. Ва чун алфозеро, ки ба сиёҳии баланд навишта шудааст, тарҳ кунанд — рамали мусаддаси мақсур мешавад.

Ва ба хотир чунон мерасад, ки агар маҷмаъ-ул-баҳрайнро бар ваҷҳе гӯянд, ки чун алфозро тарҳ кунанд, ҳамчунон ки он чи боқӣ монад, мавзун аст, он алфози тарҳшударо низ чун ҷамъ кунанд, мавзун бошад, аҳсан хоҳад буд, чунон ки:

**Баҳри худо** бишнав зи ман як нукта в-аз хотир мабар,
То бошадат **мири касе** пайваста ин хайлу ҳашам.
Ин дам ки меварзад ба ту **меҳру вафо** ҳар аҳли дил,
Меҳру вафо **мекун гаҳе,** бигзор ойини ситам.
Моро зи ғам охир **макуш,** гар мекушӣ, эй маҳ туро
Суде надорад чун кушӣ, **моро зи ғам** он дам на дам!

Ин қитъа бар баҳри раҷази мусаммани солим аст. Ва чун алфозе ки ба сиёҳии баланд навишта шуда, тарҳ кунанд, мусаддаси солим мешавад. Ва он алфозро чун ҷамъ кунанд — байте дигар мешавад мувофиқи абьёти боқимонда дар вазну қофия. Он байт ин аст:

Баҳри худо, мири касӣ, меҳру вафо
Мекун гаҳе, охир макуш моро зи ғам!

Ва агар инро **талаввун ма-ат-тавшеҳ** ном кунанд — бар тариқи тарсеъ ма-ат-таҷнис, муносиб аст, ба ҷиҳати он ки назар ба он, ки алфози боқия мавзун аст ба вазне, ки мухолифи вазни асли шеър аст, аз қабили муталаввин аст. Ва назар ба он, ки алфози тарҳшударо, ки мундариҷ буда, дар асли шеър чун ҷамъ кунанд, байте мешавад аз қабили мувашшаҳ.

Ва **«талаввун»** дар луғат — ранг ба ранг шудан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## ТАРОФУҚ

Иборат аст аз он, ки шеър бар ваҷҳе бошад, ки ҳар мисраи ӯро ба ҳар мисрае дигар аз вай, ки хоҳанд чун зам кунанд, байте бошад аз ҳамон шеър ва дар маънию қофияи ӯ ҳеҷ халал набошад, чунон ки:

Сарғаштаи маҳрухони хуршедвашам,
Доим зи рақибон ситаму ҷавр кашам.
Дар давр ба ғайри дурдии ғам начашам,
Бо меҳнату ранҷу хориву дард хвашам.

Муддате мадид буд, ки дар хотири ин камина мегашт, ки чунин санъате эътибор метавон кард, аммо тариқи гуфтани он ҳанӯз бандаро дарнаяфтода буд, то он, ки навбате ба маҷлиси ҳазрати Навоӣ расидам ва тақрибӣ пайдо шуд. Изҳори он маънӣ кардам. Ва чун сухан тамом кардам, филҳол он ҳазрат давоту қалам талабиданд ва филбадеҳа ин рубоиро гуфтанд:

Рӯи ту зи моҳи осмонӣ хуштар,
Қадди ту зи сарви бӯстонӣ хуштар,
Лаъли ту зи оби зиндагонӣ хуштар,
Нуткат зи ҳаёти ҷовидонӣ хуштар.

Аҳли маҷлис, ки аксар афозили рӯзгор ва хуштабъони номдор буданд, ҳама ҳайрон монданд ва ангушти таааҷҷуб ба дандон гирифтанд. Ва ин саргаштаи сари кӯяш инсоф ба ангуштон гирифт ва ҳарчанд ин кор ба афозили рӯзгор бисьёр аҷибу ғариб аст, аммо нисбат ба фазоили он олимиқдор қатраест аз муҳиту уммон ва заррае аз зарроти ҷаҳон. Байт:

Илоҳо, он ҷаҳони фазлу афзол
Бимонад ҷовидон бо иззу иқбол!

Ва ин санъатро, ки тарофуқ ном ниҳодаам, ба ҷиҳати он аст, ки **«тарофуқ»** дар луғат — ҳамроҳӣ кардан ва ба ҳам ёр будан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## МАҚРӮИ НАЗМУ НАСР

Иборат аст аз он, ки калом бар ваҷҳе бошад, ки зоҳиран наср бувад ва агар баъзе калимоти онро тафриқ кунанд ва ҳуруфи охири он калимотро илова ба ҷумлаи аввал созанд, он каломро ба тариқи назм та-

вон хонд. Ва мутаохирон инро мустаҳсан мешуморанд ва аксар дар макотиб ва руқъаҳо ба кор мебаранд, монанди ин руқъа, ки: «Баъди арзи ниёзу рафъи дуои бақои ҷаноби бо эъзози саёдатмуоб, баҳри фунуни фузун аз ҳисоб, дома фазоилаҳу афзалан, ба иззи арзи шарифаш расонам — он ки алоиқи айём оиқ аст, вагарна даме кай ҷудо шудӣ ба ҳавои дил аз остонааш, ки малози ҷамеи халоиқ аст, зулоли камолот мустадом ба ҳурмати аллом-ул-фақир: Ато».

Пӯшида намонад, ки агар баъзе калимотро тафриқ кунанд ва ҳуруфи авохири онро ба ҷумлаи дигар пайваст созанд, ин абьёт ҳосил мешавад:

Баъди арзи ниёзу рафъи дуо
-и бақои ҷаноби бо эъзо-
-зи саёдатмуоб, баҳри фуну-
-ни фузун аз ҳисоб дома фазо-
-илаҳу афзалан, ба иззи ар-
-зи шарифаш расонам он, ки ало-
-иқи айём оиқ аст вагар-
-на даме кай ҷудо шудӣ ба ҳаво-
-и дил аз остонааш, ки мало-
-зи ҷамеи халоиқ аст, зуло-
-ил камолот мустадом ба ҳур-
-мати аллом-ул-фақир: Ато.

Ва Шамси Қайс ин амалро аз навъҳои тазмин дошта ва гуфта: «ин ҷинс мутазаммини қабеҳ бошад».

Ва аз шуарои Аҷам ин навъ ашъор Сӯзанӣ[72] бар сабили ҳазлу зарофат гуфтааст.

## МАҚРӮ-УЛ-ЛУҒАТАЙН

Ва онро **мақрӯ-ул-лисонайн** низ мегӯянд.

Иборат аст аз мураккабе, ки онро ба ду забон тавон хонд — хоҳ он мураккаб назар ба ҳар ду забон муттаҳид бошад — ба ҷиҳати талаффуз танҳо; ва хоҳ муттаҳид бошад — аз ҷиҳати сурати китобат танҳо; ва хоҳ муттаҳид бошад ба ҳасаби талаффуз ва сурати китобат якҷоя.

Пас, ин санъат бар се навъ бошад.

**Аввал** — он, ки мураккаб назар ба ҳар ду забон муттаҳид бошад дар талаффуз, аммо дар сурати кито-

бат — мухталиф бошад, чунон ки малик-уш-шуаро Амир Хусрав[73] гуфтааст:

Баҳое хона дорӣ, бобҳо кун!
Ҳаводориву нодонӣ раҳо кун!

Ин байтро ба луғати форсӣ ва арабӣ метавон хонд. Аммо ба луғати форсӣ зоҳир аст. Ва аммо ба луғати арабӣ бар ин ваҷҳ аст, ки: Баҳоиро лақаби шахсе доранд, ё он, ки Баҳо исми шахс бошад ва музоф бошад ба «ё»-и мутакаллим, яъне Баҳои мин хонадорӣ — яъне хиёнат кард дар сарои ман. «Бобҳо кун»— яъне бар дари он саро бош! «Ҳаводорӣ» — яъне фуруд омад дар сарои ман. Ва «нодонӣ» — яъне овоз дод маро. «Раҳан» — яъне рафт. «Кун» — яъне бош!

Ва ин байт агарчи ба ҷиҳати талаффуз дар ҳар ду луғат муттаҳид аст, аммо ба ҳасаби сурат — мухталиф аст, чи онро чун ба форсӣ хонанд ва назар ба он тариқ кунанд, «хона»-ро ба «ҳо» мебояд навишт ва чун ба арабӣ хонанду назар ба он тариқ кунанд, бе «ҳо» мебояд навишт — ба ҷиҳати он, ки воҳиди музаккар мағоиби феъли мозӣ[74] аст муштақ аз хиёнат. Ва ҳамчунин «ҳаво»-ро назар ба тариқи форсӣ — ба «алиф» мебояд навишт; ва назар ба тариқи арабӣ — ба «ё» — ба ҷиҳати он, ки «алиф», ки дар ӯст, дар асл «ё» буда. Ва қоида — он аст, ки «алифе», ки дар охири калима бошад — ва ба асл «ё» буда бошад, вақте ки муттасил ба замир набошад, онро ба «ё» нависанд.

**Навъи дуюм** — ки он мураккаб назар ба ҳар ду забон муттаҳид бошад — ба ҳасаби сурати китобат, аммо дар талаффуз мухталиф бошад, монанди байте, ки дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои мисоли ин санъат оварда — аз баҳри раҷази мураббаи матвии мураффал ва мешояд, ки аз баҳри комили маҷруи музмари матвии мураффал бошад. Ва он байт ин аст:

Бод чуноне, ҷони баҳоре,
Оби наботе, зидди қароре.
Муфтаилотун муфтаилотун
Муфтаилотун муфтаилотун.

Ва ин байтро дар форсию арабӣ сурати китобат муттаҳид аст. Аммо чун ба форсӣ хонанд, ба ин тариқ мебояд хонд, ки мастур аст.

Ва агар ба арабӣ хонанд, баъзе аз ин ҳуруф ба ҳасаби талаффуз тағьир меёбад ва ба ин тариқ мебояд хонд, ки:

Бода чаноне чона наҳорӣ
Оба саботӣ садда қарорӣ.

«Бода чаноне» — яъне ҳалок шуд дили ман; «чона наҳорӣ» — яъне нест шуд рӯзи ман; «оба саботӣ» — яъне боз омад суботи ман*, яъне он кас, ки сабаби суботу бақои ман аст, «садда қарорӣ» — яъне боздошт қарору ороми маро, ё бозистод қарори ман.

**Навъи сеюм** — он, ки он мураккаб назар ба ҳар ду луғат дар талаффузи китобат муттаҳид бошад — монанди мисраи охири ин байт:

Гар дил хоҳӣ, нақде, ёро,
Вофӣ дорӣ — дорӣ чоро.

Мисраи дуюмро чун форсӣ доранд, маънии ӯ зоҳир аст. Ва чун арабӣ доранд, маънии «вофӣ дорӣ» — ин аст, ки «биё эй маҳбуба ба сарои ман»; ва маънии «дорӣ чоро» — ин аст, ки «мадоро кун бо ҳамсоя». Ва маънии ин байт ин ҳангом ин аст, ки: «агар дилро хоҳӣ, дам нақд, эй ёр, биё ба сарои ман ва мадоро кун бо ҳамсоя», яъне, «то омадани туро зоҳир насозад».

## МУЛАММАЪ

Иборат аст аз он шеър, ки баъзе аз ӯ ба забоне бошад ва баъзе ба забони дигар. Ва ин санъат он чи машҳур аст — он аст, ки як мисраъ аз арабӣ бошаду дигаре форсӣ, ё як байт аз арабӣ бошаду дигаре форсӣ.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки аз ин зиёда — то даҳ байт арабӣ ва даҳ байт форсӣ ҳам раво бошад ва аз ин зиёда набошад.

Аммо он муламмаъ, ки як мисраи ӯ арабӣ бошаду дигаре форсӣ, чунон ки:

Соҳиб-ур-роҳ мин-ар-раҳмат қад нодонӣ,
Ки биё, чониби майхона, чӣ саргардонӣ?
Гуфтамаш: роҳати дил металабам! Гуфт: «биё!»
Утлуб-ур-роҳат би-р-роҳ ва-толансонӣ [75]...

---

* Ин ҳамчунон аст, ки мегӯянд: «боз омад ороми чони ман», яъне «маҳбубе, ки сабаби ороми чони ман аст».

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» мисоле аз барои ин санъат наёварда.

Ва **«талмеъ»** дар луғат — рангоранг гардонидан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## ҲАЗФ

Иборат аст аз андохтани як ҳарф, ё бештар аз тамоми калом — монанди ин рубоӣ, ки дар вай «алиф» (ҳарфи «о») вуҷуд надорад:

Сарвест паричеҳраи ман, симбадан,
Бемисл ба ҳусни сирату хулқи ҳасан.
Хуршед бараш ба узр даъвӣ заду субҳ
Ҳар рӯз кунад теғу кафан дар гардан.

Ва мисоли маҳзуф-ул-алиф аз «Қасидаи маснӯъ» ин қитъа аст, ки аз мисраъҳои аввалии қасида ҳуруфи ӯ ба тартиб берун меояд — аз баҳри хафифи махбуни мақсур ва агар «син» (ҳарфи «с»)-ро дар «дастур» ҳаракат диҳанд дар тақтеи арӯз, ин мисраъ махбуни мақсур аст, монанди зарбҳо; ва агар сокин эътибор кунанд, чунон ки ҳаст — асламии мусаббағ мешавад, ки арӯз дар аксари абьёт махбуни маҳзуф аст:

Сифати садри маснади дастур
Мебарад зинати биҳишти барин.
Мекунад бахшишат ба базли дирам
Ҳамчу рӯи сипеҳр пушти замин...
Фаилотун мафоилун фаилон
Фаилотун мафоилун фаилон.

Аммо дар ҷузъҳои сойири байтҳо зиҳофоти дигар ҳаст, ки ба тааммул зоҳир мешавад ва ҳарфҳои манқутаро[76] аз калом ҳазф кунанд ва ҳама ҳарфи утл, яъне холӣ аз нуқта оранд — монанди ин рубоӣ:

Дар даври маҳи мо гули аҳмар дарҳам,
Дил ҳам маҳкури ҳалоку ҳар дам дарҳам.
Дорам дарду меҳри маҳи ӯ дар дил,
Дарҳам дорам дарду давову марҳам.

## АЪНОТ

Ва онро **тазйиқ** ва **ташдид** ва **илтизом** ва **лузуми моялзам** низ хонанд. Ва ин охир машҳури номҳои ӯст.

Аллома гуфта, ки иборат аст аз он, ки мутакаллим илтизом кунад дар саҷъ ва дар қофия пеш аз ҳарфи

равӣ чизеро, ки лозим набошад аз ҳаракате махсус бо ҳарфе муайян, хоҳ яке бошад ва хоҳ бисьёр, чунон ки:

Ҳаргиз набувад даме ҳузуру тарабам,
Ҳар лаҳза шавад зиёда ранҷу таабам,
Ҳар дам аламе дигар расад бесабабам,
Алқисса, ман аз толеи худ дар аҷабам.

Дар ин рубой пеш аз ҳуруфи равӣ, ки «бо» аст, ду фатҳа илтизом шуда, ки лозим нест.

Бар қавли аксар чи агар калимаи «кутубам»-ро бо «таабам» қофия созанд, ҷойиз аст. Ва бар қавли баъзе дигар фатҳаи аввал аз қабили лузуми моялзам аст ва фатҳаи дуюм лозим аст, чунон ки:

Ё раб, гунаҳам агар зи сар то қадам аст,
Доим дили ман аз он надим надам аст.
Навмед наям, ки бо вуҷуди карамат
Исьёни ману ҳазор чун ман адам аст.

Дар ин рубой низ пеш аз равӣ, ки «мим» аст, ду фатҳа, бар қавли аксар, илтизом карда шуда ва бар қавли баъзе дигар, як фатҳа ва як ҳарф низ илтизом шуда, ки лозим нест. Ва он ҳарфи «дол» аст, ки агар лафзи «карам аст»-ро бо лафзи «надам аст» қофия созанд, равост.

Ва чунон ки:

Доим дил ҳаст ба рӯят моил,
Ҳаргиз нашавад меҳри ту аз дил зоил.
Хуршеди рухи ту хубтар мебинам
Ҳоло, ки шуда ғубори хаттат ҳоил.

Дар ин рубой пеш аз равӣ ду ҳарф илтизом шуда, ки лозим нест ва он «алиф» ва «ё» аст. Чи агар калимаи «дил» ва калимаи «қотил»-ро бо калимаи «моил» ва «зоил» қофия созанд, ҷойиз аст.

Ва зоҳири каломи соҳиби **«Талхис»**[77] дар таърифи ин санъат мувофиқи Аллома аст.

Аммо Рашиди Ватвот гуфта, ки «ин санъат чунон бувад, ки дабир ё шоир аз баҳри ороиши сухан чизеро такаллуф кунанд, ки бар ӯ воҷиб набошад ва сухан бе он чиз дурусту тамом бувад, чунон ки дар охири асҷоъ ё дар охири абьёт пеш аз ҳуруфи равӣ ё ридф ҳарферо илтизом кунанд, ки агар накунанд, ҳеҷ зиён надорад». Ва ғарази ӯ — ороиши сухан бошад — чун «то»-и «китоб» ва «итоб» ва «қоф»-и «рақам» ва «бақам».

Ва Шарафи Ромӣ[78] дар **«Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ»** овар-да, ки аънот пеши арбоби назм он аст, ки шоир дар охири абьёт ҳарфе ё бештар лозим дорад қабл аз ҳуруфи равӣ ё равӣ ё ридф, ки бар ӯ лозим набувад, чунон ки «шароб» ва «шубоб» ва «шитоб», ки ҳар се-ро ҳарфи «шин» лозим аст. Ва чунон ки «ташриф» ва «таъриф» ва «тасриф», ки қабл аз ҳуруфи равӣ «то» ва «ро» лозим аст. Ва инро лузуми моялзам хонанд. Ва он чи ғайр аз қофия дар абьёт чизе лозим доранд, онро «лузум» гӯянд, чунон ки Камоли Исмоил[79] дар қасидае лафзи «мӯ» лозим дошта ва ин се байт аз он қасида аст:

Даҳанат як сари мӯясту ба ҳангоми сухан
Асари мӯйшикофии ту дар вай пайдост.
Ҳар сари мӯй аз он зулфи сияҳ пиндорӣ,
Дар димоғи ман шӯридарагӣ аз савдост.
Мӯ барояд ба кафу мӯи ту н-ояд ба кафам,
Бо чунин бахт, ки ман дораму ин хӯ, ки туност.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Бо ҷорияи симзақан рав сӯи саҳро!
Дар ҷоми зуҷоҷӣ[80] фикан оби инабиро!
Мафъӯлу мафоӣлу фаӯлун
Мафъӯлу мафоӣлу фаӯлун.

Ва **«аънот»** дар луғат — дар коре сахт афкандан аст.

Ва **«тазйиқ»** — кори танг фаро гирифтан.

Ва **«ташдид»** — сахтию машаққат бар касе ниҳодан.

Ва ваҷҳи тасмия дар ҳама зоҳир аст.

## ТАЗМИНИ МУЗДАВАҶ

Иборат аст аз он ки дар абьёт ё асҷоъ ду калима ё бештар паҳлӯи ҳам, ё қариб ба ҳам зикр кунанд, ки он алфоз дар ҳуруф ва ҳаракоти мӯътабара дар қавофӣ муттафиқ бошанд, чунон ки:

Дур аз рухи фаррухи маҳи меҳргусил
Шуд нуру сурур дур аз дидаву дил.
Рух — зарду ба сина дарду дар ҷон оташ,
Ман зору чунин, ёр зи корам ғофил.

Мисраи аввали ин рубой муштамил аст бар ду лафзи муттафиқ дар ҳуруфу ҳаракоти мазкура. Ва он ду лафз паҳлӯи якдигар воқеъ шудаанд. Ва мисраи дуюм муштамил аст бар се лафз ба тариқи мазкур. Ва мисраи сеюм муштамил аст бар ду лафзи муттафиқ дар ҳуруфу ҳаракоти мазкура, ки қариб ба якдигар мазкуранд. Ва мисраи чаҳорум муштамил аст бар се лафзи ба ҳамин тариқ.

Ва агар он алфози манқута дар ҳуруфу ҳаракоти мазкура дар вазн низ муттафиқ бошанд — мӯҷиби камоли ҷамоли он шавад, чунон ки:

Гузаштаам зи хонумон, туро ғуломи чокарам,
*Гарам дирам карам кунӣ в-агар биронӣ аз дарам.*

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри комили мусамман:

Чу расид фасли баҳору шуд чу баҳори Чин чаман аз суман
Ба нишоти об вазон хизон ба разон, чам эй ту баҳори ман!
*Мутафоилун мутафоилун мутафоилун мутафоилун*
*Мутафоилун мутафоилун мутафоилун мутафоилун.*

Ва зоҳири таърифи мазкур шомил нест онро, ки як лафз мувофиқи қофия дар ҳуруф ва ҳаракоти мӯътабара дар ӯ бо вай зам кунанд, монанди «чаман» — «суман», ки дар мисраи аввали ин байт воқеъ шуда.

Аммо баъзе гуфтаанд, ки ӯ низ дохили ин санъат аст.

Ва **«тазмин»** дар луғат — чизе дар миёни чизе ниҳодан аст.

Ва **«издивоҷ»** — бо якдигар ҷуфт шудан.

Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## МУТАЗАЛЗИЛ

Аллома гуфта, ки иборат аст аз он, ки дарҷ кунанд дар калом лафзеро, ки агар ӯро тағйир кунанд, маънӣ дигаргун шавад.

Ва авло дар таъриф он аст, ки гӯянд: мутазалзил — иборат аст аз он, ки дарҷ кунанд дар калом

лафзеро, ки агар ҳайъати ӯро, ки ҳосил шуда аз ҳаракату сукун ва ташдиду тахфиф ва мадду қиср — тағйир кунанд маънӣ низ мутағййар шавад.

Аммо он, ки тағйири маънӣ ба сабаби тағйири ҳаракате бошад ба ҳаракате дигар, монанди ин рубоӣ:

Гуфтам бо шайх: «зарқ буньёд макун!
Май нӯшу ба зӯҳди хушк иршод макун!
Фарьёд баровард, ки «мастӣ!» гуфтам:
«Хомӯш, охир, наъраву фарьёд макун!»

Агар «хор»-и калимаи «охир»-ро мақсур хонӣ, ҳаҷв нест, аммо мафтӯҳ хонӣ, ҳаҷв мешавад [81].

Ва аммо он, ки тағйири маънӣ ба сабаби тағйири ҳаракате бошад ба сукун, монанди ин рубоӣ, ки:

Ҳар кас бинӣ ту порсотавр ӯро,
Аз даҳр насиб нест ҷуз ҷавр ӯро.
В-он кас, ки бувад ринду ба майхона равад,
Гоҳе қадаҳ расад дар ин давр ӯро.

Агар «дол»-ро дар «қадаҳ» бо ҳаракат хонӣ, маънӣ он аст ки «гоҳе қадаҳи май, ки муроди ӯст, ба ӯ мерасад», ва агар сокин хонӣ («қадҳ»), маънӣ ин мешавад, ки: «гоҳе халале ба кори ӯ мерасад».

Ва аммо он, ки тағйири маънӣ ба сабаби тағйири ташдид бошад ба тахфиф, ё тағйири ҳаракат аз заммаба фатҳа, чунон ки:

Баҳри ҷӣ ё раб, ҳар дам аз он кӯ
Манъ кунандам сагони он кӯ?

Агар «сагон»-ро ба ташдиди «коф» хонӣ — маънии ӯ сокин аст ва ҳаҷв нест; ва агар ба тахфиф хонӣ — ҳаҷв мешавад *.

---

* Ва дар тақдири ташдиди «коф» байтро сақил мебояд хонд — бар вазни чаҳор «мустафъилотун», ки вазни охири маштури мураффал аст. Ва бар тақдири тахфифи «коф» байтро хафиф мебояд хонд — бар вазни «муфтаилотун муфтаилотун муфтаилотун мафоилотун», ки вазни раҷази маштури матвии мураффал ва махбуни мураффал аст.

Лафзи «сагон»-ро агар ба фатҳаи «син» ва тахфифи «коф» хонӣ—ба «гоф» аст—аз ҳуруфи махсусаи Аҷам аст; ва агар ба заммӣ «син» ва ташдиди «коф» хонанд ба «коф» аст, ки дар алфози арабӣ мебошад. Пас, дар ҷавҳари ҳарф низ тағйир бошад, аммо бинобар он, ки ин мусомиҳа, ки тафриқа намекунанд, миёни ин ду ҳарф шоеъ аст; он тағйир мултафит нашуда.

Ва аммо он, ки тағйири маънӣ ба сабаби тағйири қиср бошад — ба монанди ин рубоӣ, ки:

Дирӯз зи ҷаври золиме бадгавҳар
Афғон кардам пеши амини кишвар.
Гуфтам: «ё раб, ки гум шавад». Гуфт: «омин!
Ин навъ магӯ, дуо кунаш навъи дигар!»

Агар «омин»-ро дар мисраи сеюм мақсур хонӣ — ҳосили маънии байт ин мешавад, ки «золимро дуои бад кардам, амини кишвар маро насиҳат кард ва гуфт, ки «дуои бад макун, дуо кун, нек шавад!» Ва агар мамдуд хонӣ, маънӣ ин мешавад, ки золимеро дуои бад кардам, амини кишвар ба мувофиқати ман, дуои маро «омин» гуфт ва гуфт: «дар ҳаққи ӯ ин навъ дуо макун, дуо навъи дигар кун», яъне бадтар аз ин.

Ва Рашиди Ватвот гуфта: «ин санъат чунон бошад, ки дабир ё шоир дар назм ё дар наср лафзе орад, ки агар аз он як лафз як ҳарфро арабӣ бигардонӣ — сухан аз мадҳ ба ҳаҷв мубаддал шавад».

Ва ин таъриф ахз[82] аст аз таърифи Аллома ба ҷиҳати он, ки Рашид тағйир ва табдили маъниро тахсис карда ба он, ки аз мадҳ ба ҳаҷв бошад. Ва Аллома ин тахсис накарда. Ва зоҳиран сухани Аллома наздик аст ба савоб.

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои ин санъат мисоле наёварда.

Ва **«тазалзил»** дар луғат — ҷунбидан аст. Ва чун каломи муштамил бар санъати мазкур музтариб аст ва эҳтимоли он дорад, ки ба ҳар як аз ду тариқ хонанд ва ба ҳар тариқ иродаи маънии дигар кунанд. Ва ӯро мутазалзил ном ниҳоданд.

## МУРАББАЪ

Иборат аст аз он, ки чаҳор мисраъ, ё чаҳор байт гуфта шавад, ки чун бинависанд ҳам аз ҷониби тӯл тавон хонд ва ҳам аз ҷониби арз. Аммо **мураббаъ-ул-мисраъ,** чунон ки:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аз фурқати | он дилбар | ман доим | беморам, |
| Он дилбар, | к-аз ишқаш | бо дардам- | -у бедорам. |
| Ман доим | бо дардам, | бемӯнис- | -у беёрам, |
| Беморам- | -у бедорам- | -у беёрам- | -у ғамхорам. |

Дар баъзе нусхаҳои **«Ҳадоиқ-ус-сеҳр»** ин мураббаъро нисбат ба Юсуфи Арӯзӣ карда, ки дар тамҳиди қавоиди арӯзи Аҷам ба мисли Халил ибни Аҳмад аст дар арӯзи араб.

| | | | |
|---|---|---|---|
| Чи гӯям | нигоро, | зи ишқат | чи сонам? |
| Нигоро, | ба ҷонам | чиҳо шуд | надонам, |
| Зи ишқат | чиҳо шуд, | зи ҳаҷрат | ҷафо шуд, |
| Чи сонам? | надонам, | ҷафо шуд | ба ҷонам*. |

Аммо **мураббаъ-ул-абьёт,** чунон ки:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Нигорино, бигӯ бо ман | чаро чандин ҷафо кардӣ? | намудӣ меҳру дил бурдӣ | чаро тарки вафо кардӣ? |
| Чаро чандин ҷафо кардӣ? | чу мегӯӣ: «ба ту ёрам» | чаро тарки вафо кардӣ? | ба мо гар ту сафо кардӣ. |
| Намудӣ меҳру дил бурдӣ | чаро тарки вафо кардӣ? | ба лутфам ҷон чу бахшидӣ, | чаро қасди фано кардӣ? |
| Чаро тарки вафо кардӣ? | ба мо гар ту сафо кардӣ, | чаро қасди фано кардӣ? | ба мо чун ҷон ато кардӣ. |

* Шамси Қайс мураббаъ ва монанди онро дохили мувашшаҳ дошта ва гуфта, ки: «он чи бар излоъ шакле ниҳанд, чунон ки тӯлан ва арзан тавон хонд, онро **музаллаъ,** хонанд». Ва мисоле, ки аз барои музаллаъ овардааст — «Аз фурқати он дилбар...»

Агар мисли ин амал дар шаш байт, масалан*, ба кор доранд, онро **мусаддас** ном кардан муносиб аст, чунон ки:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Дорад дилам | чандини ту | беҳад алам | бинмой рух, | эй бевафо, | бас шуд ситам, |
| Аз ҳаҷри ту | ранҷу алам | то кай кашам? | баҳри худо, | як дам биё | эй мӯҳташам! |
| Беҳад алам | то кай кашам? | аз ҷаври ту | лутфе намо | то кай ҷафо? | гаштам адам! |
| Бинмой рух, | баҳри худо, | лутфе намо, | охир, биё, | бар ҳарфи ғам | даркаш қалам! |
| Эй бевафо, | як дам биё | то кай ҷафо? | бар ҳарфи ғам | даркаш қалам | ту аз карам! |
| Бас шуд ситам, | эй мӯҳташам, | гаштам адам, | даркаш қалам | ту аз карам | охир, ба ғам! |

## МУДАВВАР

Назмеро гӯянд, ки дар китобат бар шакли доира ниҳанд ва чанд мавзеъ чунон бошад, ки аз ҳар як аз онҳо, ки оғоз кунанд — назм ва маънии он мустақим бошад.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки мудаввар — байтеро гӯянд, ки аз ҳар тараф оғоз кунӣ, тавон хонд. Ва ин бозии кӯдакон аст.




## МУШОКИЛА

Он аст, ки мазкур шавад чизе ба лафзе, ки дар урф дар ғайри ӯ мустаъмал бошад, бинобар он, ки он чиз мусоҳиб ё муқо-

* Лафзи «масалан» ишорат аст ба он, ки метавонад, ки мисли ин амал дар шаш мисраъ эътибор кунанд, ё дар ҳашт мисраъ, ё дар ҳашт байт, ё зиёда.

рини он ғайр бошад ба ҷиҳати лафз, ё ба ҷиҳати тақдир.

Аммо он, ки мусоҳиб ба ҷиҳати лафз бошад, чунон ки:

Кунад гар бар ту зулм аз кин бандандеш,
Ту ҳам он зулм кун бар вай, на з-он беш!

Зоҳир аст, ки он чи дар муқобили зулм кунанд, зулм нест. Аммо ба тариқи мушокила итлоқи «зулм» бар он воқеъ шуда. Ва аммо он, ки мусоҳиб ба ҷиҳати тақдир бошад, чунон ки гӯй касеро, ки эътиқоди ӯ ин бошад, ки ҳарчи рангин аст, хуб аст ва ҳарчи беранг аст, хуб нест, байт:

Чи рангин гуфт он пири хирадманд,
Ки ҳаргиз дил манеҳ бар молу фарзанд.

Ва **«мушокила»** дар луғат — мушобиҳат аст.

* * *

## САНЪАТИ ДУЮМ

### ДАР БАЁНИ САНЪАТҲОИ МАЪНАВИЯ

Ва ин ду навъ аст:

**Аввал** — он, ки пеши ҳамаи донишмандони араб ва шуарои Аҷам дохили саноеъ аст;

**Навъи дуюм** — он, ки пеши шуарои Аҷам аз қабили саноеъ аст ва фусаҳои араб ба иттифоқ онро муҳассаноти зотияи калом доштаанд, ки баёни он вазифаи илми маонӣ ва илми баён аст. Ва аз саноеи бадеия, ки баёни он вазифаи илми бадеъ аст, надоштаанд, чи он хос аст ба муҳассаноти аразия, чунон ки дар Тамҳид мазкур шуд.

### Навъи аввал

### ТАВҶЕҲ

Онро **мӯҳтамил-ул-зиддайн** низ гӯянд, эроди калом аст бар ваҷҳе, ки эҳтимоли ду ваҷҳи мухталиф дошта бошад, чунон ки:

Дид чун меҳроби абрӯи бутони ишвасоз,
Ҷои он дорад, ки шайхи шаҳр бигзорад намоз.

Ва баъзе гуфтаанд, ки мурод аз ду ваҷҳи мухталиф он ду ваҷҳ аст, ки дар миёни эшон ғояти ихтилоф бошад. Ва аз ин сабаб ин санъатро «мӯҳтамил-ул-зиддайн» мегӯянд. Ва пеши ин камина он аст, ки агар ин тахсис накунанд, беҳтар аст — ба ҷиҳати он ки эроди калом бар ваҷҳе, ки мӯҳтамил бошад ду ваҷҳи гуногунро, ки зидди якдигар набошад — монанди лафзи «бар» дар мисраи охири ин байт:

Бо хулди барин коми ман барнаёяд,
Ниҳоли умедам чу дар бар наёяд.

Ин аз ин санъат хориҷ мешавад ва онро алоҳида номе накардаанд ва дар боқии саноеи маънавия до-

хил, чунончи, маълум хоҳад шуд. Ва он ки ин санъатро мӯҳтамил-ул-зиддайн ном кардаанд, мешояд, ки ба эътибори аксари афрод бошад. Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «мӯҳтамил-ул-зиддайн ва ин санъатро **зул-л-ваҷҳайн** низ хонанд — чунон бошад, ки шоир байте хонад, ду маънӣ, яъне мадҳ ва ҳаҷвро мӯҳтамил бошад».

Ва Алломаи Тафтозонӣ тафсири зиддайнро ба мадҳу мазаммат аз баъзе аз аҳли араб дар шарҳи **«Мифтоҳ»** нақл карда. Ва пеши банда ин тафсир ҳам ҳукми тахсиси собиқ дорад ва дар китобҳои мӯътабар низ дида нашуд.

Мисоли мӯҳтамил-ул-зиддайн аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри ҳазаҷи ахраби мақбузи мақсур:

Дард аст ба дасти дӯстат хор,
Нур аст ба чашми душманат нор.
Мафъӯлу мафоилун мафоил
Мафъӯлу мафоилун мафоил.

Ва **«тавҷеҳ»** дар луғат — рӯй фаро гардонидан аст.

Ва чун каломи муштамил бар ин санъатро аз ҳар маънӣ, ки хоҳад рӯй фаро метавон гардонид ва ҳамл бар маънии дигар кард, эроди каломро бар ин ваҷҳ тавҷеҳ ном кардаанд.

## ИҲОМ

Ва онро **таврия** низ гӯянд.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ӯро **тахйил** низ мехонанд».

Иборат аст аз овардани лафзе дар калом, ки аз вай он ҷо ду маънӣ мунфаҳм гардад[1] — яке қариб ба фаҳм ва дигаре баид, яъне дур аз фаҳм. Ва ин санъат бар ду қисм аст:

**Қисми аввал** — он ки таврия муҷаррад бошад аз чизе, ки мулоими маънии қариб аст. Ва аксар истеъмоли ин дар каломи бузургон аз барои парҳез кардан аз дурӯғ аст дар маҳалле, ки маслиҳат дар он аст, ки мухотаб[2] гумон барад, ки муроди мутакаллим[3] маънии дигар аст. Ва онро таврияи муҷаррад мегӯянд, чунон ки:

Хуш он дам, ки бо ёр гирам канор,
Ки гардад халос аз ғам ин ҷони зор.

Пӯшида намонад, ки аз маънии «канор» — даст дар оғӯш кардан фаҳм мешавад ва он қариб аст ба фаҳм дар ин калом. Ва маънии «канора гирифтан» аз мардум низ фаҳм мешавад ва он дур аст ин ҷо. Ва мурод он аст. Бинобар қаринаи хуфия ва он — ин аст, ки халосӣ аз ғаму алам ҷуз ба дурӣ аз аҳли олам муяссар намешавад.

**Қисми дуюм** — он, ки таврияи муқорун бошад ба чизе, ки мулоими маънии қариб аст. Ва онро **таврияи мувашшаҳ** низ гӯянд, чунон ки:

Сӯи нахле, ки аз меҳраш ҳазинам,
Равам сад бору як бораш набинам.

Зоҳир аст, ки аз лафзи «як бор» ду маънӣ мунфаҳм мегардад — яке як карат ва ин маънии қариб аст ба фаҳм аз ин калом; ва дигаре — як мева ва ин маънии дур аст ин ҷо. Ва мурод ин маънӣ аст, бинобар қаринаи хуфия. Ва он ин аст, ки аз маҳбуб ба нахл таъбир дода шуда. Ва агар мурод маънии қариб будӣ, муносиб он буд, ки аз ӯ ба «моҳ» таъбир воқеъ шавад, ки муносиби лафзи «меҳр» аст. Ва ин таврияи муқорун аст ба чизе, ки мулоими маънии қариб аст ва он лафзи «сад бор» аст.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Сабо чун шасти зулфат баркушояд,
Зи тири чарх бонги «зеҳ» барояд.
МафоӢлун мафоӢлун фаӯлун
МафоӢлун мафоӢлун фаӯлун.

Ва мебояд донист, ки зикри «ду маънӣ» дар таъриф аз барои он аст, ки дар таҳқиқи иҳом лоақал он мебояд, на аз барои инҳисор дар он. Мешояд, ки дар калом лафзе оварда шавад, ки аз вай зиёда аз ду маънӣ мунфаҳм шавад — баъзе қариб ва баъзе дур. Ва мурод — маънии баид бошад, монанди лафзи «бедор» дар ин рубоӣ:

Он шӯх, ки аҳли ишқ бисьёр кушад,
Он навъ кушад, ки шаҳна айёр кушад.
Бехонаву бехоб ба кӯяш гардам,
То раҳм кунад бар ману бедор кушад.

Аз лафзи «бедор» маънии «бехона» ва маънии «бехоб» мунфаҳм мегардад ва ин ду маънӣ қариб аст ба фаҳм дар ин байт. Ва маънии «бе дор», ки дуздону

айёронро бар он мекашанду мекушанд, низ фаҳм мешавад — ва ин маънии баид аст аз фаҳм ин чо. Ва мурод ин маънӣ аст. Бинобар қаринаи хуфия, ки он мулоҳиза ҳосил-ул-маънии байти аввал аст ва иртиботи байти сонӣ ба он ва эроди мисли ин лафзро дар калом **иҳоми том** мегӯянд.

Ва бидон, ки дар ин аср пеши шуарои Аҷам шӯҳрати тамом ёфта, ки иҳом эроди лафз аст дар калом, ки аз вай зиёда бар як маънӣ қасд тавон кард — хоҳ он маонӣ дар наздик ва дур ба ҷиҳати фаҳм бошанд, чунон ки гузашт ва хоҳ мутасовӣ бошанд, монанди лафзи «дар дам» дар ин байт:

Дам нигаҳ медораму аз ранҷи дил хун мехӯрам
З-он ки дар дам ҳаст нафъе бениҳоят дархурам.

Бар арбоби фаҳм махфӣ нест, ки аз лафзи «дар дам» се маънии мутасовӣ дар фаҳм ин ҷо мунфаҳм мешавад. Ва эроди мисли ин лафз, ки маонии вай дар қурбу баид ба ҳасаби инфиҳом мутасовӣ бошанд дар калом, пеши аҳли таҳқиқ аз қабили иҳом нест, пас, ин санъатро дохили тавҷеҳ мебояд дошт — бинобар он ки ду ваҷҳи мухталифро, ки дар таърифи тавҷеҳ мазкур аст, тахсис накунанд ба он ду ваҷҳ, ки зидди якдигар бошанд. Ва агар ин тахсис кунанд, ин санъатро номе дигар мебояд ниҳод. Ва агар **тасвия** ном кунанд, муносиб менамояд.

Ва **«иҳом»** дар луғат — ба гумон афкандан аст.

Ва ваҷҳи тасмия он аст, ки овардани лафзе дар калом, ки ӯро маънии қариб ба фаҳм бошад, ғайри мурод ба гумон афкандан аст мухотабро, ки он маънии қариб бошад. Ва **«таврия»** дар луғат —пӯшонидани чизест ва изҳори чизе дигар. Ва **«тахйил»** дар луғат — касеро ба хаёл ва гумон афкандан аст.

## ТАЪКИД-УЛ-МАДҲ БИ МО ЯШБАҲУ-З-ЗАММ[4]

Таърифи ин санъат аз номи ӯ маълум мешавад. Ва аз ин сабаб аксар арбоби ин фан ӯро таъриф накардаанд.

Соҳиби **«Эзоҳ»** гуфта, ки ин санъат бар ду навъ аст:

**Навъи аввал** — ва он афзал аст — он аст, ки аввал сифати заммӣ, яъне мазамматро нафӣ кунанд[5] аз чизе, баъд аз он сифати мадхро истисно кунанд аз он си-

фати замм, бинобар фарз тақдири духули ин сифати мадҳ дар он сифати замм, чунон ки:

Надорад ҳеҷ айбе наргиси ёр
Ҷуз ин, к-аз ноз бемор аст бисьёр.

Ва маънии ин истисно он аст, ки агар бисьёр бемории наргиси маҳбуб аз ноз айб аст, наргиси ёр айбе дорад, ва агар не — не. Ва маҳол аст, ки ҳеҷ оқил онро айб шумурад. Пас, исбот дар вай таълиқ ба маҳол бошад. Ва ҳар чизе, ки муаллақ [6] аст ба маҳол, субути ӯ маҳол аст. Пас, субути айб дар вай маҳол бошад.

Ва ваҷҳи таъкиди мадҳ дар ин навъ ду чиз аст: яке — он ки исботи мадҳ ин ҷо бадалел шуда, чунончи мазкур шуд; ва дигаре — он ки истисно аз сифати заммi манфӣ тақозои бароварданi чизе мекунад аз ҷинси он сифат, ки агар истисно набудӣ, дар вай дохил будӣ ва ихроҷи чизе аз ҷинси сифати заммi манфӣ мусталзами исботи баъзе аз сифатҳои мазаммат аст. Ин тақозо назар ба зоҳир дар калом аст. Пас, ҳар гоҳ, ки дар истисно сифати мадҳе исбот карда шуд, равшан шуд ба он, ки мутакаллим дар мамдӯҳ [7] ҳеҷ сифати зам наёфта, ки исбот кунад ва музтар шуда ба исботи сифати мадҳ. Пас, мадҳ дар мадҳ шуд. Ва мадҳи аввал таъкид ёфт ба мадҳи сонӣ. Ва чун мадҳи сонӣ монанди замм аст — ба ҷиҳати он, ки савқи калом тақозои он мекунад, ки замм бошад, чунон чи гузашт.

Пас, таъкид-ул-мадҳ би мо яшбаҳу-з-замм мутаҳаққақ [8] шуд.

**Навъи дуюм** — он аст, ки исбот кунанд аз барои чизе сифати мадҳе ва истисно кунанд аз он сифати мадҳи дигар мар ӯро, чунон ки:

Адлу инсофи ту, шоҳо, ба камол аст, валек
Ин қадар ҳаст, ки дар базл надорӣ инсоф.

Ва ваҷҳи таъкиди мадҳ дар ин навъ — он аст, ки истисно аз сифати мадҳи мусбат иқтизои ихроҷи [9] чизе мекунад аз он сифат, ки агар истисно набудӣ, дар вай дохил будӣ. Ва ин ихроҷи мусталзами [10] нафйи баъзе аз сифоти мадҳ аст. Пас, ҳар гоҳ дар истисно сифати мадҳе дигар исбот карда шуд, ашъор шуд ба он, ки мутакаллим ҳеҷ сифати мадҳро аз мамдӯҳ манфӣ наёфта. Ва ин мадҳ бар мадҳ аст. Ва чун дар ин навъ ваҷҳи таъкид якест ва дар навъи аввал — ду, пас, навъи аввал афзал бошад.

Ва ҳам соҳиби **«Эзоҳ»** гуфта, ки аз таъкид-ул-мадҳ би мо яшбаҳу-з-замм навъе дигар ҳаст ва он — ин аст, ки мустасно минҳу [11] маҳзуф бошад, яъне партофта шавад. Ва он феъл, ки мустасно минҳу маҳзуф ба вай тааллуқ дорад, муштамил бошад бар маънии замм ва мустасно муштамил бошад бар маънии мадҳ, чунон ки дар мисраи дуюми ин байт:

Бузурги шаҳр, ки будаш камоли қайди улум,
Накард айб маро ҷуз ба тарки қайди русум.

Ва пӯшида намонад, ки ин «қайд», ки мустасно минҳу махзуф бошад, бефоида аст — ба ҷиҳати он, ки агар мустасно минҳу низ мазкур бошад, навъе дигар аст ва дохили ҳеҷ як аз ду навъе собиқ нест, чунон ки:

Накард шайх зи мо айб ҳеҷ чиз магар
Ҳамин ки ринду қаландарвашем, ақл такар.

Ва ин навъ — мисли навъи аввал аст дар он, ки ифодаи таъкид аз ду ваҷҳ мекунад.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри мутадорики солим:

Ҷоми май рӯзу шаб бо лабат дар тараб,
Лек аз ин ғам маро мерасад ҷон ба лаб.
Фоилун фоилун фоилун фоилун
Фоилун фоилун фоилун фоилун.

Дар мисраи аввал, ки гуфта: «ҷоми май бо лаби ту дар тараб аст» — мухотабро мадҳ карда бо он, ки лаб накӯ дорад ба ҳайсияте, ки «ҷоми май», ки ҷимод аст, бо вай дар тараб аст. Ва дар мисраи дуюм ҳамон мадҳро таъкид карда — ба ҷиҳати он, ки гуфта, ки: «ҷони ман ба лаб меояд, аз ғаму рашки он, ки ҷоми май бо лаби мухотаби ман дар тараб аст». Ва ҳар гоҳ, ки чунин бошад, лаби мухотаб дар ғояти хубию марғубӣ бошад, ки мутакаллимро тааллуқ ба вай ба ҳайсияте шуда бошад, ки намехоҳад, ки лаби ҷоми май низ ба он лаб расад.

Ва бидон, ки мисли санъати таъкид-ул-мадҳ би мо яшбаҳу-з-замм дар ғайри мадҳ ва замм низ мебошад, чунон ки дар ин байти машҳур:

Дар шаҳр касе нест, ки ӯ май нахӯрад
Илло ману мӯҳтасиб, ки мо низ хӯрем!

Лекин бинобар қиллат [12] инро аз дараҷаи эътибор соқит сохтаанд.

## ТАЪКИД-УЗ-ЗАММ БИ МО ЯШБАҲУ-Л-МАДҲ[13]

Таърифи ин санъат низ аз номи ӯ маълум мешавад. Ва соҳиби **«Эзоҳ»** гуфта, ки ин низ бар ду навъ аст:

**Навъи аввал** — ва он афзал аст — он аст, ки истисно карда шавад аз сифати мадҳӣ, ки манфӣ бошад аз чизе сифати заммӣ мар он чизро бинобар фаразу тақдир духули ин сифати замм дар он сифати мадҳ, чунон ки:

Дар ин замона маҷӯ аз касе тариқи вафо,
Ки нест аҳли замонро ҳунар ба ғайри ҷафо.

Ва таҳқиқи маънии истисно ва ҳақиқати таъкид аз ду ваҷҳ бар қиёси навъи аввал аз таъкид-ул-мадҳ би мо яшбуҳу-з-замм аст.

**Навъи дуюм** — он аст, ки исбот карда шавад барои чизе сифати заммӣ ва истисно карда шавад аз он сифати замме дигар барои ӯ, чунон ки:

Воизи шаҳр, агарчанд бад аст атвораш,
Ин қадар ҳаст, ки дил тира кунад гуфтораш.

Ва зоҳир аст, ки навъи сеюм ба ҳамон тариқ, ки дар таъкид-ул-мадҳ би мо яшбаҳу-з-замм мазкур шуд, ин ҷо мутаҳаққақ аст, чунон ки:

Касеро, ки некӯ набошад сиришт,
Накӯ нест ӯро ба ҷуз хӯи зишт.

## ИДМОҶ

Бар қавли машҳур — иборат аст аз мутазаммин сохтани каломе, ки мазкур бошад аз барои маънии муайяне дигар — хоҳ ин ду маънӣ аз қабили мадҳ бошанд, ва хоҳ набошанд, чунон ки:

Баски сар бардораму монам ба болин то саҳар,
Дар шаби ҳаҷри ту гӯё аз аҷал дорам ҳазар.

Ин каломи мазкур аз барои изҳори бехобӣ аст дар шаби ҳаҷри маҳбуб ва мутазаммин аст маънии дигарро ва он — изҳори қурби ҳалок аст аз нотавонӣ ба сабаби аламу ҳиҷрон.

Ва Аллома гуфта, ки идмоҷ бар ду қисм аст:

**Қисми аввал** — он аст, ки тасреҳ ба маънии аз фанне аз фунуни калом, яъне навъе аз анвои ӯ мутазаммин бошад киноятро аз маънии дигар, аз фанне дигар аз фунуни калом, чунон ки:

Гузошт чарх муҳиммоти дигарон батамом,
Гирифт пеши муҳиммот довари даврон.
*Бигуфтамаш, ки: «наку рафтӣ, эй фалак, аҳсант,*
Муҳимму кор ҳамин аст, хуш бикӯш ба ҷон!»

Тасреҳ ба таҳсини фалак дар фурӯ гузоштани муҳиммоти ғайри мамдӯҳ ва пеш гирифтани муҳиммоти ӯ, ки аз фанни таҳният аст, мутазаммини киноят аз халали аҳвол ва муҳиммоти мадҳкунанда, ки аз фанни шикоят аст.

**Қисми дуюм** — он аст, ки қасд кунад мутакаллим ба навъе аз муҳассаноти бадеӣ ва дар зимни вай навъе дигар эрод намояд, чунон ки:

Гирьям аз ҳаҷри ту, ҷоно, рӯзу шаб,
Раҳм кун, *охир, сӯи хешам талаб!*

Қасди мутакаллим аз «рӯзу шаб» муболиға аст ва дар зимни ӯ тибоқ оварда. Баёни ин ду муҳассан, ки санъати муболиға ва санъати тибоқ аст, баъд аз ин хоҳад омад.

Ва **«идмоҷ»** дар луғат — чизеро дар ҷома печидан аст.

Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## ТАЪЛИҚ

Аллома гуфта, ки ин санъат низ бар ду қисм аст:

**Қисми аввал** — он, ки мутакаллим эрод намояд дар навъе аз анвои калом маънии тамомеро, ки дар вай тавтеҳ ва тамҳид[14] бошад мар маънии дигарро, ки баъд аз ӯ зикр хоҳад кард — хоҳ ин маънӣ аз навъе маънии аввал бошад ва хоҳ набошад.

Аммо он, ки маънии дуюм аз навъе маънии аввал бошад, чунон ки:

Шайх бетақриб доим васфи май аз ҳад барад,
Мекунад изҳори шурбу гар бигӯӣ, бад барад.

Дар ин байт эрод ёфта дар навъи ҳаҷв маънии тамоме ва он доим бетақриб васфи май кардан аст. Ва дар ин маънӣ тамҳиди маънии дигар ҳаст аз ҳамин навъ ва ин ҳамоқат аст, ки худ изҳори шурб мекунаду агар касе дигар гӯянд — онро мазмум мешуморад ва аз он бад мебарад.

Ва аммо он, ки маънии дуюм аз навъи маънии аввал набошад, чунон ки:

Атой, дур аз он дар ғирья дорад рӯзу шаб, гӯё
Ғубори фитнаҳои даҳр мехоҳад, ки биншонад.

Дар ин байт эрод ёфта маънии тамом дар навъи ишқу ошиқӣ; ва дар ин маънӣ тамҳиди маънии дигар аст ва он шикоят аз фитнаҳои даҳр аст.

## ҲАЗЛУНИ ЭРОД БИ-Л-ҶИДДИ[15]

Иборат аст аз он, ки калом бар тариқи ҳазл ронанд ва мурод ҷидд бошад, чунон ки:

«Май басе нӯшанд аҳли Исфаҳон», гуфто касе,
Гуфтамаш: «он ҳасту қай ҳам мехӯранд эшон басе».

Мисраи дуюм бар тариқи ҳазл воқеъ шуда, аммо мурод ҷидд аст — чи дар Исфаҳон асал бисьёр мехӯранд ва он қайи занбӯр аст.

## ТАҶОҲУЛИ ОРИФ

Иборат аст аз он, ки мутакаллим чизеро донаду худро чунон намояд, ки намедонад бинобар нуктае.

Ва соҳиби **«Мифтоҳ»** ин санъатро **савқ-ул-маълум мусоқи ғайра** ном карда, яъне рондани сухани маълум дар маҳалли рондани ғайри маълум. Ва гуфта: «ман дӯст намедорам ном кардани ин санъатро ба таҷоҳул».

Ва нуктаҳое, ки таҷоҳул бинобар он воқеъ мешавад, бисьёр аст. Ва баъзе аз он ба тариқи мисол дар ин ғазал дарҷ ёфта:

Маро ё раб, дигар шуд ҳол, ё рӯзи висол аст ин?
Ба ҳоли худ наям боре, намедонам, чӣ ҳол аст ин?
Саводе менамояд чун маҳи нав пеши чашми ман,
Намедонам, хами абрӯи ҷонон, ё хаёл аст ин?
Рақибо, ҳоли моро нест асло дар ту таъсире
Ту сангӣ, ё кулӯхӣ з-он, ки аз инсон маҳол аст ин?
Чаро, эй меҳр, худро мекашӣ, боло намебинӣ?
Маҳи рӯяш намедонӣ, ки ҳангоми завол аст ин?
Чу дид он маҳ маро бар сӯхта ранг аз сафар гуфто:
Атоиро намемонад, муборак, ё ҳалол аст ин?

Таҷоҳул дар байти аввал — аз барои изҳори таҳайюр аст; ва дар байти дуюм — аз барои муболиға дар мадҳ; ва дар байти сеюм — аз барои муболиға дар замм; ва дар байти чаҳорум аз барои сарзаниш кардан; ва дар байти панҷум — аз барои ҳазл.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри мунсареҳи мусаммани матвии маҷзӯъ:

Боди баҳор аст, ё насими абир аст?
Ё асари гарди хоки пои вазир аст?
Муфтаилун фоилот муфтаилун фоъ
Муфтаилун фоилот муфтаилун фоъ.

Ва нуқтаи таҷоҳул дар ин байт муболиға дар мадҳ аст.

Ва аз қабили таҷоҳул-ул-ориф аст он, ки чун хоҳанд, ки аз шахсе, ки исму сифати ӯ маълуми ӯ бошад, чизе нақл кунанд, ки эътиборе надошта бошад, ғӯянд шахсе чунин гуфт, ё он, ки онро аз ҷамоати мардум маълум нақл кунанд ва гӯянд, ки «баъзе мардум чунин мегуфтанд». Ва нукта дар ин таҷоҳул таҳқир аст.

Ва **«таҷоҳул»** дар луғат — хешро нодон сохтан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## ТАЛМЕҲ

Иборат аст аз ишорат кардан дар мазмуни калом ба қиссаи машҳур, ё шеъре нодири машҳур, ё масале машҳур. Ва аммо ишорат ба қиссаи машҳур, чунон ки:

Нури чашмам, бе гули рӯят, ба бӯстон ҳоли ман
Гашта ҳамчун ҳолати Яъқуб [16] дар байт-ул-ҳазан.

Ва аммо ишорат ба шеъре нодири машҳур, чунон ки:

Пеши ман ҳосили кавнайн бувад чун як ҷав
Мазраи чарх ҷаро бинаму доси маҳи нав?

Дар ин байт ишорат аст ба ин байти нодири машҳур, ки Хоҷа Ҳофиз [17] гуфта:

Мазраи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав,
Ёдам аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав.

Ва аммо ишорат ба масале машҳур, чунон ки:

Ашкро дар дида парвардам, басе охир маро
Кард расвои ҷаҳоне, дод некиро ҷазо.

Ва соҳиби **«Эзоҳ»** ва соҳиби **«Табьён»** ишорат ба масалро дохили талмеҳ надошта. Ва Алломаи Шерозӣ [18] гуфта, ки баъзе аз олимон эроди баъзе алфози масалро дар калом — **иқтибос** мегӯянд ва эроди масалро ҳамчунон ки ҳаст — **тазмин.**

Ва ин хилофи мутаориф[19] ва машҳур аст, чунон ки баъд аз ин маълум хоҳад шуд.

Ва Алломаи Тафтозонӣ гуфта, ки ин санъат талмеҳ аст ба тақдими «лом» бар «мим». Ва аммо тамлеҳ — ба тақдими «мим» бар «лом» — овардани чизест, ки дар вай малоҳате ва зарофате бошад. Ва итлоқи он бар санъати мазкура хатои маҳз аст. Ва оғозкунандаи ин хато — Алломаи Шерозӣ аст, ки ӯ ҳар дуро яке дошта ва баъд аз вай ин ғалат ҷорӣ ёфта, чунон ки баъзе мардум инро мазҳабе сохтаанд.

Ва бидон, ки баъзе аз талмеҳ монанди луғз аст — дар он, ки мақсуд аз вай маънии зоҳира нест, балки мақсуд — он маънӣ аст, ки ба тариқи имо адо ёфта; чунон ки мегӯянд, ки яке аз зарифони Самарқанд ба ҷавоне хуросонӣ гуфт, ки «ҳар аз барои барнишастан бисьёр хуб аст, агар наъраву фарьёд назанад». Ҷавони хуросонӣ гуфт: «оре, аммо дар гузаштан бар ях бисьёр оҷиз аст».

Зарифи самарқандиро мақсуд — ишорат ба он қитъа буд, ки яке аз аҳли Самарқанд гуфтааст:

Баршист ба хар-бар чу ҷавоне зи Хуросон
Харрак ба фиғон омаду фарьёд, ки эй зост:
Чун тунд назар кард ба вай, монд фиғонро
Гуфто: «зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост!»

Ва мақсуди хуросонӣ — ишорат ба ин қитъа буд, ки дар ҷавоби он гуфтаанд:

Бар ях чу гузар кард зарифе зи Самарқанд,
Ях нола баровард, ки «ҳайҳот, чи сармост».
Чун нек назар кард самарқандӣ, худ дид —
Гуфто: «зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост!»

Ва Шамси Қайс талмеҳро маъние дигар гуфта. Ва дар фоида, ки аз барои маънии баёни итноб ва мусовот ва эҷоз баъд аз баёни тарҷеъ мазкур хоҳад шуд, он маънӣ мубайан[20] хоҳад шуд.

Ва **«талмеҳ»** дар луғат — назар сӯи чизе афкандан аст.

Ва чун дар ин санъат ишорат ба шеъре ё ғайри он воқеъ мешавад, ӯро **талмеҳ** ном карданд.

Ва қавли ғайри машҳур — он аст, ки соҳиби **«Табьён»** гуфта ва дар ирсол-ул-масалайн мазкур хоҳад шуд.

## ИРСОЛИ МАСАЛ

Бар қавли машҳур иборат аст аз дарҷ кардани як масал дар як байт. Ва ин ба ду тариқ метавонад бувад:

**Тариқи аввал** — ва он афзал аст — он аст, ки масалро бе тағьири алфоз ва тартиби он эрод намоянд, чунон ки:

Пайваста фиристӣ ба ман, эй шӯх, ту дашном,
Худ лаб бикушо, чанд диҳӣ бӯса ба пайғом?!

Ва **тариқи дуюм** — он аст, ки дар масал тағьире воқеъ шавад чунон ки:

Сӯфӣ накард қавли мани ринд истимоъ,
Гуфто: «кач аст суффа, надонист чун самоъ».

Масал ин аст, ки «сӯфӣ самоъ намедонист, гуфт: «суффа кач аст».

Ва **«ирсол»** дар луғат — фиристодан аст. Ва **«масал»** — достону ҳикоятро мегӯянд. Аммо ба ҳасаби урф масал — достону ҳикоятеро мегӯянд, ки дар миёни ҷамъе машҳур шуда бошад, чунончи онро ҷамоат дар каломи худ аз барои ташбеҳ ва мисоли амре ба он бисьёр зикр кунанд. Ва чун аксар чунон мебошад, ки эроди масал дар байт аз барои ирсол он аст пеши маҳбуб ё мамдӯҳ, ё ғайри эшон ин санъатро ба эътибори арз аз вай ирсол-ул-масал ном кунанд.

Ва метавонад бувад, ки мурод ба ирсол эрод бошад ба эътибори он, ки эрод лозими ирсол аст ва ин ҷо зикри малзум карда бошанд ва иродаи лозим.

Ва ин дар каломи фусаҳо шоеъ[21] аст.

## ИРСОЛ-УЛ-МАСАЛАЙН

Бар қавли машҳур иборат аст аз дарҷ кардани ду масал дар як байт, чунон ки:

Мекашам хории ту, чун набувад гул бехор,
Мебарам ранҷи ту ,чун ганҷ набошад бе мор.

Ва соҳиби **«Табьён»** ин ду санъатро яке дошта ва гуфта, ки эрод-ул-масал он аст, ки мутакаллим дар каломи худ як масал орад, ё ду масал.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри рамали мусаммани махбуни маҳҷуф:

Он кунад қаҳри ту бо зулм, ки бо гул дай,
Он кунад лутфи ту бо адл, ки бо тан май.
Фоилотун фаилотун фаилотун фаъ
Фоилотун фаилотун фаилотун фаъ.

## КАЛОМИ ҶОМЕЪ

Иборат аст аз он калом, ки зебу зинатьёфта бошад ба чизе аз панд ва ҳикмат ва шикояти замону аҳли он.

Аммо каломи музайян[22] ба панд, чунон ки:

Чун пир шудӣ, фикри миоди худ кун,
Бигзар зи ҷаҳон, тарки муроди худ кун.
Дорӣ сафаре саъб бағоят наздик,
Ғофил манишину фикри зоди худ кун.

Ва аммо каломи музайян ба ҳикмат, чунон ки:

Гар иззату қадр хоҳӣ, эй дил қадаре
Аз касрати ихтилот мекун ҳазаре.
Донӣ, ки чаро азиз шуд дурри ятим?
З-он рӯ, ки нагашта мухталит бо дигаре.

Ва аммо каломе музайян ба шикояти замон чунон ки:

Ҳаргиз набувад даме ҳузуру тарабам,
Ҳар лаҳза шавад зиёда ранҷу таабам.
Ҳар дам аламе дигар расад бесабабам,
Алқисса, ман аз толеи худ дар аҷабам.

Ва аммо каломе музайян ба шикояти бародарону ҳамнафасон, чунон ки:

Ҷавре, ки ман аз ҳамнафасон мебинам,
Гуфтан натавонам, ки чи сон мебинам?
Алқисса, зи ҳар ки дорад аз ман сад суд,
Бо ман чу нишаст, сад зиён мебинам.

## МАЗҲАБИ КАЛОМӢ

Иборат аст аз овардани далеле дар калом аз барои исботи матлуби худ бар тариқи аҳли илми калом. Ва он тариқ — он аст, ки далел ҳақиқӣ бошад, на эътиборӣ, яъне эътиқоди мутакаллим он бошад, ки дар воқеъ далел аст, на он ки донад, ки далел нест ва бинобар латофате онро далел сохта бошад.

Ва он далел мешояд, ки яқинӣ бошад, чунон ки:

Он бодияе, ки манзили ҷонон аст,
Назди дили ман басе беҳ аз бӯстон аст —
Зеро ки бувад муроди ҷонам он ҷо,
Ҳар ҷо, ки бувад мурод * — беҳтар он аст.

Ва мешояд, ки гумон бошад, чунон ки:

Доно, ки асири сӯҳбати нодон аст,
Ҳолаш батар аст аз он, ки дар зиндон аст.
Зеро ки бувад азоби тан аз зиндон
В-аз сӯҳбати ноҷинс азоби ҷон аст.

Ва аввал касе, ки мазҳаби каломиро зикр карда, яъне ин санъатро зоҳир сохта ва ном карда — Ҷоҳиз[23] буда, ки мардуми авом ӯро «Ҷӯҳӣ» мегӯянд ва дар бухл масал шуда ва аз бузургони уламои замони худ буда, ва фасоҳату балоғат ба ғояти камол дошта. Ва ӯро асарҳои бисьёр аст ва дар илмҳои арабӣ мусаллам ва соҳибмаҳзаб аст. Ва Ҳотами Тои[24] бо вуҷуди куфру қиллати фазилат ба воситаи карам машҳури олам ва манзури назари қабули арабу Аҷам шуда. Шеър:

Карам кун, ки гардӣ ту машҳур аз он
Шавад айбҳои ту мастур аз он.
Маозалла ар бухл созӣ ту кор,
Шавад фазли ту чун ту беэътибор.
Хушо он ки бо фазл дорад карам
Чу мире, ки ӯро ба ҷон чокарам.

## ҲУСНИ ТАЪЛИЛ

Он аст, ки исбот кунанд сифате аз барои чизе ва иддао кунанд аз барои субути он; сифати он чизро иллате ва сабабе муносиби он, ки дар воқеъ сабаб набошад, лекин онро ба эътиборе латиф сабаб сохта бошанд.

Ва соҳиби **«Эзоҳ»** гуфта, ки ин бар чаҳор қисм аст:

**аввал** — он, ки он сифат собит бошад он чизро дар воқеъ, аммо онро сабабе зоҳир набошад ва онро барои вай сабабе иддао кунанд — чунон ки:

Хатти мушкин з-он навишта бар рухаш килки қазо,
То бувад аз баҳри дафъи чашми бад ҳарзу дуо.

---

* Яъне: назди соҳиби мурод.

**Қисми дуюм** — он, ки сифати собитаро сабабе зоҳир бошад ғайри он сабаб иддаое, ки зикр карда бошанд — чунон ки:

З-он кашам пеши ту ҳар дам оҳ, эй ороми ҷон,
То кунам аз дил бурун мутлақ ҳавои дигарон.*

**Қисми сеюм** — он, ки он сифат он чизро дарвоқеъ собит набошад, аммо мумкин-ус-субут бошад, одатан, чунон ки:

Аз он шуд ром бо ман, эй Атоӣ, оҳуи ваҳшӣ,
Ки бӯи меҳри он ваҳшиғизол ӯ ҳам шунид аз ман.

**Қисми чаҳорум** — он аст, ки он сифат он чизро собит набошад ва мумкин-ус-субут низ набошад, одатан, чунон ки:

Хаёли он бути хунрез аз чашмам нашуд берун,
Аз он дар хоб ҳам резад зи чашмам қатраҳои хун.

Ва ҳам ӯ гуфта, ки мулҳақ аст ба ҳусни таълил он, ки бино ба рашк бошад, яъне он иллате ва сабабе, ки зикр кунанд дар вай иддаои иллат бар сабили ҷазм накунанд, чунон ки:

Гӯё, ки шудаст абри найсон
Аз ёр ҷудо, ки гашта гирьён.

Ва Аллома ин санъатро таълил ном карда ва тахсис карда ба он, ки исботи сифате чизеро номумкин бошад ва аз барои вай иллате муносиб бар сабили зарофат иддао кунанд, то мухотабро таваҳҳум таҳқиқи он шавад — монанди он байт, ки дар қисми сеюм мазкур шуд. Ва ҳам ӯ гуфта, ки баъзе ин санъатро ҳусни таълил ном кардаанд ва гуфтаанд: ин чунон аст, ки ду васфро зикр кунанд бар он ваҷҳ, ки яке иллати дигаре бошад ва ғараз зикри ҳар ду бошад, чунон ки:

Қашад иҳонат аз он мӯҳтасиб зи мардуми дун,
Ки мекунад тамаъ аз ҳадди хештан афзун.

---

* Ҳар дам оҳ кашидан сабабе зоҳир дорад, ки хуну алам бисьёр дорад, аммо ба эътибори латифе, ки он изҳор ихтисос аст дар муҳаббат, аз барои он сабабе дигар иддао карда шудааст.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри хафифи махбуни абтар: *

Абр дорад зи ҷуди ту моя
З-он бигустурд бар ҷаҳон соя.
Фоилотун мафоилун фаълун
Фоилотун мафоилун фаълун.

## ТАФРЕЪ

Соҳиби **«Эзоҳ»** гуфта, ки «он аст, ки собит кунанд аз барои мутааллиқи амре ҳукме, баъд аз исботи ҳамон ҳукм аз барои мутааллиқи дигари ӯ».

Ва Алломаи Тафтозонӣ ин қайдро зиёда карда, ки исбот дар ваҷҳе бошад, ки мушаъар [26] бошад ба тафреъ ва таъқиб, чунон ки:

Чунон ки ёфт зи адлат умури мулк низом
Низом ёфт зи адлат умури шаръ тамом.

Дар ин байт аз барои илм, ки мутааллиқи мухотаб аст, ҳукме исбот карда шуда, ки он мӯҷиби интизоми умур будан аст баъд аз он, ки ҳамон ҳукм аз барои адл, ки мутааллиқи дигари ӯст, исбот карда шуда. Ва пӯшида намонад, ки чун он исбот ба тариқи ташбеҳ воқеъ шуда, пас мушаъар аст бар он, ки исботи ҳукм аз барои он мутааллиқи мухотаб, ки аввал мазкур шуда, ба ёд дода мутакаллимро, ки исбот кунад ҳамон ҳукмро аз барои ин мутааллиқи дигари ӯ — ба ҷиҳати мушобиҳат байни ду мутааллиқ дар субути ҳукми мазкур эшонро дар нафси амр.

Пас, аз он ҷиҳат мутакаллим мутафарреъ ва ақиб сохта дар зикри исботи ҳукми мазкурро аз барои мутааллиқи сонӣ бар исботи ӯ аз барои мутааллиқи аввал ин аст.

Ин ҷо таҳқиқи маънии он қайд, ки Алломаи Тафтозонӣ бар таъриф зиёда карда, чи ин мисол бар тибқи он мисол аст, ки соҳиби **«Эзоҳ»** ба арабӣ оварда ва

* Ҷузви охири ин байт бинобар қавли Шамси Қайс — аслам аст. Ва бинобар он чи ҳазрати устодӣ аршоди Ҷомӣ[25] дар «Арӯз»-и худ навиштаанд — мақтӯъ. Аммо дар «Қасидаи маснӯъ» ҳарчанд ки ба назари ин камина расида — ҳама онро абтар навиштаанд. Ва ин мувофиқи он таъриф аст, ки дар ин китоб навишта шуда аз барои абтар. Ва дар ҷамеи кутуби машҳураи арабӣ ҳамчунон таъриф кардаанд.

ашъори тафреъ дар он мисол ҷуз ба тариқи мазкур сурате дигар зоҳир надорад.

Ва Алломаи Шерозӣ гуфта, ки тафреъ бар ду қисм аст:

**Қисми аввал** — он аст, ки дур кунӣ афзалияти чизеро, ки баъд аз вай муаззами[27] васфи лоиқа ба вай мазкур бошад аз чизе дигар дар амре, ки мувофиқи маънии он авсоф аст, пас, мутафарреъ мешавад, яъне ҳосил мешавад муболиға дар мадҳ, ё замми он чизи дигар. Ҳар оина ин чизро иттисоф[28] ба амре ба ғояти камол ҳоҳад буд, чунон ки:

Нест он дам, ки кунад ғояти туғьён сармо
Сардтар аз нафаси воизи бадлаҳҷаи мо.

**Қисми дуюм** — он аст, ки зикр кунӣ аз барои мамдӯҳ ё ғайри ӯ — сифате, ки наздик бошад дар маънӣ ба он сифате дигари балеғ аз вай дар он маънӣ. Пас, ба ёд диҳад туро он сифати аввал ин сифати баландро. Пас, мутафарреъ созӣ ин сифати балеғро бар сифати аввал, яъне дар ақиби вай зикр кунӣ бар ваҷҳе, ки робитае миёни эшон маълум шавад, монанди он байт, чунон ки: «Ёфт зи адлат...».

Ва Шамси Қайс гуфта, ки «тафреъ-он аст, ки шоир оғоз кунад ба сиғаи инкорӣ ва гӯяд, ки «нест фалон; ки чунин ва чунин аст, беҳтар аз фалон», ё бештар аз фалон». Ва ин санъат дар ашъори араб бисьёр аст. Ва аммо дар ашъори ғайри араб чунон бошад, ки сиғаи инкорӣ дар ташбеҳ тафсил бар кор доранд».

Ва гуфта, ки ин санъат дар шеъри форсӣ равнақе надорад.

## ТАҲАККУМ

Иборат аст аз он, ки каломро бар хилофи тақозои зоҳири ҳол эрод намоянд аз барои истеҳзо ба мухотаб, ё ғайри ӯ, ё аз барои он, ки таъриз кунанд ба чизе, ки ғазаби шахсеро дар ҳаракат оварад.

Аммо — он ки аз барои истеҳзо бошад ба мухотаб — монанди ин қитъа, ки аз барои шахсе, ки ранги ӯ сурх асту чашм — кабуд ва абрӯ — зард, воқеъ шуда:

Бӯстонест рӯят, эй хоҷа,
Ки расад з-ӯ ба дил фараҳ бисьёр.
Ҳаст рухсору чашму абрӯят
Гулу нилуфару ҳамешабаҳор.

Ва агар дар мисраи аввал ба ҷои «рӯят эй хоҷа» — «рӯи хоҷаи мо» гӯянд ва дар мисраи сеюм ба ҷои «абрӯят» — «абрӯяш», ҳамин қитъа мисоли истеҳзои ғайримухотаб мешавад.

Ва аммо он, ки аз барои таъриз ба чизе, ки муҳаррики ғазаб аст — монанди ин қитъа, ки воқеъ шуда аз барои донишманде, ки табъи номавзун дорад ва агар касе изҳори он кунад, дарғазаб мешавад:

Донишу фазлу камолоти ҷаноби мавлавӣ
Бар ҳама кас, хоса бар аҳли табиат зоҳир аст.
Наҳву сарфу мантиқу ҳикмат, ҳадису фиқҳ ҳам
Ҷумла медонад, вале дар шеър беҳад моҳир аст.

Ва **«таҳаккум»** дар луғат — ба маънии масхарагӣ кардан омада; ва ба маънии хашми бисьёр гирифтан низ омада.

Ва ваҷҳи тасмия бинобар маънии аввал дар қисми аввал, яъне он, ки ғараз истеҳзо бошад, зоҳир аст. Ва дар қисми дуюм, яъне, он ки ғараз таъриз бошад, он аст, ки таъриз ғолибан бе истеҳзо намебошад. Ва бинобар маънии сонӣ он аст, ки истеҳзо ва таъризро хашм гирифтан лозим аст дар аксари ҳолатҳо.

### ҶАМЪ

Он аст, ки ҷамъ кунанд чанд ададро, хоҳ ду чиз бошанду хоҳ бештар дар як васф, чунон ки:

Фақру кунҷи хамӯш роҳат дон,
Шӯҳрату молу ҷоҳ офат дон!

Дар мисраи аввал ҷамъ миёни ду чиз воқеъ шуда ва дар мисраи дуюм — миёни се чиз.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ду чиз ё зиёдатро дар як сифат ҷамъ кунанд ва онро **ҷомеъ** хонанд. Ва ин сифати ҷомеъ раво бувад, ки музҳар бувад, ва раво бувад, ки музмар [29] бошад». Ва мисол ин байти Қамариро [30] оварда:

Моҳ гоҳ чу рӯи ёри ман аст,
Гаҳ чу ман кӯжпушту зарду низор.

Ва гуфта, ки «дар мисраи аввали ин байт шоир ҷамъ кардааст миёни «моҳ» ва «рӯи маъшуқ» дар сифати некӯӣ; ва «некӯӣ» ҷомеъ асту музмар, зеро ки зикри ӯ

сареҳан[31] дар байт нест. Ва дар мисраи дуюм ҷамъ кардааст миёни «моҳ» ва миёни хеш дар кӯжпуштию зардӣ ва низорӣ. Ва ин авсоф ҷомеанду музҳар».

Ва аз ин калом маълум мешавад, ки дар ин санъат лозим нест, ки ададҳоро ҷамъ дар як васф кунанд, чунончи машҳур аст.

Ва мисоли ин санъат дар «Қасидаи маснӯъ» ҳамон байтро дошта, ки дар ҳусни таълил мазкур шуд. Ва зоҳир аст, ки ҷомеъ дар вай музмар аст.

Ва бидон, ки санъате дигар ҳаст қариб ба ин санъат. Ва он ин аст, ки чанд ададро ҷамъ кунанд дар як чиз ва он чизи ҷомеъ лафзӣ бошад, на маънавӣ, чунон ки:

Ба зулфи ёр дарбандам, маронам аз дар, эй дарбон,
Ки дорам бо ту нисбат — ҳар ду чун бар банди дилдорем.

Пас, агар ҷомеъро дар таъриф санъати ҷамъ бар ваҷҳе ахз кунанд, ки аамм[32] бошад аз лафзӣ ва маънавӣ, то ин санъат низ дохили санъати ҷамъ шавад, муносиб менамояд.

## ТАФРИҚ

Он аст, ки миёни ду чиз, ки аз як навъ бошанд, фарқ кунанд ва эшонро аз якдигар ҷудо кунанд, чунон ки:

Таври ман набвад чу таври олимони рӯзгор,
Таври ман бошад ниёзу таври эшон ифтихор.

Ва пӯшида намонад, ки мешояд, ки тафриқ дар миёни бештар аз ду чиз воқеъ шавад, чунон ки:

Набвад дили ману дили ёру дили рақиб
Монанди якдигар, шунав, аз банда шарҳи ҳол —
Бошад дилам чу шиша, дили ёр ойина,
Бошад дили рақиб чу олуда дошхол[33].

Ва маънии таърифи мазкур ин ҷо ба ҳамон тариқ аст, ки дар санъати ҷамъ мазкур шуд.

Ва мисоли ин санъат дар «Қасидаи маснӯъ» ин байтро овардааст аз баҳри мутақориби мусаммани мақсур:

На чун нури рӯят бувад офтоб,
Ки ин аз хато ояд, он аз савоб!
Фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл
Фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл.

Ва аз ин маълум мешавад, ки он ду чиз, ки миёни эшон тафриқ мекунанд, лозим нест, ки ба таҳқиқ аз як навъ бошанд, балки мешояд, ки бар сабили[34] иддао шоир эшонро аз як навъ сохта бошад.

## ТАҚСИМ

Он аст, ки зикр кунанд чанд ададеро — хоҳ ду бошаду хоҳ бештар. Баъд аз он изофат ва нисбат кунанд ба ҳар як аз он мутааддид бар сабили таъйин он чизро, ки аз барои ӯ исбот хоҳанд кард, чунон ки:

Оби чашму оташи дил ошиқонро, эй ҳабиб,
Он зи меҳри орази туст, ин зи дидори рақиб.

Ва чунон ки:

Ҳаст қадду зулфи мушкину узори он писар —
Аввалин — сарву дуюм — сунбул, сеюм — гулбарги тар.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри муҷтаси мусаммани махбун, ки арӯзу зарби ӯ ба қавли Шамси Қайс аслам аст ва бинобар қавли ҳазрати устодӣ — Ҷомӣ — мақтӯъ ва бинобар ихтиёри ин камина — абтар:

Аёки килку забонат ба маърази иншо
Яке — ҷарири дуюм — аътолу сеюм — аъшо[35]
Мафоилун фаилотун мафоилун фаълан
Мафоилун фаилотун мафоилун фаълан.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ин санъат чунон бошад, ки шоир ду чизро ё бештар дар байт бахш кунад ва тартиби он бахш бар як қоида нигоҳ дорад. Ва мисолаш — шоир гӯяд:

Рухону оразу зулфайни он бути дилбар
Яке — гул асту дуввум — савсану сеюм — анбар.

Ва ин қасида то охир ҳамчунин аст. Ва шуарои порсӣ худ санъати тақсим чунин кунанд, ки то охири қасида ин санъат маҳфуз бувад».

Ва бидон, ки тақсимро бар ду маънии дигар итлоқ кардаанд:

**Маънии аввал** — он, ки зикр кунанд аҳволи чизеро бар он ваҷҳ, ки нисбат карда бошанд ба ҳар ҳоле аз ин аҳвол амре, ки лоиқи вай аст, чунон ки:

Ту шаҳдӣ ба аҳбобу заҳрӣ ба аъдо,
Сақилӣ ба маҷлис, хафифӣ ба ҳеҷо [36].

Ва Ибн ал-Асир гуфта, ки ин ҳеҷ тақсиме нест.

**Ва маънии дуюм** — он, ки қисмҳои чизеро истеъфо кунанд ва ҳамаро зикр кунанд, чунон ки:

Аҳли тоатро ғараз, ё нафъи ин олам бувад?
Ё наиму айши ҷаннатро, ки ҳаст он пойдор?..

Ва Шамси Қайс гуфта, ки «тақсим чунон бошад, ки шоир маъние нагӯяду тафосили онро баён кунад, чунон ки ҳеҷ қисм аз ақсоми он муҳмал нагузорад»[37]. Ва дар охири сухан гуфта, ки «аз қабили тақсим он аст, он байт, ки «Рухону оразу зулфайни...».

Пас, ба қавли ӯ тақсимро бар ду маънӣ итлоқ кунанд: яке — ин маънии дуюм, ки мазкур шуд ва дигаре — он маънӣ, ки аввалан тақсимро ба он таъриф карда шуд.

## ҶАМЪ ВА ТАФРИҚ

Иборат аст аз он, ки чанд чизро ҷамъ кунанд ва дохил созанд дар як маънӣ ва тафриқа кунанд миёни эшон дар он маънӣ, чунон ки:

Чу ман пайваста менолад рақибу ёр медонад,
Ки ман менолам аз дарду рақибаш аз хушӣ нолад.

Ва чунон ки:

Чун шишаи май дили ту софӣ зи малол,
Чун шишаи май дилам зи хун моломол.

Ин байт ба ҷиҳати он оварда шуд, ки маълум шавад, ки лозим нест, ки аввал чизҳоро ҷамъ кунанд ва баъд аз он тафриқ кунанд. Балки мешояд, ки ҷамъу тафриқ бо якдигар мутаҳаққақ шавад.

Ва мисоли ин санъат дар «Қасидаи маснӯъ» ин байтро оварда аз баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур: *

Қилку кафат, ки манбаи бирру [38] самоҳат [39] аст —
Он аст моҳии Хизр, ин айни роҳат аст.
Мафъӯлу фоилоту мафоӢлу фоилон
Мафъӯлу фоилоту мафоӢлу фоилон.

---

* Ин мисол холӣ аз халале нест.

Қилки мамдӯҳ ва кафи ӯро ҷамъ карда дар ин санъат, ки ҳар як манбаи бирру самоҳат аст. Ва тафриқ карда миёни эшон дар он, ки ҳар якро ба чизе дигар ташбеҳ карда.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ин санъат чунон бошад, ки шоир ду чизро ҷамъ кунад дар ташбеҳ ба як чиз, боз миёни эшон ҷудой афканад ба ду сифати мутагоир».[40]

Ва зоҳир аст, ки ин таъриф ҷомеи ҳамаи қисмҳои ин санъат нест.

## ҶАМЪ БО ТАҚСИМ

Он аст, ки ҷамъ кунанд мутааддидеро дар як ҳукм, баъд аз он тақсим кунанд он мутааддидро, яъне нисбат кунанд ба ҳар як аз он мутааддид чизеро. Ё аввал тақсим кунанд мутаадидеро ва баъд аз он ҷамъ кунанд онро дар як ҳукм... Чунон ки:

Бо дӯстон бадӣ ту, бо душманон накӯ,
Ин хӯи туст, ваҳ чӣ кунад кас ба хӯи ту?

Аввал тақсим карда шуда — бад будану нек будани маҳбубро ба он, ки бад будани ӯ бо дӯстон аст, яъне ошиқон; ва нек будани ӯ бо душманон, яъне рақибон. Баъд аз он он ду сифат ҷамъ карда шуда — дар он, ки хӯю табиати ӯст.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри мунсареҳи мусаммани матвии манҳур, чунон ки:

Қисми ду кас кардай ду расми накӯро:
Мол — валирову гӯшмол — адӯро.
Муфтаилун фоилоту муфтаилун фаъ
Муфтаилун фоилоту муфтаилун фаъ.

## ҶАМЪ БО ТАФРИҚУ ТАҚСИМ

Иборат аст аз он, ки ҷамъ кунанд чанд чизро дар амре ва тафриқ кунанд миёни эшон дар он амр ва тақсим кунанд, яъне изофат кунанд ба ҳар як аз он чизҳо сифатеро, ки ӯро исбот бошад, чунон ки:

...Ҳаст лутфатро асар икроми аҳбобу фақир,
Ҳаст қаҳратро асар эъдоми[41] аъдову авон[42].

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ҷамъ бо тафриқу тақсим бас мушкил аст ва ман ҳеҷ назм надидаам, ки ин ҳар се ҳолро ҷомеъ бувад, магар ин ду байт:

Он, ки туро банд карду бандатро * низ
Бандӣ кардаст не падид, ки пинҳон.
Банди ту аз оҳан асту банди ман аз ғам,
Банди ту бар пою банди бандат бар ҷон.

Дар байти нахуст ҷамъ кардааст шоир миёни маъшуқу миёни хеш ба «банд карда шудан». Боз он «банд карда шудан»-ро тафриқ кардааст ба пайдоиву пинҳонӣ. Боз дар байти дуюм тақсим карда, ки ҳар «банд» бар куҷо ва чигуна аст».

Ва ин банда аз камоли фасоҳату балоғати Рашид ва иқтидори ӯ бар шеъри арабиву форсӣ аҷаб медорад, ки ин санъатро гӯяд, ки бисьёр мушкил аст.

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои мисоли ин санъат ин байтро оварда — аз баҳри раҷази мусаммани матвии махбуни музол:

Қон чу каффи кафили туст, не, не, чи мумсик аст, к-он
Ҷон канад ар хӯй диҳад, в-ин бидиҳад ҳазор ҷон**.
Муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилон
Муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилон.

## ҶАМЪ БО ТАҚСИМУ ҶАМЪ

Ин санъатро дар «**Табьён**» оварда ва ҷое дигар надидаам. Ва инро таъриф накарда ва ба ному амсол иктифо намуда. Ва таърифе, ки аз он метавон баровард, ин аст, ки ҷамъ кунанд умури[43] мутааддидаро, ки ҳар якро ҷузъиёт, ё аҷзо [44] бошад дар сифате, баъд аз он тақсим кунанд онро бо ҷамъ ба навъе дигар, яъне нисбат кунанд бар сабили таъйини ҳукме бар баъзе аз он ҷузъиёт, ё аҷзо, ки ҷамъ карда бошанд он баъзеро дар сифате дигар, чунон ки:

Падарам, шод бод рӯҳаш, гуфт:
Шайхи мо гуфтааст тоби сурох —
Ҳар гурӯҳе зи аҳли имонро
Солиҳонанду фосиқони табоҳ.
Зоҳиран солеҳон зи ҳар қавме
Дархури раҳматанду лутфи илоҳ.

---

* Яъне: бандаат.
** Сиҳҳати ин мисол зоҳир нест.

Фосиқонанд ҳам зи ҳар қавме
Мустаҳиққи ғазаб ба қадри гуноҳ.
Пас, макун рад ту ҳеҷ қавмеро
Ҷумлагӣ з-он, ки мешавӣ гумроҳ.
Роҳи аҳли наҷот, агар хоҳӣ,
Илмро зоди роҳ кун, он гоҳ
Ҳамчу мо роҳи факр хуш мерав,
Роҳ ин аст, эй Атоуллоҳ!

Пӯшида намонад, ки мақсуд бо тамсил аз ин қитъа байти дуюму сеюм ва чаҳорум аст, ки ҷамъ карда шуда ҷамеи ақвоми[45] аҳли имонро дар ин сифат, ки баъзе аз ҳар як аз эшон аҳли салоҳанд ва баъзе аҳли фисқ. Ва дар байти дуюму сеюм тақсим воқеъ шуда бо ҷамъе ба навъе дигар, яъне нисбат карда шуда ба тоифае аз ҳама қавмҳои аҳли имон, ки ҷамъанд дар сифати салоҳи чизе, ки эшонро собит аст — ва он ҳақиқати раҳмат ва лутфи ҳақ аст; ва нисбат карда шуда ба тоифае дигар аз ҳамин қавмҳо, ки ҷамъанд дар сифати фисқ — чизе, ки эшонро собит аст — ва он ҳақиқати раҳмат ва лутфи ҳақ аст; ва нисбат карда шуда ба тоифае дигар аз ҳамин қавмҳо, ки ҷамъанд дар сифати фисқ — чизе, ки эшонро собит аст — ва он ҳақиқати азаб[46] аст ба қадри гуноҳ.

## ЛАФФУ НАШР

Иборат аст аз он, ки зикр кунанд мутааддидеро ва баъд аз он зикр кунанд чанд чизро, ки мутааллиқанд ба он мутааддид бе таъини он, ки ҳар як аз ин чизҳо ба кадом як аз он мутааддид мутааллиқ аст — ба ҷиҳати эътимод бар он, ки шунаванда боз хоҳад баст ба ҳар як аз он мутааддид он чизро, ки ба ӯ мутааллиқ аст. Ва зикри он мутааддид мешояд, ки бар сабили тафсил бошад; ва мешояд, ки бар сабили иҷмол бошад.

Аммо он, ки зикри он мутааддид бар сабили тафсил бошад, онро бар ду қисм сохтаанд:

**Қисми аввал** — он, ки нашр бар тартиби лафф бошад, яъне зикри он чизҳо, ки ба он мутааддид мутааллиқ бошанд, бар тартиби зикри он мутааддид бошад ба ин тариқ, ки аввал аз он чизҳо ба аввали аз он мутааддид тааллуқ дошта ва дуюм ба дуюм ва монанди инҳо, чунон ки:

Чу чашму оразу зулфат ба боғ гашт аён,
Зи наргису гулу сунбул намонд нишон.

Ва дар ин қисм баъзе нашрро, яъне зикри мутааллиқоти он мутааддидро зиёда бар як бор эътибор намудаанд ва он бағоят латиф аст, чунон ки Абдулвосеъ Ҷабалӣ[47] гуфта:

Рӯзи ҷанги ту шавад сурху сиёҳ аз хуну гард
Мавҷи дарьёи муҳиту авҷи гардуни барин.

**Қисми дуюм** — он, ки нашр бар тартиби лафф набошад. Ва ин ба ду тариқ метавонад бувад:

**Тариқи аввал** — он ки тартиби нашр бар акси тартиби лафф бошад, чунон ки:

Зи обу тоби ҷамоли ту бошадам, эй ҷон,
Ба сина оташу аз дида ҷӯи об равон.

Ва баъзе ин тариқро **маъкус[48]-ут-тартиб** ном кардаанд.

**Тариқи дуюм** — он, ки тартиби нашр омехта ва дарҳам рафта бошад нисбат ба тартиби лафф, чунон ки:

Дар боғ шуд аз қадду руху зулфи ту ноёб
Гулбарги таре, сарви сиҳӣ, сунбули сероб.

Ва ҳамон баъзе ин тариқро **мухталит[49]-ут-тартиб** ном ниҳодаанд.

Ва аммо он, ки зикри он мутаадид бар сабили иҷмол бошад, чунон ки:

Ҳар гурӯҳерост майле зери чархи ложвард —
Аҳли суратро ба роҳат, аҳли маъниро ба дард.

Пӯшида намонад, ки дар ин байт зикри мутааддид, ки майли аҳли сурат ва майли аҳли маънӣ аст, бар сабили иҷмол воқеъ шуда. Ва баъд аз он он чи ба ҳар як аз ин ду майл мутааллиқ аст, бар сабили тафсил оварда шуда, ки он «роҳат» ва «дард» аст. Ва дар ин навъ тартиб ва адами тартиб ҷорӣ нест. Ва шуарои Аҷам ин навъро эътибор накардаанд.

Ва Алломаи Тафтозонӣ гуфта, ки навъе дигар ҳаст аз лаффу нашр, ки риояти он латиф аст. Ва он — ин аст, ки аввал мутааддидеро зикр кунанд бар тариқи тафсил, баъд аз он ҳар чиз, ки ба ҳар як аз он мутааддид мутааллиқ бошад, эрод намоянд ва баъд аз он ҳамон мутааддидро бар сабили иҷмол зикр кунанд, то як нашр дар миёни ду лафф воқеъ шавад — яке тафсиливу дигаре иҷмол[50] чунон ки:

Ҳар шаб оям ба дарат, нола кунам, лек ниҳон
З-изтироби дилу аз бими сагон мекунам он.*

Ва инро нисбаг ба соҳиби **«Кашшоф»**[51] карда, ки гуфта, ки ин навъ аз лаффу нашр латиф-ул-маслак аст ба ҳайсияте, ки роҳ намеёбад ба ӯ магар шахсе бағоят доно.

Ва ҳазрати Амир Саидшариф фармуда, ки: пӯшида нест, ки муҷаррад воқеъ шудани як нашр дар миёни ду лафф — яке тафсиливу дигаре иҷмолӣ, муқтазои он нест, ки лутфи маслаки ӯ ба ин ҳайсият бошад. Ва гуфта, ки: ман ҳеҷ касро, ки соҳиби табъи салим бошад, гумон намебарам, ки ин гӯяд.

Ва маънии каломи соҳиби **«Кашшоф»** он нест, ки ӯ гуфта. Балки чизе дигар аст. Ва тафсилу таҳқиқи ин мубоҳиса дар **«Мутаввал»**[52] ва ҳошияи он мастур аст. Агар касе хоҳад, ки онро бидонад, ба онҳо руҷӯъ кунад.

Ва ҳам Алломаи Тафтозонӣ дар **«Мухтасар»** гуфта, ки аз ғароиби услуби лаффу нашр аст — он, ки ду мутааддидро, ё бештар зикр кунанд, баъд аз он зикр кунанд дар як нашр он чи мутааллиқ бошад ба ҳар як аз он ду мутааддид — чунон ки дар ин ду байти машҳур воқеъ аст:

Гӯӣ, ки замона бар дили халқ
Аз роҳату ранҷу доду бедод,
Ҳар дар, ки кушода буд, барбаст,
Ҳар роҳ, ки баста буд, бикшод.

Ва баъзе аз шуарои Аҷам аз қабили лаффу нашр шумурдаанд онро, ки баъд аз зикри мутааддид нисбат кунанд ба ҳар як ба сабили таъйини он чи ба вай мутааллиқ аст, чунон ки шоир гӯяд:**

Қатраро гар обрӯе тоза дорад рӯзгор,
Зарраро гар баркашад аз хок чархи чанбарӣ.
Қатра кай мавҷ афканад бар рӯи дарьёи муҳит,
Зарра кай паҳлу занад бо офтоби ховарӣ?!

Ва чунон ки шоир гӯяд:

Гул гарчи ба шоҳидист ангуштнамо,
Сарв арчи ба некӯист бӯстоноро,
Инак, рухаш, эй гул, ту қадам ранҷа макун!
В-инак, қадаш, эй сарв, ту боло манамо!

---

* Лафзи «он», ки ишорат аст ба мазмуни мисраи аввал, зикри иҷмолии мутааддиди мазкур аст.

** Ва пеши ҷумҳури эшон баъзе ин тариқ, аз қабили ҷамъ бо тақсим аст ва баъзе дигар номе надорад.

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои лаффу нашр мисоле наёварда. Аммо он мисоле, ки аз барои тафсири хафӣ[53] оварда ва баъд аз ин хоҳад омад, мисоли ин санъат мешавад.

Ва **«лафф»** дар луғат — дарҳам печидан аст. Ва **«нашр»** — пароканда кардан. Ва чун ашьёи мутааддида мазкур мешавад бе зикри мутаалликоти онҳо, гӯё сухан дарҳам печидааст. Ва чун баъд аз он муталлики ҳар як мазкур мешавад, гӯё он сухан, ки дарҳам печида буд, пароканда шуд ва мутааллиқи ҳар чиз бо ӯ вобаста шуд.

## МУБОЛИҒАИ МАҚБУЛА

Бидон, аввалан, ки муболиға иборат аст аз он, ки мутакаллим даъво кунад дар васфи чизе зиёдатӣ дар шиддат, ё заъф ба ҳадде, ки субути он зиёдатӣ ӯро мустабъад бошад,[54] ё маҳол, то шунаванда гумон набарад, ки он васф ба камол нест.

Ва баъзе аз фусаҳои араб муболиғаро мутлақо мардуд[55] доштаанд. Ва баъзе — мутлақо мақбул доштаанд.

## ТАБЛИҒ

Агар он муддао мумкин бошад ба ҳасаби ақлу одат — он муболиға мақбул аст ва онро **таблиғ** мегӯянд, чунон ки:

Бинам чу бо рақибат рӯзе нишаста танҳо,
Аз фикри он наёяд хобам ба дида шабҳо.

Ва **«таблиғ»** дар луғат — расонидан аст.

Ва ваҷҳи тасмия он аст, ки мутакаллим он васфро ба мартабаи камол расонида.

## ИҒРОҚ

Ва агар он муддао мумкин бошад ба ҳасаби ақл, аммо ба ҳасаби одат маҳол бошад — он низ мақбул аст ва онро иғроқ мегӯянд, чунон ки:

Дар рӯзи васл ҳарчанд беҳад диҳӣ шаробам,
Дур аз ту шаб наёяд асло ба дида хобам.

Ва агар дар вай чизе зикр кунанд, ки ӯро наздик гардонад ба ҳадди сиҳҳат, ҳар оина аҳсан ва ба қабул наздик хоҳад буд, чунон ки:

Расми карам зи дуньё гум шуд, чунон ки гӯё
Нашнида номи ӯро ҳаргиз касе ба олам.

Зикри лафзи «гӯё» ин муддаоро ба ҳадди сиҳҳат наздик гардонида.

Ва **«иғроқ»** дар луғат — дур даррафтан аст дар коре.

Ва ваҷҳи тасмия он аст, ки чун мутакаллим зиёдатӣ дар васфро ба мартабае расонида, ки одатан вуқӯи он маҳол аст, пас, дар васф кардан дур даррафта.

## ҒУЛУВВ

Ва агар он муддао маҳол бошад ба ҳасаби одат ва ақл низ — онро **ғулувв** хонанд.

Ва **«ғулувв»** дар луғат — аз ҳад даргузаштан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

Ва ғулувв **мақбул** мебошаду **мардуд** мебошад.

Соҳиби **«Тахлис»** гуфта, ки мақбул аз ғулувв изоф аст. Яке аз он ҷумла — он аст, ки дар вай чизе дароранд, ки ӯро наздик гардонад ба ҳадди сиҳҳат, чунон ки:

Ба майдон тавсанаш з-онсон давад маҳкам, ки пиндорӣ,
Ки натвонад ба гарди ӯ расидан сояи авҳам[56].

Дигаре — он аст, ки мутазаммин бошад тахйили латиферо, чунон ки;

Чунон барҳам нишаста дуди дил дар кулбаам, ҷоно,
Ки гар девораш аз ашкам фитад, сақфаш бувад барҷо.

Ва аз абьёти дилпазири ин қисм аст — ин байт, ки Фирдавсӣ [57] гуфта:

Зи сумми сутурон дар он паҳндашт
Замин шаш шуду осмон гашт ҳашт.

Ва аз ин қисм аст он байт, ки дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои ин санъат оварда — аз баҳри музореи мусаммани ахраб:

Хашми ту чашми ғайрат гар бар фалак гуморад,
Тобаш ба чашми хуршед оби сияҳ дарорад.
Мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилатун
Мафъӯлу фоилатун мафъӯлу фоилатун.

Диқаре — он аст, ки ба тариқи ҳазл эрод намоянд, чунон ки:

Рақибат мекунад беҳад муосӣ[58] з-он, ки медонад,
Ки хоҳад оташи дӯзах хунук гашт аз дами сардаш.

Ва аз абьёти машҳураи ин қисм аст ин байт:

Чунон заифмизоҷам ба май, ки пасфардо
Агар биёбам бӯяш, парир маст шавам.

Ва Аллома гуфта, ки ғулувви мақбул он аст, ки даъвои будани васфи чизе бар миқдори ғайримумкини мутазаммин васфи ӯ набошад ба амре, ки хориҷ бошад аз табиати ӯ, яъне он амр аз табиати ӯ наёяд. Ва ин ҳангом агар беасос бошад ба вай чизе, ки ӯро наздик гардонад ба мартабаи ҳақиқат, авлост ба қабул, чунон ки:

Таолиллаҳ, чи рӯяст он, ки наздик аст, к-аз нураш
Бубинад чашми нобино шаби торик аз дураш.

Ва **ғулувви мардуд** — он аст, ки даъвои будани васфи чизе бар миқдоре ғайримумкин мутазаммини васфи ӯ бошад ба амре, хориҷ бошад аз табиати ӯ, чунон ки:

Гирифта дуди дил чандон даруни байти эҳзонам,
Ки гар вайрон шавад аз гирьяам, мутлақ намедонам.

Пӯшида нест, ки ин ҷо васфи дуди дил дар касрат ба миқдоре ғайримумкин, ки он миқдорест, ки монеъ бошад сокини хонаро аз идроки вайрон шудани он хона мутазаммини васфи ӯст дар маҳкамӣ ба ҳайсияте, ки сақфи хонаи вайроншударо нигоҳ тавонад дошт, чунон ки касе, ки дар он хона бошад, вайрон шудани онро мутлақо надонад, чи агар чунон набудӣ, сокини хона вайрон шудани онро донистӣ. Ва ин васф хориҷ аст аз табиати дуд.

Ва соҳиби **«Табьён»** таблиғро аз саноеъ нашумурда. Ва иғроқро ба ин таъриф карда, ки он аст, ки даъво кунӣ аз барои чизе васфе, ки ба ҳадди истиҳола расида бошад. Ва гуфта, ки ин мақбул мебошаду мардуд мебошад. Ва мақбулро таъриф накарда. Аммо аз таърифе, ки мардудро карда, таърифи мақбул ба муқобала маълум мешавад. Ва таърифи мардуд чунин карда, ки: мардуд — он аст, ки суханро бадар барад ба ҳадди куфр... Ва гуфта, ки инро ғулувв ном ниҳодаанд.

Ва Рашид гуфта: иғроқ — «ин санъат чунон бошад, ки дабир ё шоир дар сифати чизе муболиға кунад». Ва мисоле, ки аз насри порсӣ оварда — ин аст, ки чун хоҳанд, ки дар накӯҳиши касе муболиға намоянд, гӯянд: «фалон ҳеҷ кас аст», ва мисоли дигар: «эй саг, дареғ ин ном бар ту!» Ва аз амсалае, ки аз шуарои порсӣ оварда — яке ин рубоӣ аст:

Аз захми сари ду зулфи анбарбӯят
Озурда шавад ҳаме гули худрӯят.
З-ангуштнамои ҳар касе дар кӯят,
Тарсам, ки нишон бимонад андар рӯят.

Ва мақсуд аз нақл кардани ин мисол — он аст, ки маълум шавад, ки пеши Рашид муболиға кардан дар сифати чизе ва ба акси-юл-ғоят расонидани он аамм аст аз он, ки ба ҳадди истиҳола расад ё нарасад чи муболиғаи аввалӣ мумкин аст ақлан ва дуюм — маҳол.

Ва Шамси Қайс низ иғроқро ҳамчунон таъриф карда, ки аз Рашид нақл шуд. Ва гуфта, ки ваҷҳҳои мадҳ ба ҷиҳати тафовути дараҷоти мамдӯҳон мухталиф аст. Ва бар мӯҷиби ихтилофи аҳволи эшон дар иртифоъ[59] ва иттизоъ[60] зидд-ул-иртифоъ тафовутнок.

Ва аз уюби[61] мадҳ яке — он аст, ки аз ҳадди ҷинси мамдӯҳ ба тарафи ифрот[62] ё тафрит[63] берун баранд, чунон ки Анварӣ[64] гуфта:

Зиҳӣ дасти ту бар сари офариниш,
Вуҷуди ту сардафтари офариниш.
Қазо хутбаҳо карда дар мулку миллат
Ба номи ту бар минбари офариниш.
Чиҳил сол машшотаи кавн[65] карда
Русуми туро зевари офариниш.
Агар фазлаи гавҳари ту набудӣ,
Ҳақир омадӣ гавҳари офариниш.

## АЙҒОЛ

Аллома гуфта: иборат аст аз он, ки дар мақтаи байт ё фиқра васфе зикр кунанд аз барои пеш аз ӯ, ки ифодаи зиёдатии муболиға кунад ё анҷоми муболиға.

Аммо он, ки ифодаи зиёдатии муболиға кунад, чунон ки:

Сунбули зулфат, ки гашт аз бӯи ӯ ҷонҳо хароб —
Анбаре бошад сиришта тоза бо мушку гулоб.

Ва аммо он, ки ифодаи татмими[66] муболиға кунад, чунон ки:

Лаъли майгунаш, ки сад зоҳид аз ӯ расво бувад —
Бодаи софест, к-андар шишаи мино бувад.

Пӯшида намонад, ки дар шишаи мино будан — ифодаи татмими муболиға мекунад дар сафову равшанӣ.

Ва соҳиби **«Талхис»** айғолро аз санъатҳои зотия дошта ва дар баҳси итноб[67] оварда ва гуфта, ки: дар тафсири ӯ ихтилоф аст. Баъзе гуфтаанд, ки тамом кардани байт аст ба чизе, ки ифода кунад нуктаеро, ки маънӣ бидуни ӯ тамом бошад, мисли зиёдатии муболиға, чунон ки гузашт ва мисли таҳқиқи ташбеҳ, чунон ки:

Хати ғубор, ки бар гирди рӯи ёр бувад,
Чу сабзаест, ки дар аввали баҳор бувад.

Ин санъат, ки «дар аввали баҳор бувад» аз барои таҳқиқ ва татмими ташбеҳ аст — ба ҷиҳати он, ки хатти ғубори сабза, ки дар аввали баҳор аст, мушобеҳтар аст, вагарна чун гуфта шуд, ки «чун сабза аст»— маънӣ тамом шуд.

Ва баъзе гуфтаанд, ки махсус ба шеър нест.

Ва Шамси Қайс айғолро махсуси шеър дошта ва гуфта, ки: «айғол — он аст, ки шоир маънии хуш тамом гӯяд ва чун ба қофия расад, лафзе орад, ки маънӣ бадон муаккадтар[68] ва тамомтар гардад, чунон ки гуфтаанд:

Он, ки бидрафшад чу маскул[69] ойина дар офтоб.

Шак нест, ки ламаони[70] ойина масқул дар офтоб бештар ва тамомтар бошад, валекин маънии байт ба зикри «дар офтоб» эҳтиёҷ надорад, ки ташбеҳ дар равшанӣ ва дурахшидан ба ойина масқули тамом аст.

Ва он чи дигаре гуфтааст:

Он, ки бидрафшад чу теғи нав зи дуда бенаём*

Ва ин ҷинси бефоидаро дар уюби шеър **илғо** хонанд, яъне лағву ботил овардан.

Ва **«айғол»** дар луғат — дур рафтан бошад дар шаҳрҳо.

---

* Агарчи бенаём буданро дар асли дурафшидан мадхале нест, аммо дар зуҳури он мадхале тамом дорад. Пас лағв[71] набошад.

Ва ин санъатро аз баҳри он ин ном карданд, ки дур даррафтан аст ба маънӣ ва муаккад гардонидан бар ваҷҳи афзунӣ».

То ин ҷо каломи ӯст.

## ТАКМИЛ

Соҳиби «**Талхис**» гуфта, ки онро **эҳтирос** низ мегӯянд.

Ва он иборат аст аз он, ки зикр кунанд дар каломе, ки муваҳҳам хилофи мақсуд бошад чизеро, ки дофеи[72] он иҳом бошад. Ва ин дофеъ гоҳе дар миёни каломе бошад, чунон ки:

Баҳори ҳусни ту, к-аш гирди лола сабза набуд,
Ҳазор чун мани девонаро ҷунун афзуд.

Ва гоҳе дар охири калом мебошад, чунон ки:

Баски з-ин сон дар ҷаҳон афтодаам чун хоки роҳ,
Хоки пои муфлисонам — обрӯи аҳли ҷоҳ.

Чун гуфта шуд, ки «хоки пои муфлисонам»— таваҳҳуми он мешавад, ки аз ҷиҳати беэътиборист, на аз ҷиҳати пастии нафсу тавозеъ. Ва чун гуфта шуд, ки «обрӯи аҳли ҷоҳ»— он таваҳҳум дафъ шуда.

Ва такмилро аз муҳассаноти зотия дошта.

Ва Аллома такмил ва эҳтиросро ду санъат дошта ва дар муҳассаноти ғайрилафзия зикр карда. Ва гуфта, ки такмил — ва онро **итмом** низ мегӯянд — иборат аст аз он, ки биёрӣ дар фанне аз фунун, яъне навъе аз анвои сухан каломеро. Пас, чун бубинӣ, ки нуқсоне дорад ба сабаби он ки дар вай айбе даромада аз ҷиҳати далолати мафҳуми вай, яъне чизе, ки аз вай фаҳм шавад ва хориҷи маънии ӯ бошад. Пас, тамом созӣ он каломро ба ҷумлае, ки он нуқсонро рафъ кунад — чунон ки дар ин байт, ки дар мадҳи донишманде воқеъ шуда:

Баҳри илм асту масоил ёд дорад бешумор,
Табъи покаш ҳаст дар ҳаддат чу теғи обдор.

Зоҳир аст, ки мадҳи донишманде ба муҷарради он, ки масъалаҳои бисьёр ёд дорад, чунон ки дар мисраи аввал воқеъ шуда, ноқис аст — ба ҷиҳати он, ки далолат мекунад бар он ки ҳаддати табъ надорад, пас, итмоми он калом воқеъ шуда, ба ҷумлае, ки рофеи[73] он нуқсон аст ва он мисраи дуюм аст.

Ва зоҳир аст, ки такмил ба ин маънӣ махсус аст аз он, ки соҳиби **«Талхис»** гуфта — ба ҷиҳати он, ки рофеи нуқсон ин ҷо махсус аст ба он, ки ҷумла бошад ва баъд аз каломи ноқис. Ва дар он маънӣ, ки сохиби **«Талхис»** гуфта, аамм аст аз ҷумла ва муфрад ва аз он, ки дар аснои калом бошад, ё дар охир.

Ва гуфта, ки эҳтирос — он аст, ки биёрӣ дар мадҳ ё ғайри он каломеро, пас, бубинӣ, ки дар вай айбе даромада аз ҷиҳати далолати мантуқи ӯ, яъне он чи калом ба ӯ нотиқ аст ва он маънии ӯст; ё аз ҷиҳати далолати мазмуни ӯ, яъне он чи аз вай фаҳм шавад ва хориҷи маънии ӯ бошад. Пас, дар паи вай каломе дигар биёрӣ, то нигоҳ дорад ӯро аз эҳтимоли хато. Аммо он калом, ки дуҳули айб дар вай аз ҷиҳати далолати мантуқи ӯ бошад, монанди байти аввал аз ин ду байт:

Чарх, к-аз вай дил бувад хун ҳочаву дарвешро,
Хоҳам аз дасти ҷафояш кушт охир хешро.
Бар касе дигар ҷафо кай мекунад чун ман аз он-к
Менамояд нӯшам, аммо мезанад сад нешро.

Чун аз мазмуни байти аввал фаҳм мешавад, ки ҷафои чарх бар қоил монанди ҷафои ӯст бар дигарон, пас, маҳалли айб аст — он, ки гуфта худро охир аз дасти ҷафояш хоҳам кушт ба ҷиҳати он, ки ҷафои ӯ ом аст. Ва гуфтаанд, ки: «балоҳо чун ом шуд, хуш бошад». Пас, дар паи он байт байте дигар оварда, ки нигоҳ дошта онро аз эҳтимоли хато. Ва эҳтирос ба ин маънӣ, ки ӯ гуфта, аамм аст аз такмил ба он маънӣ, ки ҳам ӯ гуфта — ба ҷиҳати он, ки дар такмил духули айб дар каломи аввал ба ҷиҳати далолати мафҳуми ӯ. Ва дар эҳтирос духули айб дар каломи аввал аз ҷиҳати далолати мантуқи ӯ низ метавонад бувад, чунон ки гузашт,

Ва соҳиби **«Табьён»** такмилро ба ҳамин маънӣ тафсир карда, ки Аллома эҳтиросро ба он тафсир карда.

Ва баъзе дигар гуфтаанд: такмил — он аст, ки шоир зикр кунад маъниеро ва ҳеҷ чиз аз аҳвол, ки мутаммими[74] сиҳҳати он маънӣ ва мӯҷиби камоли он бошад, нагузорад, ки зикр накунад.

Ва зоҳир аст, ки мақсуд аз ин сухан муболиға аст, яъне дар зикри чизе, ки мӯҷиби татмими сиҳҳат ва камоли маънӣ мақсуд бошад, бикӯшад — чунон ки:

Туӣ хуршеди авҷи *ҳусну хубон пеши ту анҷум*,
Раванд аз худ, агар бинанд рӯзе сад раҳат мардум.

Ва маънии **«такмил»** ба ҳасаби луғат ва ваҷҳи тасмия ба ӯ зоҳир аст.

Ва **«эҳтирос»** дар луғат — хештанро аз чизе нигоҳ доштан аст. Ва ваҷҳи тасмия ба ин низ зоҳир аст.

## ТАЗЙИЛ

Аллома гуфта, ки иборат аст аз он, ки баъд аз тамоми калом зикр карда шавад ҷумлаи мустақила ба нафси худ, яъне қайди каломи собиқ набошад, ки муштамил бошад ин ҷумла бар маънии он калом аз барои таъкиди мантуқи вай, ё аз барои таъкиди мафҳуми вай.

Аммо он, ки аз барои таъкиди мантуқи вай бошад, монанди ин ҷумла, ки «дигарам нест қарор» дар ин байт:

Бурд орому қарор аз дили зор
Чашми шӯхат, дигарам нест қарор.

Ва аммо он, ки аз барои таъкиди мафҳуми вай бошад, монанди мисраи дуюм дар ин байт:

Рақиб аз мо суханҳо гуфта бо ёр,
Ба мискинон адоват карда изҳор.

Ва соҳиби **«Талхис»** гуфта, ки тазйил — таъқиби ҷумла аст ба ҷумлае, ки муштамил бошад бар маънии ӯ аз барои таъкиди ӯ.

Ва фарқ миёни ин таъриф ва он чи аз Аллома нақл шуд — он аст, ки ин ҷо ҷумлаи сонияро қайд накарда ба он, ки мустақил бошад ба нафси худ. Ва гуфта, ки: ин бар ду қисм аст:

**Қисми аввал** — он, ки ӯро бар ин тариқ наёранд, ки масалро меоранд, яъне мустақил набошад ба ифодаи мурод ва маънӣ мавқуф бошад бар моқабли[75] худ, чунон ки:

Дил ба маҳрӯе Атой доду аз ғам ҷон диҳад,
Ин сазои он касе, к-ӯ дил ба маҳрӯён диҳад.*

Ва **қисми дуюм** — он, ки ҷумлаи сонияро бар он тариқ оранд, ки масалро меоранд, яъне мустақил бошад

* Ҷумлаи сония ба ҷиҳати лафзи «ин», ки ишорат аст ба собиқ, мавқуф аст бар моқабли худ дар маънӣ.

ба ифодаи мурод ва дар маънӣ мавқуф бар моқабл набошад, чунон ки:

Аз дасти ҷафоҳои ту, эй шӯхи ҷафоҷӯ,
Меноламу он кас, ки наноладзи ҷафо, ку?

Ва ҷомеи ҳар ду қисм аст ин байт:

Аз ғазаб қатли рақибон кард дӯст,
Нек карду кори некӯёи накӯст.

Пӯшида нест, ки ин ҷумла, ки «нек кард»— тазйили каломи собиқ аст; ва аз қисми аввал аст. Ва ин ҷумла, ки «кори некӯён накӯст»— тазйили он тазйил аст; ва аз қабили қисми сонӣ аст.

Ва Алломаи Тафтозонӣ дар баёни қисми аввал иктифо карда бар он чи мазкур шуд. Ва дар баёни қисми дуюм қайди «шуйӯъ[76] — истеъмол[77]»-ро зиёда карда. Ва зоҳиран, бинобар баёни ӯ миёни ин ду қисм воситае мебояд. Ва он ин аст, ки ҷумлаи сонӣ мустақил бошад ба ифодаи мурод, аммо шоеъ-ул-истеъмол набошад.

Ва ҳам соҳиби **«Талхис»** гуфта, ки: тазйил — як навъи дигар тақсим меёбад ба ду қисм — ва он ин аст, ки тазйил ё аз барои таъкиди мантуқи калом аст, ё аз барои таъкиди мафҳуми ӯ. Ва амсалаи ҳар ду қисм мазкур шуда.

Ва тазйилро низ аз муҳассаноти зотия дошта.

Ва шоирони қадими Аҷам музаййал — он шеърро мегӯянд, ки қофия дар ҳар мисраъ, ки бошад, дар аввал бошад ва боқӣ радиф бошад ё дар охир бошад ва ҳарчи пеш аз ӯст аз он мисраъ — ҳоҷиб бошад. Аммо қисми аввал, чунон ки:

Фарьёд кунад дил аз ҷафои даврон,
Сад дод кунад дил аз ҷафои даврон.
Соқӣ, қадаҳе бидеҳ, ки як дам боре,
Озод кунад дил аз ҷафои даврон*.

Ва аммо қисми дуюм, чунон ки:

Доди сухан дар ҷаҳон аз хиради хурдадон
Мири вилоятнаноҳ — Мир Алишер дод.

---

* Лафзи «дод», ки қофия аст, агарчи дар аввали ин мисраъ нест, аммо дар ҳукми аввал аст — ба ҷиҳати он ки лафзи «сад дод» ба манзилаи як калима аст. Ва дар ин мисол танбеҳ аст бар он ки лафзи аввали мисраъ, ки дар таъриф воқеъ шуда — аамм аст аз аввали ҳақиқӣ ва он чи дар хукми он бошад. Ва ин аз татаббӯи амсалаи қавм маълум шуда.

Дорад аз устоди кор илму ҳунар бешумор
Мири вилоятпаноҳ — Мир Алишер ёд.
То ба абад мустадом бар сари хосу авом
Мири вилоятпаноҳ — Мир Алишер бод!

Ва баъзе аз мусаннифон навъи аввалро ба рубой махсус доштаанд ва навъи дуюмро ба қитъа. Ва он асле надорад. Ва сабаби тавааҳҳуми он баъз — он аст, ки дар амсала чунин дидаанд.

Ва шоирони муосири Аҷам музайял — он шеърро мегӯянд, ки исми мамдӯҳро ба тақриб дар охири он зикр кунанд.

Ва **«тазйил»** дар луғат — доман дароз кардан аст.

Ва ваҷҳи тасмия, бинобар қавли фусаҳои араб, ташбеҳи эроди ҷумла аст дар ақиби ҷумлаи дигар аз барои таъкиди маънии ӯ ба дароз сохтани доман, чи ҷумлаи аввалӣ ба манзилаи либоси мақсуд аст; ва он чи дар уқби[78] ӯ зикр кардаанд, аз барои таъкиди маънии ӯ чун ҷумлаи дигар аст, гӯё домани ҷумлаи аввалиро ба он дароз кардаанд.

Ва бар тафсири шуарои Аҷам — ташбеҳи дарозии радиф ва ҳоҷиб аст ба дарозии доман, чи онҳо аз байт, ки либоси маънӣ аст, ба манзилаи доманаид.

## ТАТМИМ

Соҳиби **«Талхис»** инро низ аз муҳассаноти зотия дошта ва гуфта, ки: иборат аст аз он, ки дар каломе, ки муваҳҳам хилофи мақсуд набошад, фазлае оварда шавад аз барои нуктае — мисли муболиға дар ин байт:

Чун рӯи ту набувад гул бо он ҳама раъноӣ,
Чун мӯи ту ҳам сунбул бо он ҳама зебоӣ!

Эроди лафзи «бо он ҳама раъноӣ» — дар мисраи аввал ва лафзи «бо он ҳама зебоӣ» дар мисраи дуюм татмим аст аз барои муболиға.

Ва мурод ба «фазла»— он аст, ки рукни калом набошад ва ҷумлаи мустақил низ набошад.

Ва ҳам ӯ гуфта, ки аз татмим аст он, ки махсус ба лафз бошад. Ва онро **ҳашви қабеҳ** мегӯянд. Ва он вақте аст, ки риояти вазн карда бошанд, на маънӣ — монанди лафзи «эй гул» дар ин байт:

Рӯят, эй гул, ба моҳ мемонад,
Хат ба мушки сиёҳ мемонад.

Ва монанди лафзи «чашму сар» дар ин байт, ки шоир гуфта:

Гар менарасам ба хидматат, маъзурам,
Зеро рамади[79] чашму судоъи[80] сарам аст.

Чи «рамад» ҷуз чашмро ва «судоъ» ҷуз сарро намебошад.

Ва мустаҳсан аз ин навъ татмим — он аст, ки дар бай қасди нуктаи латифе карда бошанд, чунон ки:

Бе ту моро, эй биҳишти ошиқон,
Ҳаст дӯзах ҷумла боғу бӯстон.

Дар лафзи «эй биҳишти ошиқон», ки татмими лафзӣ аст, қасди нукта шуда ва он риояти санъати тазод аст миёни «биҳишт» ва «дӯзах».

## ЭЪТИРОЗ

Соҳиби **«Мифтоҳ»** гуфта, ки: он аст, ки дарҷ кунанд дар калом чизеро, ки маънии мақсуд бидуни ӯ тамом бошад.

Ва Алломаи Тафтозонӣ дар шарҳи **«Мифтоҳ»** гуфта, ки: дарҷ кардан мешояд, ки дар аснои як калом бошад ва мешояд, ки дар миёни ду калом бошад, ки аз рӯи маънӣ ба якдигар алоқаманд бошанд. Ва он чиз, ки ӯро дар калом дарҷ мекунанд, мешояд, ки ҷумлае бошад, ки онро маҳалл аз араб бошад. Ва мешояд, ҷумлае бошад, ки онро маҳалле аз араб набошад ва мешояд, ки ғайри ҷумла бошад. Пас, қисмҳои он назар ба ин сабаб шаш бошад.

Ва чун дар мисолҳои форсӣ, ки дар ин китоб оварда мешавад, ин тафсил, ки ҷумларо маҳалле аз аъроб бошад, аз дараҷаи эътибор соқит шуд. Пас, бинобар ин, қисмҳои эътироз чаҳор бошад.

**Қисми аввал** — он ки дарҷ кунанд ҷумларо дар аснои як калом, чунон ки:

Дастат, ки омад абри карам, бедирам мабод!
Ҳарчанд базл беш кунӣ, ҳеҷ кам мабод!

Ин ҷумларо, ки «омад абри карам» мӯътариза[81] аст дар асноии як калом.

Ва чунон ки:

Бар сидқи раҳӣ, ки хоки роҳ аст,
Ҳақ ҷалла ҷалолаҳу гувоҳ аст.

Дар байти аввал ҷумлаи муътариза сифати собиқи худ воқеъ шуда; ва дар байти сонӣ ба сари худ каломест аз барои дуо.

**Қисми дуюм** — он, ки дарҷ кунанд ғайри ҷумларо дар аснои як калом, чунон ки:

Он, ки каҷ бозад ба мо доим чу зулфи хештан,
Ҳамчу қаддаш ростиро нест сарве дар чаман.

Лафзи «ростиро» ғайри ҷумла аст, мундариҷ дар аснои як калом.

**Қисми сеюм** — он, ки дарҷ кунанд ҷумлаеро дар миёни ду каломи муттасили якдигар аз рӯи маънӣ, чунон ки:

Маро куштӣ, накӯ кардӣ, машав ҷони касон боре,
Ки бар ҷонам бувад ин саъбтар аз қатли бисьёре.

Ин ҷумларо, ки «накӯ кардӣ» дарҷ карда шуда, дар миёни ду каломи муттасил ба якдигар аз рӯи маънӣ.

**Қисми чаҳорум** — он, ки дарҷ кунанд дар миёни ду каломи мазкур ғайри ҷумларо, чунон ки:

Ман надорам лофи тақво, гӯ: ҳама олам бидон!
Бода нӯшам бетакаллуф, ишқ варзам бо бутон!

Лафзи «бетакаллуф», ки ғайри ҷумла аст, дарҷ кардашуда дар миёни ду каломи муттасил ба якдигар аз рӯи маънӣ.

Ва шореҳи Аллома гуфта, ки эътироз бар се қисм аст:

**Қисми аввал** — он, ки фоида надошта бошад. Ва он **ҳашви мазмум** аст, монанди ин байт:

Соқиё, бода деҳ, ки ранҷи хумор
Сару фарқи маро ба дард овард.

Лафзи «фарқ» бо вуҷуди зикри «сар» ҳашви мазмум аст.

**Қисми дуюм** — он, ки фоидаи ӯ таъкид бошад. Ва он **ҳашви мутавассит** аст, чунон ки:

Бодаи кӯҳна, ки аз дасти ҷавоне нӯшӣ,
Бахшад аз ғайр фароғат, зи худат беҳушӣ.

Пӯшида нест, ки ин ҷумла, ки «аз дасти ҷавоне нӯшӣ»— муфиди таъкид аст дар мақсуд.

**Қисми сеюм** — он ки маъниро камоле ва ҷамоле диҳад — ба ҷиҳати он, ки муфид бошад дар дафъи шак ва бениёз сохтан аз такрор саволро ё ғайри онро. Ва он **ҳашви малеҳ** аст. Ва онро **ҳашви лавзинаҷ** мегӯянд ва «лавзинаҷ»— арабии «лавзина» аст. Чунон ки:

Ба ҳар ноҷинс то кай бода хӯрдан?
Буто, розӣ шудам з-ин ғам ба мурдан!

«Розӣ шудани шахсе ба мурдан» — маҳалли он аст, ки касе дар он шак кунад ва савол кунад аз сабаби он. Ва лафзи «з-ин ғам» муфиди дофеи он шак ва бениёзӣ аз он савол аст.

Ва чунон ки:

Он лаб, ки ҳамеша бод хандон,
Бикшод ба ханда, тоза шуд ҷон.

Ин ҷумла, ки «ҳамеша бод хандон», ҳашви малеҳ аст аз барои дуо, муносиби калом.

Ва соҳиби **«Талхис»** эътирозро низ аз муҳассаноти зотия дошта ва гуфта, ки: он аст, ки оварда шавад дар аснои як калом, ё дар миёни ду калом, ки муттасил бошанд ба якдигар аз рӯи маънии ҷумла ё бештар, ки маҳалле аз аъроб надошта бошад аз барои нуктае ғайри дафъи иҳом хилофи мақсуд — монанди дуо дар байти гузашта. Ва монанди **танзия**[82] дар ин байт:

Маро «бесабр» мегӯӣ, маозалло, зи бадхӯӣ
Кашам ҷаври рақибон ҳам, дигар аз ман чӣ меҷӯӣ?

«Маозалло» дар тақдири чумла аст — ба ҷиҳати он, ки тақдир ӯ нест, ки ивази «маозалло», яъне «паноҳ мегирам». Ва ин ҷумла мӯътариза аст аз барои танзия аз айби бесабрӣ.

Ва монанди танбеҳ дар ин байт:

Панд бишнав, суди ҷон бошад шунидан пандро,
То тавонӣ, рад макун уммеди ҳоҷатмандро.

Ин ҷумла, ки «суди ҷон бошад шунидан пандро» аз барои танбеҳ аст, бар нафъи панд шунидан.

Ва ҳам ӯ гуфта, ки қавме таҷвиз кардаанд, ки эътирози дафъи иҳом хилофи мақсуд бошад. Ва ин қавм ба ду фирқа шудаанд:

Фирқае тачвиз кардаанд, ки эътироз дар охири калом ва дар миёни ду каломи ғайри муттасил-ул-маънӣ воқеъ шавад.

Ва фирқае дигар тачвиз кардаанд, ки эътироз ба ғайри чумла низ бошад.

Ва соҳиби **«Табьён»** таъриф мувофиқи соҳиби **«Талхис»** карда ба чуз он, ки қайд накарда нуктаро дар ғайри дафъи иҳом. Ва Алломаи Тафтозонӣ дар шарҳи **«Талхис»** гуфта, ки мурод ба иттисоли ду калом аз рӯи маънӣ он аст, ки сонӣ баёни аввал бошад, ё таъкиди ӯ, ё бадал аз ӯ.

Аммо каломи сонӣ баёни каломи аввал бошад, чунон ки:

Зи ҳичронаш шудам чун коҳ, оҳ аз фурқати ёрам,
Шикастаҳолу зарду зору доим рӯ ба деворам.

Ин чумла, ки «оҳ аз фурқати ёрам»— мӯътариза аст барои изҳори ҳазинӣ воқеъ шуда дар миёни ду калом, ки сонӣ баёни аввал аст.

Ва аммо он, ки каломи сонӣ бадал бошад аз аввал, бошад, чунон ки:

Дил аз ҳачри ту бемор аст, эй васлат шифои дил,
Набошад бе рухат чуз ранчу меҳнат дар дилам ҳосил.

Ин чумла, ки «эй, васлат шифои дил» — мӯътариза аст аз барои талаби лутф ва меҳрубонии маҳбуб бо риояти санъати тазод. Ва дар миёни ду калом воқеъ шуда, ки сонӣ таъкиди аввал аст — ба чиҳати он, ки мувофиқ аст бо вай дар маънӣ. Ва фоидаи ин такрор ва таҳқиқ мазмуни каломи собиқ аст.

Ва аммо он, ки каломи сонӣ бадал бошад аз аввал, чунон ки:

Ба зебоӣ надорӣ мисл, биллоҳ,
Набошад дар латофат чун рухат моҳ.

Пӯшида намонад, ки «билло» дар тақдири чумла аст — ба чиҳати он ки тақдири ӯ ин аст, ки «савганд мехӯрам ба худо». Ва ин чумлаи мӯътариза аз барои дафъи таваҳҳуми газоф аз каломи собиқ. Ва дар миёни ду калом воқеъ шуда, ки сонӣ бадал аст аз аввал — бадали баъз аз кулл, чи мазмуни каломи сонӣ дохил аст дар мазмуни каломи аввал. Ва фоидаи ин бадал он аст, ки каломи аввал гӯё вофӣ [83] нест ба иддаои му-

род. Ва он исботи камоли ҳусни маҳбуб аст. Пас, каломи сониро, ки зоҳир-ус-сидқ аст, бадал оварда шуд аз аввал аз барои эҳтимол ба нишони иддаои мурод. Ва ин мисоли мазкур батамом аз он қабил аст, ки аз барои эътирози як чумла оварда шуд.

Аммо он ки бештар аз як ҷумла оварда шуда бошад дар аснои як калом, чунон ки:

Миннати халқон нигаҳ дорад худовандат аз он,
Панди ман бишнав — макаш ҳарчанд бошад баҳри ҷон

Махфӣ намонад, ки «миннати халқон макаш» як калом аст ва дар аснои вай ду ҷумла оварда шуда бошад дар миёни ду каломи муттасил-ул-маънӣ, чунон ки:

Ҳама чизат худодода, таолиллаҳ, чи ҳусн аст ин?
Рухат дода зи гул беҳтар, зи шаккар беҳ лаби ширин.

Мисраи сонӣ бадал аст аз он калом, ки «ҳама чизат худодода» ва дар миёни эшон ду ҷумлаи мӯътариза воқеъ шуда.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки **эътироз-ул калом қабл-ут-тамом** ва «ин амалро арбоби саноат **ҳашв** низ хонанд — ва ин санъат чунон бошад, ки шоир дар байт маъние оғоз ниҳад ва пеш аз он, ки маънӣ тамом шавад сухане дигар дар миён бигӯяд, он гоҳ ба тамом кардани он маънӣ бозравад. Ва ҳашв бар се навъ аст: ҳашви қабеҳ ва ҳашви мутавассит ва ҳашви малеҳ.

Аммо **ҳашви қабеҳ** — он бошад, ки овардани лафзи зоид бас баноҷойгоҳ бувад ва байтро табоҳ кунад.

Ва аммо **ҳашви мутавассит** — чунон бошад, ки овардан ва ноовардани он лафзи зоид яксон бувад, на бағоят мустаҳсан бошад ва на бағоят мустақбаҳ[84].

Ва аммо **ҳашви малеҳ** — чунон бошад, ки овардани он байтро биёрояд ва суханро ҳусну равнақ диҳад».

Ва ин ҳар се навъро ба тартибе, ки ӯ гуфта — дар ин рубоӣ дарҷ карда шуд:

Рӯяш, ки маҳ аст, аз қамар беҳ бошад,
Мӯяш ба назар зи мушки тар беҳ бошад.
Лаъли лаби ӯ, ки шарбати унноб аст,
Пеши мани хаста аз шакар беҳ бошад.

Лафзи «маҳ аст» дар мисраи аввал — ҳашви қабеҳ аст; ва лафзи «ба назар» дар мисраи дуюм — ҳашви мутавассит; ва лафзи «ки шарбати унноб аст» дар байти сеюм — ҳашви малеҳ.

Ва мисоли ҳашви малеҳ аз «Қасидаи маснӯъ» лафзи «к-аш бо дили тоза» аст, дар ин байт аз баҳри ҳазаҷи мураббаи солим:

Сабо, к-аш бо дили тоза,
Кашад бар ҳадди гул ғоза.
МафоӢлун мафоӢлун
МафоӢлун мафоӢлун.

Ва **«эътироз»** дар луғат — пеш омадан аст.

Ва ваҷҳи тасмия он аст, ки дар ин санъат дар миёни сухан чизе дигар пеш меояд.

Ва **«ҳашв»** дар луғат — чизеро мегӯянд, ки дар миёни болиш ва ғайри он ниҳанд — монанди пунба ва пашм.

Ва ваҷҳи тасмия он аст, ки он чиз, ки ӯро дар миёни сухан меоранд, мушобеҳ аст ба он чиз, ки ӯро дар миёни болиш ва ғайри он мениҳанд.

Ва ваҷҳи тасмияи ҳашви малеҳ ба «ҳашви лавзинаҷ»— он аст, ки чунончи қанд ва мағзи бодом, масалан, ки дар миёни лавзина аст, мӯҷиби латофати ӯ ва зиёдатии майли табъ аст ба ӯ. Ҳамчунин ҳашви малеҳ дар калом мӯҷиби латофати ӯ ва зиёдатии майли табиат ба ӯ.

Ва гуфтаанд, ки ин тасмия аз Соҳиб [85], яъне Ибни Ибод * воқеъ шуда.

## ЭЗОҲ

Он аст, ки калом худ ду эҳтимол дошта бошад, ё он ки ҳукми он пинҳон бошад, пас, каломе биёрӣ, ки равшанкунанда ва баёнкунандаи мурод бошад.

Аммо эзоҳи каломи мӯҳтамил, чунон ки:

Некию бадӣ аз ту маро ёд диҳад
Чун нек кунӣ ҳамешаву бад накунӣ.

Ва аммо эзоҳи каломи хафӣ-ул-ҳукм [86], чунон ки:

Ҳар замонам мекашад дил ҷониби вайронаҳо,
Ҳаст дар вайронаҳо ҳамчун дили ман хонаҳо.

Ва соҳиби **«Талхис»** дар охири фанни бадеъ гуфта, ки эзоҳ дар ҳақиқат роҷеъ ба итноб аст. Пас, маълум

---

* Номи ӯ Исмоил буда ва вазири яке аз хулафои Аббосия буда ва мулаққаб ба «Соҳиб» шуда. Ва лутфи табъ ва илму фазли ӯ дараҷаи камол дошта ва машҳур аст.

шуд, ки инро аз муҳассаноти зотия дошта — ба ҷиҳати он ки итноб аз он ҷумла аст. Ва маънии итноб баъд аз ин баён хоҳад шуд.

## РУҶӮЪ

Ва онро **истидрок** низ гӯянд.

Он аст, ки зикр кунӣ чизеро ва боз аз он баргардӣ аз барои нукта, чунон ки:

Нест бисьёр, ар намоӣ як назар,
Балки бисьёр аст аз ту ин қадар?

Ва нукта ин ҷо — изҳори таҳайюр ва беҳушӣ аст, ки гӯё мутакаллим аз ғояти муҳаббат ба илтифоти маҳбуб аввал ба ҳоли худ набуда ва надониста, ки чӣ мебояд гуфт. Охир ба худ омада ва он чи гуфтанӣ буда, гуфта.

Ва Аллома гуфта, ки руҷӯъ — аз анвои эътироз аст. Ва ҳам ӯ гуфта, ки аз анвои истидрок аст — он, ки шоир ибтидо кунад каломро чунон ки таваҳҳум шавад, ки ҳаҷв аст, боз тадорук кунад ва ба мадҳ роҷеъ созад, монанди ин байт:

Ҳайф бошад он ки инсон гӯямат аз баҳри он —
Тан шавад нопок инсонрову ту покӣ чу ҷон.

Ва ин навъ пеши доноёни ин фан ғайримустаҳсан аст ба сабаби он ки мешояд, ки мамдӯҳ ба ҷиҳати шунидани аввали калом димоғсӯхта шавад, пас аз боқии калом лаззате наёбад.

Ва Рашиди Ватвот истидрокро иборат аз ҳамин навъ дошта ва гуфта: «пеши ман он аст, ки агар шоир ин тариқ пеша накунад ва ин услуб ба кор надорад, беҳтар бошад».

**«Истидрок»** дар луғат — дарьёфтан аст.

Ва ваҷҳи тасмия — он аст, ки мутакаллим дар вақти руҷӯъ аз каломи аввал бо тадорук кардани он чи муваҳҳами ҳаҷв аст, дарьёфта — он чи аз вай фавт шуда буд.

Ва наздик аст ба ин санъат он чи Шамси Қайс онро **тадорук** ном карда.

## ТАДОРУК

Шамси Қайс гуфта: он аст, ки маъниеро аз маонӣ ба нафйи мутлақ ё ба исботи сареҳ махсус гардонанд, он гоҳ онро ба ваҷҳе аз вуҷӯҳ[87] тағйир кунанд ва шарте дар миён оранд, ки он сифат ба он шарт мубаддал тавонад шуд, чунон ки:

Бисуд по, натавон, к-аз дарат дигар биравам,
Вале агар ту бигӯӣ: «бирав!» — Ба сар биравам.

Ва чунон ки:

Шудам яксон ба хок аз ҷаври афлок
Магар лутфи туам бардорад аз хок?!

Ва **«тадорук»** ҳам дар луғат — дарьёфтан аст.

Ва ваҷҳи тасмия мисли он аст, ки дар истидрок гуфта шуда.

## ТАКРИР

Ва онро **такрор** низ гӯянд.

Иборат аст аз ифода кардани лафз аз барои нуктае мисли такрори маънӣ, яъне мукаррар ва муҳаққақ сохтани он.

Аллома гуфта, ки такрири маънӣ мустаҳсан аст дар мақоми нафйи шақ, чунон ки:

Тан гарчи аз зарурат дур аст аз ту, аммо
Дил пеши туст доим ҳаққову сумм[88] ҳаққо.

Ё дар мақоми тааззум, яъне азим шумурдани чизе, чунон ки:

Ёр бар қавли касон бардошт, аз ҳолам назар,
Қор мушкил шуд чӣ созам? Қор мушкил шуд дигар.

Ва мисли таъкиди таҳдид, чунон ки:

Ҳар ки каҷ бозад назар бо маҳвашам —
Мекашам аз тир оҳаш, мекушам!

Ва мисли итеъзоб, яъне хуш омадан ба зикри он чиз, ки такрор меёбад, чунон ки:

Ҳабиб омад, ҳабиб, эй дил, башорат!
Ки хоҳад бурд ҳуш аз мо ба ғорат!

Ва соҳиби **«Табьён»** гуфта, ки ин навъро **тардид** мегӯянд.

Ва зикри тардид дар саноеи лафзия гузашта.

Ва ҳам соҳиби **«Табьён»** такрирро иборат дошта аз иродаи чизе аз барои фоида. Ва гуфта, ки ин бар ду қисм аст:

**Қисми аввал** — он, ки лафз айнан такрор шавад — монанди намунаи гузашта;

**қисми дуюм** — он ки маънӣ мукаррар шавад, на лафз. Ва такрори маънӣ мешояд, ки ба зикри хос бошад баъд аз он, чунон ки;

Биҳамдуллаҳ, ки гашт аз бахт хуррам,
Ба комам кору дилбар ёру ҳамдам.

«Кор ба ком шудан» — ом аст ва «дилбар ёру ҳамдам шудан» — хос.

Ва мешояд, ки ба зикри ом бошад баъд аз хос, чунон ки:

Марон аз кӯи худ ҳар лаҳза моро,
Нигоро тарк кун расми ҷафоро!

Дар ин ду сурат маънии ом такрор меёбад.

Ва гуфта, ки аз қабили сурати дуюм аст боби тазйил. Ва мешояд, ки ба зикри мусовӣ бошад, чунон ки:

Надорам бо тамаъ мутлақ видоде,
Нахоҳам ҳаргиз аз мардум муроде.

Ва гуфта, ки аз ҷумлаи ин қисм аст тард[89] ва акс.

Ва ҳам ӯ гуфта, ки гоҳе такрор аз барои истеъоб меояд.

Ва маънии «истеъоб» — ҳамаро фаро расидан аст, чунон ки дар ин байти машҳур:

Гаҳ мӯътакифи дайраму гаҳ сокини масҷид,
Яъне ки туро металабам хона ба хона.

Мақсуди шоир он аст, ки «дар ҳама хонаҳо ва ҷойҳо матлуби ман туӣ».

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки шуаро «мукаррар» — шеъреро гӯянд, ки дар як байт лафзе бигӯянд ва дар байте дигар бар асари ӯ ҳамон лафзро боз бигӯянд, чунон ки Асҷадӣ[90] гуфта:

Борон қатра-қатра ҳамеборам абрвор,
Ҳар рӯз хира-хира аз ин чашми селбор.
З-он қатра-қатра қатраи борон шуда хиҷил,
З-он хира-хира хира дили ман зи ҳаҷри ёр.

Ва баъзе гуфтаанд, ки мукаррар — он бувад, ки лафзи қофияро ду бор бозгӯянд, чунон ки:

Бо ҳарза умр, дареғо, шуда табаҳ, табаҳ,
Бар каф намонд ба ҷуз номаи сияҳ сияҳ.

**ТАРҶЕЪ**

Соҳиби **«Табьён»** гуфта, ки ӯ аз қабили такрир аст.

Ва тарҷеъ — иборат аст аз он ки зикр кунанд мукарраран як маъниро, ки эҳтимом бошад ба шаъни ӯ ба ин тариқ, ки чун шурӯъ кунанд дар навъе аз калом, назар кунанд ба чизе, ки ба тақриби ӯ он маъниро зикр тавон кард. Ва чун он тақриб пайдо шавад, он маъниро зикр кунанд ва боз ба ҳамин тариқ онро такрор кунанд чандон, ки хоҳанд. Ва ин урфи фусаҳои араб аст.

Аммо пеши шуарои Аҷам — он аст, ки Рашид гуфта, ки: «тарҷеъ — шеъреро хонанд, ки хона-хона бувад, ҳар хона — панҷ байт, зиёда — то даҳ байт; ва қофияи ҳар хона мухолифи хонаи дигар бувад ва ҳар хона, ки тамом шавад, як байти бегона биёранд, он гоҳ ба хонаи дигар шаванд. Ва ин байти бегонаро **тарҷеъбанд** хонанд.

Ва ин байт бар се навъ бувад биайниҳи, ки дар охири ҳар хона ҳамонро бозоваранд: ё байтҳо мухталиф бувад ва ҳар якро қофияи хос; ё байтҳо бувад бар як қофия ба адади абьёти хонаи тарҷеъ —чунон ки чун абьёти бегонаро ҷамъ кунанд, хонаи дигар гардад».*

Ва намунаи қисмҳои тарҷеъ машҳур аст. Ва ин китоби мухтасар гунҷоиши эроди он надорад.

Ва фоидаи тарҷеъ — он аст, ки чун дар услуби калом тағйире воқеъ шуд, сомеъ ба шунидани он бештар таваҷҷӯҳ мекунад ва нишот ӯро дар шунидан зиёда мешавад.

Ва тарҷеъбанд агар як байт бошад, хотир ба маънии ӯ мукаррар таваҷҷӯҳ мекунад бе малоле ва дар хотир беҳтар қарор мегирад.

Ва **«тарҷеъ»** дар луғат — гардонидан аст. Ва чун ин ҷо каломро аз услубе дигар мегардонанд, онро тарҷеъ ном карданд.

---

* Баъзе навъи охирро «**таркиб**» мегӯянд.

## ИТНОБ

Он аст, ки лафз зиёда бошад бар маъни мурод — аз барои фоида.

## МУСОВОТ

Ва агар лафз ба миқдори асли мурод бошад — онро мусовот мегўянд.

## ЭҶОЗ

Ва агар лафз камтар аз асли мурод бошад; ва маънии бисьёр ба лафзи андак адо ёбад — онро **эҷоз** мегўянд.

Ва Шамси Қайс гуфта: «балоғат дар се навъи сухан пайдо шавад: эҷоз ва мусовот ва баст.[91]

Эҷоз — он аст, ки лафз андак бувад ва маънӣ бисьёр.

Ва мусовот — он аст, ки лафзу маънӣ баробар бошад.

Ва баст — он аст, ки маъниро ба лафзи бисьёр шарҳ кунанд ва ба чанд ваҷҳ онро таъкид намоянд, чунон ки агар лафзе муштарак-ул-маънӣ бошад, баёни муроди хеш аз он кунанд. Ва агар ба тафсире эҳтиёҷ афтад, дар рафъи он бисьёр кўшанд.

Пас истиорот ва ташбеҳот — ҷумла аз боби эҷоз аст.

Ва айғолу такмил ва табйину[92] тафсир ва тақсиму иститрод[93] ва тафреъ[94] ва ҳарчи аз ин саноот аз баҳри зиёдатии баён ё рафъи иштибоҳе истеъмол кунанд — ҳама аз қабили басти сухан аст.

Ва чунон ки дар эҷозу мусовот бояд, ки аз халали маънӣ муҳтариз[95] бошанд, бояд, ки дар баст низ итноби бефоида ва истеъмоли алфози ғайри муҳтоҷ муқобили иҷтиноб воҷиб донанд».

То ин ҷо каломи ўст.

Ва ў бастро ба ҷои итноб дар муқобили эҷоз ва мусовот оварда. Ва пўшида намонад, ки баст ба ин маънӣ, ки ў гуфта махсус аст аз итноб ба тафсире, ки мазкур шуд. Ва саноеъро, ки аз қабили баст дошта, баъзе мазкур шуд ва баъзе дигар мазкур хоҳад шуд.

Ва санъате дигар оварда ва онро **тамлеҳ** ном карда. Ва гуфта: «тамлеҳ — он аст, ки алфози андак ба маънии бисьёр далолат кунад.

Ва «малаҳ» — ҷастаи барқ бошад. Ва «малаҳа» — як назар бошад. Ва чун шоир чунон созад, ки алфози анда-

ки ӯ бар маонии бисьёр далолат кунад — онро тамлеҳ хонанд».

Ва тафриқа миёни тамлеҳ ба ин маънӣ, ки ӯ гуфта ва эҷоз — зоҳир нест. Ва гуфта, ки ин санъат ба наздики донишмандон писандидатар аз итноб аст.

Ва маънии **«балоғат»** — он аст, ки он чи дар замир бошад, ба лафзи андак, бе он ки ба тамоми маънии он халале роҳ ёбад, баён кунанд. Ва дар он чи ба басти сухан эҳтиёҷ афтад, аз қадри ҳоҷат дарнагузаронанд ва ба ҳадди малол нарасонанд.

## ИСТИТРОД

Соҳиби **«Табьён»** гуфта, ки: он аст, ки дар фанне аз фунуни калом, яъне навъе аз анвои он бошӣ, пас, ба хотири ту расад фанне дигар муносиби он фан — пас, онро зикр кунӣ, чунон ки дар ҳикояте аз ҳикоёти шахсе бошӣ, пас, ба хотири ту расад ҳикояти дигар аз ӯ, ё аз ғайри ӯ, ки муносиби он ҳикоят бошад ва онро зикр кунӣ.

Ва ин санъат ду навъ аст:

**Навъи аввал*** — он, ки тааллуқ миёни асли калом ва он калом, ки онро ба иститрод зикр карда бошанд, дур бошад. Ва он ба ин мебошад, ки ҷумла иститроде тобеъ воқеъ шуда бошад, чунон ки:

Эй ба сурат гулбуни боғи ҷамол,
В-эй ба маънӣ рӯҳбахши аҳли ҳол!
Ҳар ки бе ҳол аст, бошад кӯру кар,
Гарчи дорад зоҳиран самъу басар! [96]

Зикри «аҳли ҳол» ба табаият воқеъ шуда. Ва байти дуюм, ки иститродист, ба табъияти зикри «аҳли ҳол» воқеъ шуда. Пас, каломи иститродӣ ин ҷо тобеи тобеъ бошад.

**Навъи дуюм** — он, ки тааллуқ миёни асли калом ва каломи иститродӣ қариб бошад, чунон ки:

Нест оби талх яксон бо Фурот,[97]
Қ-аз яке мавт аст в-аз дигар ҳаёт.
Ҳар ки барбаст ӯ Фурот аз тайб-ин,
Гашт малъун ҳамчу шайтони лаин.

---

* Тақдими навъи аввал бар навъи дуюм ба мутобиати соҳиби **«Табьён»** воқеъ шуда, в-агарна, акс — беҳтар бошад.

Ва ин таъриф, ки соҳиби **«Табьён»** карда — тафсили он таъриф аст, ки соҳиби **«Эзоҳ»** карда. Ва он ин аст, ки гуфта: иститрод — нақл аст аз маънӣ ба маънии дигар, ки муттасил бошад ба вай. Ва мақсуд аз зикри маънии аввал васл набошад ба зикри маънии сонӣ монанди байтҳои гузашта. Ва ҳам ӯ гуфта, ки «гоҳе мақсуд — маънии дуюм мебошад ва зикри маънии аввал аз барои тавсил[98] мебошад ба маънии дуюм», чунон ки:

Бедоду ҷавр бар дилам аз ҳад мабар, ки ҳаст
Шоҳзодае, ки дод, дили нотавон диҳад.
Зулл-оллоҳ, шоҳи ғариб офтоби фазл,
Қ-аз ақлу адлу дод чу Нӯшервон[99] диҳад.

Ва гуфта, ки: «бок нест, ки инро **иҳоми иститрод** ном кунанд».

Ва пӯшида намонад, ки ин маънии дуюмро иҳоми иститрод ном кардан аз ғайри соҳиби **«Эзоҳ»** машҳур нест.

Ва машҳур — он аст, ки қудамо инро **«тахаллус»** мегуфтаанд.

Ва мутаохирони шуарои Аҷам инро **«гурезгоҳ»** мегӯянд.

Ва Аллома гуфта, ки иститрод — он аст, ки дар фанне аз фунуни калом бошӣ ва аз он берун ой ва ба фанни дигар равӣ ва боз баргардӣ. Ва агар ҳамчунон биравӣ, он хурӯҷ аст ва ночор аст аз тасреҳ[100] ба зикри он чи ба ӯ иститрод воқеъ мешавад.

Ва аксар дар ҳаҷв мебошад, чунон, ки:

Шукр, к-аз ҳирс наям гашта залил,
Дар ҷаҳон чун писари Хоҷа Халил.*
Шукри эзид, ки қаноат ба камол
Дорам аз фазли худои мутаол.

Ва агар баъд аз байти аввал боқии абьёт дар ҳаҷви ҳамон шахс будӣ, хурӯҷ мебуд. Ва агар ба ҷои байти аввал ин байт будӣ, ки:

Шукри яздон, ки наям ман ба ҷаҳон
Моили мол чу абнои замон.

иститрод намебуд — ба ҷиҳати он, ки тасреҳ ба зикри мустатрадбиҳи воқеъ намешуд.

Ва ин тариқро номе накардаанд ва ҷиҳат зоҳир нест.

---

* Зикр бар «Хоҷа Халил» иститрод аст — аз барои ҳаҷви ӯ.

Ва ҳам ӯ гуфта, ки баъзе гуфтаанд, ки иститрод — он аст, ки шурӯъ кунӣ дар васфи чизе ва онро тариқи дусабила созӣ бо он чи хоҳӣ — аз мадҳ, ё ҳаҷв, ё ғайри он. Ва савори он бошӣ, чандон ки баргардонӣ инони суханро ба ҷониби ғараз ва мақсуди худ, баъд аз он ки дар аввали калом далолат бошад бар он, ки қасд ғайри он аст, ки дар роҳи баёни ӯй.

Ва бинобар ин, қавли дебочаҳо, ки муншиён дар аввал баъзе нишонаҳо менависанд; ва фалакиёту баҳориёт ва амсоли онҳо, ки шоирон дар оғози қасидаҳо мегӯянд, то он ҷо, ки гурезгоҳ мекунанд ва ба маддоҳӣ мешаванд, аз қабили иститрод аст.

Ва Шамси Қайс гуфта, ки: «иститрод — он аст, ки шоир васфе бар як насақ меорад, то чун ба охир расонад он чи мақсуд бошад, аз он шеър ба он пайвандад ва ба он ишорате кунад», чунон ки:

Шуд зимистон охиру мутлақ наёмад бар замин
Қатраи нам аз саҳобу оламе дар изтироб.
Лек ман хушвақтам аз ваҷҳе, ки боре рост кард
Чархи каҷрав гарчи доим буд бо ман дар итоб.
Ин ки ман имсол гуфтам дар мадеҳи шайхи шаҳр —
«Эй кафи эҳсони ту бар халқ монанди саҳоб».

Ва ин ки ӯ гуфта — баёни урфи шоирони Аҷам аст ва наздик ба қавли охир, ки аз Аллома нақл шуд.

Байт:

Лекин андар миёна фарқе ҳаст,
Фикр кун, то тамом дарьёбӣ.

Соҳиби **«Табьён»** гуфта, ки иститродро аз феъли «сайёд» гирифтаанд, ки муторид мешавад сайдеро, яъне ҳамла мекунад ба вай, пас пеш меояд, ӯро сайде дигар — ва қасди ӯ мекунад.

Ва ин фақир иститродро ба ин маънӣ, ки ӯ гуфта — дар ҷое дигар надидаам. Ва ваҷҳи иштиқоқи он низ зоҳир нест.

Ва он чи, филҷумла, ба ин муносибате дорад — **тард** аст ва он кӯшиш кардан аст дар гирифтани сайд; ва **муторида** аст — ва он бар якдигар ҳамла бурдан аст. Ва он ки сайёд сайдеро бигузорад ва қасди сайде дигар кунад — дохили ин маонӣ нест ва лозим низ нест. Ва он ки сайёд, филвоқеъ, гоҳе ин кор мекунад — дар маънии лафз дахл надорад.

Ва дар **«Тоҷ-ул-масодир»**[101] оварда, ки: иститрод — хештанро аз пеши душман ба гурез додан аст аз барои фирефтан вайро.

Ва ваҷҳи тасмия — бинобар ин маънӣ ташбеҳ гузоштани навъе аз калом аст ва зикри навъе дигар аз барои нукта ба гурехтан аз пеши хасм аз барои фиреби вай. Ва ин ваҷҳи тасмия дар баъзе аз маонии мазкур зоҳир аст. Ва дар баъзе дигар ба андак такаллуфе рост мешавад.

Ва агар касеро беҳтар аз ин ваҷҳе ба хотир расад, бар вай бод, ки ба ин калом илова кунад.

## ТАФСИР

Ва онро **табйин** низ мегӯянд.

Соҳиби **«Табьён»** гуфта: он аст, ки чун дар каломе, ки зикр кунӣ, чизе бинӣ, биёрӣ чизеро, ки возеҳкунандаи он бошад.

Ва Шамси Қайс гуфта, ки: «табйин ва тафсир — он аст, ки шоир чанд сифати муҷмал баршуморад — он гоҳ дар байте дигар, ё мисрае дигар баёни он орад ва тафсири он кунад», чунон ки Муиззӣ гуфта ва баёни он карда:

Мухолифони туро аз чаҳор гавҳар ҳаст
Чаҳор табъ насиби чаҳор чиз мудом —
Зи нор гармии ҷисму зи бод сардии дам,
Зи об таррии чашму зи хок хушкии ком.

Ва чунон ки ҳам ӯ гуфта ва тафсир карда:

Дар маърака бистонаду дар базм бубахшад —
Мулке ба савориву ҷаҳоне ба сиворӣ[102].

Ва Рашиди Ватвот тафсирро ба ду қисм сохта: **тафсири ҷалӣ** ва **тафсири хафӣ**[103]. Ва гуфта, ки: «тафсири ҷалӣ — чунон бошад, ки шоир лафзе бигӯяд мубҳам — чунон ки ба тафсир муҳтоҷ бувад, пас, ба вақти тафсир кардан ҳамон лафзро боз орад ва тафсир кунад», чунон ки:

Риндему қаландарвашу доруму надорем
Дорем ғами ёру надорем ғами кор.

Ва инро **тафсири зоҳир** низ гӯянд.

«Ва тафсири хафӣ — чунон бувад, ки алфози мубҳамро, ки ба тафсир муҳтоҷ бошад — ба вақти тафсир кардан боз наёрад».

## ИЛТИФОТ

Аллома гуфта, ки: ин санъатро **«шуҷоат-ул-арабияти»** низ мегӯянд — ба ҷиҳати он ки, чунончи шуҷоъ савор мешавад чизеро, ки ғайри ӯ наметавонад, ҳамчунин луғати арабӣ махсус аст ба ин санъат ва дар ғайри он намебошад*.

Ва бар қавли машҳур — иборат аст аз таъбир аз маънӣ ба тариқе аз тураҷи салоса[104], ки такаллум ва хитоб ва ғайбат[105] аст. Баъд аз он ки аввалан аз ӯ таъбир карда бошанд ба тариқе дигар аз ин се тариқ.

Ва баъзе аз муҳаққиқон бар ин таъриф зиёда кардаанд ин қайдро, ки ба шарти он ки таъбири сонӣ бар хилофи он воқеъ шавад, ки зоҳири ҳол тақозо мекунад ва мухотаб чашм медорад. Ночор аст аз ин қайд, то хориҷ шавад аз таъриф ин мисол, ки касе гӯяд, ки: «ман он касам, ки ӯро талабида будӣ». Ба ҷиҳати он ки агар ин қайд набошад, таърифи илтифот бар ин мисол содиқ меояд — ба сабаби он ки мутакаллими таъбир аз худ ба тариқи ғайбат карда ва гуфта, ки «ӯро» ва нагуфта, ки «маро». Баъд аз он ки аввалан таъбир ба тариқи такаллум карда буда ва гуфта, ки «ман» ва ҳоли ин аз қабили илтифот нест. Ва чун қайди мазкурро зиёда кунанд, таъриф бар вай содиқ намеояд—ба ҷиҳати он ки таъбири сонӣ дар вай бар хилофи зоҳири ҳол нест, чунончи зоҳир аст.

Ва қисмҳои илтифот шаш аст.

**Қисми аввал** — нақл аз такаллум ба хитоб, чунон ки:

Чил сол ба халқ сарф кардам авқот,
Зоеъ кардам хулосаи умру ҳаёт.
Шуд вақт, Атоӣ, ки дигар бигрезӣ
Аз сӯҳбати халқ, к-ин бувад роҳи наҷот.

**Қисми дуюм** — акси он, чунон ки:

Дил сӯи бутонат, эй Атоӣ, то кай?
Бо пири муғонат ошноӣ то кай?
Вақт аст, ки дигар накунам нома сиёҳ,
Шуд мӯй сафед, беҳаёӣ то кай?

**Қисми сеюм** — нақл аз такаллум ба ғайбат, чунон ки:

Гуфтам: «зи ғами ту хаставу зорам ман»,
Гуфто, ки: «бимир, к-аз ту безорам ман!»
Гуфтам: «зи чӣ парвои Атоӣ накунӣ?»
Гуфто, ки: «чӣ парвои касе дорам ман?!»

---

* Ғолибан муроди ӯ аз ин ки гуфта: «дар ғайри арабӣ намебошад» — он аст, дар ғайри он шоеъ нест ва чандон эътиборе надорад.

**Қисми чаҳорум** — акси он, чунон ки:

Бе рӯи ту гар ҳазор гулзор бувад,
Дар чашми Атой ҳама чун хор бувад.
Набвад чу ғами ҳаҷри туам ҳеҷ ғаме,
Ҳарчанд ғами замона бисьёр бувад.

**Қисми панҷум** — аз хитоб ба ғайбат, чунон ки:

Ҷоно, зи фироқи ту дилам пурхун шуд
В-аз ёди рухат сиришки ман гулгун шуд.
Алқисса, ба коми душманон гаштаму дӯст,
Як бор напурсид, ки: «ҳолат чун шуд»?

**Қисми шашум** — акси он, чунон ки:

Бе ёр басе кор хароб аст маро
В-аз оташи ҳаҷр дил кабоб аст маро,
Бинмо руху аз ҳастии хешам бираҳон.
К-ин ҳастии ман басе ҳиҷоб аст маро.

Ва мазҳаби Саккокӣ, яъне соҳиби **«Мифтоҳ»** — он аст, ки илтифот иборат аст аз интиқол аз тариқе аз туруқи салоса ба тариқе дигар — хоҳ он тариқи аввал дар калом воқеъ шуда бошад — чунон ки дар намунаи гузашта; ва хоҳ воқеъ нашуда бошад. Лекин тақозои зоҳири калом он бошад, чунон ки дар вақте ки хоҳӣ, ки аз ғами айём шикоят кунӣ — ба нафси худ хитоб кунӣ ва гӯӣ:

Поймоли ғам шудӣ, касро нашуд парвои ту,
Гар набошад косаи май дастгир, эй вои ту.

Тақозои зоҳири калом тариқи такаллум бувад, чунон ки:

Поймоли ғам шудам, касро нашуд парвои ман,
Гар набошад косаи май дастгир, эй вои ман.

Ва чун аз он тариқ ба тариқи хитоб интиқол кардӣ, илтифот мутаҳаққақ шуд, бинобар қавли Саккокӣ.

Аммо бар қавли ҷумҳур илтифот нест.

Ва фусаҳои араб илтифотро дар калом бисьёр мекунанд ва бағоят мустаҳсан мешуморанд. Ва ваҷҳи ҳусни илтифот — он аст, ки мутакаллим ҳар гоҳ нақл кард каломро аз услубе ба услубе дигар — хоҳ нақл таҳқиқӣ бошад, чунон ки мазҳаби ҷумҳур аст ва хоҳ тақдирӣ — чунон ки Саккокӣ онро низ эътибор карда, сомеъро огоҳтар месозад аз барои шунидани он калом ва ӯро дар шунидани он калом рағбат зиёда мешавад ва нишоти ӯ дар истимои он зиёдатар мешавад.

Ва ин фоида он ҷо, ки нақл таҳқиқӣ бошад, зоҳир аст. Ва он ҷо, ки нақл тақдирӣ бошад — баёни он ин аст, ки чун сомеъ дар калом услубе шунид, ки бар хилофи он услуб аст, ки ӯ чашм медошта ва муқтазои зоҳири калом буда, ӯ ба он калом бештар таваҷҷӯҳ мекунад ва рағбату нишоти ӯ дар шунидани он зиёда мешавад.

Ва ин фоида, ки мазкур шуд, ом аст дар ҷамеи мавзеъҳои вуқӯи илтифот. Ва гоҳ мебошад, ки назар ба хусусияти мавзее ӯро фоидаи дигар, балки фоидаҳои дигар мебошад. Ва ин ба татаббӯи каломи фусаҳо ва сухани устодон зоҳир мешавад.

Ва соҳиби **«Талхис»** илтифотро аз муҳассаноти зотия дошта; ва соҳиби **«Табьён»** — аз муҳассаноти аразия[106] ва соҳиби **«Мифтоҳ»** — дар ҳар ду ҷо ӯро дохил дошта — ва ваҷҳи он ин аст, ки аз ин ҳайсият, ки муқтазои ҳол ва мақом аст, аз муҳассаноти зотия аст. Ва аз ин ҳайсият, ки сабаби зинату ороиши калом аст, қатъи назар аз он ки муқтазои ҳол ва мақом бошад, аз муҳассаноти аразия аст. Ва аммо он ки баъзе аз латоифи каломро аз муҳассаноти зотия медоранд ва баъзе дигарро дар муҳассаноти аразия мешуморанд бо вуҷуди он ки дар ҳар як ду ҳайсият ҳаст, бинобар касрати эътибор яке аз он ду ҳайсият аст.

Дар каломи фусаҳо ва булағо ихтилофе, ки дар миёни мусаннифон дар боби эроди баъзе аз он ҷумла дар муҳассаноти зотия ё аразия воқеъ шуда, бинобар он аст, ки ҳар кас ба татаббӯи худ он чи бештар ёфта — онро эътибор карда.

Ва бидон, ки Аллома гуфта, ки: уламои баён таъриф кардаанд илтифотро ба интиқол аз сиғае ба сиғаи дигар. Ва онро се қисм сохтаанд:

**Қисми аввал** — илтифоти машҳур, ки мазкур шуд.

**Қисми дуюм** — руҷӯъ аз мозӣ ё мустақбал ба амр[107] — чунон ки аввал маънӣ ба сиғаи мозӣ мазкур шуда бошад ва маънии дигарро, ки баъд аз ӯ зикр карда мешавад, ҳарчанд зоҳир он бошад, ки он низ ба сиғаи мозӣ адо ёбад. Аммо аз он руҷӯъ кунанд ва ба тариқи амр оранд бинобар нуктае;

**Қисми сеюм** — ахбор аст ба сиғаи мустақбал аз маънии мозӣ, ё акси он. Ва дар қисми дуюм аксро эътибор накарда. Сабаби зоҳир он, ки дар каломи фусаҳо наёфта.

Ва дар **«Мутаввал»** мазкур аст, ки илтифотро бар ду маънии дигар итлоқ мекунанд:

**маънии аввал** — он аст, ки дар ақиби калом ҷумлае, ки мустақбал бошад ва муносиби он калом бошад дар маънӣ ва ба вай тааллуқе дошта бошад, оварда шавад бар тариқи масал, ё дуо, ё монанди онҳо, чунон ки:

Замони айшу вақти комронӣ
Ҷавонӣ бошад, афсӯс аз ҷавонӣ!

Ва чунон ки:

Лаби соқӣ ба як ханда зи риндон
Барад сад дил, илоҳо, бод хандон!

Ва чунон ки:

Чашмаш ба ман наяфтад, ҳар сӯ давам дар он кӯ,
Осӣ ҷаро наяфтад он масти шӯх ҳар сӯ?

Ва Шамси Қайс илтифотро ба ин маънӣ тафсир карда.

Ва Рашид аввал ба он маънӣ, ки собиқан мазкур шуд, таъриф карда ва охир гуфта, ки: «баъзе гуфтаанд, ки илтифот — он бошад, ки дабир, ё шоир маънии тамом бигӯяд, пас, ба уқб, ба ваҷҳи масал, ё ба ваҷҳи дуо, ё ба ваҷҳе дигар бадон маънӣ тамом карда, илтифот намояд, аммо ба тасреҳи лафз, ва аммо ба киноят».

Ва ин таъриф наздик аст ба он чи аз «**Мутаввал**» нақл шуд. Ва тафовут ин аст, ки ин ҷо шарт накарда, ки он чи дар уқб бар ваҷҳи масал, ё ғайри он мазкур шавад, ҷумла мустақбала бошад. Ва шуарои Аҷам илтифотро ба ин маънӣ этибор кардаанд.

Ва маънии аввал, ки дар «**Мутаввал**» оварда — он аст, ки мутакаллим маъние зикр кунад ва таваҳҳум кунад, ки чизе дар хотири шунаванда халал мекунад. Пас, каломе биёрад, ки он дағдаға ва халҷонро нобуд гардонад. Баъд аз он руҷӯъ ба мақсуди худ кунад, чунон ки:

Маро якборагӣ аз дар бирон, то барканам дилро
Вагарна пеши худ хон, фатҳ кун ин боби мушкилро'

Пӯшида намонад, ки ин ҷумла, ки «то барканам дилро» аз барои дафъи ин дағдағае, ки мутакаллим таваҳҳум карда, ки ба хотири сомеъ расида бошад, ки муҳиб[108] чигуна хоҳад, ки маҳбуб ӯро якборагӣ аз дари худ биронад.

Ва ҳам дар «**Мутаввал**» оварда, ки илтифот — гирифта шудааст аз илтифоти инсон аз ямин[109] ба шимол[110] ва аз шимол ба ямин, яъне нигаристани ӯ аз ҷо-

нибе ба ҷонибе. Ва ин ишорат аст ба ваҷҳи **тасвия.** Илтифот назар ба он маънӣ, ки дар аввали калом мазкур шуд, чи тағйири калом аз услубе ба услубе мушобеҳ аст ба илтифоти инсон аз ҷонибе ба ҷонибе.

Ва ваҷҳи тасмия назар ба ду маънии охир — он аст, ки **«илтифот»** дар луғат — вонигаристан аст. Ва мутакаллим вақте ки дар уқби маънии мақсуд маънии дигар меорад, ки ба ӯ таъаллуқе ва нисбате дорад, ё он ки чизе меорад, ки дафъи дағдаға мекунад, аз вай ба он маънӣ илтифот ва назар мекунад.

## УСЛУБҲАКИМ

Ду навъ аст:

**Навъи аввал** — он ки мутакаллим бигӯяд бо мухотабе, ки аз вай каломе содир шуда бошад, чизе, ки чашм надошта бошад мухотаб онро дар муқобили каломи худ. Ва ин гуфтани мутакаллим ба сабаби он бошад, ки ҳамл кунад каломи мухотабро бар хилофи муроди вай аз барои танбеҳ бар он ки хилофи муроди вай авлост ба қасд ва ирода, чунон ки:

> Гуфто ба қаҳр шаҳна: «баредаш ба сӯи дор!»
> Гуфтам: «ба дору боғча оям ҳазор бор».

Ва чунон ки:

> Бар дари ҷонон рақибам диду «з-ин ҷо» гуфт «рав»,
> Гуфтамаш: «миннат ба ҷон дорам, бари ҷонон равам!»

**Навъи дуюм** — он ки бигӯяд дар ҷавоби саволдиҳандаи чизе, ки саволкунанда аз он савол накарда бошад— ба сабаби он ки танзил кунад саволи саволкунандаро ба манзилаи ғайри он аз барои танбеҳи вай бар он ки он ғайр — авло ба ҳоли вай дар савол ба сабаби қусури фаҳми ӯ. Ё он ки он ғайр ӯро фаҳм аст, ки бидонад на он чи ӯ қасд карда.

Пас, ин навъ бар ду қисм бошад:

Аммо **қисми аввал,** чунон ки:

> Хоҷа гуфто: «бода чун нӯшанд, беҳушӣ чарост?»
> Гуфтамаш: «то як дам аз ғамҳои дунъё вораҳанд».

Чун сабаб ва ҳикмат он, ки бода чаро ақлу ҳуш мебарад — дархури фаҳми хоҷа набуд, ҷавоб дода шуд бо он чи муносиби ҳоли ӯст, ки: он фоида беҳушӣ аст.

Ва аммо қисми сонӣ, чунон ки:

Пурсид авонӣ зи ман авроду[111] дуоро,
Гуфтам, ки: «маёзор дили халқи худоро!».

Дар ҷавоб ишорат аст ба он, ки ӯро фаҳм ин аст, ки бидонад, ки тарки озори халқ мебояд кард ва донистани авроду дуо ӯро фаҳм нест ва бо вуҷуди он сифат ин ӯро ба кор намеояд ва фоида намедиҳад.

Ва ин санъатро соҳиби **«Мифтоҳ»** ва соҳиби **«Талхис»** аз муҳассаноти зотия доштаанд ва номе накардаанд. Ва шуарои Аҷам низ дар саноеъ нашумурдаанд. Аммо соҳиби **«Табьён»** аз муҳассаноти аразия дошта.

Ва маънии **«услуб»** дар луғат — гуна аст.

Ва чун ин гуна калом муштамил бувад дар ҳикмат ба воситаи он ки мутакаллим он мегӯяд, ки лоиқу муносиби мухотаб аст, дар нафси амр ҳарчанд ба ҷиҳати зоҳир мухолифи муқтазои каломест, ки мухотаб гуфта, ин санъатро **услубҳаким** ном карданд, ба тариқи сифат, на изофат.

## ҚАВЛИ БИ-Л-МӮҶИБ[112]

Низ бар ду навъ аст:

**Аввал** — он ки сифате воқеъ шавад дар каломи шахсе киноят аз чизе, ки он чизро ҳукме собит карда бошад, ту он сифатро исбот кунӣ аз барои ғайри он чиз ва таарруз накунӣ ба он ки он ҳукми мазкур ин ғайрро собит аст ё манфӣ аз вай, чунон ки:

Рақиб гуфт касеро, ки: «ҳеҷ коре нест,
Ба кӯи ёр маё, рав, ки мӯҷиби ор аст!»
Шунид чун ки ҳабиб ин сухан, равон фармуд,
Ки ҳар ки ин ҳазьён гуфтааст, бекор аст.

**Навъи дуюм** — он ки ҳамл кунӣ лафзеро, ки дар каломи шахсе воқеъ шуда бошад бар хилофи мурод ба шарти он ки лафз эҳтимоли он дошта бошад. Ва ҳамл кардан ба ин тариқ бошад, ки зикр кунӣ мутааллиқи он лафзро, чунон ки:

Гуфто рақиб: «ин ҷо маё дигар, ки хоҳам зад яқин!»
Гуфтам, ки: «хоҳӣ зад яқин пешам сари худ бар замин?»

Ва ин навъ қариб аст ба навъи аввали услубҳаким ва тафриқа миёни ҳар ду ин аст, ки лозим нест дар он

навъ, ки ҳамли калом бар хилофи мурод ба зикр мутааллиқ бошад ва ин ҷо лозим аст. Ва нукта дар он навъ лозим аст, ки танбеҳ бошад бар он, ки хилофи муроди аввалист ба қасд ва ин ҷо лозим нест, ки нукта бошад.

Ва ин санъатро низ шуарои Аҷам дар саноеъ нашумурдаанд.

## САВОЛУ ҶАВОБ

Ва инро фусаҳои араб **мурочиат** низ мегӯянд.

Ва ин бар ду навъ аст:

**Навъи аввал** — он ки саволу ҷавоб дар каломи як кас бошад — мисли он ки дар шеъре як мисраъ савол бошаду дигаре ҷавоб, ё он ки як байт саволу дигаре ҷавоб.

Аммо **тариқи аввал,** чунон ки:

Гуфтам, ки: «дил аз балои ҳаҷрат реш аст»
Гуфто, ки: «ҳанӯз корҳо дар пеш аст!»
Гуфтам, ки: «ба ҷон ғамат аҷаб коре кард»
Гуфто, ки: «ҳанӯз корҳо дар пеш аст!»

Ва аммо **тариқи дуюм,** чунон ки:

Пурсидам аз пакора, ки «фарьёдхои ту,
Бо ман бигӯ, ки шому саҳаргаҳ зи дасти кист?»
Гуфто: «чи пурсиш аст? — Намедонӣ ин қадар?
Фарьёди ман зи дасти нигори накорачист!»

Ва ин навъи аввал пеши фусаҳои араб ва шуарои Аҷам мӯътабар аст. Ва гоҳе шуарои Аҷам аз аввали қасида то охир ин санъатро риоят мекунанд.

**Навъи дуюм** — он ки саволу ҷавоб дар каломи ду кас воқеъ шавад — чунон ки дар вақте ин каминаро рамаде азим шуда буд, аз шаҳр ба ҷиҳати ҳарорати ҳаво ба деҳ интиқол намуд ва аз ёрон чашмдошти пурсиш буд, ҳеҷ кас наёмад. Баъд аз муддате мадид яке аз ёрон як байт навишта фиристод ва он ин аст:

Хотир мушавваш аст чу чашми ту бандаро,
Пайғом деҳ, ки ҳеҷ зи сиҳҳат умед шуд?

Ин камина дар ҷавоб ин байтро фиристод:

Чашмам, ки ғашта буд зи дарди фироқ сурх,
Бар роҳи интизори ту охир сафед шуд.

Ва ин навъ дар миёни шуарои Аҷам андак аст ва дохили ин санъат намедоранд.

Ва **«мурочиати калом»** дар луғат — рад кардани он аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## ИБДОЪ

Соҳиби **«Табьён»** гуфта: он аст, ки мутакаллим ихтироъ кунад маъниеро, ки касе бар вай сибқат[113] нагирифта бошад дар он маъни̅. Ва ин бар ду қисм аст.

**Қисми аввал** — он аст, ки ихтирои он маъни̅ дар вақти нақли амре бошад, мисли он ки ин фақирро дар бидояти ҳол, ки ба доруссалтанаи Ҳирот омада буд, воқеъ шуд. Ва шарҳи он — ин аст, ки маро ба ҷавоне тааллуқ буд ва у̅ро ба ту̅ҳмат хун гирифтанд. Подшоҳ ба яке аз умаро фармуд, ки онро таҳқиқ кунад. Ва он амир ба ин фақир иродати тамом дошт. Банда пештар ба маҷлиси у̅ рафтам, то шояд ки он ҷавонро мададе тавонам кард. Чун он ҷавонро дасту гардан баста, пеши он амир оварданд, бандаро тоқат намонд ва гирья зу̅р кард. Ва худовандони хун фарьёд бароварданд, ки «ин сайид ошиқ аст ва мехоҳад, ки ҳимоят кунад!». Аз ин сухан он ҷавон ва ин бандаро инфиоле[114] кулли̅ расид. Аммо ҳазрати худованд рост овард, ки бадеҳа ин байтро гуфтам:

*Мапиндоред, эй ёрон, ки ман аз ишқ гирьёиам,*
*Ба оби дида мехоҳам ғубори фитна биншонам!*

Аҳли маҷлис ҳама аз ҷо даромаданд. Ва амири маҷлис сару̅ дасти маро бу̅са доду гуфт: «қабул кардам, ки ин муҳимро ба чиз бигузаронем». Ва дар воқеъ тақсире накард ва саъй фармуд, ки ба сулҳ аз ҳам гузашт. Ва ин асари назари пок буд.

**Қисми дуюм** — он аст, ки ихтирои маъни̅ дар вақти нақли амре набошад, балки шоир дар вақти хаёл ва тафаккури худ маънии хос пайдо кунад, чунон ки:

Нагардад гирди ман ру̅зе, ки чизе нест дар дастам
Касе ҷуз соя — он ҳам пои у̅ бар пои худ бастам.

Ва аксари абьёти ин ғазал ҳам аз ин қабил аст:

Агар орам ба каф ҷоме зи даври чарх чун лола,
Бувад бо хуни дил дар вай ҷигар паргола-паргола.

Набошад хол бар лаъли бутон, эй ҷон, ки эшонро
Гирифт аз тоби рухсорат табу лаб кард табхола.
Шуд аз тири ҷафоят дар танам сӯроххо чун най,
Аз он бошад чу най ҷонсӯз, аз дасти туам нола.
Маҳи ман хайма зад беруну ман чун абр мегирьям,
Бале, борон шавад ҳар гаҳ, ки пайдо мешавад ҳола.
Атой, кай шавад ҳосил баре аз нахли уммедам?
К-аз оҳи сард меборад ба гирья чашми ман жола.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ин санъатро арбоби баён чунин шарҳ кардаанд, ки маонии бадеъ бошад ба алфози хуб назм дода ва аз такаллуфу таассуф нигоҳ дошта». Ва гуфта: «ман мегӯям, ки ин аз ҷумлаи санъатҳо нест, балки худ сухани фузало ва уқало[115] дар назму наср чунин мебояд. Ва ҳарчи бад-ин гуна набошад, сухани авом бувад ва анҷуманро нашояд. Аммо мисоле чанд аз он чи қудамо дар кутуби хеш овардаанд, ин ҷо биёрам, то намудор бувад.

Мисол, Рӯдакӣ гӯяд:

Ҳаме бикуштӣ, то одаме намонд шуҷоъ,
Ҳаме бидодӣ, то одаме намонд фақир.

Ва мисоли дигар, Мантиқӣ[116] гӯяд:

Бандаи дастам, ки ба рӯзи фироқ
Аз ҳама тан ёри дилам буду бас.

Ва **«ибдоъ»** дар луғат — чизе нав овардан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## МУАММО

Қаломест мавзун, ки ба тариқи ишорат далолат кунад бар исме бар ваҷҳе, ки соҳиби табъи салим аз он калом ба он исм интиқол тавонад кард ба шарти он ки он далолат мақсуди шоир бошад.

Ва ин шарт ба он ҷиҳат карда шуд, ки агар касе шеъре гуфта бошад ва аз он далолат бар исме қасд накарда бошад ва соҳиби табъи салим аз он ҷо исме истихроҷ кунад, онро дар урфи аҳли ин фан **«муаммо»** намегӯянд.

Ва ҳазрати хуҷастафари Ҷомӣ дар рисолае овардаанд, ки шарт кардани вазн дар ин таъриф бинобар истилоҳ ва эътибор аамм ва ағлаб аст, вагарна ҷараёни ин услуб — чунон ки дар назм шоеъ аст, дар наср

низ мумкин, балки воқеъ аст. Ва муамморо назар ба ҳар як аз «дол», ки каломи мавзун аст ва «мадлул», ки исм аст, маротиби мутафовута аст ба ҷиҳати камолу нуқсон.

Аммо баёни маротиби муаммо назар ба «дол» мавқуф аст бар донистани баъзе муқаддамот, ки аз каломи устоди ин фан Мавлоно Шарафиддин Алии Яздӣ[117] ба тариқи интихоб нақл карда мешавад.

Бидон, ки чун муаммо — каломи мавзун аст, бисьёр меафтад, ки аз барои риояти вазн ва мулоҳизаи маънии шеърӣ лафзе чанд эрод мебояд кард, ки мақсуд бе он ҳосил аст. Пас, ҳарчи ба назми муаммо дарояд, назар ба ҳайсияти муаммоӣ ба яке аз ду тариқ тавонад бувад — ё зарурӣ-уз-зикр[118] бошад, ки исм бе мулоҳизаи он ҳосил нашавад, ё на чунон бувад.

Ва қисми аввалро **«усул»** мегӯянд; ва қисми дуюмро — **«лавоҳиқ».** Ва эҳтиёҷ ба усул ё аз барои ҳосили ҳарфҳои исм бошад, ки ба манзилаи модда аст, ё аз барои риояти тартиби ҳуруф, ки ба мусобаи сурат аст. Ва аввалро **«усули муқаввима»** мегӯянд ва дуюмро — **«усули мутаммима».**

Ва лавоҳиқро мешояд, ки бо вуҷуди истиғнои мақсуд аз он навъ тааллуқе ва таъсире бошад нисбат бо мақсади муаммоӣ. Ва мешояд, ки он ҳам набошад. Ва ин қисмро **«лавоҳиқи солима»** мегӯянд.

Ва **қисми аввал,** ки бо мақсади муаммоӣ нисбате дорад, мешояд, ки он нисбат бар сабили мувофиқат ва мулоимат бошад. Ва мешояд, ки бар сабили мухолифат ва мунофират[119] бошад.

Ва **қисми аввал** аз ин ду қисмро **«лавоҳиқи муҳассана»** мегӯянд. Ва тасарруфи ин лавоҳиқ дар муаммо ё ба муовинати[120] усул аст дар ифодаи исм, ё ба муносибат, ё ҳайсияти муаммоӣ бидуни муовинат.

Ва **қисми дуюм,** ки нисбати ӯ ба мақсади муаммоӣ бар сабили мухолифат ва мунофират бошад, ваҷҳи мунофираташ — он аст, ки муваҳҳам хилофи мақсуд бошад. Ва ин иҳом, ё ба ҷиҳати он аст, ки мафҳуми ӯ ба ҳасаби маънии шеърӣ мунофии қасди муаммоӣ аст, ё ҷиҳати он, ки бо вуҷуди он ки ӯро ҳеҷ дахл набошад дар ҳайсияти муаммоӣ, савқи калом мушаар бошад ба он ки ӯро дахл аст. Ва бар ин тақдир мешояд, ки дар миёни усул, ки далолати эшон мӯътабар аст, воқеъ шавад. Ва мешояд, ки пеш бошад, ё охир. Ва он лавоҳиқро, ки

иҳоми он ба ҷиҳати аввал бошад мутлақо; ва онро, ки иҳоми он ба ҷиҳати сонӣ бошад ва дар миёни усул воқеъ шаванд — «**лавоҳиқи мушавваша**» мегӯянд.

Ва онро, ки иҳоми он ба ҷиҳати сонӣ бошад ва муқаддам бошанд бар усул ё муаххар[121] — «**лавоҳиқи муваҳҳима**» мегӯянд. Пас, аз ҳуруф ва калимот ҳарчи дар назми муаммиёт дарҷ ёбад, аз шаш қисм берун нест:

1) усули муқаввима;
2) усули мутаммима;
3) лавоҳиқи муҳассана;
4) лавоҳиқи солима;
5) лавоҳиқи муваҳҳима;
6) лавоҳиқи мушавваша.

Ва чун ин муқаддимот маълум шуд, бидон, ки яке аз хелҳои комилаи муаммо аз ҳайсияти дол, ки алфоз аст — он аст, ки маҷмӯи алфози байт аз қабили усул бошад ва ҳамаро дар ифодаи исм дахлӣ ва зарурӣ бошад, чунон ки: (дар исми **Шоҳ** ва **Шоҳам:**).

Бар дили туст, ки ӯрост з-оҳам ёрӣ,
Ҳаст бо Рустаму доги ғамат сарборӣ.

Ва ин тариқро «**татбиқ**» ва «**тибоқ**» мегӯянд. Ва наздик аст ба ин тариқ он, ки вароӣ — ақиби усул як калима бошад, ё ду калимаи мутафарриқ аз лавоҳиқ, ки аз он дағдаға нахезад, чунон ки: (дар исми **Ҳисом:**).

Намонад дар дилаш аз шак нишоне,
Ба пеши мо агар бошад замоне.

Ва чунон ки: (дар исми **Адҳам:**).

*Забон аз даҳонаш бурун карда ёр,*
Намонда аз он дар дили ман қарор.

Ва устоди фан[122] гуфта: агар онро аз тибоқ шуморанд ва қисми аввалро «**татбиқи том**» гӯянд — дур нест.

Ва аммо он ки лавоҳиқ бисьёр бошад ҳол онҳо ба усул ба ҳасаби вазъи вуқӯъ дар назм аз ду навъ берун нест — ё бар сабили муҷовират[123] аст бе мухолитат [124], ё бар сабили мухолитат.

Хелҳои лавоҳиқ аз чаҳор ваҷҳ берун нест.

**Ваҷҳи аввал** — он ки ба усул чизе аз лавоҳиқи муҳассана бошаду бас, чунон ки: (дар исми **Ҷомӣ:**).

Ҳар ки бошад хоки роҳи камтар аз худ дар ҷаҳон,
Гар падидӣ, металаб охир зи номи ӯ нишон.

Лафзи «охир» аз лавоҳиқи муҳассана аст ва муовин аст дар татмими сурат. Ва ин ҷумла, ки «зи номи ӯ нишон» — ҳам аз лавоҳиқи муҳассана аст ва муносиб аст бо мутлақи ҳайсияти муаммой. Ва тазйини усулро ба лавоҳиқи муҳассанаву бас — **«тавшеҳ»** мегӯянд. Ва ин низ аз аснофи[125] комила аст.

**Ваҷҳи дуюм** — он ки бо усул чизе аз лавоҳиқи солима бошад, чунон ки: (дар исми **Имом:**).

Дил талабгори рухи зебо бувад,
Ташна, оре, обро ҷӯё бувад.

Ва саломати муамморо аз ҷамеи умури муваҳҳима **«танқеҳ»** ва **«таҳзиб»** мегӯянд. Ва ин мустаҳсан аст, ҳарчанд дараҷаи камол надорад.

**Ваҷҳи сеюм** — он ки бо усул чизе аз лавоҳиқи муваҳҳима бошад, чунон ки: (дар исми **Хоҷагӣ:**).

Гар набошад таркаши хубон, намебояд маро
Синаи чоке, ки дархур бошадаш тири бало.

Ин алфоз, ки «дархур бошадаш тири бало» — аз лавоҳиқи муваҳҳима аст. Ва ин ваҷҳ ҳарчанд ҳусневу камоле надорад, лекин чун муваҳҳам дар миёни асл воқеъ нашуда ва манофӣ нест, маъюб нест. Аммо эътироз аз он авло ва аҳсан аст.

**Ваҷҳи чаҳорум** — он ки бо усул чизе аз лавоҳиқи мушавваша бошад, ки муваҳҳам хилофи мақсуд бошад ба сабаби мунофот[126] миёни маънии шеърӣ ва қасди муаммой, чунон ки: (дар исми **Сайидӣ:**).

Маро зи сӯҳбати ағьёр ранҷу ғусса фузуд,
Шудам, ки ғусса сар ояд, ба пеш ёр набуд.

Лафзи «набуд» — аз лавоҳиқи мушавваша аст — ба ҷиҳати он ки қасди муаммой он аст, ки ҳосил шуда ба амали собиқ — «ба пеш ёр» бошад. Ва маънии «набуд» — мунофии он аст. Ва ин ваҷҳ мӯҷиби айб ва нуқсон аст.

Ва **навъи дуюм**, ки вуқӯи лавоҳиқ бо усул бар сабили мухолитат бошад — аз се ваҷҳ берун нест. Ва лавоҳиқи муваҳҳима бар ин тақдир мушавваша мешавад.

Ва **ваҷҳи аввал** — он ки бо усул чизе аз лавоҳиқи муҳассана мухталит бошаду бас, чунон ки: (дар исми **Бобо:**).

Муттасил з-аҳбоб бин, к-ӯ саркаш аст,
Бо яке танҳост охир пойбаст.

Лафзи «танҳо» — аз лавоҳиқи муҳассана аст, ки таъйини «алиф»-и аввал мекунад ва зикри ӯ зарурӣ нест ва фоидаи ӯ муовинати асл мутаммам аст дар таҳсили сурати исм. Ва аз ин қабил аст лафзи «пойбаст» дар ин байт, ки муфид — тақдими ҳарфи охир аст, ки «бо»-ст бар «алиф»-и аввал, ки «яке танҳо» ишорат ба ӯст. Ва ин аз қабили тавшеҳ аст ва дараҷаи камол дорад.

Ва **ваҷҳи дуюм** — он ки бо усул чизе аз лавоҳиқи солима мухталит бошад, чунон ки: (дар исми **Яъқуб-бек:**).

Ба рӯи ёр ёбӣ дида равшан гар равӣ сӯяш,
Шабе аз шавқи дил бедор бошӣ бар сари кӯяш.

Ва ин низ аз қабили таҳзиб аст ва мустаҳсан аст. Аммо на дар он мартаба, ки лавоҳиқи солима муҷовир бошад.

Ва **ваҷҳи сеюм** — он ки бо усул чизе аз лавоҳиқи мушавваша мухталит бошанд, чунон ки: (дар исми **Ҷу-найд:**).

Дар ҷаҳон ҳар кас дирам дорад, бигӯедаш зи ман —
Гар намояд рӯи дил, ҷӯяд ҳузури хештан.

Лафзи «гар намояд рӯи дил» — аз лавоҳиқи мушавваша аст. Ва ин низ мӯҷиби айбу нуқсон аст.

Ва бидон, ки ин ваҷҳҳои мӯҳтамиларо, ки баъзе аз қисмҳои лавоҳиқ бо баъзе дигар ҷамъ шавад ва бо усул ба ҳасаби вазъи вуқӯъ дар назм муҷовир бошанд, ё мухталит — алоҳида номе накардаанд. Пас, онро ба ҳайсиёти роҷеъ ба умури мазкур мебояд дошт.

Ва бидон, ки чунон чи муаммо аз ҳайсияти касрати аъмол дараҷаи камол меёбад, чунон ки дар вазъи тибоқ баён шуд, аз ҳайсияти қиллати аъмол низ камол меёбад.

Ва ғояти қиллат — он аст, ки исм аз як ҷумла аз ҷумлаҳои байт мустафод шавад[127]. Ва агар он ҷумла дар мисраи охир бошад — авло бошад, чунон ки: (дар исми **Қароча:**).

Макун манъам аз ишқи он гулбадан,
Рафиқо, чӣ дорӣ ту бар ҷони ман?

Ва агар он ҷумла дар охири мисраи охир бошад, аҳсан бошад, чунон ки: (дар исми **Мурод:**).

Сарве, ки рафт аввал, матбӯи хотир омад,
Лекин рабуд дилро он шӯх, к-охир омад.

Ва он вазъро, ки аъмоли муаммой иҳота ба тамоми аҷзои байт карда бошад — **«вазъи муҳитӣ»** мегӯянд. Ва ин вазъро чун нисбати ӯ ба он вазъ мушобеҳ аст, ба нисбати марказ бо муҳит — **«вазъи марказӣ»** мегӯянд. Ва дар миёни ин ду вазъ маротиби мутафовута мутасаввур аст ва дигаре ҳеҷ дахл надошта бошад.

Ва ҳадди эътидол — он аст, ки як мисраи тамом дар аъмоли муаммой дахл дошта бошад.

Ва бар ин тақдир аҳсан — он аст, ки он мисраъ охир бошад, чунон ки: (дар исми **Мир:**).

*Ҳузури дил зи раҳи ақл хостан то кай?*
*Чу ҷазм нест дар ин раҳ, ту пеш овар май!*

Пас, агар он аъмол тамом аз усул бошад — монанди ин муаммо, ки мазкур шуд, онро устоди ин фан аз ҷузъиёти вазъи табиӣ дошта — ба ҷиҳати он ки як мисраъ ба сари худ мавзӯне мустақил аст. Ва дар маҳалле дигар пеш аз ин гуфта, ки бар ин тақдир мисраи дигар аз лавоҳиқ аст. Ва мазкур шуд, ки татбиқ — он аст, ки маҷмӯи алфози байт аз қабили усул бошад.

Пас, миёни ин ду сухан мухолифат аст. Ва ваҷҳи тавфиқ — он аст, ки агар маҷмӯи байтро муаммо доранд, як мисраъ аз лавоҳиқ афтад ва аз ҷузъиёти татбиқ набошад. Ва агар мисраъро муаммо доранд, назар ба он ки бар он се мавзуни мустақил аз ҷузъиёти татбиқ бошад. Пас, он ҷо татбиқ — байтеро гуфта ва ин ҷо татбиқ — мисраеро.

Ва агар аз ин вазъ, ки як мисраъ батамом дахл дошта бошад дар таҳсили исм ва дигаре ҳеҷ дахл надошта бошад, ба **«вазъи иқтизодӣ»** таъбир кунанд, ки муносиб менамояд — ба ҷиҳати он ки **«иқтизод»** дар луғат — он аст, ки дар амале мартабаи миёнаро нигоҳ доранд. Ва бар он тақдир, ки як мисраъ бар вазъи татбиқӣ бошад ва агар мисраи дигар аз лавоҳиқи муҳассана бошад — ҷамоли камолашро фурӯғу зебой зиёда шавад — чунон ки: (дар исми **Оқилӣ:**).

*Ҷамъ созӣ хурдҳо аз ғофилӣ,*
*Зар кунӣ пайдо, ки ҳаст ин оқилӣ.*

Ва наздик аст ба ин он ки як мисраъ мустағрақи[128] усул ва лавоҳиқи муҳассана бошад. Ва мисраи дигар дар ҳайсияти муаммой ҳеҷ дахл надошта бошад, чунон ки: (дар исми **Амир Бадр:**).

Чаро ошиқ ба масҷид бандад эҳром?
Чу аз майхона ёбад ёрро ном!

Ва агар муаммо як байт бошад, авлост, ки мисраи аввал низ муштамил бошад бар қофия ва радиф. Ва агар муқаффои мураддаф бошад ва агар зиёда бар як байт бошад, ансаб ва аҳсан — он аст, ки бар вазни рубой бошад, чи аз авзони назм ҳамин вазн аст, ки устодони фанни шеър абьёти онро ҳадде муайян сохтаанд; ва табъро ба ӯ майле тамом аст.

Ва бар ин тақдир, ки муаммо бар вазни рубой бошад, беҳтар он аст, ки дар байти охир бошад. Ва ин ҳангом аҳсан — он аст, ки ба яке аз ду тариқ воқеъ шавад:

**Яке** — он ки байти дуюм бар вазъи татбиқ бошад, чунон ки: (дар исми **Хон:**).

Дар мавсими гул бутон чу маҳфил созанд,
Чун сарви сиҳӣ ба боғ манзил созанд.
Дилҳои санавбаре махсусонро
Сузанд, ки боз бе сару дил созанд.

Ва **дигар** — он ки муаммо дар мисраи охир бошад, чунон ки: (дар исми **Адҳам:**),

Хоҳӣ, ки ҳама мушкилат осон бошад,
Аз каф магузор ҷом, то ҷон бошад.
Дорӣ талаби гавҳари мақсуд, бигир
Лаъли лаби ёрро, гар имкон бошад.

Ва латифтабъони ин замон ба ин тариқ бештар моиланд. Ва агар ба ҷиҳати риояти маънӣ байте ё муаммое ба мустазод тавассул ҷӯянд, холӣ аз ғаробате ва латофате набошад, чунон ки: (дар исми **Ҳамза:**).

Эй руи ту оташе ба ҳар фирқа зада!
Чун гардиши даҳр.
В-аз хотами лаъл мӯҳр бар ҳуққа зада!
Аз тундии қаҳр.
Бо холи сияҳ чун хами зулфат дида,
Гуфтам: «охир,
Морест баровард думу ҳалқа зада
Бо қатраи заҳр».

Ин аст баёни маротиби муаммо назар ба дол, ба тариқи иҷмол.

Аммо баёни маротиби муаммо назар ба мадлул, ки исме аз исмҳост — мавқуф аст бар тамҳиди баъзе муқаддимот.

Ва он ин аст, ки ҳар исм, ки ҳаст, мураккаб аст аз ҳарфе чанд бо тартиби хос ва ҳаракоту сукуноти махсус. Ва мўътабар пеши арбоби ин фан — ҳуруфи мактуба[129] аст, на малфуза. Ва аз ин сабаб риояти мадду қиср ва ташдиду ҳуруфи исм ботартиб зеҳни салим ба он исм интиқол мекунад, риояти ҳаракоту сукунотро низ аз лавозим намешуморанд.

Ва ҳуруфи мактубаи исмро «**модда**» мегўянд. Ва тартиби онро — **сурат.** Ва ба муҷарради ҳусули модда ва сурати исм муамморо аз ҳайсияти мадлул комил медоранд. Ва риояти мадду қиср ва ташдиду тахфифро, ки аз татиммаи модда аст ва риояти ҳаракоту сукунотро, ки аз татиммаи сурат аст, мўҷиби зиёдатии камол мешуморанд.

Чун ин муқаддимот маълум шуд, бидон, ки маротиби муаммо аз ҳайсияти мадлул панҷ аст:

**Мартабаи аввал** ва он беҳтарини маротиб аст — он аст, ки маҷмўи модда ва сурати исм ва он чи аз татиммаи онҳо бошад, ҳосил шавад аз каломи мавзун — хоҳ он чи аз татиммаи модда ва сурат аст дар зимни ҳусули модда ва сурат ҳосил шавад, чунон ки: (дар исми **Одам:**).

Ҳолам шуда аз ҳаёли зулфат дарҳам,
Бигзашта зи ҳад нолаву оҳам аз ғам.
Алқисса, батўлҳо ба танг омадаанд —
Ҳамсоя зи нолаву зи оҳам ҳамдам.

Ва чунон ки: (дар исми **Сиррӣ:**).

Дарҳо зи сирри ғайб чу мафтўҳ нест, ту
Беҳад шинос кизб зи шайхони ҳарзагў.

Ва чунон ки: (дар исми **Камол:**).

Зи пайкони хадангаш пур шавад хоҳам чунонам тан,
Ки магзи устухони пой гардад миле аз оҳан.

Ва хоҳ алоҳида ҳосил шавад, чунон ки: (дар исми **Аёс:**).

Аё, ки нест ўро чун шаҳ кашида бар сар
Аз офтоби ҳоил, к-аш сўхт оrazи тар.

Ва чунон ки: (дар исми **Фаррух:**).

Ба он маҳваш чу гўям: «рух бинеҳ бар рух ба ман эй ҷон»,
Зи хиҷлат андаке гирад забонам дар миёни он.*

---

* Пўшида намонад, ки андак гирифтани забон дар миёни калима калимаи ҳосила аз мисраи аввал ишорат аст ба ҳусули ташдид бар он.

Ва чунон ки: (дар исми **Аёз:**).

Он наям, к-аз баҳри симу зар ба рух ашкам бувад,
Ё кунам беҳад таманно, ё зи кас рашкам бувад.

**Мартабаи дуюм** — он аст, ки маҷмӯи модда ва сурат ба хусусҳо ҳосил шаванд. Аммо он чи аз татиммаи модда ва сурат аст, холӣ набошад. Ва ба муҷарради ин муаммо дараҷаи камол меёбад. Ва аксар муаммиёт аз ин қабил мебошад, чунон ки: (дар исми **Ҷамол:**).

Муносиб нест чун мижгони кӯтаҳ чашми ҷононро
Нахоҳад дил, ки «новак» гӯяд он хунрез мижгонро.

Ва чунон ки: (дар исми **Зулолӣ:**).

Он шӯх, ки доим сари бисмил дорад,
Дар зулф ҳазор банди мушкил дорад.
Аз зулф кушод ҳалқаву хол нуҳуфт,
То дар паи ин шева чӣ дар дил дорад?

Ва чунон ки: (дар исми **Фахр:**).

*Шодам аз майфурӯшу инъомаш,*
Аз зилоли хуҷастафарҷомаш.

**Мартабаи сеюм** — он аст, ки дар ҳусули хусуси модда, ё сурат ё ҳар ду эътимод бар қаринаи исме кунанд. Ва дар калом ба тариқи иҷмол ишорате кунанд ба он. Ва ин мартаба агарчи дараҷаи камол надорад, лекин нуқсоне ҳам, ки ба айб роҷеъ гардад, надорад.

Аммо он ки дар ҳосили хусуси моддаи исм эътимод бар қаринаи исме шуда бошад, ё ишорати иҷмолӣ ба он, чунон ки: (дар исми **Нур:**).

Манам залилу ғами ишқи бекаронаи ӯ
Чу оташест, ки шуд шохи гул забонаи ӯ.

Пӯшида намонад, ки мурод аз «шохи гул» — ҳарфе аз ҳуруфи вард аст. Ва ин ҷо ба қаринаи исме «вов» ирода шуда. Ва «шохи гул» — ишораи иҷмолӣ аст ба он.

Ва аммо он ки дар ҳусули хусуси сурат эътимод бар қаринаи исме шуда бошад ба ишорати иҷмолӣ ба он, чунон ки: (дар исми **Имод:**).

Нишондам тухми ғам дар дил, ниҳоли шодмонӣ шуд,
Чу омад дар миён сарве, ки дилро ёри ҷонӣ шуд.

Ва аммо он ки дар хусуси ҳар ду эътимод бар қаринаи исме шуда бошад ба ишорати иҷмолӣ, чунон ки: (дар исми **Юсуф:**).

Шамъи ҷон чун сӯхт дар фонуси тан,
Шуд аз он сурат парешон ҳоли ман.

**Мартабаи чаҳорум** — он аст, ки моддаи исм ба хусусҳо ҳосил шавад бе риояти сурат ва бе ишорати иҷмолӣ ба ислоҳи он. Ва ин нуқсону айб дорад, чунон ки: (дар исми **Афзал:**).

Ғайри аҳли фазл нашносад афозилро накӯ,
Чун бубинӣ фозилеро — номи ёрам пурс аз ӯ!

**Мартабаи панҷум** — он ки дар калом далолате ва қарина бар хусуси модда низ набошад, балки дар калом чизе дарҷ кунанд, ки бар ҷамеи ҳуруфи исм ба тариқи иҷмол далолате дошта бошад.

Ва устоди фан гуфта, ки ин мартаба паст ва ноқиси муаммо бошад, чунон ки: (дар исми **Одам:**).

Он маҳе, к-аз вай ғаме дар ҳар замоне ёфтам,
Аз ҳисоби маҳ ба номи ӯ нишоне ёфтам.

Чун дониста шуд, ки баркамоли муаммиёт аз ҳайсияти дол — он аст, ки алфози каломи мавзунро дар маънии муаммоӣ дахле бошад. Ва аз ҳайсияти мадлул — он аст, ки ҷамеи ҳуруфи исм ба хусусҳо бо хусусияти тартиб ва ҳаракоту сукунот ва мадду қиср ва ташдиду тахфиф аз калом ҳосил шавад.

Ва бидон, ки аз маротиби камоли муаммо аз ҳайсияти мадлул ду навъи дигар аст, ки мутаохиронро ба онҳо майле тамом аст:

**Аввал** — он ки исм базиёда аз як тариқ аз калом берун ояд, чунон ки: (дар исми **Сӯҳроб:**).

Зи сар бардошта тоҷи ҷавоҳир шаҳриёри мо,
Атоиё, шуда парвин зи нақши шоҳ нопайдо.

**Дуюм** — он ки зиёда аз як исм аз як байт берун ояд, чунон ки: (дар се исм: **Шомӣ ва Шоҳғариб ва Байрам:**).

Шуд чу меҳрам сӯи моҳе зоҳид аз байти ҳарам,
Гашт роҷеъ кавкаби азмам, маё беҳад барам!

Ва чунон ки: (дар исми **Алӣ** ва **Қулӣ:**).

То ишқи ту кард дар дили ман маъво
Шуд ақли лаим бениҳоят расво.
Як ҳарф ҳамегӯю магӯ ҳарфи дигар,
То аз ту шавад рақиби гумном ҷудо.

Ва ин услуб ғарибу латиф аст. Ва баъзе дохили маротиби камол медоранд онро, ки аз калом ба тариқи муаммо аввал мураккабе берун оранд ва ба воситаи он исми мақсудро ҳам ба тариқи таъмия берун оранд —хоҳ восита воҳид бошад, чунон ки: (дар исми **Адҳам:).**

Ҳама шаб чу булбул хурӯшидаам,
Ба ёди гуле бода нӯшидаам.

Ва хоҳ мутааддид, чунон ки: (дар исми **Нӯён:).**

Ба дарьёст моҳи басе беқарор
Фикандӣ ту чун шаст аз он бар канор.

Аз «моҳӣ» ба тариқи тародиф «нун» ирода шуда ва чун ӯро ба «дарьё» пайваст сохтӣ, ин мураккаб ҳосил шуд, ки — «дарьёнун». Ва чун «ё»-ро, ки чун шаст ба амали ташбеҳ ишорат ба ӯст, бар канор афкандӣ, ин мураккаб ҳосил шуд, ки — «ё» дар «нун». Ва аз он ҷо **«Нӯён»** ҳосил мешавад.

Аммо латифтабьони ин замон сулуки ин тариқро тарк кардаанд.

Ин аст баёни маротиби камол ва нуқсони муаммо ба тариқи мухтасар, қатъи назар аз хусусиёти аъмол. Ва агар он чи аз камолу нуқсон, ки тааллуқ ба хусусиёти аъмол дорад, ин ҷо оварда шавад, итноб ба ҳадди малол мекашад.

Ва ин сухапон, ки мазкур шуд, қавли мутаохирони шуарои Аҷам аст. Ва аммо қудамои эшон ва қавли фусаҳои араб баъд аз ин — дар зайли байни фарқи миёни муаммо ва луғз мазкур хоҳад шуд.

Ва мисоли муаммо аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри рамали мусаммани машкул:

Агарат бувад иродат, ки ба номи ӯ барӣ раҳ —
Зиреҳ ҳасту кӯҳу моҳӣ, чу аз ӯ бияфканӣ даҳ.
Фаилотун фоилотун фаилотун фоилотун
Фаилотун фоилотун фаилотун фоилотун.

Аз ин байти машҳур — он аст, ки исми **Дилшод** қасд карда — ба ин тариқ, ки аз «зиреҳ» — «Диръ» хоста ва аз «кӯҳ» — «Тур» ва аз «моҳӣ» — чун «даҳ», ки «ё»-ст ба ҳисоби ҷумла аз ӯ бияфканӣ, «Моҳ» мемонад. Ва «Диръ» ва «Тур» ва «Моҳ» аз рӯи ҳисоб сесаду сиву пӯҳ аст. Ва «Дилшод» низ сесаду сиву пӯҳ аст.

Ва пеши ту мисли ин муаммо аз мисли Хоҷа Салмон ғариб нанамояд — ба ҷиҳати он ки дар замони собиқ ак-

сар муаммиёт аз ин қабил буда. Намебинӣ, ки Шамси Қайс бо вучуди қудрату маҳорати ӯ дар ҷамеи фунуни шеър дар китоби «Ал-муъҷам» дар санъати муаммо як муаммо ба худ нисбат карда ва он ин аст, ки дар исми **Байбек** гуфта:

Номи он бут ман бигӯям равшанат,
Гар надонӣ, ранҷи ман гардад ҳабо[130].
Рав ду ҳар як бо даҳе таркиб кун,
Он гаҳе бо бист зам кун ҷумларо.

Ва «муаммо» — исми мафъул аст аз «таъмия». Ва **«таъмия»** дар луғат — пӯшида кардан аст. Пас, маънии «муаммо» ба ҷиҳати луғат пӯшида кардашуда бошад.

Ва ваҷҳи тасмия — он аст, ки исми мақсуд дар калом пӯшида гардонида шуда.

## ЛУҒЗ

Каломест мавзун, ки далолат кунад бар зоти чизе* ба зикри аҳвол ва сифоти ӯ — ба шарти он ки маҷмӯи он аҳвол ва сифот махсуси он зот бошад, ҳарчанд ҳар як аз онҳо дар ғайри он зот ёфт шавад, монанди ин қитъа:

Чист он безабон, ки ӯ ба забон
Мекунад халқро басе изо.
Мавзиву зар диҳад ба вай оқил
Ба дили хешу хуш ба-дин савдо.
Мекунад ҳукму пои ӯ дар банд,
Балки овехтаст аз як по.
Ҳаст ҳукмаш равон, вале нарасад
Ҳукми ӯ бар касе ба қатъ асло.
Навҷавон асту ҳамчу мурда шуда
Устухонаш сафед дар аъзо,
Рӯз ҳамроҳи хоҷаҳо бошад,
Бо ғуломон ба сар барад шабҳо.
Эй Атоӣ, худо нигаҳ дорад
Аз чунин шахси булаҷаб ҳамаро.

Аз ин қитъа **қамчӣ** ирода карда шудааст.

Ва мешояд, ки он зот, ки ирода карда шуда аз каломи мавзун ба зикри аҳвол ва авсофи ӯ исме бошад аз

---

* Ва Мавлоно Шарафиддин Алии Яздӣ қайд карда далолатро ба далолате, ки дар он навъи пинҳонӣ бошад. Ва чун ҳазрати устодӣ дар **«Ҳаллияи ҳулал[131]»** қайд накарда буданд, банда низ қайд накард. Ва мебояд донист, ки мурод ба «зоти чизе» нафси ӯст хоҳ мусаммо бошаду хоҳ исм.

исмҳо — чунон ки дар ин қитъа, ки аз вай исми **Шайх** ирода карда шуда:

Чист он исме, ки ҷумла харфҳош
Ҳар куҷо шахсе бувад, ёбад ба хеш.
Хӯрдаҳо доранд чун халки ҷаҳон,
Ҳар ки дорад хӯрда — пеши ӯст беш.

Пӯшида намонад, ки ин қитъа аз ҷиҳати ҳайсияти он ки мадлули ӯ исме аст аз исмҳо — аз қабили муаммост. Ва бар ин тақдир далолати ин исм бар мусаммо малҳуз[132] аст. Ва аз ин ҳайсият, ки далолати ӯ ба зикри аҳвол ва авсоф аст, дохили луғз аст.

Ва фарқи миёни муаммову луғз — он аст, ки дар муаммо лозим аст, ки мадлули ӯ, ки мақсуди нозим аст, исме бошад аз асмо[133]. Ва ин дар луғз лозим нест.

Ва дар луғз лозим аст, ки далолати ӯ бар мақсуди нозим ба зикри аҳвол ва авсоф бошад. Ва ин дар муаммо лозим нест.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «муаммо — чунон бошад, ки шоир номи маъшуқ, ё номи чизе дигарро дар байт пӯшида биёрад, аммо ба ташбеҳ ва аммо ба ваҷҳе дигар. Ва ин санъат чунон бошад, ки аз табъи нек дур набошад ва аз татвилу[134] алфози нохуш холӣ бувад.

Ва луғз ҳамчунон бошад, ки муаммо, илло он ки инро ба тариқи савол гӯянд ва ба форсӣ инро «чистон» хонанд.

Ва ғолибан лафзи «ном» дар он иборат, ки ё «номи чизи дигар» саҳв аст аз қалами носих[135] — ба ҷиҳати он ки дар мисоли муаммо қитъае гуфта ба арабӣ ва зикри авсофу аҳволи Қаъбатайн карда.

Аллома дар таърифи муаммову луғз ва фарқи миёни эшон ҳаминро ки ӯ гуфта, аз фусаҳои араб нақл карда ва лафзи «ном»-ро наёварда, балки гуфта, ки «ё чизи дигар».

Ва Шамси Қайс гуфта, ки: «луғз — он аст, ки маъние аз маонӣ дар кисвати иборат мушаккали муташобеҳ ба тариқи савол бипурсанд. Ва аз ин ҷиҳат дар Хуросон онро «чистон» хонанд. Ва муаммо — он аст, ки исме ё маъниеро ба навъе аз тариқи ҳисоб, ё ба чизе аз қалбу тасҳиф ва ғайри он аз анвои таъмия пӯшида гардонанд, то ҷуз ба андешаи тамом ва фикри бисьёр ба сари он натавон расид ва бар ҳақиқати он хабар натавон ёфт».

Аммо Мавлоно Шарафиддин Алии Яздӣ гуфта, ки дар

фарқи миёни муаммо ва луғз ба он ки он чи масдар ба савол бошад, луғз бувад ва ғайри он — муаммо.

Ин рубоӣ, ки аз он **«чашмбанд»** ирода кардаанд:

Аз баҳри хусуф[136] он чи шавад пур зи гиреҳ
Мушкин занабе бошад аз раъс фиреҳ[137],
Дар пеши камон чун сипару суфта ба тир
В-аз соя бар офтоб пӯшида зиреҳ,

луғз аст. Ва ба урфи мутаориф онро муаммо нагӯянд, ки дар ӯ ҳеҷ ашъоре нест ба исме муайян. Ва ҳол он ки аз савол холӣ аст.

Ва ин мисол, ки дар исми **Ҷалол** гуфтаанд:

Эй ҳакиме, ки зи килки ту агар нуқта фитад,
Бар рухи ҳиҷланишинони фалак хол шавад.
Чист он ном, ки бар ҳарфи нахусташ «алифе»
Гар зиёдат кунӣ, эй хисрави дин дол шавад.
В-ар фасеҳе ба хирад боқии он номи бузург,
Бар забон баргузаронад, ба яқин лол шавад.

Масдар аст ба савол ва равшан шуд, ки онро аз муаммиёт доштан авлост.

Ва ин ки гуфта, ки «равшан шуд» — ишорат аст ба он ки собиқан гуфта, ки ҳарчи луғз далолат кунад бар он мақсуд, ҳамон бошад бемулоҳизаи он ки ӯро далолате ҳаст бар чизе, ё на. Ва чун дар муаммо мақсуд исм мебошад ва исм — лафзест, ки далолат кунад бар мусаммо дар қасди муаммоӣ зуҳури амри дигар, ки мусаммост, мӯътабар аст.

Пас, агар он мисолро, ки далолат мекунад бар исме ба зикри аҳвол ва авсофи ӯ — луғз доранд. Ҳосилаш муҷаррад лафз бошад, қатъи назар аз он ки ӯро маънӣ ҳаст, ё на. Ва агар муаммо доранд, мурод он лафз бошад, бо мулоҳизаи далолати ӯ бар мусаммо.

Ва соҳиби **«Табьён»** ба қавли фусаҳои араб луғзу муамморо яке дошта ва миёни эшон ҳеҷ фарқ накарда. Ва гуфта, ки ин санъатро **уҳҷия** низ мегӯянд.

Ва бидон, ки устоди фанни муаммо ва луғз, яъне Мавлоно Шарафиддин Алии Яздӣ гуфта, ки аз мӯҷиботи ҳусн ва ҷавдати луғз — он чи ба ҳайсияти шеърӣ, боз кирдори фасоҳату салосати таркиб ва латофати маонӣ — он аст, ки аҳвол ва авсофи мақсуд, ки зикр карда шавад, бетакаллуфе ва бедушворӣ асос ёфта бошад. Ва агар ҳама, ё баъзе аз хусусиятҳои махсус ба мақсуд набошад, ки онро мумтоз гардонад аз сойири ағьёр, бояд,

ки аз аҳволи муштабаҳ, ки он қадар фароҳам орад, ки маҷмуи он хос бошад ба ӯ, чунончи баъд аз шуур ба матлуб шубҳа намонад, ки муроди нозим он буда. Ва агар сифатҳои ноқис ва аҳволи ғариб, ки зоҳиран маҳол намояд, дар ҳақиқат мутобиқи воқеъ бувад ва бетаассуфе мунтабиқ бар мақсуд бошад, ҷамъ карда шавад баҳраи тамом аз қабул ёбад, чи табъҳоро ба шунидани амри бадеи нодир майле азим мебошад.

Ва бисьёр афтад, ки дар охири луғз исми мақсудро ба тариқи муаммо дарҷ кунанд дар назм, монанди ин китъа, ки дар «**асо**» гуфта:

Дастгире кӣ дид по бар ҷо,
К-аз сари даст меравад пояш?
Мусавинисбат асту аз одам
Пештар зикр карда қуррояш.
Чун сабо ошиқ асту ошуфта
«Шақӣ» аз вай бимону бинмояш.

Ва гуфта, ки аз бадоеи тарзи луғз — он аст, ки аз забони мақсуд бо рамз гуфта шавад, монанди ин рубоӣ, ки дар «**камон**» гуфта:

Ман худ каҷу ростон зи ман рост раванд,
Доси зафарам — чу кишти давлат даравад.
Пушт аз паи хидмат чу кунам хам, кеҳу меҳ,
Аз ҳар тарафе замзамаи «зеҳ» шунаванд.

Ва дар ин санъат бар хилофи он чи муқаррар буд, дар ин китоб аксар мисол аз гуфтаи дигарон оварда шуд аз барои шаҳодат.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри раҷази мусаммани матвии махбун, ки дар «**қалам**» гуфта:

Чист ба дасти хоҷа он моҳии мордаршикам?
Мӯр дамад зи дам, вале баста шавад зи муш дам?
Муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун
Муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун.

Ва «лугз» ба ҳасаби лугат — чизеро гӯянд, ки пӯшида бошад. Ва он дар асл сӯрохи муши даштӣ аст, ки дар миёни қосъо ва нофиқо рост мебуррад ба ҷониби поён. Пас, аз ҷониби росту чапи он ба паҳно роҳҳо мебуррад ва ба ин тариқ ҷои худро пинҳон месозад. Ва қосъо — он сӯрохи ӯст, ки зоҳир аст. Ва аз он ҷо дармеояд. Ва нофиқо — он сӯрохи ӯ, ки пинҳон месозад.

Ва он мавзее аст, ки онро танг сохта, ки хар гоҳ аз ҷониби косъо касди ӯ кунанд, сари худро ба он мавзеи танг мезанад ва аз он ҷо берун мечаҳад. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

Ва **«уҳҷия»** — чизеро мегӯянд, ки ба ҳаҷӣ, яъне ба ақл берун меоранд. Ва ваҷҳи тасмия ба ин низ зоҳир аст.

**Навъи дуюм аз муҳассаноти маънавия. Ки пеши шуарои Аҷам аз қабили саноеъ аст ва фусаҳои араб ба иттифоқ онро аз муҳассаноти зотияи калом доштаанд, ё он ки ӯро эътибор нанамудаанд.**

Ва ин дар ду баҳс баён мешавад.

## Баҳси аввал

### Дар баёни санъатҳое, ки ба иттифоқи фусаҳои араб аз муҳассаноти зотияи каломанд ва шуарои Аҷам онро дар силки саноеъ овардаанд

### ТАШБЕҲ

Иборат аст аз монанд кардани чизе ба чизе дар васфе.

Ва он чиз, ки ӯро ташбеҳ кунанд, **мушаббаҳ** (ташбеҳшаванда) гӯянд. Ва онро, ки ташбеҳ ба ӯ кунанд, **мушаббаҳбиҳи** (ташбеҳкунанда) хонанд. Ва он васфро — **ваҷҳи шабаҳ.**

Ва дар ин навъ фикрҳои донишмандони араб нақл карда нахоҳад шуд. Ва иктифо ба қавли шуарои Аҷам карда хоҳад шуд. Чи овардани ин навъ ин ҷо бинобар қавли эшон аст.

Ва ташбеҳ бар ҳафт қисм аст:

1. ташбеҳи мутлақ,
2. ташбеҳи киноят,
3. ташбеҳи машрут,
4. ташбеҳи тасвит,
5. ташбеҳи акс,
6. ташбеҳи измор,
7. ташбеҳи тафзил.

## Ташбеҳи мутлақ

Ва онро **ташбеҳи сареҳ** низ мегӯянд.

Иборат аст аз монанд кардани чизе ба чизе дар калом ба воситаи лафзе, ки далолат кунад бар мушобиҳат. Ва онро **адоти ташбеҳ** мегӯянд ба шарти он ки монанд кардан бе шарту тасвит ва аксу измор ва тафзил бошад. Ва маонии инҳо баъд аз ин баён хоҳад шуд.

Чунон ки:

Чун «алиф» то сарви ман афканд кокул бар қафо,
Шуд чу «дол» аз бори ишқаш ошиқонро қад дуто.

Ва мисоли он санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри рамали мусаммани маҳзуф:

Лолаи сероб чун оташ зи санг афрӯхта
Рост чун шамъест дар базми чаман сарсӯхта.
Фоилотун фоилотун фоилотун фоилун
Фоилотун фоилотун фоилотун фоилун.

Ва ваҷҳи тасмияи ин ташбеҳ ба ташбеҳи мутлақ ва ташбеҳи сареҳ зоҳир аст.

## Ташбеҳи киноят

Иборат аст аз он, ки мутаккалим дар хотири худ ташбеҳ кунад чизеро ба чизе ва дар калом адоти ташбеҳ наёрад ва таъбир кунад аз ташбеҳшаванда ба лафзи ташбеҳкунанда, чунон ки:

Ҳаст дар пеши ҷамолат бе таҳаммул офтоб,
Нест ӯро ҳуққаи ёқут пур аз дурри ноб.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраб:

Гулбарги тар, эй соқӣ, дар барги суман афкан,
Дар оби фасурда рез он оташи тардоман.
Мафъӯлу мафоЙлун мафъӯлу мафоЙлун
Мафъӯлу мафоЙлун мафъӯлу мафоЙлун.

Пӯшида намонад, ки дар мисраи аввал ташбеҳ карда шароби лаълро ба гулбарги тар ва пиёлаи нозуки сафедро ба барги суман. Ва аз ташбеҳшаванда таъбир ба ташбеҳкунанда карда. Ва ҳамчунин дар мисраи дуюм ташбеҳи он пиёла ба оби фасурда карда ва ташбеҳи он ша-

роб ба оташ ва таъбир карда аз мушаббаҳ ба мушаббаҳбиҳи.

Ва **«киноят»** дар луғат — он аст, ки чизе гӯянд ва аз ӯ иродаи чизе дигар кунанд. Ва ваҷҳи тасмияи ин ташбеҳ ба ташбеҳи киноят зоҳир аст.

## Ташбеҳи машрут

Он аст, ки *монанд кунанд чизеро ба чизе бинобар* шарте, чунон ки:

Бувад гул чун рухи дилдори ман, гар бошадаш холе,
Бувад наргис чу чашми масти ӯ, гар бошадаш ҳоле.

Ва чунон ки Мавлоно Олими Ҳиравӣ[138] гуфта:

Он гуландом, ки ошӯби дили шайдо шуд,
Ҷомаи зард чу пӯшид, гули раъно шуд.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри ҳазаҷи мусаммани макфуф:

*Сабо шуд чу дами рӯҳ, агар рӯҳ диҳад бӯй,*
Замин шуд чу рухи ҳур, агар ҳур диҳад рӯй.
МафоӢлу мафоӢлу мафоӢлу мафоил
МафоӢлу мафоӢлу мафоӢлу мафоил.

Ва Шамси Қайс ин байти Анвариро, ки:

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худоягон бошад,

аз қабили ташбеҳи машрут дошта.

Ва пӯшида намонад, ки ин ҷо шарт навъи дигар аст.

## Ташбеҳи тасвит

Он аст, ки монанд кунад ду чизро ба як чиз. Ва тариқи машҳури ӯ — он аст, ки як чизро аз худ ва як чизро аз мақсуд бигиранд ва ҳар дуро ба як чиз монанд кунанд, чунон ки:

Ашки ману рӯи туст чун гул,
Ҳоли ману зулфи ту чу сунбул.

Ва гоҳе ба ғайри он тариқ низ воқеъ мешавад, чунон ки:

Шӯхе, ки зи ғамзааш дил озурда шавад,
Як хандаи ӯ ҳаёти сад мурда шавад,
Чун барги гул аст оразу лаъли лабаш,
Гар даст ба он расид, пажмурда шавад.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ҳам аз лавоҳиқ ва тавобеи ин санъат аст ин ду байт, ки ман гуфтаам:

Тобанда чу моҳи осмонӣ,
Гарданда чу моҳи осмонам.
Дар ҳусн чу нақши парниёнӣ,
Дар заъф чу тори парниёнам»*.

Ва Шамси Қайс ғуфта, ки ташбеҳи тасвит — он аст ки чизеро дар баъзе авсоф бо чизе баробару мусовӣ кунанд. Мисол — ин байтро оварда:

Сарв аст он, ё боло? Моҳ аст он, ё рӯй?
Зулф аст он, ё чавгон? Хол аст он, ё гӯй?

Ва дар будани он чи ӯ гуфта, қисме аз ақсоми ташбеҳи сухан аст.

Ва дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои ин қисми ташбеҳ мисоле наёварда.

## Ташбеҳи акс

Ва онро **ташбеҳи маъкус** низ мегӯянд.

Он аст, ки чизеро ба чизе монанд кунанд ва боз акс кунанду дуюмро ба аввал ташбеҳ кунанд, чунон ки:

Дар бӯстон даҳонаш чун гунча гашт хандон,
Монанди он даҳон шуд ғунча зи шарм пинҳон.

Ва аз абьёте, ки Рашид ва Шамси Қайс ба мисоли ин санъат овардаанд, ин байти Унсурӣ[139] аст:

Зи сумми сутурону гарди сипоҳ
Замин моҳрӯю замин рӯи моҳ.

Шамси Қайс гуфта, ки рӯи заминро аз нишони наъли сутурон ба моҳ ташбеҳ карда ва боз рӯи моҳро аз касрати ғубор ба замин ташбеҳ карда. Пас, аз сухани ӯ маълум шуд, ки дар ташбеҳи аввал мушаббаҳ рӯи замин аст ва мушаббаҳбиҳи — моҳ. Ва дар ташбеҳи дуюм мушаббаҳ — рӯи моҳ аст, на моҳ ва мушаббаҳбиҳи замин аст.

---

* Будани байти дуюм аз қабили ташбеҳи тасвит, бинобар мусоҳила аст.

Пас, ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда дар ташбеҳи сонӣ акси ҳамон мушаббаҳ ва мушаббаҳбиҳи набошад, ки дар ташбеҳи аввал аст, магар гӯем, ки ба мусоҳила мисоли ин тафовутро, ки дар ин байт аст, эътибор намекунанд.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри рамали мураббаи солим ва ин баҳрро рамали маштур низ мегӯянд:

Бӯстон чун осмон шуд,
Осмон чун бӯстон шуд.
Фоилотун фоилотун
Фоилотун фоилотун.

«**Акс**» дар луғат — бозгуна кардан аст. Ва ин ҷо ба маънии маъкус аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## Ташбеҳи измор

Ва онро **ташбеҳи музмар** низ мегӯянд.

Он аст, ки мутакаллим чизеро ба чизе ташбеҳ кунад бар ваҷҳи пӯшидагӣ дар калом, яъне зоҳир аз каломи ӯ он бошад, ки он ташбеҳ мақсуди ӯ нест ва мақсуди ӯ чизе дигар аст. Ва дар ҳақиқат мақсуди ӯ он ташбеҳ буда бошад, чунон ки:

Туро чашми оҳуст, ё раб, чаро?
Дили ту рамидаст доим зи мо?
Туро холи ҳиндуст, эй нӯшлаб!
Чаро мегурезӣ зи мо бесабаб?!

Мақсуд ба ҳасаби зоҳир дар ҳар ду байт тааҷҷуб аст. Ва дар ҳақиқат мақсуд ташбеҳи чашм аст ба оҳу ва хол ба ҳинду.

Ва чунон ки Мавлоно Олим гуфта:

Нолаи қонун чу ман аз новаки дилҷӯи ӯст,
Чун нанолад з-он ҳама пайкон, ки дар паҳлӯи ӯст?!

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри раҷази мусаммани матвии махбун:

Ошиқ агар манам, чаро ғунча дарида пираҳан?
Кушта агар манам, чаро лола бувад ба хуни тан?
Муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун
Муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун.

Мақсуд дар зоҳир тааҷҷуб аст ва дар ҳақиқат — қасди ташбеҳи ғунча карда ба ошиқе, ки пироҳан дарида бошад; ва ташбеҳи лола ба кушта, ки ба хуни тан олуда бувад.

Ва мисоли ин санъат ба ғайри тариқи тааҷҷуб ин байт аст, ки яке аз шуарои қадим гуфта:

Шӯрида шавам ман — гар биҷунбонӣ зулфайн,
Девона бишӯрад — гар биҷунбонӣ занҷир.

Ва **«измор»** дар луғат — дар дил доштан аст. Ва ин ҷо ба маънии музмар аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## Ташбеҳи тафзил

Он аст, ки мутакаллим чизеро ба чизе ташбеҳ кунад, боз аз он баргардад ва мушаббаҳро ба мушаббаҳбиҳи тафзил ва тарҷеҳ кунад, чунон ки:

Пиндоштам, ки хати ту мушкасту он хатост —
Дар мушк ин таровату ин хуррамӣ куҷост?!

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри раҷази мусаммани матвӣ, ки арӯзу зарби он музолл аст:

Ғунчаи дилтанг нигар — чун даҳани симбарон,
Не, не сухан ҳаст дар ин, лек сухан нест дар он.
Муфтаилун муфтаилун муфтаилун муфтаилон
Муфтаилун муфтаилун муфтаилун муфтаилон.

Ва Шамси Қайс дар ташбеҳи тафзил шарт карда, ки «ваҷҳи тафзили мушаббаҳ бар мушаббаҳбиҳи баён кунад». Ва бинобар ин мисраи аввали ин байт аз қабили ташбеҳи тафзил нест:

Ба рух чун маҳӣ, балки беҳтар зи моҳ,
Зи зулфи ту бар хол мушки сиёҳ.

Ва бинобар таърифи собиқ аз ин қабил аст. Ва муътамад — хилофи таърифи собиқ аст.

## Фоида

Бидон, ки ваҷҳи ташбеҳшаванда дар ташбеҳкунанда мебояд, ки баркамол бошад — то ташбеҳ писандида бошад, магар он, ки аз барои муболиға бар сабили иддао

ғайри акмал, ё ашҳарро[140] акмал[141], ё ашҳар созанд ва ӯро ташбеҳкунанда гардонанд, чунон ки:

Моҳу хур бо рӯи ӯ монанд аз он
Аз шараф доранд ҷо бар осмон.

Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки «ташбеҳи некӯтар ва писандидатар — он бошад, ки агар акс карда шавад ва мушаббаҳбиҳиро ба мушаббаҳ монанд кунанд, некӯ бувад — чун ташбеҳи «зулф» ба «шаб», ки агар «шаб»-ро ба «зулф» ташбеҳ кунанд ҳам, некӯ бувад. Ва чун ташбеҳи «ҳилол» ба «наъл»-и асб ва агар «наъл»-и асбро ба «ҳилол» ташбеҳ кунанд ҳам, некӯ бувад».

Ва ғолибан мақсуди ӯ — он аст, ки аҳсан — он аст, ки дар ваҷҳи ташбеҳ тафовут миёни мушаббаҳ ва мушаббаҳбиҳи фоҳиш набошад — чунон ки дар қуввату шуҷоат ташбеҳ кунанд рӯбоҳро ба шер, ки акси ин ташбеҳро ҳеҷ кас намеписандад. Лекин сиҳҳати сухани ӯ бар он асос аст ки чун ғайри акмал бо азҳарро[142] ташбеҳшаванда гардонанд аз барои муболиға иддао акмалият, ё азҳарияти ӯ кунанд. Ва агар на — чун аз камоли ҳусни ташбеҳ тавон дошт онро, ки ғайри акмал, ё азҳарро мушаббаҳбиҳи созанд. Ва акмал, ё азҳарро мушаббаҳ ҳарчанд ки тафовути фоҳиш набошад.

Ва ҳам ӯ гуфта, ки «агар дар камоли ҳусн бадин дараҷа набошад, бояд, ки чунон ки мушаббаҳ мавҷудӣ бошад, ҳосил дар аъёни мушаббаҳбиҳи низ мавҷудӣ бошад. Ҳосил дар аъён ва албатта некӯ писандида нест. Он чи ҷамоате аз шуаро кардаанд ва мекунанд, ки чизеро ташбеҳ мекунанд ба чизе, ки дар хаёлу ваҳм мавҷуд бошад, на дар аъён — чунон ки ангишти афрӯхтаро ба дарьёи мушкин, ки мавҷи ӯ заррин бувад — ташбеҳ кунанд, ки ҳаргиз на дарьёи мушкин мавҷуд аст дар аъён ва на мавҷи заррин».

## ИСТИОРАТ

Навъе аз маҷоз аст. Ва маҷоз зидди ҳақиқат аст. Ва ҳақиқат — иборат аст аз истеъмоли лафз дар мавзӯъ, яъне дар он маънӣ, ки возеи ин лафзро аз барои ӯ вазъ ва таъйин карда бошанд.

Ва маҷоз — иборат аст аз истеъмоли лафз дар ғайри мавзеи ӯ бинобар алоқа ва муносибате, ки миёни мавзе-

Аз рафъат ва иқтидор таъбир воқеъ шуда бо он чи лозиму тобеи ӯст, ки «савора гаштан» аст. Ва ҳамчунин агар аз зиёдии тараддуд пеши арбоби фазл таъбир воқеъ шуда ба «пора кардани кафши бисьёр», ки лозиму тобеи он аст, бо он ки ҷоиз аст, ки нафси ин лавозимро, ки мавзеъ ин алфозанд, ирода карда шавад.

Ва киноят дар назму наср дар ҳама забонҳо шоеъ аст. Ва ҳарчи аз ӯ баид набошад аз табъ — бағоят мақбул аст.

Ва маънии **«киноят»** ба ҷиҳати луғат — дар ташбеҳи киноят мазкур шуд. Ва ваҷҳи тасмия ҳамон аст.

Ва **«ирдоф»** дар луғат — касеро дар ақиби касе савор сохтан аст. Ва чун фаҳми маънии мурод баъд аз фаҳми маънии лозим ва тобеи ӯст, гӯё ки ӯро дар уқби маънии лозим бар лафз савор сохтаанд. Пас, таъбир аз он маъниро бар ваҷҳи мазкур бар сабили ташбеҳ — ирдоф ном карданд.

## ТАЪРИЗ

Он аст, ки аз лафзе маъние қасд кунанд ба тариқи ишорат ва сиёқи иборат бе он, ки лафзеро дар он маънӣ истеъмол кунанд. Пас, маънии **«таъриз»** — мадлули лафз аз рӯи ишорат ва савқи иборат бошад, на аз рӯи истеъмоли лафз дар он.

Аксар истеъмоли ин санъат дар забони форсӣ дар тариқи изо мебошад — чунон ки дар вақте ки хоҳӣ, ки касеро, ки бахил бошад, изо ва сарзаниш кунӣ, хитоб ба дигаре кунӣ ва гӯӣ:

Туро чун азиз аст зар ҳамчу ҷон,
Чи сон барканӣ оқибат дил аз он?

Ва гоҳе дар ғайри он тариқ мебошад — чунон ки нобиноён дар вақте ки мехоҳанд, ки мардумро ҳозир созанд, ба ҳоли худ то раҳм кунанд, ба эшон мегӯяд, ки:

— Худо ҳамаи мусулмононро аз балои торикии чашм нигоҳ дорад! Ва мақсуди эшон аз ин иборат таъриз ва ишорат аст ба он, ки эшонро чашм торик ва нобиност.

Ва аз баёни маънии таъриз муҳаққақ шуд, ки таъриз на маҷоз аст, на киноят — ба ҷиҳати он ки дар маҷоз лафз мустаъмал аст дар маънии маҷозӣ; ва дар киноят— дар маънии киноятӣ. Ва дар таъриз лафз дар маънии

таъризӣ мустаъмал нест, балки дар маънии дигар мустаъмал аст ва ишорат аст ба маънии таъризӣ. Пас, он кас, ки гуфта, ки таҳаққақ — он аст, ки таъриз аз қабили маҷоз аст ё киноят — таҳқиқи неку нагуфта.

Ва «**таъриз**» дар луғат—сухани сарбаста гуфтан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## Баҳси дуюм

### Дар баёни он чи фусаҳои араб онро дар муҳассаноти калом эътибор накардаанд ва номе нанҳода ва шуарои Аҷам аз он ҷумла шумурдаанд

### ТААҶҶУБ

Он аст, ки дар калом аз чизе ҳайрат ва шигифт намоянд, чунон ки:

Гар гул наӣ, эй дӯст, рухи гулгун чист?
В-ар сарв наӣ, қадди хуш — мавзун чист?
Чун лола туӣ ба дашти дур, аз ту маро
Пироҳани чоку домани пурхун чист?

### СЕҲРИ ҲАЛОЛ

Ва баъзе онро **таҷозуб** ном кардаанд.

Он аст, ки дар калом лафзе биёранд, ки ба ҳар яке аз собиқ ва лоҳақи худ мутааллиқ тавонад бувад — монанди лафзи «дигар» ва лафзи «аз ғуссаву ғам» дар байти охири ин рубоӣ:

Ҳамчун мани бетолеъ, нодида мурод,
Меҳнатзада нозода аз гетӣ бод!
Эй шоҳ, ба ҷон расида корам дигар.
Аз ғуссаву ғам, фиғон, ки ҷон хоҳам дод!

Ва «**таҷозуб**» дар луғат аз якдигар кашидан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

### ТАЪРИХ

Он аст, ки дар нақли амре лафзеро, ки ба ҷиҳати ҳарфҳои мактуба аз рӯи ҳисоби ҷумла мувофиқи таърихи он бошад, таърихи он созанд. Ва ҳусни ин амал ба он аст, ки он лафз муносиб бошад, чунон ки:

Ҳазрати махдуми Ҷомӣ, муқтадои аҳли фазл,
Он, ки мисли у надида ҳеҷ кас дар коинот.
Қутби даврон буду чун шуд фавт, назди аҳли дил,
«**Фота мунно қутби давра**»[143] гашт таърихи вафот.

Ва камоли ин санъат ба яке аз ду чиз аст:

**Аввал** — он, ки таърих таркибе набошад дурудароз, то ҳисоби он осон бошад, чунон ки:

Он мири алисайр — Алишер,
К-ӯрост камоли фазлу тадбир,
Чун кард қабул боз аморат,
Таърих шудаш: **«аморати мир».**[144]

**Дуюм** — он, ки хусусияти вақт аз он маълум шавад, чунон ки:

Чун мадраса сохт Мир бо илму адаб,
Фармуд маро ифодаи аҳли талаб.
Чун дар шашуми моҳи раҷаб кард иҷлос,
Таърих талаб аз **«шашуми моҳи раҷаб»**[145].

Ва агар ҷомеи ҳар ду ваҷҳ бошад, акмал бошад, чунон ки:

Масъуд, ки чун ситоран рахшон аст
Дар чашми ману ҷисми маро чун ҷон аст.
Таърихи валодаташ агар меҷӯӣ —
Аз **«салхи раҷаб»**[146] ҷӯй, ки таърих он аст.

Ва агар лафзеро таърих созанд, ки ба тасарруф, ба тариқи зиёда, ё нуқсон таърих шавад, холӣ аз нуқсоне набошад, чунон ки:

Устоди афозили ҷаҳон **Шайх Ҳусайн**
Дар рафтани дори хулд кард истеъҷол.
Таърихи вафот мешудаш ном тамом
Рафтӣ пас аз ин агар **саду панҷоҳ сол**[147].

* * *

## САНЪАТИ СЕЮМ

**Дар муҳассаноти лафзия ва маънавия, яъне саноее, ки мӯҷиби ҳусни маҷмӯи лафзу маънӣ бошад, агарчи таҳсин дар яке аз ин ҳарду зиёда бошад аз дигаре**

Ва дар ин санъат низ бар он чи машҳур ва мӯътабар пеши ҷумҳур аст, ихтисор воқеъ хоҳад шуд.

### МУТОБИҚА

Ва онро **тибоқ** ва **татбиқ** ва **тазод** ва **такофӯ** низ мегӯянд.

Пеши фусаҳои араб иборат аст аз ҷамъ кардани ду лафз дар калом, ки миёни маънии эшон тақобил ва танофӣ бошад.

Баъзе гуфтаанд, ки тақобил панҷ қисм аст. Чаҳор қисм — он аст, ки дар китоб зикр аст. Ва қисми панҷум **тақобили таонид** аст.

Ва гуфтаанд, ки чун тақобил миёни ду амри вуҷудӣ бошад, ки ҳақиқат ва фаҳмидани яке бидуни дигаре мумкин бошад. Агар миёни эшон ғояти хилоф аст — монанди «савод» ва «баёз» — он тақобили тазод аст. Ва агар ғояти хилоф нест — монанди «савод» ва «ҳумрат»[1] — он тақобили таонид[2] аст. Филҷумла, яъне хоҳ тақобили ҳақиқӣ ва хоҳ тақобили эътиборӣ ва хоҳ дар ҷамеи суратҳо ва хоҳ дар баъзе.

Аммо тақобили ҳақиқӣ ба қавли машҳур чаҳор қисм аст:

1. тақобили тазод;
2. тақобили тазоиф;
3. тақобили адам ва мулка;
4. тақобили эҷоб ва салб.

Ва ҷомеи қисмҳои чаҳоргонаи тақобил аст бе зиёда ва нуқсон байти охири ин қитъа, агарчи ҳама тақобил-

ҳои ҳақиқӣ нест, аммо чун ба ҷиҳат намудор аст, боке нест:

Ҳаст дар шаҳр хубрӯ писаре,
Ки дилам шуд асири як назараш.
Падаре дорад ӯ бағоят зишт,
Ки мабинод кас ба раҳгузараш.
Шаби нодидани писар накушад,
Бикушад рӯзи дидани падараш.

Ва пӯшида намонад, ки қавли машҳур — он аст, ки аз қабили мутобиқа аст ҷамъ кардани миёни ду чиз, ки мавсуфанд ба ду сифати мутақобил, монанди ҷамъ кардани миёни «аб» ва «ибн», ки мавсуфанд ба «убувват» (яъне падар будан) ва «бунувват» (яъне писар будан), ки ду сифати мутақобиланд.

Аммо дар ҳавошии шарифаи **«Шарифия»** бар **«Мутаввал»**[3] мазкур аст, ки онро зоҳиран мутобиқа намегӯянд. Ва он ба муроот-ун-назир қариб аст. Ва тафсири муроот-ун-назир баъд аз ин хоҳад омад.

Ва аммо тақобили эътиборӣ — он аст, ки ду чизро, ки миёни эшон тақобил набошад, қобил дар каломи худ мутақобил эътибор кунад, чунон ки дар ин муаммо, ки ба исми **Шайх** шуд:

Гар зи бахт осоише хоҳӣ, манол аз дасти ӯ,
Оқибат ёбад бузургӣ ҳар ки бошад пасти ӯ.

Миёни «бузургӣ» ва «пастӣ» тақобил ҳаст, балки тақобил миёни «бузургӣ» ва «хурдӣ»-ст, ки ғолибан мусталзами пастист. Аммо миёни эшон тақобил эътибор карда шуд — ба ҷиҳати мулоҳизаи маънии муаммоӣ.

Ва аммо он, ки тақобил дар баъзе сурат бошад, чунон ки:

Ба ношукрӣ макун, эй ҳамнишин, ташнеи бисьёрам,
Ки мебинӣ ба дастам гул, намебинӣ ба дил хорам!

Миёни «мебинӣ» ва «намебинӣ» агарчи дар ин сурат тақобил нест — ба ҷиҳати он, ки ба як чиз мутааллиқ нестанд, аммо дар он сурат, ки мутааллиқ ба як чиз бошанд, миёни эшон тақобил аст.

Ва соҳиби **«Талхис»** ин тақобилро, ки як феълро ба тариқи исбот ва ба тариқи нафӣ дар калом зикр кунанд, монанди «мебинӣ» ва «намебинӣ» дар байти мазкур, тақобили **эҷоб** ва **салб** ном карда. Ва ҷуз инро тақобили эҷоб.

Ва Аллома салбу эҷобро санъате алоҳида дошта.

Ва пеши шуарои Аҷам мутобиқа — овардани алфоз аст, ки зидди якдигар, яъне мунофии якдигар бошанд. Пас, ба қавли эшон, овардани аносири арбааро[4], масалан, дар як байт як мутобиқа тавон дошт, чунон ки:

З-оташи ҳаҷри туам боди фано кард ҳалок,
Ҳасрати орази чун оби ту дил бурд ба хок.

Ва ба қавли фусаҳои араб ин ҷо мутобиқаи мутааддид аст. Ва метавонад, ки муроди шуарои Аҷам аз лафзҳо ҳамон ду лафз бошад. Пас, ҳарду истилоҳ мувофиқ бошад.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Аз боди саҳар оташи гул дар чаман афтод,
Хоки чаман оби рӯҳи фирдавси барин дод.
Мафъӯлу мафоЙлу мафоЙлу мафоил
Мафъӯлу мафоЙлу мафоЙлу мафоил.

Ва аз Навоӣ шунидам, ки Хоҷа Салмон як мисраъ гуфта буда, ки дар нисфи аввали вай се чиз зикр карда ва дар нисфи охир се чизи дигар, ки муқобили он се чиз аст. Ва ҳеҷ лафзи дигар ғайр аз ин шаш чизи мутақобил дар он мисраъ нест. Ва мисрае дигар бар он тариқ аз барои он нагуфта. Ва он мисраъ ин аст:

Ҳушьёр дарун рафту бурун омад маст.

Ва Мавлоно Фаттоҳӣ[5] мисрае дигар аз барои он гуфта бар ҳамон тариқ. Ва он мисраъ ин аст:

Бархост нишот зуду ғам дер нишаст.

Ва инсоф — он аст, ки нек гуфта ва бас ғариб воқеъ шуда. Ҳарчанд аз мисли онҳо ғариб нест ва гувоҳи ҳол **«Шабистони хаёл»**-и ӯст.

Ва аз абьёти беназир, ки дар ин санъат гуфтаанд, ин байт Назирирост[6]:

Базму размаш варду хору авфу хашмаш нуру нор,
Амну бимаш тахту дору меҳру кинаш фахру ор.

Дар ин байт хашт ҷо санъати мутобиқ ба кор бурда ва мутлақо лафзе, ки дар ин санъат дахл надошта бошад, наёварда.

Ва **«мутобиқа»** ва **«тибоқ»** дар луғат — мувофиқ шудани ду чиз аст бо якдигар. Ва чун ду муқобилро дар як калом ҷамъ кунанд, мувофиқ мешаванд бо якдигар дар санъати мазкур шудан. Пас, ин санъатро ба он ҷиҳат мутобиқа ва тибоқ ном ниҳодаанд.

Ва **«такофӯ»** дар луғат — бо якдигар баробар омадан аст.

Ва **«татбиқ»** — ба маънии мутобиқ сохтан омада. Ва ҷамъ кардани ду мутақобил дар калом мутобиқ ва мувофиқ сохтани эшон аст дар сифати зикршуда.

Ва **«тазод»** дар луғат — бо якдигар душманӣ ва ноҳампой кардан аст.

Ва чун сабаби ҳусни зикри умури мутақобила дар калом тазод ва танофии эшон аст, ин санъатро ба ин сабаб тазод ном карданд.

## ТАДБЕҲ

Соҳиби «**Талхис**» гуфта, ки аз қабили мутобиқа аст— он чи баъзе мардум ӯро тадбеҳ ном ниҳодаанд ва тафсир кардаанд ба он, ки зикр карда шавад дар адои маънии гуногун — хоҳ мадҳ ва хоҳ ғайри он аз барои қасди киноят, ё таврия, яъне иҳом.

Аммо тадбеҳи киноят, чунончи:

Аҳбоби содиқи ту чу субҳанд рӯсафед,
Аъдои козиби ту чу шоманд рӯсиёҳ.

Сафедии рух — киноят аз давлату саодат аст; ва сиёҳии рӯ — киноят аз сахтиву бадбахтӣ.

Ва аммо тадбеҳи таврия — чунон ки дар ин байт, ки дар маҳалле, ки банда сабоҳ ба хонаи яке аз донишмандони бузурги Ҳирот расидам ва то қариб ба вақти завол ба ҷуз гуруснагӣ чизе надидам.

Охир чун маро мукаддарҳол ёфт, бар роҳи хушомад гуфтан шитофт. Ва гуфт:

— Шунидаам, ки дар саноеъ абьёти хуб гуфтаӣ, баъзе аз он бихон.

Банда ба андак таваҷҷуҳе ин байтро гуфтам ва бар вай хондам:

Дар фироқи ёри гандумгун дар ин меҳнатсаро
Чеҳраи ман зард шуд чун коҳ, то кай ин ҷафо?

Ва ғариб — он ки мақсудро фаҳм накард ва гуфт:

— Ин ҷо чӣ санъат аст?

Гуфтам:

— Тадбеҳи таврия аст — ба ҷиҳати он ки «ёри гандумгун» — ин ҷо маънӣ қариб ба фаҳм аст. Ва он маҳбубест, ки ранги ӯ бисьёр сафед набошад. Ва маънии дур аз фаҳм — нон аст. Ва муроду матлуб ин ҷо — он аст.

Ва ғарибтар — он ки баъд аз ин гуфт:

— Агар иштиҳо расида — бифармоям, то дар хона чизе бупазанд?

Гуфтам:

— Ин мафармоеду бандаро иҷозат фармоед!

Ва бархастаму аз он бало бозрастам.

Ва мешояд, ки тадбеҳи киноят ва тадбеҳи таврия — бо якдигар дар як мисол ҷамъ шаванд.

Ва мебояд донист, ки дар тадбеҳи киноят лозим нест, ки ҷамеи рангҳо киноят бошад. Ва ҳамчунин дар тадбеҳи таврия лозим нест, ки дар ҳама лавнҳо[7] таврия бошад.

Ва Аллома тадбеҳро санъате алоҳида доштааст. Ва «**тадбеҳ**» дар луғат — тазйин, яъне зинат додан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

Ҳам соҳиби «**Талхис**» гуфта, ки илова аст ба мутобиқа ду санъати дигар:

**Аввал** — он, ки ҷамъ карда шавад дар калом миёни ду маънии ғайри мутақобил, ки яке аз онҳо мутааллиқ бошад ба чизе, ки муқобили он маънии дигар аст, чунон ки:

Хуш бош чу дод ҳақ камолат,
Гирьён манишин, ки нест молат.

Ҷамъ карда шуда миёни «хушӣ» ва «гирья». Ва ин ду маънӣ мутақобил нестанд. Аммо «гирья» мутааллиқ аст ба «нохушӣ», ки муқобили «хушӣ» аст. Ваҷҳи тааллуқ — он аст, ки гирья ғолибан ба сабаби нохушӣ мебошад.

**Дуюм** — он ки ҷамъ карда шавад миёни ду маънии ғайри мутақобил, ки таъбир карда шуда бошад аз эшон ба ду лафз, ки назар ба маънии аслии худ мутақобил бошанд, чунон ки:

Барбаст дари саро зи ағьёр,
Бикшод дилам ба васли худ ёр.

Маънии «кушодани дил» — ин ҷо шод кардани ӯст. Ва миёни ӯ ва «бастани дар» тақобил нест. Аммо аз ӯ ба лафзи «кушодан» таъбир воқеъ шуда. Ва ин назар ба маънии аслии худ муқобили «бастан» аст.

Ва ин санъати дуюмро **иҳоми тазод** мегӯянд. Ва ваҷҳи он зоҳир аст.

Ва пӯшида намонад, ки тадбеҳи киноят дохил аст дар иҳоми тазод.

## МУҚОБИЛА

Соҳиби «Мифтоҳ» гуфта, ки он аст, ки ҷамъ кунӣ дар зикри миёни ду чизи мувофиқ ё бештар ва миёни зидди онҳо, яъне муқобили онҳо. Ва агар шарт кунӣ, яъне эътибор кунӣ дар он чизҳо амре дар миёни зидди онҳо шарт кунӣ зидди он амрро. Ва мурод ба мувофиқат ин ҷо — он аст, ки он чизҳо зид ва муқобили якдигар набошанд — хоҳ миёни эшон муносибат бошад ва хоҳ набошад.

Аммо муқобила бе шарти амре, чунон ки:

Васли ёру фурқати ағьёр ҷустам аз худо,
Ҳаҷри ёру суҳбати ағьёр пеш омад маро.

Аммо муқобила ба шарти амре, чунон ки:

Зи қаҳри ту аъдо ҳама дар ғаманд,
Зи лутфат ҳама дӯстон хуррамаанд.

Чун дар миёни ду чизи мувофиқ, ки «қаҳр» ва «аъдо»-ст, ғам эътибор карда шуд ва дар миёни зидди он ду чиз, ки «лутф» ва «аҳбоб» аст, зидди ғамро, ки «хуррамӣ» аст, эътибор карда шуд.

Ва бидон, ки муқобила мешояд, ки муқобилаи иснайн ба иснайн[8] бошад — ҳамчунон ки дар ду байти гузашта. Ва мешояд, ки муқобилаи салоса ба салоса[9] бошад — монанди он мисраъ, ки дар мутобиқа аз Ҳоҷа Салмон нақл карда шуд. Ва чунон ки:

Дӯстонро ба лутф мехонад,
Душманонро ба қаҳр меронад.

Ва мешояд, ки муқобилаи арбаа ба арбаа[10] бошад — монанди байти охири он қитъа, ки дар мутобиқа оварда шуд. Ва чунон ки:

Дӯстонро ба лутф хонд пеш,
Душманонро ба қаҳр ронд пас.

Ва зиёда бар ин низ мутасаввар[11] аст.

Ва соҳиби **«Талхис»** дар таърифи муқобила тарк карда ин қайдро, агар шарт кунӣ дар ду чизи мувофиқ ё бештар амре дар зидди онҳо зидди он амрро шарт кунӣ. Пас, мисли ин байт, ки:

Аҷаб хуб аст илму мол бо ҳам,
Ки нодониву ифлос оварад ғам,

пеши ӯ дохили муқобила бошад ва пеши соҳиби **«Мифтоҳ»** набошад — ба ҷиҳати он ки дар «илм» ва «мол» иҷтимоъ шарт карда шуда ва дар «нодонӣ» ва «ифлос», ки зидди инҳоянд, ифтироқ[12], ки зидди шарт мазкур аст, шарт нашуда.

Ва дар **«Эзоҳ»** зиёда карда қайди дигар — ва он ин аст, ки зикри он чи муқобили ду чизи мувофиқ бо ашьёи мутавофиқа аст, бар тартиби зикри онҳо бошад. Пас, бинобар ин қайд, ин байт аз қабили муқобила набошад:

Дар шаҳр наёфт ком Маҷнун[13],
Ноком шитофт сӯи ҳомун.

Ва бинобар таърифи соҳиби **«Мифтоҳ»** аз қабили муқобила аст.

Пас, миёни соҳиби **«Мифтоҳ»** ва соҳиби **«Талхис»** дар таърифи муқобила аз ду ваҷҳ мухолифат бошад.

Ва ҳам соҳиби **«Талхис»** гуфта, ки муқобила дохили мутобиқа аст ва санъате алоҳида нест.

Ва аммо ҳамаи фусаҳои араб бинобар хусусият ва қайдҳое, ки дар муқобила мӯътабар асту дар мутобиқа нест, ӯро санъате алоҳида доштаанд. Ва дар саноеъ аз ин қабил бисьёр аст.

## МУРООТ-УН-НАЗИР

Ва онро **таносуб, тавфиқ, эътилоф** ва **талфиқ** низ мегӯянд.

Он аст, ки муносиби ӯ бошад, на ба тариқи тазод чи тазод, яъне тақобил навъе аст аз муносибат — монанди ин рубоӣ:

Шуд умр ба мантиқ талафу ин ҳикмат
Маълумам шуд зи баъди чандин заҳмат —
К-аз баҳс муарраф нашавад касби наҷот,
Фоиз нашавад зи баҳс ҳуҷҷат раҳмат.

Ва кам шеъре бошад, ки аз ин санъат холӣ бувад.

Аммо дар дараҷоти ҳусн ба ҷиҳати камиву зиёдии ашьёи мутаносиба, шиддату заъфи таносуб гуногун мебошанд.

Ва соҳиби **«Талхис»** аз қабили мурооти назир дошта онро, ки баъзе **ташобеҳ-ул-атроф** ном кардаанд. Ва он иборат аст аз он, ки хатм кунанд каломро ба чизе, ки муносиби ибтидои он амр бошад дар маънӣ, чунон ки:

Фиғон, ки рафт гули бӯстони ҳусну ҷамол
Зи боғи даҳр ҳазорон чу ман, ба сад хорӣ,
Вале ту, эй санами гулбадан, ба саҳни чаман
Ба ёдгор бимонӣ, ки бӯи ӯ дорӣ.

Муносибати мисраи охири қитъа ба мисраи аввали ӯ зоҳир аст.

Ва мулҳақ дошта ба мурооти назир онро, ки ҷамъ карда шавад миёни маонии ғайри мутаносиба ба алфозе, ки онро маонии мутаносиба бошаду он маонӣ дар ин калом мурод набошад, чунон ки:

Афтода сияҳрӯз чу ман бар сари роҳат
Сад гӯшанишин шефтаи чашми сиёҳат.

Аз «сияҳрӯз»— номурод мурод аст ва аз «гӯшанишин»— зоҳид.

Ва миёни онҳо ва «чашми сиёҳ» муносибат нест, аммо ҷамъ карда шуда миёни маонии ғайри мутаносиб ва алфозе, ки назар ба маонии дигар мутаносибанд ва инро **иҳоми таносуб** ном карда.

Аммо соҳиби **«Мифтоҳ»** таносубро дар таърифи мурооти назир омтар дошта аз он, ки назар ба маънии мурод бошад, ё ғайри мурод. Ва мисли байти мазкурро аз қабили мурооти назир дошта, на мулҳақ ба он.

Ва **«муроот»** дар луғат — риоят кардан аст. Ва ваҷҳи тасмия ба муроот-ун-назир зоҳир аст.

Ва «тавфиқ» созгорӣ афкандан аст миёни чизҳо. Ва ваҷҳи тасмия ба ин дар он чи таъбир кунанд аз маонии ғайри мутаносиба ба алфозе, ки назар ба маонии дигар мутаносиб бошад, зоҳир аст, ба ҷиҳати он ки миёни он маонӣ муносибат ва созгорӣ нест ва таъбир кардан аз эшон ба алфозе, ки филҷумла бо якдигар муносибат доранд, созгорӣ афкандан аст миёни эшон. Аммо дар он чи ҷамъ кунанд дар калом маонии мутаносибаро, зоҳир нест, ба ҷиҳати он ки созгорӣ афкандан мушаар аст ба он ки зоҳиран созгорӣ ва мулоимат набуда бошад, магар

он ки ҷамъ кардани маонии мутаносибаро дар зикри созгорӣ афкандан гӯянд миёни эшон ба ҳасаби зикр.

Ва **«этилоф»** — бо якдигар улфат гирифтан ва пайваста шудан аст.

Ва **«талфиқ»** — бо ҳам овардан. Ва ваҷҳи тасмия ба ин ҳар ду зоҳир аст.

## ТАФВИФ

Аллома дар саноеи лафзия гуфта: тафвиф — он аст, ки зикр кунанд маонии мулоими якдигарро дар ҷумлаҳое, ки ба ҷиҳати *миқдор мутасовӣ бошанд*, ё қариб.

Ва ин бар ду қисм аст:

**Қисми аввал** — он, ки ҷумлаҳо бар мақотеъ[14] воқеъ шуда бошанд, яъне дар вақти хондан ҷудо-ҷудо адо ёбанд, чунон ки дар байти дуюм аз ин ду байт:

Чи ҳол аст ин ки як дам нест холӣ
Мани бечораро дар ишқи он моҳ.
Сар аз дарду тан аз ранҷу рух аз ашк,
Дил аз сӯзу лаб аз зорӣ, дам аз оҳ.

Ва **қисми дуюм** — он, ки ҷумлаҳои ӯ ба ҳам дар-омада бошанд ва ба мақотеъ воқеъ нашуда бошанд, *чунон ки*:

Хаташ райҳону чашмаш наргису зулф
Бувад сунбул, рухаш гул дар саҳаргоҳ.

Ва махфӣ намонад, ки байти собиқ аз он қабил аст, ки ҷумлаҳо мутасови-ул-миқдоранд. Ва ин байт аз он қабил *аст, ки* қариб-ул-миқдоранд.

Ва соҳиби **«Талхис»** дар **«Эзоҳ»** гуфта, ки он чи баъзе мардум онро тафвиф ном кардаанд, баъзе аз он дохили муроот-ун-назир аст ва баъзе дохили мутобиқа, яъне муносибат ва мулоимати мазкура бо якдигар агар ба ғайри тариқи тақобил аст, дохили муроот-ун-назир аст ва агар ба тариқи тақобил аст, дохили мутобиқа аст.

Ва соҳиби **«Табьён»** мувофиқи Аллома аст дар он ки тафвифро санъате алоҳида дошта. Аммо дар таъриф бо вай андак мухолифате карда — чи гуфта, ки тафвиф — он аст, ки оварда шавад маонии мулоими якдигарро дар ҷумлаҳои баробармиқдор. Ва ҷумлаҳои мутақориб-ул-

миқдорро эътибор накарда, магар гӯянд, ки онро дар ҳукм баробар-миқдор дошта. Аммо ин тавҷеҳ[15] дур аст.

Ва ҳам Аллома баъд аз зикри саноеи маънавия ва лафзия гуфта, ки шоир мебояд, ки дар шеър алфозе орад, ки гуфтани он осон бошад ва аз фасоҳат боравнақ ва аз нохушӣ холӣ. Ва дар тағаззул[16], яъне изҳори ишқ тариқи латофату нозукӣ риоят кунад. Ва дар ифтихори сулук фахомат[17] ихтиёр кунад, яъне алфоз ба тумтароқ ва таркиби барҳамбастаи маҳкам гӯяд; ва бар вазне гӯяд, ки саҳл-ул-арӯз ва осон бошад; ва бино бар қавофие ниҳад, ки равон бошад; ва маонии ӯ муносиби ғараз; ва матлуб аз иборот зоҳир бошад, чунон дар нисбати он эҳтиёҷ ба фикр набошад. Ва шеърро ин ҳангом **муфаввақ** мегӯянд.

Ва наздик аст ба ин — он чи Шамси Қайс гуфта ва он баёни урфи шуарои Аҷам аст, ки: «тафвиф — он аст, ки бинои шеър бар вазне хушу лафзе ширин ва иборате матину қавофии дуруст ва таркибе осону маонии латиф ниҳанд — чунон ки ба афҳом[18] наздик бошаду дар идрок. Ва истихроҷи он ба андешаи бисьёр ва амъони фикр эҳтиёҷ наяфтад. Ва аз истироoти баиду маҷозоту ташбеҳоти козибу таҷнисоти мукаррар холӣ бошад. Ва ҳар байт дар лафзу маънӣ ба нафси хеш қойим бувад. Ва ҷуз аз рӯи тартиби маонӣ ва тансиқи калом ба дигаре мӯҳтоҷ набувад ва бар он мавқуф набошад. Ва алфозу қавофӣ дар мавзеи хеш ҷойгир бошанд. Ва ҷумлаи қасида як тарзу як шева бувад. Ва иборат гоҳ баланду гоҳ паст нашавад. Ва маонӣ гоҳ муттасиқу[19] гоҳ парешон нагардад. Ва муҷовирати алфозу лаёқати он ба якдигар риоят шуда бошад. Ва калимаҳои камистеъмолу маҳҷуроти луғати фурс дар он мустаъмал набошад, балки аз саҳеҳу машҳури луғати дарӣ ва мустаъмалоти алфози арабӣ, ки дар гуфтугӯ ва номаҳои порсигӯёни фозил маъмул бошад, мураккаб бувад, монанди ин қасидаи Заҳир[20]:

Гетӣ зи фари давлати фармондеҳи ҷаҳон
Монад ба арсаи ҳараму равзаи ҷинон.

Ва мебояд донист, ки он, ки гуфта, ки «ҳар байт дар лафзу маънӣ ба нафси хеш қойим бувад ва ҷуз аз рӯи тартиби маонӣ ва тансиқи калом ба дигаре мӯҳтоҷ набувад ва бар он мавқуф набошад» муроди ӯ — он нест, ки абьёт мутлақо бар ҳам мавқуф набошад, чи дар ҳама

шартҳо байти собиқ дар маънӣ мавқуф мебошад бар байти охир чунон ки дар ин қасида, ки ӯ оварда, вокеъ шуда:

То бистурад ба дасти сабо дояи баҳор
Гард аз чабини *лолаву рухсори арғувон.*
Гулзори давлати ту, ки дорад насими хулд,
Осуда бод то абад аз офати хазон.

Ва гоҳе дар берун аз шарт низ баъзе абьёт бар баъзе мавқуф мебошад, чунон ки дар ҳамин қасида ин чо, ки гуфта:

Вақте ки кам шавад зи сари саркашон хирад,
Рӯзе, ки бигсилад зи тани пурдилон равон.
В-он оби мунчамид, ки синон аст номи ӯ,
Аз таффи ҳамла дар раги чонҳо шавад равон.
Ту дар миёну лашкари чун мӯру чун малах
Ҳар як чу мӯр баста ба фармони ту миён.
Дартозӣ аз карон чу шерони чангчуй,
Гӯпол[21] бар замин заниву бонг бар замон.
Он лаҳза кас надорад пои ту чуз рикоб
В-он рӯз кас нагирад дасти ту чуз инон.

Балки муроди ӯ — он аст, ки мебояд, ки байте чунон набувад, ки то байти дигаре ба вай муназзам нашавад, аз вай маъние мунфаҳм нагардад — чунон ки касе дар баҳру қофияи қасидаи мазкур гӯяд;

Бар ҳар замин, ки пои самандат расид, ӯ
Аз рӯи ифтихор расонад ба осмон
Саррову осмон ниҳадаш бар рух аз шараф
То қадру обрӯй шавад ҳосилаш аз он.

Ва **«тафвиф»** дар луғат — чома бо хатҳои сафед бофтан аст. Ва вачҳи тасмия бинобар маънии аввал — он аст, ки зикри маонии муталойима[22] дар чумлаҳои мутасовия ё мутақориба мушобеҳ аст бо бофтани хатҳои сафед дар чома.

Ва бинобар маънии охир ташбеҳи шеъри муфавваф аст ба чомаи муфавваф дар устуво ва ташобеҳи чавонибу атроф.

## ТАЪЗИЛ

Ва онро **сиёқат-ул-аъдод** низ мегӯянд.

Пеши фусаҳои араб ва баъзе аз шуарои Ачам — иборат аст аз овардани исмҳои муфаррада[23] бар як сиёқу як тариқ, чунон ки:

Надорад ӯ сари ман, гарчи сарфи ӯ кардам
Сару зару дилу дин, ақлу донишу ҷон ҳам.

Ва агар бо ин санъат таҷнис, ё издивоҷ, ё тазод, ё санъате дигар мисли инҳо муназзам[24] шавад, ҷамоли камолаш равнақи дигар гирад, чунон ки:

Дурду дарду нозу созу меҳру кин,
Ҳарчи ояд — хуш бувад з-он нозанин.

Ва Шамси Қайс гуфта, ки «ин санъат чунон бошад, ки шоир чанд чизро аз исмҳои муфаррада баршуморад ва баъд аз он ҷумларо, ё як-якро васф кунад».

Аммо он ки ҷумларо васф кунад — монанди ин байт, ки гузашт ва монанди ин байт, ки дар «Қасидаи маснӯъ» аз барои мисоли ин санъат оварда — аз баҳри рамали мусаддаси махбун:

Қаламу теғ зи дасти ту бинозад,
Давлату дин ба ту гардан бифарозад,
Фаилотун фаилотун фаилотун.
Фаилотун фаилотун фаилотун.

Ва аммо — он ки як-якро васф кунад, чунон ки:

Намуд аз хату рухсору зулфи худ ҷонон —
Яке баҳору дуввум лолаву сеюм райҳон.
Баҳору лолаву райҳони ӯ фузуд маро
Яке сиришку дуввум нолаву сеюм афғон.

Ва агар то охири шеър ин тариқро риоят кунанд, чунончи баъзе аз қудамо дар қасоид риоят мекарданд, мӯҷиби зиёдии ҳусни калом бошад. Ва баъзе аз шуарои Аҷам аз қабили сиёқат-ул-аъдод доштаанд онро, ки шоир ададеро риоят кунад ба тартиби вазъи адад, ё ба акси тартиби он, ё мушавваш, яъне парешон.

Ва **қисми аввал**, чунон ки:

Як шабе бо ду-се ҷорӣ зи ҳарифон даркаш
Панҷ-шаш коса маю ғам дигар аз давр мадор!
Ҳафт иқлим маро борию ҳур ҳашт наим
Гар бувад мулку бувад нӯҳ фалакам хидматгор.
Медиҳам он ҳама в-аз бодаи софӣ даҳ сер
Меситонам, ки раҳонанд зи худам в-аз ағьёр.

Ва аммо **қисми дуюм**, чунон ки:

Даҳ-нӯҳи гулузори ман сарве
Нест дар ҳашт боғи хулди барин.
Ҳафт кишвар бигаштаму кардам
Шаш ҷиҳатро мулоҳиза ба яқин
Панҷу чору севу ду, балки яке
Набувад мисли ӯ ба рӯи замин.

Ва аммо қисми сеюм, монанди байти аввали ин қитъа:

Панҷ рӯзе ҳар киро шуд чор болиш такьягоҳ
Чун се коса хӯрд, меҳоҳад якеро з-ин ду кӯр —
Ё маю маъшуқу мутриб доимо дар базму айш,
Ё силоҳу аспу доим рӯзи разму корзор...

Ва ҳамон баъзе аз қисми сеюм доштаанд ин байти Заҳирро:

Нӯҳ фалак бар хони инъомат ба панҷ ангушти оз
Қурби даҳ навбат шикамҳо чорпаҳлу кардаанд.

Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки агар ададеро, ки шоир риоят кунад, батамом набошад, аз ин санъат хориҷ намешавад.

**«Таъзил»** дар луғат — рост кардан аст.

Ва чун исмҳои муфаррадаро бар як тариқ зикр кунанд, гӯё эшонро бо якдигар рост кардаанд.

Ва **«сиёқат»** дар луғат — рондан аст. Ва ин санъатро ба он ҷиҳат сиёқат-ул-аъдод ном кардаанд, ки шоир ададеро аз номҳои муфаррада *бар як тариқ меронад* дар зикр кардан.

## ТАНСИҚ-УС-СИФОТ

Аллома гуфта — он аст, ки зикр кунанд чизеро ба чанд сифат дар паи якдигар.

Ва Алломаи Тафтозонӣ гуфта — он аст, ки дар ақиби васфшаванда чанд сифат оранд дар паи якдигар.

Ва беҳтар аз ин ҳар ду таъриф — он аст, ки гӯянд: тансиқ-ус-сифот он аст, ки як чизро васф кунанд ба чанд сифат дар паи якдигар, ё аз як чиз таъбир кунанд ба чанд сифат дар паи якдигар.

Аммо **қисми аввал,** чунон ки:

Гирди лаб ширин вазад оташ ба ҷони зори ман,
Ёри ширинкори шӯхи оташинрухсори ман.

Ва аммо **қисми дуюм,** чунон ки:

Парирӯе, суманбӯе, сиҳиқадде, гуландоме
Дилам бурду дигар ёдам накард асло ба дашноме.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ҳамон байт аст, ки аз барои тарду акс оварда ва мазкур шуд.

Ва **«тансиқ»** дар луғат — пайвастани сухан аст.

Ва ин санъатро аз он ҷиҳат **тансиқ-ус-сифот** ном кардаанд, ки мутакаллим сифоти серададро ба якдигар пайвастааст дар калом.

## ИРСОД

Ва баъзе онро **тасҳим** ном кардаанд. Ва баъзе дигар онро **тавшеҳ** ном кардаанд.

Он аст, ки пеш аз аҷуз, яъне калимаи охир аз фиқра, ё аз байт чизе биёранд, ки далолат кунад бар аҷуз вақте ки равӣ, ё он чи ба манзилаи ӯст аз охири фиқра, маълум бошад. Ва ин бар ду қисм аст:

**Қисми аввал** — он ки далолати ӯ лафзӣ бошад.

Аллома гуфта: дар ин қисм баъзе монанди тасдир аст ва баъзе мушобеҳи муқобила.

Ва **қисми дуюм** — он ки далолати ӯ маънавӣ бошад.

Ва ҷомеи ҳама воқеъ шуда ин ғазал, аммо бо тариқи лаффу нашри ғайримураттаб:

Эй рафиқон, чу дил аз васли буте шод кунед,
Мани дилхастаи ҳиҷронзадаро ёд кунед!
Мурдам аз ғуссаву ғам! Чанд маро панд диҳед?
Як замон ҳам дилам аз банди ғам озод кунед!
Чанд вайрон бувад аз сели ғамам хонаи тан?
Як раҳ аз хишту гили майкада обод кунед!
Медиҳам ҷон чу ман аз ҳасрати шамшодқаде,
Баҳри ман тахтаву тобут зи шамшод кунед.
Ба туфайли дигарон номи Атой бубаред,
Куштағонро бари он ёр чу таъдод кунед.

Ва Аллома миёни тасҳим ва тавшеҳ фарқ карда ва гуфта, ки: «тавшеҳ наздик аст ба тасҳим». Ва тасҳимро ба он таъриф карда, ки мазкур шуд, ҷуз он, ки он қайдро, ки «вақте ки маълум бошад — равӣ ё он чи ба манзилаи ӯст аз охири фиқра», ҳамл карда ва наёварда.

Ва тавшеҳро ба ин таъриф карда, ки — он аст, ки аввал байти шоҳиди видол бошад бар қофия бар ин тариқ, ки дар садри байт калимае бошад, ки чун маълум шавад маънии ӯ, маълум шавад аз ӯ қофияи байт — аз барои он, ки аз ҷинси маънии қофия бошад, ё малзуми ӯ. Ва ҳосили калом — он ки як қисм аз тасҳимро тавшеҳ ном карда.

Ва Шамси Қайс гуфта: «тасҳим — он аст, ки шоир насақи шеър бар ваҷҳе ниҳад, ки баъзе аз он бар баъзе далолат кунад. Ва чун соҳибтабъе як мисраъ аз он биш-

навад, бидонад, ки мобаъди[25] ӯ чӣ тавонад бувад. Чунон ки:

Дилро ба рақиби ту, ки кони кин аст,
Баръакс фитода ҳолу мушкил ин аст.
Ғамгин бошад дилам чу шод аст рақиб,
Шод аст рақиб чун дилам ғамгин аст.

Зоҳир аст, ки чун соҳибтабъе баъд аз шунидани байти аввал мисраи сеюмро бишнавад, медонад, ки мисраи чорум чи чиз аст». Ва ҳам ӯ гуфта, ки ҳамчунин он чи бар қофия далолат кунад, аз ин қабил бошад.

Ва **«ирсод»** дар луғат — дидбон дар роҳ таъйин кардан аст.

Ва ваҷҳи тасмия — ташбеҳи зикри лафзи дол ба аҷуз ба таъйини дидбон дар роҳ дар он, ки чунон чи дидбон хабар медиҳад, ки аз роҳ кӣ меояд, лафзи дол бар аҷуз низ хабар медиҳад ва далолат бар он, ки дар охири фиқра ё байт чӣ хоҳад омад.

Ва **«тасҳим»** дар луғат — ҷома ба хат бофтан аст.

Ва ваҷҳи тасмия — ташбеҳи дол бар аҷуз ва аҷуз аст. аввалан ба хатҳо, ки дар ҷома мебофанд дар он, ки далолат мекунад баъзе ва баъд аз он ташбеҳи зикри дол бар аҷуз аст дар калом ба бофтани хатҳо дар ҷома.

**«Тавшеҳ»** дар луғат — вашшоҳ, яъне ҳамоил дар гардани касе кардан аст.

Ва ваҷҳи тасмия, ки Аллома гуфта: он аст, ки далолат кардани он чи дар аввали калом аст бар охири ӯ, маъниро ба манзилаи вашшоҳ месозад; ва аввали каломи охири ӯро — ба манзилаи гардан ва паҳлӯ, ки маънӣ бар гирди онҳо мегардад.

## МУЗОВИҶА

Он аст, ки ду маъниро, ки воқеъ шаванд дар калом, дар шарт ва ҷазо[26] мисли якдигар созанд дар он ки бар ҳар як мутараттаб созанд чизеро, ки бар дигаре мутараттаб сохта бошанд, чунон ки:

Чун равам наздики он маҳ, то шавад зоҳир вафо,
Рӯи худ аз ман битобад, то шавад зоҳир ҷафо.

Рафтани қойил наздики он маҳ, ки воқеъ аст дар шарт ва рӯи худ тофтани ӯ аз қойил, ки воқеъ аст дар ҷафо — ду маъниянд, ки эшонро қойили якдигар сохта — дар он,

ки бар ҳар як аз он ду маънӣ зоҳир шудани чизеро мутараттаб сохта.

Ва ин санъатро шуарои Аҷам эътибор накардаанд.

Ва «музовиҷа» дар луғат — бо якдигар ҷуфт шудан аст.

Ва ваҷҳи тасмия — он аст, ки чун шарту ҷазо мисли якдигар шуданд дар мутараттаб шудани як чиз бар эшон, пас, гӯиё бо якдигар ҷуфт шудаанд.

## ИҚД

Он аст, ки насрро назм кунанд. Чунончи:

Роҳи кӯи ошиқиро кас набурд, эй дил, ба сар
Роҳ мебинию аён, манзил чӣ мепурсӣ дигар?

Дар мисраи дуюм ин масали машҳур назм карда шуда, ки мегӯянд: «Роҳ мебиниву манзил мепурсӣ!»

Ва **«иқд»** дар луғат гиреҳ бастан аст. Ва чун дар назм каломро навъе барҳамбастагӣ ҳаст, ки дар наср нест, назми каломи мансурро иқд ном кардаанд.

## ҲАЛ

Он аст, ки назмеро наср кунанд. Ва ин вақте мақбул аст, ки дар ҳусни таркиб камтар аз назм набошад ва ҳар лафз дар маҳалли худ ҳусни адо ёфта бошад. Ва калом мӯзтарибу парешон набошад. Чунон ки дар ин ду фиқра воқеъ шудааст:

«Аз кушиш далеронро аз рӯи замин барандохтӣ ва аз бахшиш фақиронро маснаднишин сохтӣ!»

Ва ин наср ҳалли байти Рӯдакӣ аст:

Ҳамебикуштӣ, то одаме намонд шуҷоъ,
Ҳамебидодӣ, то одаме намонд фақир.

Ва **«ҳал»** дар луғат — во кардани гиреҳ аст. Ва ваҷҳи тасмия ба муқоисаи он чи дар иқд гуфт шуд, маълум мешавад.

## ТАЗМИН

Соҳиби **«Талхис»** ва соҳиби **«Табьён»** гуфтаанд, ки — он аст, ки дарҷ карда шавад дар шеър чизе аз шеъри ғайре ё ба танбеҳ бар он ки он чиз аз шеъри ғайр аст, агар

он шеър машҳур набошад. Ва фоидаи танбеҳ — он аст, ки мисрае, ё байте, ё ду байтро аз шеъри ғайре тазмин мекунанд. Ва гоҳе камтар аз мисрае, ё зиёда бар ду байтро низ тазмин мекунанд.

Аммо тазмини мисрае — чунон ки:

Нони хушку оби дарвешон зи шоҳӣ хуштар аст.
«Ҳар ки қонеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст».

Чун мисраи дуюм машҳур буд, ки аз «Дарьёи аброр»-и Амир Хусрав аст, эҳтиёҷ ба танбеҳ набуд.

Ва аммо тазмини камтар аз мисрае, чунон ки:

Кӯси шоҳӣ ҳар ки зад, набвад халос аз дарди сар,
Субҳу шом охир на «бонги ғулғулаш дарди сар аст[27]».

Ва аммо тазмини байте, чунон ки:

Макун эй хоҷа тахайюл, ки магар мансабу мол
Орзуи дили меҳнаткаши ғамгини ман аст?
З-он, ки ин байт чу Ҳофиз ба дуо аз сари сидқ,
Бар забон ронаму дил низ бар оини ман аст:
«Давлати фақр, худоё, ба ман арзонӣ дор
К-ин кароматн сабаби ҳашмату тамкини ман аст»[28].

Ва аммо тазмини ду байт:

Солҳо дар талаб ба сар бурдам,
Баҳри як мӯътамад зи аҳли видод.
Оқибат ёфтам накӯрӯе —
Оқилу фозилу хуҷастаниҳод.
Сӯҳбатам хуб даргирифт ба вай,
Ғунчаи дил маро аз ӯ бикушод.
Бо хирад гуфтам: он чи меҷустам
Солҳо, ин замон ба даст афтод.
Чанд рӯзе чу шуд, аз он ӯ ҳам
Кард хубсу нифоқро буньёд.
Чун бидонистам он, зи ғам ҳолам
Шуд ба ҳадде, ки кас надорад ёд.
Лек, охир халос кард аз ғам
Ин ду байтам зи гуфтаи устод:
«Дар ҷаҳон ҳеҷ кас надидам, к-ӯ
Оқибат дӯстӣ ба бод надод.
Чун чунин аст, ҳар ки дар олам
Фард бошад, худош хайр диҳод»[29].

Ва аммо тазмини зиёда аз ду байт, чунон ки Анварӣ гуфта:

Аз гуфтаҳои хеш се байт аз қасидае,
К-он ҷо на орият бувад, ин ҷо на мустаор.
Овардаам ба сурати тазмин дар ин мадеҳ
Н-аз баҳри он, ки бар суханам нест иқтидор.

Лекин чу суннатест кадимӣ, раво бувад
Эҳьёи суннати шуарои бузургвор.
«Эй фикрати ту мушкили имрӯз дида дӣ
В-эй ҳиммати ту ҳосили имсол дода пор.
Қодир ба ҳукм бар ҳама кас осмонсифат,
Фойиз ба чуд бар ҳама халқ офтобвор.
Дар абр агар зи дасти ту як хосият ниҳанд,
Дасти тиҳӣ бурун надиҳад ҳаргиз аз чанор».

Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар тазмин лозим нест, ки мутазаммин[30] шеъри ғайре бошад. Пас, агар дар таъриф ба ҷои «шеъри дигаре» гуфтандӣ, авло будӣ.

Ва ваҷҳи сиҳҳати таърифи мазкур — он аст, ки чун тазмини шеъри худ дар урфи фусаҳо ва шуаро бағоят кам аст, онро дар таъриф эътибор накардаанд. Ва ин ваҷҳи мазкур ваҷҳи сиҳҳати таърифи Рашиди Ватвот низ мешавад, ки гуфта: «ин санъат — чунон бошад, ки шоир мисрае, ё байте, ё ду байт азони каси дигар дар миёни шеъри хеш биёрад ба ҷойгоҳ, ки сахт лоиқ бошад, бар сабили тамсил ва орият, на бар сабили сирқа. Ва ин бегона бояд, ки сахт машҳур бошад, ё бад-ӯ ишорате бошад, чунон ки шунавандаро тӯҳмату шубҳати сирқа наяфтад»

Ва он ки музамманро ҳисоб карда дар мисрае, ё байте, ё ду байт ва камтар аз мисраъ ва зиёда аз ду байтро таарруз накарда, ҳам бинобар камистеъмолии онҳост.

Аллома бинобар ин гуфта, ки тазмин — он аст, ки шоир биёрад дар шеъри худ мисрае, ё байте, ё ду байт аз барои истионат[31] дар итмоми муроди худ ва таъкиди маънии он бар сабили орият, чунон ки масал дар шеър меоранд. Ва ҳаққи ин кор — он аст, ки танбеҳ кунад бар он музамман, агар машҳур набуда бошад, то сомеъ таваҳҳуми сирқа накунад. Ва метавонад бувад, ки ихтилоф дар ин таърифот бинобар ихтилофи мазоҳиб бошад. Ва ҳам Аллома гуфта, ки андакест, ки тазмини мисрае ва камтар аз онро **рафу*** ном мекунанд.

Ва соҳиби **«Талхис»** гуфта, ки гоҳе тазмини байте ва зиёда бар онро **истионат** ном мекунанд; ва тазмини мисрае ва камтар аз онро **ибдоъ** ва **рафу** ном мекунанд. Аммо «рафу»— ба ҷиҳати он мегӯянд, ки порагии шеъри худро ба шеъри дигаре рафу карда. Ва аммо «ибдоъ»— ба ҷиҳати он мегӯянд, ки амонат ниҳода дар шеъри худ чизе аз шеъри ғайрро.

---

* Қалимаи «рафу» — ба фатҳаи «ро» ва сукуни «фо»-ст. Ва маънӣ, дар ин луғат, руфу кардани пора аст.

Ва бидон, ки тазмини камтар аз байте, яъне тазмини мисрае, ё камтар аз он ба ду навъ мебошад:

**Яке** — он, ки маънӣ тамом бошад бе тақдири боқии он байт, монанди намунаи боло;

**Дигаре** — он, ки маънӣ тамом набошад бидуни тақдири он боқӣ, чунон ки:

Дил аз каф додаму мушкил шуда корам зи муштоқӣ,
Аз он хонам ба майхона «ало,
ё айюҳа-с-соқӣ»[32].

Бидон, ки аҳсани тазмин — он аст, ки зиёда бошад бар асл ба нуктае, монанди истиорат дар ин тазмин:

Дило, ба суҳбати аҳли риё марав зинҳор,
Ки кӯҳи ҳилаву макранду роҳи пурхатар аст.
Агарчи чеҳраи эшон зар асту ашк чу сим,
Насиҳате шунав аз Қотибӣ[33],
ки беҳ зи зар аст —
«Ба симу зар марав аз роҳу лангаре пеш ор,
Ки кӯҳро сад аз ин сангпора бар камар аст».

Пӯшида намонад, ки лафзи «симу зар» дар ин байти Қотибӣ холӣ буда аз истиорат ва баъд аз тазмин бар сабили истиорат истеъмол ёфта.

Ва бидон, ки дар тазмин андак тағйире зарар намекунад, чунон ки:

Аз кӯи бутон, Шоҳӣ, кам чӯ раҳи баргаштан,
«Қ-ин бодия ҳамчун ӯ саргашта басе дорад».[34]

Мисраи дуюм тазмин шуда за байти машҳури Амир Шоҳӣ[35] чунон ки:

Аз кӯи бутон, Шоҳӣ, кам чӯ раҳи баргаштан,
«Қ-ин бодия ҳамчун ту овора басе дорад».

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри қариби ахраби макфуф:

То рӯйи заминро қарор бошад,
«То мулки ҷаҳонро мадор бошад».
Мафъӯлу мафоӣлу фоилотун
Мафъӯлу мафоӣлу фоилотун.

Мисраи дуюми ин байт мисраи аввали қасидаи машҳури ҳаким Анварист — дар мадҳи Султон Санҷар[36] гуфта. Ва он матлаъ ин аст:

То мулки ҷаҳонро мадор бошад.
Фармондеҳи он шаҳриёр бошад,

Ва Шамси Қайс гуфта, ки «тазмин ду навъ аст:

**Як навъ** — он ки байте, ё мисрае аз шеъри дигарон дар шеъри хеш дарҷ кунанд. Ва ин навъ агар дар мавзеи хеш ҷойгир бошад ва дар равнақи моқабл биафзояд, онро писандида доранд — чунон ки Рашид гуфтааст ва мисраи Унсуриро тазмин карда:

Намуд теғи ту осори фатҳу гуфт малак —
*«Чунин намояд шамшери хисравон осор».*

Ва он шеъри Анвариро, ки дар вай се байт аз шеъри хеш тазмин карда, ҳам ба мисол оварда, агарчи зоҳиран мухолифи таърифи ӯст, то маълум шавад, ки бинои таъриф бар ағлаб ва аксар аст.

**Навъи дигар** — он аст, ки тамомии маънии байти аввали шоир ба байти дуюми ӯ муталлиқ бошаду бар он мавқуф. Ва он байтро музамман хонанд. Ва ба ҳукми он, ки устодони санъат гуфтаанд, ки шеър чунон мебояд, ки ҳар байт ба нафси хеш мустақил бошад ва ҷуз дар тартиби маонӣ ва тансиқи сухан ба якдигар мӯҳтоҷ набошад, ин тазминро айб шумурдаанд. Пас, ҳарчанд ин эҳтиёҷ бештар бувад, байт маъюбтар бувад. Ва филҷумла, ин маънӣ дар ашъори араб бештар тавонад бувад — барои он ки дар шеъри арабӣ меафтад, ки аз як калима баъзе қофияи мисраи аввал мешавад ва баъзе аввали мисраи дуюм. Аммо чун дар ашъори форсӣ ин ҷинс таърифот ҷуз дар назме, ки дар сабили ҳазлу зарофат гӯянд, наяфтад, чунон ки Сӯзанӣ гуфтааст:

Шодмон бод маҷлиси Мустав —
*фии Машриқ* — Ҳамиддин Илҷав-
ҳерӣ он садр, к-аз ҷавоҳири ал-
фози ӯ аҳли дину донишу дав—...

Ва ин қитъаро то охир чунин гуфта.

Тавфиқи маонии абьёт бар якдигар чандон қабеҳ набошад, ки ӯро дар айбҳои шеър бояд овард. Балки аз ин ҷинс афтад, ки сахт бадеъ ва нодир бошад, чунон ки Масъуди Саъд гуфта:

Ҷаводи Кофии Одил Валӣ, ки дар қисмат
Ба зулму бухл наёмад насиби ӯ, илло,
Ки ҷоми бода ба *соқӣ диҳад зи даст тиҳӣ,*
Ба теғ сар бизанад килкро накарда хато...

Ва дигаре гуфта:

Рост гӯй, ки дар дили шуаро,
Рост гӯй, ки дар ду чашми башар,
Аз паи мидҳати ту раст забон
В-аз паи дидани ту хост басар.

Ва аз ҷинси музамминот аст он чи мутакаллифони шуарои қадим фароҳам ниҳодаанд ва онро **истидрок** ном карда, сахт қабеҳ аст — ҳам аз рӯи тазмин ва ҳам аз ваҷҳи истидрок, чунон ки мутакаллифе гуфтааст:

Нахоҳам, ки бошад туро хонумон
*На низат, ки бошад деҳу дудмон,*
Ҷуз оганда аз неъмату симу зар,
Ҷуз ороста аз кеҳону меҳон».

То ин ҷо сухани ӯст.

Ва Ибн ал-Асир — аз арбоби арабият дар **«Масал-ус-сойир»** гуфта, ки тазмин — иснод ва он — ин аст, ки воқе мешавад миёни ду байт аз назм, ё ду фасл, яъне ду фикра аз наср, ки тамом набошад маънии аввал. Магар суботе аз уюби шеър нест? Агарчи ҷамоате аз уюб шумурдаанд — ба ҷиҳати он ки ин навъ таваққуф ва тааллуқ дар ашъори фусаҳо ва хутби эшон бисьёр аст. Ва агар айб будӣ, дар ин мавзеъ воқеъ нашудӣ.

Ва пеши ин фақир — он аст, ки ин навъ тааллуқ ва таваққуф дар баъзе мавзеъҳо мақбул аст — чунон ки дар гурезгоҳи қасоид. Ва дар баъзе нохуш аст — чунон ки дар қитъаҳо. Ва ҳамчунон хусусияти баъзе таваққуфот ба ҷиҳати мавриди истеъмол сабаби танаффури табъ мешавад ва баъзе намешавад, балки мӯҷиби майлу иқболи табиат мешавад. Ва онро дар таҳти қоида ва забт дарнаметавон овард ва ҳукми радду қабули онро дар мавридҳо ҳавола ба табъҳои солим ва зеҳнҳои мустақим мебояд кард.

Ва **«тазмин»** дар луғат — чизе дар миёни чизе ниҳодан аст. Ва ваҷҳи тасмия дар навъи аввал зоҳир аст. Ва дар навъи дуюм — он аст, ки чун тамоми маънии байти аввал мавқуф аст бар маънии байти сонӣ, пас, гӯё маънии ӯро дар зимни байти сонӣ ниҳодаанд. Ва он, ки байти аввалро музамман мегӯянд, ба эътибори маънии ӯст.

## ҲУСНИ ИБТИДО

Ва онро **ҳусни матлаъ** низ мегӯянд.

Он аст, ки дар аввали калом алфози хушояндаи латифро, ки мутақориби якдигар бошанд дар нозукию ра-

вонӣ ва дар зидди он ки ҷазолату матонат аст; таркиб маҳками хушояндаи покиза кунанд, ки дар адои маънӣ мутлақо қусуре надошта бошад ва зеҳни мустақим аз он ба мақсуд зуд нақл кунад. Ва миёни лафзу маънӣ муносибат риоят кунанд, на он ки маънии хубро ба алфози саҳл адо кунанд, ё акс.

Ва ҳамчунин муносибати миёни ду мисраъ, байт ё ду фиқраи наср риоят кунанд, ки дар латофату балоғат наздик бошанд, на он ки яке аъло бошаду дигаре паст. Ва дар сиҳҳати маънӣ саъй намоянд, ки солим бошад аз нуқсону имтиноъ ва бадалу мухолифати урф ва амсоли онҳо. Ва аз зикри чизе, ки ба ҷиҳати фол нек набошад, худдорӣ намоянд. Ва дар ҳар каломе алфозу таркиби лоиқи он оранд, масалан, дар қасида дар ҷазолату матонат кӯшанд, дар ғазалу рубоӣ — дар нозукию равонӣ.

Ва филҷумла дар хубию марғубии аввали калом саъйи тамом намоянд, аз барои он ки он аввали чизест, ки ба гӯши сомеъ мерасад. Пас, агар хуб аст, ӯро ба шунидани боқии сухан майл мешавад, вагарна табъи ӯ аз он эъроз мекунад. Ва ҳарчанд баъди ӯ хуб бошад, ислоҳи он танаффури табъ, ки дар аввали ҳол шунавандаро ҳосил шуда, натавонад кард.

Ва мисоли ин санъат ин матлаи наът аст:

Эй офтоб рӯи туро камтарин ғулом,
В-эй хӯшачини хирмани ҳуснат маҳи тамом.

Ва ин матлаи қасида:

Начидӣ бар бисоти чарх з-анҷум санг ағар даврон,
Шудӣ зеру забар аз сар-сари оҳам шаби ҳиҷрон

**Ҳикоят**

Дар **«Эзоҳ»** оварда, ки Абӯмақотили Зарир* дар рӯзи меҳргон, ки рӯзи аввали шамс аст ба мизон, пеши Доӣ Алавӣ, ки ҳоким буд дар он замон, даромад ва ин байт бар вай хонд:

Ло тақул бушро, валакин бушрайанӣ,
Иззат-уд-Доӣ ва явм-ул-меҳраҷанӣ!

Яъне: «Магӯ: як башорат, валекин ду башорат аст — Дидани ҷамоли Доӣ ва омадани рӯзи меҳргон». Доӣ аз лафзи «ло тақул бушро», яъне «магӯ башорат!» ки дар аввали байт воқеъ шуда буд, фоли бад гирифт ва гуфт:

* Яъне: кӯри модарзод.

— Эй кӯр! Ибтидо бад-ин мекунӣ дар рӯзи меҳргон?!

Ва баъзе гуфтаанд, ки фармуд, то ӯро берун дарандохтанд ва панҷоҳ чӯб заданд ва гуфт:

— Адаб ӯро беҳтар аз ҷойиза аст!

Баъд аз он буда, ки як бори дигар ҳам аз барои Дой қасидае гуфта буда ва дар ибтидо масале, ки ба ҳасаби фол нек набуда, оварда. Ва Дой дар вай қаҳр карда ва гуфта:

— Эй кӯр! Ин масали бад туро бод!

Ва дар **«Ҳадоиқ-ус-сеҳр»** оварда, ки Шабал-уд-давла ба Кирмон рафт ба назди Соҳиби Мукаррам бин-н-ал-Уло ва дар мадҳи ӯ қасидае гуфт. Ва матлаи ӯ бағоят хуб воқеъ шуда буд. Чун Мукаррам бин-н-ал-Уло он матлаъро шунид, Шабал-уд-Давларо гуфт:

— Даст аз иншоди боқии қасида бидор!

Пас, хидматгореро фармуд, то ҳазор динор биёвард ва ба Шабал-уд-Давла дод. Он гоҳ гуфта:

— Агар ҳама абьёти ин қасида ҳамчунин аст, ки матлаъ, ҳар байтро ҷойиза ҳазор динор аст ва дар хизонаи ман чандин зар нест.

Мақсуд — он ки асари қубҳи ибтидо — он аст, ки Абӯмақотил кашида ва асари ҳусни ибтидо — ин, ки ба Шабал-уд-Давла расида.

Ва Шамси Қайс гуфта, ки: «ҳусни матлаъ — он аст, ки ибтидо ба калимоти кареҳ накунанд, ҷуз он, ки марсия, ё ҳаҷв бошад. Ва дар он низ он чи ба нисбат бо он ҳол зеботар бувад, матлаъ созанд».

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» байти аввал аз абьёти маснӯи ӯст, ки дар тарсеъ мазкур шуд.

### БАРОАТИ ИСТЕҲЛОЛ

Он аст, ки ибтидои калом муносиби мақсуд бошад ба ин тариқ, ки дар вай ишорате бошад ба он чи савқи калом аз барои ӯст, то ибтидо мушаар бошад ба мақсуд — чунон ки дар қасидае, ки аз барои таҳнияти валодати фарзанд гӯянд ва ин байтро матлаъ созанд:

Муборак бод эй даврон, ки давлат тоза шуд бозат,
Ҳумои ҳашмату иқбол боз омад ба парвозат.

Ва дар марсияе, ки аз барои машоих[37], бузургон ва уламои[38] олимиқдор гӯянд ва ин байтро матлаъ созанд:

Эй фалак, рӯзат сиях бодо, чӣ тӯфон кардаӣ?
Офтоби шаръро дар хок пинҳон кардаӣ!

Ва бар ин қиёс ва ба иттифоқ аҳсан анвои ибтидо — он аст, ки муштамил бошад бар бароати истеҳлол.

Ва аз қабили бароати истеҳлол аст — он, ки дар аввали кутуб ишорат мекунанд ба фанне, ки он китобро дар он фан менависанд ва зикр мекунанд исмҳои китобҳои дигарро, ки дар он фан навиштаанд.

Ва мулҳақ метавон дошт ба ин санъат онро, ки мусаннифи китобе дар аввали китоб номи худро бар ваҷҳе латиф дарҷ кунад — чунон ки Шайх Камоли Хуҷандӣ[39] дар аввали девони худ гуфта:

Ифтитоҳи сухан он беҳ, ки кунад аҳли камол
Ба саноӣ малик-ул-мулк худои мутаол.

Ва **«бароат»** дар луғат — беҳтару афзун шудан аст бар наздикону ҳамасрони худ дар илм ва ғайри он. Ва «истеҳлол»— моҳи нав дидан аст. Ва чун касе, ки ин санъатро дар калом меорад, маълум мешавад бар наздикони худ ба воситаи диққати назаре, ки карда дар муносиб сохтани ибтидои калом ба мақсуд. Аввалан, он диққати назарро ташбеҳ карданд ба моҳи нав дидан ва онро «истеҳлол» гуфтанд. Ва сониян, фоиқ шудани ӯро ба воситаи он диққати назар — «бароати истеҳлол» ном карданд.

## ҲУСНИ ТАХАЛЛУС

Ва онро **бароати тахаллус** низ мегӯянд.

Бидон, ки маънии **«тахаллус»** дар луғат — растан аст аз чизе. Ва дар истилоҳ — хуруҷ ва интиқол аст аз ибтидои калом ба мақсуд бо риояти мулоимат ва муносибат миёни эшон.

Ва ҳусни ӯ — он аст, ки он муносибат аз рӯи камоли лафз ва маънии бакамол бошад. Ва миёни ибтидо ва он чи ба воситаи ӯ ба мақсуд меоянд, иртиботи тамом бошад. Ва тахаллусро дар урфи шуарои Аҷам **«гурезгоҳ»** мегӯянд.

Ва эшон тахаллус — он байтро мегӯянд, ки шоир ном ё лақаби худро дар он ҷо дарҷ карда бошанд. Ва бар нафс ном ё лақаби шоир, ки онро дар абьёт дарҷ мекунанд, ҳам итлоқ мекунанд. Ва мисоли ҳусни тахаллус ин

байт аст, ки дар гурезгоҳи қасидае, ки матлааш дар ҳусни ибтидо мазкур шуд, воқеъ шуда:

Гаҳе чархам ба Турон бурду кард авқоти ман тира,
Гаҳе афканд дар Эрону кард аҳволи ман вайрон.
Ҷафои чарх чун бар ман гузашт аз ҳад, хирад гуфто:
«Бирав, то доди ту бистонад аз вай ноиби султон —
Амони мулк, амини дин, амири маъдалатоин —
Низомиддин Алишер — он ҷаҳони донишу эҳсон».

Ва Аллома гуфта, ки ҳусни тахаллус — он аст, ки мумтазиҷ, яъне омехта созад шоир охири он чизро, ки муқаддимаи сухан сохта бошад — аз васфи ишқу ошиқӣ ва фахр ва мисли онҳо ба аввали мадҳ ва мулоимат пайдо созад миёни эшон дар як байт, ё ду байт, ё се байт. Ва аҳсан — он аст, ки дар як байт бошад чунон ки:

Аҷоиб нозуку хуб аст хатти оразаш, гӯё,
Ки ҳаст он хатти ёқути замона — Хоҷа Абдулло.

Ва агар нақл аз муқаддимаи калом ба мақсуд бе риояти мулоимат ва муносибат кунанд, онро **иқтизоб** мегӯянд.

Ва ин дар ашъори шоирони қадими араб бисьёр аст.

Ва баъзе иқтизобот қариб аст ба тахаллус — ба ҷиҳати он, ки омехтагие аз мулоимат ва муносибат дорад, мисли он ки баъд аз адои ҳамду салавот гӯянд: «аммо баъд». Ва ин мушобеҳи тахаллус аст — ба ҷиҳати он, ки ба як бор аз ҳамду салавот интиқол ба мақсуд накардаанд, балки филҷумла робитае миёни собиқ ва поёни калом риоят кардаанд.

Ва баъзе «аммо баъд»-ро **«фасл-ул-хитоб»** мегӯянд, яъне ҷудокунандаи сухан аз якдигар.

Ва аз ҷумлаи иқтизобот, ки наздик аст ба тахаллус — лафзи «ҳаза» аст, ки дар мактубҳо менависанд вақте ки аз навиштани салому дуо фориғ шуданд. Ва ҳамчунин аст лафзи «баъдаҳу», ки дар он маҳал менависанд; ва лафзи «айзан[40]», ки дар миёни ду калом менависанд.

Ва аз он ҷумла аст — лафзи «муқаддима» ва «боб» ва «фасл» ва «хотима» — ва он чи дар маънии инҳост.

Ва **«иқтизоб»** дар луғат — дарҳол чизе гуфтан аст.

## ҲУСНИ МАТЛАБ

Ва онро **ҳусни талаб, бароати талаб, адаби талаб** ва **ҳусни савол** низ мегӯянд.

Аллома гуфта: он аст, ки алфози талаб муҳаззаб, яъне покиза бошад ва қарин бошад ба таъзими мамдӯҳ.

Ва Рашид гуфта, ки: «ин санъат чунон бошад, ки шоир дар байте аз мамдуҳ чизе хоҳад — аммо ба ваҷҳе латифу тариқе ширин. Ва дар ороиши алфозу маонӣ кӯшад. Ва шароити таъзиму эҳтиром нигоҳ дорад». Чунон ки дар қасидае, ки матлаи он дар хусни матлаъ мазкур шуда, воқеъ шуда:

Шудӣ Салмони аҳдат дар саноеъ банда, гар ӯро
Набудӣ фикри қарзе ғайри қарз--уш-шеър чун Салмон.

Ва соҳиби **«Табьён»** гуфта, ки он аст, ки шурӯъ дар ғараз баъд аз тақдим восила бошад, чунон ки:

Ғамоми [41] лутфат аз ғам мераҳонад дардмандонро
Бубин дарди дилам в-аз файзи лутфи хеш кун дармон!

## ҲУСНИ МАҚТАЪ

Ва онро **ҳусни интиҳо, ҳусни хотима** ва **бароати мақтаъ** низ мегӯянд.

Он аст, ки хатми калом ба чизе кунанд, ки ба ҳасаби лафзу маънӣ хубу марғуб бошад, чи он охири чизест, ки ба гӯши сомеъ мерасад. Пас, агар хуб бошад, лаззату латофати он дар хотири ӯ мемонад. Ва агар дар абьёти собиқа қусуре воқеъ шуда бошад, онро бартараф мекунад — монанди таоми лазизи латиф, ки дар охири таомҳо мехӯранд. Вагарна чунон бошад, ки мазкур шуд, ҳол бар хилофи он хоҳад буд, ки гуфта шуд. Ва ҳар лаззату ҳаловате, ки аз абьёти собиқа ҳосил шуда, ба бемазагӣ ва танаффури табъ бадал мешавад.

Ва мисоли ҳусни мақтаъ байти охир аст аз ин абьёт — аз қасидае, ки матлаи он дар ҳусни матлаъ мазкур шуд:

Сухан кӯтаҳ кунам ҳарчанд чун фазлу камолоташ
Надорад васфи ҷоҳу ҳашмату иқболи ӯ поён.
Ҳамеша, то ки бошад мулку миллат дар ҷаҳон боқӣ,
Ҳамеша, то ки дорад иззу давлат дар ҷаҳон имкон,
Ба иззу давлат аз баҳри силоҳи мулку дин, ё раб,
Бидорӣ он мадори мулки миллатро ту дар даврон.

Ва Рашид гуфта, ки: «инчунин дуоро, ки «то фалон бувад», «фалон бодо» — шуарои порсӣ **дуои таъбид мегӯянд».**

Ва Шамси Қайс гуфта, ки онро ибтидоот нописандида аст — он чи Абулфараҷ гуфта:

Эй сарафрози олам, эй Мансур
В-эй ба садри ту ихтилофи судур.

Мамдӯҳро ба ном хондааст — ба сиғаи нидо. Ва нашояд, ки мамдӯҳро гӯянд, ки «Эй фалон!» магар дар чизе, ки дар он сифати мадҳӣ бошад.

Ва аз мақтаъҳои нописандида — Азрақӣ[42] гуфтааст:

Ҳамеша, то набувад сад фузунтар аз понсад,
Ҳамеша, то набувад панҷ бартар аз панҷоҳ.
Ба дасту табъи ту, то зинда бод ҷому адаб
Ба фарру номи ту поянда бод афсару гоҳ.
Мабод гӯши ту бе бонги руд сол ба сол,
Мабод дасти ту бе ҷоми бода моҳ ба моҳ.

Дар ин дуо ду айб аст: яке маънавӣ ва дигаре лафзӣ.

Аммо маънавӣ — он аст, ки гуфтааст: «ҳамеша дар батолат бош! Ва ҳаргиз мабод, ки на ба ҳазлу бекорӣ машғул бошӣ».

Ва аммо айби лафзӣ — он аст, ки гуфтааст, ки: «мабод гӯши ту!» ва «мабод дасти ту!» Ва ин ҷинс сухан нописандида аст. Ва бояд, ки шоири маҷид ва котиби фозил назму насри хешро аз алфози завоти ваҷҳайн ки чун ӯро аз қарина ҷудо кунӣ, қабеҳ бошад, пок дорад. Ва агар аз ин ҷинс зарурат афтад, миёни лафзи дуо ва зикри мамдӯҳ фосила дорорад — чунон ки гӯяд: «маҷлисат бе май мабод! Ва гӯшат бе самоъи най мабод!»

Ва максуд аз нақли сухани ӯ ин аст, ки: дар ҷумлаи калом, хусусан дар ибтидо ва интиҳо мутакаллимро мулоҳизаи тамом воҷиб аст, то ногоҳ аз маоиби маънавӣ, ё лафзӣ чизе дар каломи ӯ воқеъ нашавад, ки ин замон сабаби танаффур ва эърози сомеи сухандон шавад. Ва охир мӯҷиби таъну ташаннеи мардумон — чунон ки Шамси Қайс баъд аз чандин сол бар Абулфараҷ ва Азрақӣ таън карда.

Ва мисоли ин санъат аз «Қасидаи маснӯъ» ин байт аст — аз баҳри акси тавили мақбуз.

Кушода даври гардун, бубаста даҳри райман,
Кушода дасти ҳикмат, бубаста пои душман.
Мафоилун фаӯлун мафоилун фаӯлун
Мафоилун фаӯлун мафоилун фаӯлун.

Ва баъзе ин байтро аз қабили муроoти назир доштаанд. Ва зоҳир он аст.

* * *

## ХОТИМА

**Дар зикри уюби омаи шеър ва дар баёни маонии баъзе алфози мутадовила[1] миёни шуаро, ки мӯҳтоҷ аст ба баён**

Ва ин дар ду баҳс аст.

### Баҳси аввал

### ДАР ЗИКРИ УЮБИ ШЕЪР

Ва ин бар ду қисм аст: яке — уюби роҷеа ба лафз ва дигаре — уюби роҷеа ба маънӣ.

### Аммо уюби роҷеа ба лафз

Он чи машҳур аст — даҳ аст.

### ТАНОФИР

Васфест дар лафз, ки боиси таассури талаффуз[2] аст. Ва он иборат аст аз он, ки ҳуруфи калима чунон бошад, ки талаффуз ба он мушкил бошад. Ва ин аксар ба он мебошад, ки махраҷи эшон ба якдигар бисьёр наздик бошад — мисли «ҳиъхаъ», ки номи гиёҳест.

Ё миёни калимот аст, ки чун ҷамъ шуданд, талаффуз ба он мушкил бошад, чунон ки:

Ба қурби қабри ғарибон гузар кунӣ, чи шавад?

Ва мулҳақ аст ба мутанофир — он ки талаффуз ба он душвор набошад, аммо нохушоянда бошаду кареҳ бошад дар шунидан мисли «худеванд», ки дар имола «худованд» гӯянд. Чунон ки:

Зи зери парда мебинмояд он рӯ.

Ва аз ин қабил аст, он ки ба воситаи таркиб лафзе номуносиб ҳосил шавад, чунон ки:

Чу нӯшӣ сабӯҳӣ, зи мо ёд кун!

Аз таркиби лафз «ҳийз» ҳосил мешавад.

Ва Шамси Қайс гуфта: яке аз анвои дурӣ аз ҷодаи са'воб таркиботи нохуш аст, чунон ки гуфтаанд:

Бисоз маҷлису пеши ман ор ҷоми набид,
Ҳало, ки дӯсти баногоҳиён фароз расид.

Аз таркиби «ҳало, ки дӯст...» ба ҷиҳати лафзи «ҳалокидӯст» ҳосил мешавад.

## ҒАРОИБ

Он аст, ки лафз маънус-ул-истеъмол набошад ва ҳама кас маънии ӯро надонанд, монанди лафзи «ухшиҷ», ки дар **«Ҳадоиқ-ус-сеҳр»** дар баёни санъати тазод гуфта, ки: порсӣ зидди ухшиҷ бошад.

## МУХОЛИФИ ҚИЁС

Он аст, ки лафз бар хилофи қонуне бошад, ки дар луғат мӯътабар аст, мисли он ки ба ҷои «қола» — «қавла» гӯянд, ки асл ӯст.

Ва ин бар хилофи он қоида аст, ки «вов»-и мутаҳаррики [3] моқабл муфтӯҳро дар луғати араб ба алиф қалб мебояд кард.

## ЗАЪФИ ТАЪЛИФ

Он аст, ки таълифи калом бар хилофи қонуне бошад, ки пеши аҳли он забон мӯътабар аст, чунон ки дар забони порсӣ музоф илайҳиро бар музоф [4] муқаддам доранд ва ба ҷои «Ғуломалӣ» — «Алиғулом» гӯянд. Ва дар забони туркӣ акси ин аст.

## ТАЪҚИДИ ЛАФЗӢ

Он аст, ки далолати калом бар маънии ӯ зоҳир набошад — ба ҷиҳати он ки тартиби алфоз бар тибқи маонӣ набошад. Ва алфоз болову поин воқеъ шуда бошанд, чунон ки гӯянд:

Чун биронӣ, мекунам афғону зорӣ, з-ин дарам.

Ва таркиб чунин мебояд баст, ки:

Чун биронӣ з-ин дарам, афғону зорӣ мекунам.

Ва дохил аст дар ин он чи баъзе онро **тафсил** ном кардаанд. Ва тафсил карда ба он ки ҷудо кунанд чизеро, ки ҳаққи ӯ пайваст бошад, чунон ки шоир гӯяд:

Алоуддавла чун Ибни Алишоҳ
Расид, овард пайғоми ту аз роҳ.

Мақсуди шоир — ин аст, ки «чун Алоуддавла бинни Алишоҳ аз роҳ расид, пайғоми ту овард».

## ТАКРОР

Он аст, ки лафзеро мукаррар зикр кунанд бефоида,— чунон ки:

Дурам ман аз бари туву ман зиндаам ҳанӯз.

## ИХЛОЛ

Он аст, ки тарк кунанд дар калом чизеро, ки маънӣ бидуни ӯ тамом набошад бе қаринаи зоҳира, ё он ки зиёда кунанд дар лафз чизеро ки дар маънии мақсуд халал расонад.

Аммо **аввал**, чунон ки:

Накд беҳтар аз насьяи бисьёр

Яъне «накди андак».

Ва аммо **дуюм**, чунон ки:

Лабат, чун хамӯшӣ, зи шаккар беҳ аст,

Зоҳир аст, ки «чун хамӯшӣ» — халалдор аст ба маънии мақсуд, чи таваҳҳум мешавад, ки агар хамӯш набошаду сухан гӯяд — он ҳолат ва ҳаловат надорад.

## ТАТЛИМ

Он аст, ки дар назм лафзе оранд, ки мӯҳтоҷ бошанд ба он, ки чизе аз вай кам кунанд, то вазн дуруст бошад. Ва кам кардани он чиз миёни шуаро шоеъ набошад, чунон ки Мансури Мантиқӣ гуфта:

Бозгирам дил зи ту, чунон ки надодам,
Сабр кунам сабру ҳарчи бодо бод!

Аз лафзи «гирам» ҳарфи «йо»[5]-ро андохта.

Ва **«татлим»** дар луғат — рахна кардан аст. Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## ТАЗНИБ

Он аст, ки дар назм лафзе оранд, ки муҳтоҷ шаванд ба он, ки чизе дар вай зиёда кунанд, то вазн дуруст бошад, чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Будании буд, май биёр, акнун,
Ратл пур кун, магӯй беш сухун!

Дар лафзи «сухан» «вов»[6]-ро зиёдат карда.

Ва чунон ки ҳам ӯ гуфтааст:

Зарр хоҳиву турунҷ, инак аз ин ду рухи ман,*
Майй хоҳиву гулу наргис, аз он ду рух ҷӯй!
Фоилотун фаилотун фаилотун фаилун
Фоилотун фаилотун фаилотун фаилун.

Дар лафзи «зар» ва лафзи «май» ташдид зиёда кардааст**.

Ва **«тазниб»** дар луғат — дунбол сохтан аст.

Ва ваҷҳи тасмия он аст, ки шоирони қадими Аҷам ҳарфи ишбоъро дар охири калима ба тариқи фусаҳои араб зиёда мекардаанд ва пеши эшон айб набуда, чунон ки Баҳромӣ[8] гуфта:

Чи гӯӣ, к-аз ҳама ҳурон чи нав будаст кас низо,
На ҳаст акнуну не бошад ва не будаст ҳаргизо.

Ва чунон ки дигаре гуфта:

Оҳуи ваҳшӣ дар дашт чигуна давадо?
Ёр надорад, бе ёр чигуна равадо?

Ва мутаохирон эшонро айб шумурдаанд ва тазниб гуфта. Ва ҳамчунин ҳар зиёдатиро, ки воқеъ шавад, аз ин қабил дошта ва ҳамаро тазниб шумурда.

## ТАҒЙИР

Он аст, ки лафзеро аз сурате, ки дорад, ба сурате дигар гардонанд аз барои заурати вазн, чунон ки Масъуди Саъд гуфта:

---

* Калимаи «ду»-ро дар «ду рухи ман» ба ишбои[7] «вов» мебояд хонд.

** Агарчи дар лафзи «зар» шоеъ аст зиёда кардани ташдид, аммо дар мисли ин маҳал зиёда намекунанд.

Маро нишонаи тири фироқ карду ҳагирз
Касе шунид, ки бошад камон нишонаи тир?!

Лафзи «ҳаргиз»-ро ба ҷиҳати зарурати вазн «ҳагирз» сохта.

Ва дар ин ҳукм аст он чи ба ҷиҳати зарурати қофия таъбир кунанд, чунон ки Абӯ Шакур [9] гуфта:

Оби ангуру оби нилуфал
Мар маро аз абиру мушк бадал.

## Фоида

Шамси Қайс гуфта, ки дур аз ҷодаи савоб аст он ки шоир барои сиҳҳати вазн, ё дурустии қофия лаҳне ба шеър дарорад ва хатои шеърӣ ё маънавӣ ҷоиз дорад... Валекин он ба ашъори араб махсус тавонад бувад, ки каломи манзумро возеи асланд ва тарикҳои шеърро солики аввал. Ва луғати эшонро шохаҳо бисьёр аст ва тасарруфоти наҳву сарфи онро шеъби фаровон. Ва пайравӣ ба эшон нашояд кард ва ба ваҷҳи баид [10] набояд чанг зад ба сабаби он ки забони дарӣ, ки мӯъҷазест аз забонҳои форсӣ ва мустаҳсане аз забони Аҷам.

Пас, шоири моҳир он аст, ки дар назми хеш аз шеваи насри балеғ таҷовуз нанамояд ва аз калимоти арабиву форсӣ ҷуз аз он чи дар хутбу рисолаҳои азизону фозилон ва ҳикоёти салис, ки мустаъмал ва мутадовили аҳли фазл ва одамони соҳибтабъ аст, дар шеъри хеш ба кор набарад; ва чунон созад, ки агар назми ӯро аз ҳам фурӯ кушоянд, насри маснӯъ бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ дар тағйири ҳуруф ва таҳрифи калимот роҳ надиҳад. Ва таъсиси шеър бар авзони сақил ва зиҳофҳои гарон тақлиди кудамо накунанд, ки бештарин ба наздики арбоби бароат аз айбҳои шеър аст ва пеши асҳоби балоғат — аз мардудони калом.

## Аммо уюби роҷеа ба маънӣ

Низ он чи машҳур аст — даҳ аст.

## ТАНОҚИС

Ва онро **мунокиса** низ мегӯянд.

Он аст, ки миёни ду калом таноф͡ӣ бошад, чунон ки яке аз қудамо гуфтааст:

Ҳиҷрони ту бо марг баробар кунам, зеро-к
Аз марг батар бошад ҳиҷрони ту, донӣ?

Дар мисраи аввал «ҳиҷрон»-ро ба «марг» баробар дошта ва дар мисраи дуюм, ки далели мисраи аввал сохта — гуфта, ки «ҳиҷрон аз марг батар аст».

**ИМТИНОЪ**

Он аст, ки дар мадҳ, ё дуо, ё гайри он чандон мубоπиға кунанд, ки ба ҳадде расад, ки ақл онро маҳол шумурад, чунон ки яке аз қудамо гуфтааст:

Ба тир аз чашми нобино сапеда пок бардорад,
Ки не дида биёзорад, на нобино хабар дорад.

Ва Аллома гуфта, ки: мумтанеъ — он аст, ки мавҷуд нашавад, аммо мумкин бошад тасаввури он, чунон ки:

То абад бош довари даврон.

Ва пеши банда ин аст, ки ин вақте аз қабили уюб аст, ки мурод маънии ҳақиқии он бошад. Аммо агар онро киноят доранд аз камол дар амре, мисли хубии тир андохтан дар мисоли аввал ва ба умри дароз бо давлат будан дар мисоли сонӣ — айб нест. Ва чи гуна айб бошад? — ҳол он ки дар ашъори фусаҳои араб ва шуарои Аҷам, ки ҳама кас эшонро мусаллам медоранд, аз ин қабил бисьёр ва бешумор аст. Ҳар кас татаббӯъ ва истиқро[11] карда бошад, донад. Ва ҳар кас татаббӯъ накарда бошад, гӯ: «татаббӯъ кун!» Ва агар абнои замон бар сабили мукобира ва инод сухани фақирро қабул накунанд, гӯ: «макунед, ки маро рӯи сухан ҷуз ба аҳли инсоф нест!»

Ва мулҳақ аст ба мумтанеъ он чи муштамил бошад бар тарки адаби шаръӣ, чунон ки Анварӣ гуфтааст:

Бузургворе, к-андар камоли қудрати хеш
На эзид асту чу эзид бузургу беҳамтост.

Ва чунон ки Муиззӣ гуфта:

Чун ҳаво сардӣ пазирад, ҷои мо кошона беҳ,
Мусҳафи[12] мо соғару меҳроби мо майхона беҳ.

Ва чунон ки Хоқонӣ[13] гуфтааст дар мадҳи падари хеш Юсуф Алии Наҷҷор, чунон ки:

Юсуфи наччор кист? Нӯҳи дуредгар кӣ буд?
То зи ҳунар дам зананд бар дари дӯкони ӯ?
Нӯҳ на бас илм дошт, к-аз падари ман буди,
Қатра бубастӣ ба илм бар сари тӯфони ӯ.

Оре, аҳли тасаввуф ва арбоби маъниро забон дигар асту он чи эшон мегӯянд, маънии дигар дорад, ки ҳаққу ҳақиқат аст, ҳарчанд ба ҳасаби зоҳир мухолифи шариат аст. Ва касеро намерасад, ки бар эшон эътироз кунад.

Аммо ҷамоати шоирчаҳои булфузул, ки аз он маънӣ мутлақо хабар надоранд ва тақлиди он ҷамоат мекунанду мӯҳмалот мегӯянд. Эшонро сарзаниши балеғ мебояд кард, чунончи ҳазрати худованди корӣ — Навоӣ гоҳ-гоҳе мекунанд, аммо агар бештар будӣ, беҳтар будӣ.

## МУХОЛИФИ УРФ

Он аст, ки чизе гӯянд, ки хилофи урфу одат бошад, чунон ки шоир гӯяд:

Хат бар узори дилбар ҳамчун баҳору анбар
Пайдо шудасту гашта олам аз ӯ муаттар.

Урфу одат — он аст, ки хатро ташбеҳ ба чизе мекунанд, ки сиёҳ бошад, монанди мушку анбар; ва узори дилбарро — ба чизе, ки сафед, ё нозук бошад — мисли гулу суман. Ва шоир хилофи онро ба кор бурдааст.

## НИСБАТ-УШ-ШАЙЪ ИЛА ҒАЙРИ МО ҚАВЛИҲИ

Яъне нисбат кардани чизе ба чизе, ки он чиз ӯро набошад.

Аллома инро таъриф накарда эътимод бар он, ки таърифи ӯ аз номи ӯ мустафод мешавад. Аммо ин қайдро зиёдат мебояд кард, ки он нисбат кардан ба тариқи маҷоз набошад, чи агар ба тариқи маҷоз бошад, айб нест.

Ва мисол — ин байт аст, ки шоир гуфта:

Мазоқи ту гар талх гардад, махӯр ғам,
Ки талх аст имрӯз таъми ҷаҳон ҳам!

Нисбат карда «таъм»-ро ба «ҷаҳон» ва ӯ қобили ин нисбат нест.

## ҚАЛБ-УЛ-МАЪНӢ

Он аст, ки шоир қалб кунад маъниро ба ғайри он чи мақсуди ӯст, чунон ки шоир гуфта:

Дорам бар даври ҳусни ту, эй лӯъбати чигил,
Дар дида оби ҳасрату дар дуд оҳи дил.

Хоста, ки гӯяд: «дар дил дуди оҳ». Қалб карда ба ҷиҳати вазну қофия ва гуфта, ки: «дар дуд оҳи дил».

Ва баъзе аз фусаҳои араб инро ҷоиз доштаанд.

## ТАКАЛЛУФ-УЛ-ҚОФИЯ

Он аст, ки ӯро дар маънӣ ҳеҷ фоидае набошад ва аз барои муҷаррад риояти қофия ба такаллуф оварда бошанд, чунон ки гӯянд:

Гаштам зи хумор бетаҳаммул
Боз ою биёр бода, эй гул!

Қофияи мисраи дуюм дар маънӣ ҳеҷ фоида надорад: Оре, агар мисраи аввал чунин будӣ, ки:

Нолам зи хумор ҳамчу булбул —

қофияи мисраи дуюм дар маънӣ муқаййад ва ба ҷои худ мебуд.

Ва ин дар ашъори абнои ин рӯзгор бисьёр аст.

Ва мулҳақ аст ба ин радифи мутакаллаф — монанди радифи мисраи дуюми ин рубоӣ:

Ид асту ҳазор ошиқи зор имрӯз
Гаштанд умедвор аз ёр имрӯз.
Дил чанд кашад зи заҳри чашмат талхӣ?
Идӣ диҳаш аз лаъли шакарбор имрӯз!

## НАСХ

Ва онро **интиҳол** низ мегӯянд.

Он аст, ки шоир шеъри дигареро батамом, бе ҳеҷ тағйире дар лафзу маънӣ ва тартиб бар худ бандад. Ва ин сирқа — дуздии маҳз асту бағоят мазмум аст. Ва дар ҳукми ин аст он ки ҳама алфоз, ё баъзеро бадал кунанд ба чизе, ки муродифи он бошад. Ва агар шоири дуюм ном, ё лақаби шоири аввалро ба ном, ё лақаби худ мутабаддал созад, ҳамин ҳукм дорад.

Ва соҳиби **«Табьён»** гуфта, ки: насх — он аст, ки муттафиқ бошад ду калом дар лафзу маънӣ бар сабили қасд. Ва ин ду қисм аст:

**Яке** — он ки муттафиқ бошанд дар тамоми калом ва онро **мусолита** мегӯянд.

Ва **дигаре** — он ки мухталиф бошанд дар андак лафзе ва онро **интиҳол** мегӯянд.

Ва Аллома инро низ дохили мусолита дошта ва гуфта: ӯро гоҳе **насх** ва гоҳе **нақл** мегӯянд.

Ва Шамси Қайс гуфта: интиҳол — он аст, ки касе шеъри дигареро ба мукобира бардорад ва шеъри хеш созад бе тағйире ва тасарруфе дар лафзу маънии он, ё ба тасарруфе андак.

Ва аз барои мисоли қисми дуюм ин байти Анвариро оварда:

Ба шаҳри хеш-дарун бехатар бувад мардум,
Ба кони хеш-дарун бебаҳо бувад гавҳар.

Ва гуфта, ки: «инро аз Муиззӣ ғорат карда». Ва байти Муиззӣ ин аст:

Мардум ба шаҳри хеш надорад басе хатар,
Гавҳар ба кони хеш надорад басе баҳо.

Ва **«насх»** дар луғат — ба маънии нақл кардан омада.

Ва **«интиҳол»** дар луғат — сухани касе бар худ бастан аст.

Ва ваҷҳи тасмия бар ҳар ду зоҳир аст.

Ва **«мусолита»**-ро аз «салт» гирифтаанд. Ва маънии **«салт»** — пешонии равшан аст. Пас, маънии мусолита — пешонӣ ба пешонӣ муқобил шудан бошад ва ҳамчунон ки мувоҷиҳат — муқобил шудани ваҷҳ аст ба ваҷҳ.

Ва ваҷҳи тасмия — он аст, ки шоире ба сареҳу мукобира шеъри дигареро бурда, гӯё пешонӣ ба пешонӣ ва рӯ ба рӯ шеъри ӯро бардошта.

## МАСХ

Ва онро **иғораг** низ мегӯянд.

Он аст, ки шоир маънии шеъри дигареро тамом бардорад бо тамоми лафзи ӯ, аммо дар тартиб тағйир кунад, ё баъзе алфози ӯро бардорад, на ҳамаро.

Ва ин се навъ аст:

**Навъи аввал** — он ки шеъри дуюм беҳтар бошад аз шеъри аввал дар салосати таркиб, ё саноеъ, ё вазн, ё ғайри он. Ва ин мақбул аст.

**Навъи дуюм** — он ки шеъри дуюм фурӯтар бошад аз аввал. Ва ин мардуд ва мазмум [14] аст.

**Навъи сеюм** — он ки шеъри дуюм мусовии аввал бошад. Ва ин дуртар аст аз мазаммат. Аммо фазл аввалинрост.

Ва Аллома гуфта: масх — он аст, ки шоир маънии шеъри дигареро ахз кунад ва тағьир кунад баъзе лафтзи ӯро, ё тағьир кунад баъзеи инро ва баъзеи онро, яъне тағйир кунад баъзе лафз ва баъзе маъниро.

Ва соҳиби **«Табьён»** гуфта: масх — қалб кардани калом аст аз сурати нек ба сурати бад. Ва ҳар фарье, ки аз асли худ фурӯтар аст, аз ин қабил аст.

Ва **«масх»** дар луғат — таҳлили суратест ба сурате, ки қабеҳ бошад аз он.

Ва ваҷҳи тасмия ба ин исм ба эътибори навъи дуюм аст, ки машҳури навъҳои ӯст.

Ва **«иғорат»** дар луғат — ғорат кардан аст.

Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## САЛХ

Ва онро **илмом** низ мегӯянд.

Он аст, ки шоир маънии шеъри дигареро бардорад, на лафзи ӯро.

Ва он низ се навъ аст — монанди масх ва ҳукм ҳамон аст, ки мазкур шуд.

Ва Аллома гуфта, ки: салх — он аст, ки қасд кунӣ ба байте ва биниҳӣ ба ҷои ҳар лафзи ӯ лафзе, ки ба маънии ӯ бошад.

Ва соҳиби **«Табьён»** гуфта, ки салх — он аст, ки мутакаллим маъхазро биёрад бо тағйире дар маънӣ, ё лафз. Пас, агар фаръ аҳсан аст аз асл, мақбул аст ва набошад, не.

Ва Шамси Қайс гуфта: салх — пуст боз кардан аст. Ва дар шеър ин навъ сирқа чунон бошад, ки маънӣ ва лафзро фаро гирад ва таркиби алфози он бигардонад ва бар ваҷҳе дигар боз кунад, чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Абӯ Шакур аз ӯ бурда ва гуфта:

Магар пеш-пеш оядат рӯзгор,
Ки беҳ з-ӯ наёбӣ ту омӯзгор!

Ва гуфта: илмом — қасд кардан ва наздик шудан аст ба чизе. Ва дар сирқоти шеър — он аст, ки маъние фаро гирад ва ба ибораги дигар ва ваҷҳи дигар ба кор орад, чунон ки Азрақӣ гуфта:

Садаф зи бими ялон дурр шавад ба коми наҳанг
Зи хун ба ранги явоқит диранг карда лаол.

Анварӣ аз ӯ бурдааст ва некӯтар аз ӯ гуфтааст:

Қаҳри ту гар талоя ба дарьё барад, шавад
Дурр дар самими ҳалқи садаф донаи анор.

## НАҚЛ

Он аст, ки шоир маънии дигареро бардорад ва аз бобе ба бобе дигар барад ва дар либоси дигар зоҳир кунад, чунон ки Мухторӣ [15] гуфтааст:

Куҷо шуд он зи қабои дарида дӯхта чатр?
Кунун бибояду чатраш дариду дӯхт қабо!

Ризо Нишонурӣ [16] аз ӯ бурда ва дар либоси мадҳ оварда ва гуфта:

Ба азми хидмати даргоҳи ту ба ҳар тарафе
Басо мулук, ки аз тоҷ мезананд камар.

Ва ҳукми ин низ ҳамон аст, ки агар фаръ аҳсан аст аз асл, монанди байти мазкур, мақбул аст ва набошад, не.

## Фоида

Ҳукм ба ахз ва сирқа намебояд кард, то маълум нашавад, ки шоири дуюм аз шоири аввал бурда. Ва инро ба он метавон донист, ки маълум шавад, ки шоири дуюм шеъри шоири аввалро ёд дошта, ё шоири дуюм худ иқрор кунад, ба он ки аз шоири аввал бурда. Чи мешояд, ки аз қабили тавориди хотирҳо бошад, яъне он чи ба зеҳни шоири аввал хутур карда [17] бошад, иттифоқан ба зеҳни шоири дуюм низ хутур кунад. Ва тавориди хотир

хоҳ дар лафзу маънӣ бошад ва хоҳ дар маънӣ танҳо — онро **таворид** мегӯянд. Ва айб нест.

Ва **«муворида»** дар луғат — он аст, ки ду кас иттифоқан ба сари обе оянд бе он ки бо якдигар ваъда карда бошанд.

Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

Ва Аллома инро махсус дошта ба он ки иттифоқи ду шоир бар маънӣ ба як лафз бошад. Ва агар шоир дар тарзу услуби сухан татаббӯъи дигар дар ҳамон ранг адо кунад, онро **эҳтизо** мегӯянд, чунон ки яке гуфта:

Гоҳ бипӯшад зиреҳ, гаҳ бадар орад қабо,
Ҷома бубахшад ба базм, ҷон бибарад дар ваға.

Ва дигаре ҳамон услубро риоят карда ва гуфта:

Гоҳ бар абрӯ гиреҳ, гоҳ кушода ҷабин,
Хонадам аз рӯи лутф, ронадам аз раҳи кин.

Ва ин мақбул аст.

Ва **«эҳтизо»** дар луғат — бар тавру ниҳоди касе кор кардан аст.

Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## Баҳси дуюм

## ДАР БАЁНИ МАОНИИ БАЪЗЕ АЛФОЗИ МУТАДОВИЛА МИЁНИ ШУАРО, КИ МӮҲТОҶ БА БАЁН АСТ

### ТАШБИБ

Дар луғат — сифати ҷамоли зан ва ҳоли худ дар ишқ гуфтан аст. Ва дар урфи шуаро иборат аст аз ҳар васфе, ки дар аввали шеър кунанд ғайри мадҳ ва ҳаҷви он кас, ки шеър аз барои ӯ гӯянд. Ва чун фусаҳои араб, ки возеи ин лафзанд, дар аввали ашъори худ аксар авқот сифати ҷамоли занон ва ҳоли худ дар ишқ бо эшон баён мекардаанд, онро **ташбиб** ном кардаанд.

### НАСИБ

Дар луғат—ба маънии ташбиб аст. Ва дар истилоҳ— Аллома гуфта: каломест, ки далолат кунад дар муҳаббати маҳбубон аз зикри ахлоқи эшон ва аҳволи тасарру-

фи ишқу муҳаббати эшон. Ва дохил аст дар ин изҳор шавқ ва ёд кардани манозили дӯстон ва баёни тағйири он ба амтору риёҳ[18] ва мисли он.

Ва Шамси Қайс гуфта, ки ҳар ғазал, ки дар аввали қасоид пеш аз мақсуд оранд — аз шарҳи меҳнати айём ва шикояти фироқ ва васфи саҳрову кӯҳ ва раёҳину ғайри он — онро **насиб** ва **ташбиб** гӯянд.*

Ба боз гуфта: ҷуз ғазалро насиб нахонанд. Ва ҳар муқаддимае, ки дар аввали аҳкому маношир ва сойири мактубот мунсоқ бувад ба мақсуд, онро ташбиб хонанд.

Пас, маълум шуд, ки ӯ ташбибро ҷудо дошта аз насиб.

Ва ҳам ӯ гуфта: насиби ҳар мадҳ бояд, ки лоиқи ӯ афтад, на чунон ки Ризо Нишопурӣ гуфта, ки касеро, ки худойгони шариат ва паноҳи миллат хонда, насиби мадҳи ӯро ба васфи шаробу мастӣ карда. Ва ҳар қасида, ки аз ҳуллияи насиб отил бошад, онро **маҷзуд** хонанд, яъне боздошташуда аз насиб; ва **мунтазаб** низ мегӯянд, яъне бозбурида аз насиб.

## ҒАЗАЛ

Дар луғат — дӯст доштани ҳадис аст ба занон. Ва дар истилоҳ — зикри ҷамоли маъшуқу васфи ишқу муҳаббат аст.

Аллома гуфта, ки гоҳе эҳтиёҷ меафтад дар ғазал ба зикри караму шуҷоат, то майл кунад дили маҳбуб ба он. Ва аз ин маълум мешавад, ки зикри онҳо бинобар ғарази мазкур аз қабили ғазал аст. Пас, қиёс бар он зикри шароб ва аҳволи мастиро бинобар ҳамон ғараз дохили ғазал метавон дошт. Ва он ки мутаохирон инро ҳам аз қабили ғазал медоранд, ғолибан бар он аст, агарчи эҳтимол дорад, ки истилоҳ ҷадид бошад.

## МУСАРРАЪ

Байтеро гӯянд, ки ҳар ду мисраи ӯ қофия дошта бошад — монанди абьёти авоили қасоид.

Ва мешояд, ки дар як қасида чанд ҷо абьёти мусар-

---

* Бидон, ки мутаориф ва машҳур — он аст, ки ғазалро дар аввали қасида оранд. Вале қудамо гоҳе дар охир меовардаанд, чунон ки Фалакӣ[19] гуфтааст.

раъ оранд ва ҳар якро аз онҳо матлае мегӯянд, агарчи дар ҳақиқат матлаъ — байти аввал аст.

Ва Шамси Қайс гуфта, ки мусарраъ — байте бошад, ки арӯзу зарби он дар вазну ҳуруфи қофия муттафиқ бошад.

Аммо ин хилофи машҳур аст. Ва худ низ чизе гуфта, ки бар хилофи он далолат мекунад — чи гуфта, ки дар қасоиди порсӣ тасреи матлаъ лозим аст. Ва ҳар қасида, *ки матлаи он мусарраъ набошад* агарчи дароз бувад, онро қитъа хонанд. Ва ҳамчунин дар рубоиёт тасреи байти аввал лозим доштаанд, то фарқ бошад миёни ӯ ва муқаттаоти дигар. Ва зоҳир аст, ки он чи дар матолеи қасоид ва байти аввали рубоӣ лозим аст, ҳамин иттифоқ дар қофия асту бас. Ва иттифоқ дар вазнро ҳеҷ кас лозим надошта.

Ва **«тасреъ»** дар луғат — дари дулахт сохтан аст.

Ва мусарраъ дари дулахт (табақа) аст. Ва ҳар гоҳ, ки ҳар ду мисраи байт мувофиқ бошанд бар қофия, шак нест, ки мушобиҳати байт ба дари дулахт тамому комил мешавад. Пас, бинобар он, байти мазкурро **мусарраъ** ном кардаанд.

## МУЗДАВАҶ

Шеърero гӯянд, ки бинои он бар абьёти мусарраъ бошад. Ва дар урфи шуарои Аҷам онро **маснавӣ** мегӯянд.

Ва **«издивоҷ»** дар луғат—бо якдигар ҷуфт шудан аст.

Ва чун ҳар ду мисраъ аз ҳар байт муттафиқанд дар қофия, гӯё бо якдигар ҷуфт шудаанд.

Ва маънии **«мусанно»** дар луғат — ду-дуст. Ва чун ҳар байт ду қофия дорад, онро нисбат кардаанд ба мусанно ва **«маснавӣ»** ном ниҳоданд.

## МУҚАФФО

Қудамо байтеро мугуфтаанд, ки дар мисраи охири ӯ қофия бошад ва дар мисраи аввали он риоят накарда бошанд. Ва ин тасмия барои он аст, ки қофияи ҳақиқӣ пеши эшон — он аст, ки дар мисраи охир аст. Ва он чи дар мисраи аввал мувофиқи қофияи мисраи охир меоранд, итлоқи қофия бар он бар сабили ташбеҳ аст.

Ва мутаохирон ҳар шеъреро, ки қофия дораду бас — **муқаффо** мегӯянд. Ва ҳар шеъреро, ки бо вуҷуди қофия радиф низ дорад, **муқаффои мураддаф** мегӯянд.

## МУҶАММАЪ

Байтеро гӯянд, ки муваҳҳам бошад ба тасреъ ва муқаффо бошад, яъне тарафи рости мисраи дуюм қофия дошта бошад; дар охири мисраи аввал лафзе оранд, ки аз ҳайсияти маънӣ овардани он даркор набошад ва алфози дигар бошад, ки агар ба ҷои он оварда шавад, назар ба маънӣ ансаб бошад. Пас, чун сомеъ он лафзро бишнавад, пиндорад, ки аз барои он овардаанд, ки қофияи мисраи аввал бо қофияи мисраи дуюм рост ояд, чунон ки:

Бувад дар кӯи ҷонон бими қатлу меравам, шайдо,
Ки мардум дар бало беҳтар, ки дар бими бало бошад.

Лафзи «шайдо» дар охири мисраи аввал муваҳҳами он аст, ки қофияи мисраи дуюм лафзи «ғавғо» ё «расво» бошад, ё мисли он чизе бошад, вагарна ба ҷои он лафзи «ҳар дам» муносибтар буд.

**«Таҷаммеъ»** дар луғат — нек ҷамъ кардан аст. Ва чун мисраи аввал муваҳҳам бувад ба он ки шоир ҷамъ сохта бошад ду мисраъро дар иттифоқи қофия, пас, байтро ба эътибори мисраайн **муҷаммаъ** ном ниҳодаанд.

Ва ин ваҷҳи тасмия бағоят баид аст.

## БАЙТ-УЛ-ҚАСИДА

Байтеро гӯянд, ки боис шуда бошад бар боқии абьёти қасида.

Ва ин чунон мебошад, ки шоир мехоҳад, ки маъниеро адо кунад, аввал онро назм мекунад ва боқии абьёт ва қасидаро мувофиқи он мегӯяд. Ва мешояд, ки дар қасида бисьёр абьёти аз он беҳтар бошад.

Ва ин истилоҳи қудамост. Ва дар миёни эшон ин амал мутаориф буда.

Ва мутаохирон байт-ул-қасида—байтеро мегӯянд, ки беҳтарин абьёти қасида бошад. Ва онро **шоҳбайт** низ мегӯянд. Аммо ин махсус ба қасида нест.

## МАТБУЪ

Шеъреро гӯянд, ки бинои он бар вазни мақбули табъи салим ва қофияи дуруст ниҳода бошанд. Ва алфози он хушоянда ва машҳур-ул-истеъмол бошад; ва таркиби он дарҳамбаста ва латиф бошад ва маонии он мақбул бошаду забонзадаи мардум нашуда бошад. Ва ҳарчи аз саноеъ дар он ба кор бурда бошанд, бар ваҷҳе камол бошад. Ва дар фаҳми калом ва ҳусни адо ба восита и он қусуре падид нашуда бошад. Ва аз ҳарфу алфози зоида ва тағьири алфоз, ки қудамо ба ҷиҳати шеър зоид доштаанд, холӣ бошад, монанди ин байти Навоӣ:

Оташин лаъле, ки тоҷи хисравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Ва аксар абьёти ин қасида ҳамчунин воқеъ шуда.

## МУТАКАЛЛАФ

Шеъреро гӯянд, ки ба такаллуф барҳам баста бошанд, баъзе абьёте, ки мардум аз барои имтиҳон, ё аз барои адои саноеъ гуфтаанд.

## ХАСӢ

Он рубоиро гӯянд, ки дар мисраи сеюми он қофия риоят накарда бошанд.

Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

Ва рубоиро ба он ҷиҳат «рубоӣ» гуфтаанд, ки муштамил аст бар чаҳор мисраъ, ки ҳар як мисраъ аз онро байте эътиборӣ тавон кард. Бинобар зиҳофҳои муътабара дар авзони ашъори арабӣ ва қудамои шуарои Аҷам онро **дубайтӣ** мегуфтаанд[20].

## ҶАЗОЛАТ

Он аст, ки алфоз ва таркиби шеър маҳкаму қавӣ бошад, чунон ки дар қасоиди Заҳиру Анварӣ ва Камоли Исмоилу амсоли эшон воқеъ шуда. Ва тариқи қасида ва қитъаи дароз — ин аст. Ва он шеърро, ки алфозу таркиби он қавӣ ва маҳкам бошад, **ҷазл** мегӯянд.

Ва гуфтаанд, ки офати ҷазолат — такаллуф аст.

Ва **«ҷазолат»** дар луғат — қавӣ шудан аст.

## САЛОСАТ

Он аст, ки алфози шеър нозук бошад ва таркиби он равону хушоянда, чунон ки дар ғазалҳои ҳазрати устодӣ хуҷастафари Ҷомӣ ва Амир Шоҳӣ воқеъ шуда.

Ва тариқи ғазалу маснавӣ ва қитъаи кӯтоҳ ва рубоӣ — ин аст.

Ва он шеъррο, ки алфозу таркиби он нозуку равон ва хушоянда бошад, **салис** мегӯянд.

Ва гуфтаанд, ки офати салосат — **ракокат** аст.

Ва **«салосат»** дар луғат — нарм шудан аст.

Ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст.

## ИРТИҲОЛ

Дар луғат ва истилоҳ хутба, ё шеър, ё мисли он бе фикру раддият, яъне беандеша иншо кардан ва гуфтан аст.

Ва онро **бадеҳа** низ мегӯянд.

## САҲЛИ МУМТАНЕЪ

Шеъреро гӯянд, ки гуфтани он саҳлу осон намояд, аммо мисли он натавон гуфт, ё гуфтан душвор бошад — монанди аксар ашъори ҳазрати устодӣ хуҷастафари Ҷомӣ ва абьёти туркиву порсии Навоӣ, ки ин китоб ба давлату ҳиммат ва эҳтимоми бандагони он ҳазрат ба итмом расид.

Рубоӣ:

Ин нусха, ки мисли ӯ яке аз сад нест,
Дар фанни бадеъ хубтар з-он ҳад нест.
Таҳрири накӯ ёфта з-он таърихаш —
**Таҳрири бадеъ** аст, ки дар вай **бад** нест[21].

Рубоӣ:

Ин нусха, ки дар саноеъ омад нодир,
Чун гашт тамом, кардам ӯро зоҳир.
Пурсид зи омиён яке таърихаш,
Бо вай гуфтам: **даҳи ҷамид-ул-охир**[22].

* * *

## ТАВЗЕҲОТ ВА ЛУҒОТ

### Дебоча

[1] *Муғнӣ* — бениёзгардонанда.

[2] *Амир Алишери Навоӣ (1441—1501)* — яке аз шоирони бузурги асри XV, асосгузори адабиёти ӯзбек; ба забони тоҷикӣ низ асарҳо офаридааст. Атоулло ин асари худро бо маслиҳат ва кӯмакҳои моддии ӯ навишта, ба номи ӯ бахшидааст.

[3] *Хоҷа Ҷамолиддини Салмон* — аз шоирони тоҷику форс буда, бештар аз 70 сол умр дида, 12 сафари 773 ҳиҷрӣ (мутобиқи 2 июли соли 1376 мелодӣ) аз ҳаёт чашм пӯшидааст. Салмони Соваҷӣ дар санъатҳои шеърӣ маҳорате доштааст. Дар «Қасидаи маснӯъ»-и ӯ қариб ҳамаи санъатҳои бадеӣ кор фармуда шудаанд. Ба ҷуз ашъори лирикӣ, боз маснавӣ эҷод карда будааст.

### Санъати аввал

[1] *Ҳаракоту сукунот* — аломатҳои шартианд дар навишти арабӣ. Ҳаракот-он садонокҳои кӯтоҳе (забар ба ҷои «а», зер — барои «и» ва пеш — барои «у»), ки баъд аз ҳамсадоҳо меоянд. Сукунот — баръакси ҳаракот — баста будани ҳиҷоро мефаҳмонад.

[2] *Робитаҳо* — калимаҳои ёридиҳанда.

[3] *Рӯдакӣ* — Абӯабдулло Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ (884—954), асосгузори адабиёти тоҷику форс, ки баъд аз барқарор гардидани давлати тоҷикон дар асри X барои ҷорӣ намудани забони адабии тоҷикӣ (он замон дарӣ мегуфтанд), дар ташаккул ва таҳаввули як қатор жанрҳои адабӣ, дар ривоҷу равнақи соҳаҳои гуногуни маданият хизмати бузургу беҳамтое кардааст. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии устод Рӯдакӣ дар мамлакатҳои гуногуни олам, махсусан дар Иттифоқи Советӣ (бештар аз ҳама дар Тоҷикистон) ва Эрон китобу мақолаҳои сершумор ба табъ расидаанд.

[4] *Рашиди Ватвот* — Имом Саъд-ул-мулк Рашидаддин Муҳаммад бинни Муҳаммад бинни Абдулҷалили Умарии Котиби Балхӣ аз бузургони илму адаби асри XII буда, 97 сол умр дида, дар солҳои 1177—1182 аз ҷаҳон чашм пӯшидааст. Мегӯянд, ки Рашид ба ғайр аз девонҳои тоҷикӣ-форсӣ ва арабиаш боз 20 асари дигар таълиф намудааст. Як қисми асарҳои ӯ дар бораи масъалаҳои адабиёт буда, машҳуртарини онҳо «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» ҳисоб меёбад. Ин китоб чи дар замонҳои гузашта ва чи ҳозира барои хонандагону адабиётшиносон мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин асар 7 маротиба рӯи чопро дидааст. Аз ин китоби Рашиди Ватвот ба ғайр аз Атоулло боз Тоҷ-ул-Ҳаловӣ (асри XIV) дар «Дақоиқ-уш-шеър», Шарафиддини Ромӣ (асри XIV) дар «Ҳакоиқ-ул-ҳадоиқ», Ҳасан (асри XV) дар «Баҳр-ус-саноеъ» ва дигарон истифода кардаанд.

[5] *Тасмия* — аз калимаи «исм»; номгузорӣ.
[6] *«Мифтоҳ»* — номи кӯтоҳи «Мифтоҳ-ул-улум»-и Сироҷиддин Саккокӣ (вафсташ соли 1229 мелодӣ) мебошад. Ин китоби донишманди бузурги арабизабони тоҷику форс соли 1900 дар Миср ба табъ расидааст.
[7] *Мумосилат* — монанд ба ҳамдигар; шабеҳ; бо ҳам баробар.
[8] *Касра* — истилоҳи тоҷикиаш «зер»; садонокҳои кӯтоҳи «и» ва «е»-ро ифода менамояд.
[9] *«Эзоҳ»* — асари Тафтозонӣ (Ниг. моддаи 14 ҳамин «Санъат»).
[10] *«Табьён-ул-баён»* — асари Ҷоҳиз. (Ниг. моддаи 23 «Санъати дуюм»).
[11] *Мутахолифа* — зиддиятнок; пурихтилоф.
[12] *Махраҷ* — хориҷгоҳ; ҷои пайдоиш.
[13] *Мавлоно Қутбиддини Аллома* — Қутбиддини Маҳмуд ибни Зиёиддин Масъуди ибни Муслеҳ Козаруниии Шерозӣ, маъруф ба «Алломаи Шерозӣ» дар моҳи сафари 634 ҳиҷрӣ таваллуд ёфта, дар рӯзи якшанбеи 17 рамазони санаи 710 ҳиҷрӣ (7 феврали 1311 мелодӣ) вафот кардааст. Ин мард дар хурдӣ аз падараш илми тиб, пас, аз амакаш «Қонун»-и Ибни Сино, дар Мароға аз Хоҷа Насириддини Тӯсӣ илми ҳайъат ва китоби «Ишорот»-и Ибни Синоро омӯхт. У бисьёр сафар кардааст; бо Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ вохӯрдааст. Ӯ дар тиб, риёзиёт, нуҷум, фалсафа, мусиқӣ ва ғайра донишманди комил буд. Дар соҳаҳои гуногуни илм осори зиёде — ҳамчун «Ниҳоят-ул-идрок фи дироят-ул-афлок», «Шарҳи ҳикмат-ул-ишроқ», «Мифтоҳ-ул-мифтоҳ» ва ғайра ба арабӣ дорад. Аз китобҳои тоҷикӣ-форсии Алломa «Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррат-уд-дибоҷ» машҳур аст.
[14] *Мавлоно Саъдаддини Тафтозонӣ (1322—1381)* — аз бузургтарин олимони асри XIV тоҷику форс буда, дар соҳаҳои гуногуни илм асарҳои зиёде эҷод кардааст, ки «Шарҳи ақоиди Умари Насафӣ», «Таҳзиб-ул-мантиқ ва-л-калом», «Мухтасар ва мутаввал» ва ғайра аз он ҷумлаанд. Бино ба гуфтаи академик Абдулғанӣ Мирзоев, осори Тафтозонӣ нуқтаи ҷамъбасткунандаест дар таърихи илми асримиёнагии исломӣ. Дар замони Тафтозонӣ, ки ӯ дар аксари илмҳо ба асарҳои гузаштагон шарҳҳо навишта буд, давраи қадим ба поён расида, давраи нав («охир») шурӯъ мегардад.
[15] *Амир Саидшариф* — Саид Шарифиддин Алӣ ибни Муҳаммади Ҳусайни Ҳанафии Гургонӣ дар наздикии Астаробод соли 740 ҳиҷрӣ (1330 мелодӣ) таваллуд ёфта, соли 816 ҳиҷрӣ (1413 мелодӣ) дар Шероз аз олам даргузаштааст. Аз ҷумлаи олимони бузурги замони худ будааст, ки ба ин асарҳои сершумори илмии ӯ — аз қабили «Авомил дар наҳви арабӣ», «Усул-ул-мантиқия», «Шарҳи таҳрир-ул-қавоиди Хоҷа Насириддини Тӯсӣ», «Китоби таърифот-ул-улум», «Тақсим-ул-улум», «Шарҳи мифтоҳ-ул-улуми Саккокӣ», «Ҳошия бар мутаввал-и Тафтозонӣ», «Ҳошия бар тафсири кашшофи Замахшарӣ» ва ғайра равшан шаҳодат медиҳанд. Саидшариф ба замми асарҳои номбаршуда, боз чанд китоби дигар дар мантиқ, илмҳои сегона, муаммо ва дигар соҳаҳои илм таълиф намудааст. Ин фарзанди заковатманди халқи тоҷик олими зуллисонайн буда, ҳам ба забони тоҷикӣ-форсӣ ва ҳам ба арабӣ асарҳо навиштааст. Саидшариф дар шеър гуфтан низ маҳорати комил доштааст.
[16] *Ақсом* — ҷамъи «қисм»; қисмҳо.
[17] *Абьёт* — ҷамъи «байт»; байтҳо.
[18] *Асҷоъ* — ҷамъи «саҷъ»; саҷъҳо. Ин санъати бадеии лафзӣ ҳам дар наср кор фармуда мешавад ва ҳам дар шеър. Ин ҷо муроди

Атоулло наср аст. Агар дар охири ибора ва ҷумлаҳои содда калимаҳое оварда шаванд, ки онҳо ё аз ҷиҳати вазн ё қофия, ё ҳам вазну ҳам қофия бо ҳамдигар мувофиқ бошанд, онро *насри мусаҷҷаъ* мегӯянд.

[19] *Шамси Қайс* — Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ шоир ва адабиётшиноси забардасти тоҷику форс буда, дар асри XIII зиндагӣ ва эҷод кардааст. Асари пурфоидаи ӯ «Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ул-Аҷам» дар соҳаи омӯхтани арӯз, санъатҳои бадеӣ, нақди адабӣ ва дигар масъалаҳои эҷоди бадеӣ аҳамияти калоне дорад. Ин асар дар солҳои 1218—1233 таълиф ёфтааст ва чанд бор чоп шудааст.

[20] *Муиззӣ* — Абӯбакр Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ аз шоирони тоҷику форс буда, дар соли 542 ҳиҷрӣ мутобиқи (1148 мелодӣ) вафот кардааст. Ба қавли Саид Нафисӣ «Махсусан дар авсофи табиат ва ғазалсароӣ маҳорати томе дошта ва дар мадҳу марсия баёни муассир ва каломи фасеҳ дорад». Девони ин шоир хеле мукаммал ва бой буда, тақрибан аз 19 ҳазор байт иборат аст.

[21] *Ҳуруфи мавзӯа* — Ҳарфҳои вазъкардашуда, гузошташуда, ниҳодашуда.

[22] *«Бо», «То», «Мим», «Вов»* — номи ҳарфҳои «б», «т», «м» ва «в» дар алифбои кӯҳна.

[23] *Ибн ал-Асир* — Абулҳасан Изаддин Алӣ ибни Муҳаммад аз донишмандони бузурги асри XII ва аввали асри XIII буда, соли 1233 вафот ёфтааст. Асари мукаммали «Комил-ут таворих», ки роҷеъ ба таърих мебошад, ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Асарҳои илмии филологӣ низ дорад, ки «Масал-ус-сойир» аз ҷумлаи онҳост.

[24] *Фиқра* — ибора.

[25] *Садр* — калима ё ибораи аввали мисраи якум.

[26] *Ҳашв* — калима ё ибораи миёнаи мисраи якум.

[27] *Васат* — миёна.

[28] *Аҷуз* — калима ё ибораи охирини байт.

[29] *Ишбоъ* — сер кардан; пур кардан; пурраги. Ин ҷо пурра талаффуз кардани садонокҳои кӯтоҳ.

[30] Азбаски ҳар се нусхаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» ҳам гоҳ-гоҳе ҳошия доранд ва он ҳошияҳо аз ҳар ҷиҳат аҳамиятноканд, дар ин нашри оммавӣ қисман нигоҳ дошта шудаанд. Мазмуни ҳошияҳо далолат мекунанд, ки онҳо ба қалами Атоулло мансубанд.

[31] *Биайниҳи* — айнан; монанд.

[32] *Мустаҳсан* — баҳусн; писандида; зебо.

[33] *Мунъакс* — аксшуда; баръакс.

[34] *Ҳитф* — марг; мавт.

[35] *Зайф* — меҳмон.

[36] Дар алифбои кӯҳна ҳамсадо ва садонокҳои устувор «ҳарф» ҳисоб мешуданду садонокҳои кӯтоҳ — «ҳаракот».

[37] *Мураккаб* — ибора ва гоҳе калимаи мураккабро мефаҳмонад.

[38] *Қалб кардан* — ҷунбондан; аз ҷо беҷо кардан; баръакс намудан.

[39] *Бозгуна, божгуна, поскуна, вожгуна* — чаппа; аз охир хондан.

[40] Ибораи «умеди озодии мо» баръакс, аз охир хонда шавад (дар навишти кӯҳнаи арабии тоҷикӣ), боз ҳамин ибора ҳосил мешавад.

[41] *Данӣ* — нокас, пастфитрат; сифла; наздикшаванда.

[42] *Алфози муфрада* — калимаҳои содда.

[43] *Мирзо Абӯбакр* — писари Султон Абӯсаид, вафоташ соли 885 ҳиҷрӣ (мутобиқи 1480 мелодӣ).

[44] *Мусолаҳа* — дар ҳоли сулҳ ва оштӣ будан бо ҳамдигар; *Мусомиҳа* — чашмпӯшӣ; чизеро осон пиндошта ба он эътибор надодан; саҳл гумон кардан.

[45] *Мушаддад*—ташдиддор; *Мухаффаф*—сабук, беташдид, *Мамдуд-дароз,* маддадор; *Мақсур* — кӯтоҳ, қусурдор.

[46] *Масъуди Саъди Салмон* — аслан ҳамадонӣ буда, дар Лоҳур таваллуд ёфта, соли 515 ҳиҷрӣ (баробари соли 1122 мелодӣ) вафот кардааст. Аз ҷумлаи шоирони забардаст ва азияткашидаест, ки тақрибан 19 соли умри худро дар зиндон гузаронидааст. Масъуд дар олами назм аз гӯяндагони ҷонгудозтарин ҳабсиёт аст. Ба тоҷикӣ-форсӣ, арабӣ ва ҳиндӣ шеърҳои баланд мегуфтааст.

[47] *Тасовӣ* — мусовӣ будан; баробарӣ.

[48] *Мулоқӣ* — мулоқоткунанда, вохӯранда, вохӯрикунанда; созгор.

[49] *Муштамил* — шомил, доро, соҳиб будан; дар таркиб доштан; иборат будан.

[50] *«Саҳоҳ-ул-луғот»* — аз луғатҳои дар гузашта машҳури арабӣ аст, ки онро Исмоили Ҷавҳарӣ (вафоташ солҳои 1000—1010) таълиф намудааст.

[51] Дар адабиётшиносии қадимаи тоҷик қисмати охирини мисраи якуми байтро *арӯз* ва қисмати охирини мисраи дуюмро *зарб* мегуфтанд; қисмати аввали мисраи якумро *садр* ва қисмати аввали мисраи дуюмро *ибтидо* меномиданд.

[52] *Абулфараҷ* — Абулфараҷ ибни Масъуди Рунӣ аз шоирони забардасти асри XI тоҷику форс мебошад. Ӯ чанде дар Ҳиндустон ҳаёт ба сар бурда, бо Масъуди Саъди Салмон ҳамсӯҳбат шудааст. Абулфараҷ алалхусус дар қасида ҳунарманд будааст. Ӯ дар соли 510 ҳиҷрӣ (баробари 1117 мелодӣ) аз ҷаҳон мегузарад. Девони ашъораш тақрибан 4 ҳазор байт шеър дорад.

[53] Ин навъи тасмитро мусаммати мураббаъ мегӯянд.

[54] *Азҳарӣ* — аслан аз Ҳирот буда, номи пурраш Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмад ё Ҷалолиддин Муҳаммад мебошад ва дар асри XII зиндагӣ кардааст. Ҳаёт ва осори ин шоир алҳол дуруст омӯхта нашудааст.

[55] Ин навъи тасмит мусаммати мусаддас номида мешавад.

[56] *Манучеҳрӣ* — Абӯнаҷм Аҳмад Манучеҳрии Домғонӣ аз шоирони машҳури асри XI буда, дар соли 432 ҳиҷрӣ (мутобиқи 1041 мелодӣ) дар Ғазна вафот кардааст. Ӯ ба ғайр аз касби асосии худ — шоирӣ боз дар илмҳои тиб, нуҷум низ маълумоти зиёд доштааст. Менучеҳрӣ махсусан табиатро хеле таъсирбахш васф кардааст. Девони ӯ дар латофату салосат ном баровардааст.

[57] Дар адабиётшиносии тоҷик номи ин навъи тасмит мусаммати мусамман мебошад.

[58] *Ломей* — Абулҳасан ибни Муҳаммад ибни Исмоил Ломеии Гургонӣ аз шоирони асри XI тоҷику форс ба шумор меравад. Ӯ дар соли 392 ё 393 ҳиҷрӣ (солҳои 1002-3 мелодӣ) ба дунё омада, бештар аз 60 сол умр дидааст. Дар васфи Амидулмулк ва Низомулмулк шеърҳо гуфтааст. Аз забон ва адабиёти араб хуб бохабар будааст.

[59] *Мудом* — Ин ҷо ба маънии шароб, май кор фармуда шудааст.

[60] *Рабъ* — хона, манзил, маҳалла; *Атлол* — нишонаҳои сарои кӯҳна; вайрона; *Диман* — ҷое, ки хокрӯба ва амсоли онро андозанд.

[61] *Мутааллиқот* — тааллуқдошта.

[62] *Ҳотам* — қаҳрамони афсонавист, ки дар саховат ном баровардааст. Ин образи ҷомеъ дар асоси шахсияти Ҳотам ибни Абдулло ибни Саъди Тоӣ (асри VI) бунёд ёфтааст; *Кисро* — Анӯшервон Хус-

рави Парвиз (асри VI), подшоҳи сосонист, ки дар адолатпешагӣ афсона гардидааст; *Осаф* — ҳокимест, ки тамоми ҳукмҳояш раво будааст; *Исо* — гӯё ба нафасе мурдаро ҷон мебахшидааст.

[63] *Маҳалли дағдаға* — беҳуда; беасос; сафсатта.

[64] *Мухтареот* — ихтироъкарда.

[65] Яъне: *«Алишер»*.

[66] Ҳар он ҷо, ки дар ин китоб бо ранги дигар, яъне сурх навишта шуда буд, мо бо сиёҳии баланд (ғафс) навиштем (Р. М.).

[67] *Рашидии Самарқандӣ* — Абӯмуҳаммад Абдулло ибни Муҳаммад Рашидии Самарқандӣ аз шоирони асри XII тоҷику форс ба шумор меравад. Бо муосири худ — *Масъуди Саъди Салмон* мукотиба ва мунозираву мушоира доштааст.

[68] Дар назари мо, тақтеи охир низ «фаилотун» аст, на «фаилйон».

[69] *Аҳмади Маншурӣ* — Номаш Абӯсаид Аҳмад ибни Муҳаммади Маншурӣ; аслан самарқандӣ буда, дар асри XI умр ба сар бурдааст. Дар санъати талаввун, яъне шеъре, ки онро дар ду вазн, ё зиёда хондан мумкин аст, асаре таълиф карда будааст ва шоир *Хуршедӣ* ба он шарҳ навишта будааст. Аммо ҳоло он асар маълум нест.

[70] *Хуршедӣ* — аз ҷумлаи шоирону олимонест, ки дар асри XI — ё XII ҳаёт ба сар бурда будааст.

[71] *«Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ»* — асари Шарафиддин Ҳасан ибни Муҳаммади Румии Табрезӣ (асри XIV) буда, дар шарҳу эзоҳ ва такмили «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот навишта шудааст.

[72] *Сӯзанӣ* — Шамсиддин Абӯбакр Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон Сӯзании Самарқандӣ аз шоирони ҳунарманди тоҷику форс буда, дар синни 80-солагӣ, соли 1174 дар Самарқанд вафот ёфтааст. Ин шоир дар ҳаҷву зарофат беназир будааст. Назар ба қавли донишмандони таърихи адабиёт, нахустин девони ҳаҷвиётро ҳамин шоир офаридааст.

[73] *Амир Хусрав* — аз шоирони бузурги тоҷикзабони Ҳинд буда, соли 1254 дар Деҳлӣ ба дунъё омада, дар ҳамон ҷо соли 1325 вафот кардааст. Ба ҷуз ғазалиёти Хусрави Деҳлавӣ «Хамса»-и ӯ бисьёр машҳур аст, ки он дар пайравии «Панҷ ганҷ»-и Низомии бузург офарида шудааст. Аз ин шоир ба ғайр аз асарҳои мансур қариб 100 ҳазор байт шеър боқӣ мондааст.

[74] *Воҳиди музаккар мағоиби феъли мозӣ* — шахси сеюми танҳои мардонаи феъли замони гузашта.

[75] Маънии мисраи якуми арабӣ: «Соҳиби роҳат аз лутфу раҳмат агар маро чеғ задӣ»; Маънии мисраи дуюми арабӣ: «Талаб кун роҳатрову аз роҳат маро фаромӯш макун!»

[76] *Манқута* — нуқтадор (дар навишти арабӣ).

[77] *«Талхис»* — асари Тафтозонӣ (нигаред: моддаи 14 «Санъати аввал»).

[78] *Шарафи Румӣ* — муаллифи «Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ» (нигаред: моддаи 71 «Санъати аввал») ва рисолаи «Анис-ул-ушшоқ», ки он ҷо ашъори писандидаи ба узвҳои маҳбуба бахшидашуда ҷамъ ва тасниф карда шудаанд.

[79] *Камоли Исмоил* — Камолиддин Абулфазл Исмоили Исфаҳонӣ аз шоирони тоҷику форс буда, мувофиқи шаҳодати баъзе сарчашмаҳо 2 ҷамид-ул-аввали соли 635 ҳиҷрӣ (мутобиқи 21 декабри соли 1237 мелодӣ) аз дасти муғулҳои хунхӯр кушта шудааст. Ӯ дар ашъор, алалхусус дар ғазал пешвои замони худ будааст.

80 *Ҷоми зуҷоҷӣ* — ҷоми шишагини шаффоф.
81 Калимаи «охир»-ро (дар навишти арабӣ) мафтӯҳ, яъне бо фатҳа хонанд — «о, хар» мешавад.
82 *Ахз* — гирифтан, баровардан.

## Санъати дуюм

1 *Мунфаҳм гардад* — фаҳмида шавад.
2 *Мухотаб* — шахси дуюм; хитобшуда; шунаванда.
3 *Мутакаллим* — шахси якум; гӯянда.
4 *Таъкид-ул-мадҳ би мо яш-баҳу-з-замм* — таъкиди мадҳе, ки ба мазаммат монанд аст.
5 *Нафй кардан* — баровардан; тарҳ кардан.
6 *Муаллақ* — тааллуқдошта.
7 *Мамдӯҳ* — шахси мадҳшуда.
8 *Мутаҳаққақ* — таҳқиқшуда; ҳақиқат кардашуда.
9 *Иқтизои ихроҷ* — тақозои беруншавӣ, хориҷшавӣ.
10 *Мусталзам* — аз калимаи «лозим»; даркоршуда.
11 *Мустасно минҳу* — истисно аз он.
12 *Қиллат* — камӣ, камистеъмолӣ; нудрат.
13 *Таъкид-уз-замм би мо яшбаҳу-л-мадҳ* — мазаммати монанд ба мадҳ.
14 *Тавтеҳ* — сарзаниш; танбеҳ; *Тамҳид* — таъкид, тавсиф.
15 *Ҳазлуни эрод би-л — ҷиддӣ* — сухани ба тариқи ҳазл эродшудаи монанд ба ҷид.
16 *Яъқуб* — ишорат ба қаҳрамони афсонавист, ки дар фироқи писари дӯстдоштааш — Юсуф оҷиз гардида, боз дар натиҷаи ба чашмон молидани куртаи фарзанди дурафтодааш дубора бино мешавад.
17 *Хоҷа Ҳофиз* — ғазалсарои бузурги тоҷику форс буда, соли 1324 дар Шероз таваллуд ёфта, соли 1389 ҳамон ҷо вафот кардааст. Ҷомӣ, Навоӣ, Гёте барин суханварони забардасти олам Хоҷа Ҳофизро суханвари беназир ва ғазалсарои беҳамто донистаанд.
18 *Алломаи Шерозӣ* — Мавлоно Қутбиддини Шерозист (Нигаред, моддаи 13 «Санъати аввал»).
19 *Мутаориф* — аз «урф»; маъруф; маълум.
20 *Мубаййан* — аз «баён»; баёншуда.
21 *Шоеъ* — мавҷуд; маъмул; раво.
22 *Музайян* — зинатьёфта; ороста.
23 *Ҷоҳиз* — Абӯусмон Умар ал-Ҷоҳиз (776—868) нависандаи забардасти араб. Ин адиб, ки аз худ осори гаронбаҳои бадеӣ ва илмии зиёде боқӣ гузоштааст, дар зиштрӯӣ ва бахилӣ ном баровардааст.
24 *Ҳотами Тоӣ* — образи ҷомеи халқист, ки тимсоли хайру саховат мебошад.
25 Атоулло ба адиб ва сарвари мутафаккирони асри XV, фарзанди бузурги халқи тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ (1414—1492) эҳтироми махсуси самимона доштааст ва дар китоби худ борҳо аз ӯ истинод мекунад ва ӯро «устод», «ҳазрат», «аршодӣ» ва ғайра ном мебарад.
26 *Мушаъар* — пӯшидашуда.
27 *Муаззам* — аз «азим»; бузург.
28 *Иттисоф* — сифат гирифтан; дорои сифате шудан; машҳур будан.
29 *Музҳар* — аз «зӯҳр», зоҳирбуда; ошкоро; намоён. *Музмар* —

аз «замир», дар замир буда, дар дил буда; пинҳон, номаълум, махфӣ нигоҳ дошташуда.

[30] *Қамарӣ* — Дар таърихи адабиёти тоҷику форс чанд тан бо ин ном шеър гуфтааст, чунончи:

а) *Абулқосим Зиёд ибни Муҳаммад Қамарии Гургонӣ,* ки дар нимаи дуюми асри X ҳаёт ба сар бурда, муосири Қобуси Вушмгир будааст ва дар ҳаққи ӯ чанд шеър низ гуфтааст. Муҳаммад Авфии Бухороӣ номи ин шоирро дар «Лубоб-ул-албоб» зикр карда, аз ашъораш намуна овардааст;

б) *Сироҷиддин Қамарии Омулӣ* — аз шоирони асри XII, ки ба дарбори Хоразмшоҳиён қаробат доштааст;

в) *Қозӣ Низомиддин Маҳмуд Қамарии Исфаҳонӣ,* ки дар асри XIII ҳаёт ба сар бурда, дар мадҳи Атобек Абӯбакр ибни Саъди Зангӣ шеърҳо гуфтааст ва дар қасидасароӣ ва муламмаъгӯӣ даст доштааст;

г) *Сироҷиддин Қамарии Қазвинӣ* — дар асри XIV зиндагӣ карда, бо Убайди Зоконӣ ва Салмони Соваҷӣ мушоира доштааст.

Ба фикри мо, ин байт аз Қамарии Гургонист.

[31] *Сареҳан* — равшан; возеҳ.

[32] *Ахз* — баровардан; ҳисоб кардан. *Аамм* — фаро гирифтан ҳамаро.

[33] *Дошхол* — фулузи зангзада; бекора.

[34] *Сабил* — ҷиҳат; сабаб.

[35] *Ҷарир* — бурро; аътал — маккор; *аъшо* — шабкӯр.

[36] *Аҳбоб* — ҷамъи «ҳабиб», дӯстон; *Аъдо* — ҷамъи «адӯ», душманон; *Сақил* — вазнин, гарон; *Хафиф* — сабук, чолок; *Ҳеҷо* — ҳарб, муҳориба, майдон.

[37] *Мӯҳмал нагузорад* — бе эътибор нагузорад; тарк накунад; аҳамият диҳад.

[38] *Бирр* — некӣ, эҳсон, бахшиш; соиқа.

[39] *Самоҳат* — некӯкорӣ; осонӣ ва равшанӣ дар сухан; соддагию сареҳӣ дар сухан.

[40] *Мутағойир* — аз «ғайр»; гуногуншаванда; гуногун; мухолиф.

[41] *Эъдом* — нест кардан, маҳв намудан, нобуд кардан.

[42] *Авон* — посбон, нигаҳбон; довар. *Авонӣ* — ҷамъи «ония», ки он ҷамъи «ино» мебошад.

[43] *Умур* — ҷамъи «амр».

[44] *Аҷзо* — ҷамъи «ҷузъ».

[45] *Ақвом* — ҷамъи «қавм».

[46] *Азб* — қатъ; теғ.

[47] *Абдулвосеъ Ҷабалӣ* — аз суханварони асри XII ба шумор меравад, ки дар соли 1160 вафот кардааст. Номи пурраи ин шоир чунин аст: Иммом Бадеуззамон Саид Абдулвосеъ ибни Абдулҷомеъ ибни Умар Рабеъ Ҷабалии Султонии Гурҷистонӣ. Ҷабалӣ дар гуфтани шеърҳои маснӯъ, алалхусус ашъори мурассаъ ва мусаҷҷаъ маҳорати том доштааст.

[48] *Маъкус* — «акс»; чаппа.

[49] *Мухталит* — махлут; омехта.

[50] *Иҷмолӣ* — мухтасар; муҷмал.

[51] *«Кашшоф»* — Асари Замахшарӣ.

[52] *«Мутаввал»* — «Мухтасар ва мутаввал» азони Саъдаддини Тафтозонӣ (Нигаред: моддаи 13 «Санъати аввал»).

[53] *Хафӣ* — торик; пинҳон.

[54] *Мустабъад* — аз калимаи «баид»-дур.

[55] *Мардуд* — аз «рад»; инкор, номаъқул.
[56] *Соли авҳам* — номафҳум; торикӣ, ваҳмангез.
[57] *Фирдавсӣ* — Абулқосим Мансур ибни Ҳасан дар соли 934 ба дунъё омада, дар соли 1020 ё 1025 реҳлат кардааст. Ӯ бузургтарин эпоси қаҳрамонию ватанпарастии тоҷику форс — «Шоҳнома»-ро эҷод намудааст. Баъзеҳо достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро низ ба Фирдавсӣ нисбат додаанд, ки олими маъруфи Эрон Саид Нафисӣ ин фикрро инкор мекунад. Мувофиқи ақидаи ӯ, ин маснавӣ ба қалами Амонии Хуросонӣ тааллуқ дорад.
[58] *Муосӣ* — аз «осӣ»; рӯсиёҳ.
[59] *Иртифоъ* — баландӣ, фароз; рифъат; ҳосил; аз байн рафтан.
[60] *Иттизоъ* — аз «вазаа»; вазънят, ҳолат.
[61] *Уюб* — ҷамъи «айб».
[62] *Ифрот* — аз ҳад гузаштан; аз андоза берун баромадан.
[63] *Тафрит* — аз андоза беҳад кам; кӯтоҳӣ кардан; то ба дараҷаи даркорӣ нарасонидан.
[64] *Анварӣ* — Авҳаддидин Алӣ ибни Ваҳидаддин Муҳаммад бинни Исҳоқ Анварии Абевардӣ (вафоташ 1189) аз ҷумлаи шоирони забардасти асри XII тоҷику форс мебошад. Мадҳу ҳаҷв, панду ҳикмат дар эҷодиёти Анварӣ мақоми калоне доранд. Девонаш қариб 15 ҳазор байт шеър дорад.
[65] *Қавн* — олам, дунъё, ҳастӣ, мавҷудият.
[66] *Татмим* — ба охир расондан; тамом кардан; ба поён расондан.
[67] *Итноб* — дароз кардани сухан.
[68] *Муаккад* — таъкид кардашуда; мустаҳкам.
[69] *Масқул* — сайқал додашуда; тоза ва ҷилодор кардашуда.
[70] *Ламаон* — дурахш, тобиш, ҷило.
[71] *Лағв* — сухани беҳуда.
[72] *Дофеъ* — дафъкунанда.
[73] *Рофеъ* — рафъкунанда, барҳамзананда.
[74] *Мутаммим* — тамомкунанда.
[75] *Моқабл* — пеш аз худ.
[76] *Шуюъ* — паҳнгашта; маълум; дастрас.
[77] *Шую-истеъмол* — серистеъмол; маълум.
[78] *Уқб* — ақиб.
[79] *Рамад* — сурх гардидани сафедии чашм.
[80] *Судоъ* — дарди сар.
[81] *Мӯътариза* — дохилшаванда; калимаи дохилшаванда.
[82] *Танз* — тамасхур, пичинг, ришханд, истеҳзо.
[83] *Вофӣ* — вафодор, вафокунанда, содиқ ба аҳд; басанда, кифоя.
[84] *Мустақбаҳ* — аз «қабеҳ»; паст, бад.
[85] *Соҳиб Ибод* — аз адибони асри X буда, дар соли 385 ҳиҷрӣ (баробари 995 мелодӣ) вафот ёфтааст. Ба арабӣ китобу рисолаҳо дорад, ки машҳуртаринаш «Ал-муҳит» аст.
[86] *Хафӣ-ул-ҳукм* — ҳукмаш пинҳон, мақсад торик.
[87] *Вуҷӯҳ* — ҷамъи «ваҳҷ»; ҷиҳатҳо.
[88] *Сумм* — инчунин; ва.
[89] *Тард* — рондан, дур кардан, гурезондан; гардонда додан; бадарға. *Тардаст* — чолок, чобук.
[90] *Асҷадӣ* — Абдулазиз ибни Мансур аз шоирони асри XI тоҷику форс буда, дар соли 432 ҳиҷрӣ (мутобиқи соли 1040 мелодӣ) аз ҷаҳон чашм пӯшидааст. Асҷадӣ аз ҳамзамонони Унсурӣ ва Фаррухӣ будааст.
[91] *Баст* — фарехӣ.

[92] *Табьйин* — аз «баён»; равшан кардан.

[93] *Иститрод* — аз матлаб дур шуда ба мазмуни дигар гузаштани нависанда ва баъд боз ба муроду матлаби аввала баргаштани ӯ.

[94] *Тафреҳ* — шодинафзоӣ; фараҳманд ва шоду хушнуд гардонидан. *Тафреъ* — аз «фаръ», навъи санъати бадеӣ.

[95] *Мӯҳтариз* — парҳезкунанда, худдорикунанда; боэҳтиёт; ҳушьёр; эҳтирозкунанда.

[96] *Самъу басар* — гӯшу чашм.

[97] *Фурот* — номи дарьё дар Байнаннаҳрайн; оби ширину гуворо.

[98] *Тавсил* — аз «васл»; пайвастан.

[99] *Нӯшервон* — ишора ба Нӯшервони Одил; тимсоли шоҳи адолатпарвар.

[100] *Тасреҳ* — аз «сареҳ»; дуруст; равшан.

[101] *«Тоҷ-ул-Масодир»* — луғати тафсирӣ буда, дар асри X таълиф ёфтааст. Баъзеҳо ин асарро ба Рӯдакӣ нисбат додаанд (нигред: Саид Нафисӣ, Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, ҷилди аввал, Теҳрон, 1344, саҳ. 27), ки ин саҳв менамояд.

[102] *Савор ва сивор* — рокиб ва дастпона.

[103] *Ҷалӣ* — равшан, маълум, *Хафӣ* — торик, пинҳон.

[104] *Тураҳи салоса* — тариқи сегона.

[105] *Такаллум (мутакаллим)* — гӯянда, шахси якум; *Хитоб (мухотаб)* — шунаванда, шахси дуюм; *Ғайбат (муғойиб)* — шахси сеюм.

[106] *Араз* — аломати зоҳирии ашьё, ки ба асли худ қоим намебошад, мисли ранг ба матоъ; муқобили асл, зот, гавҳар, сиришт.

[107] *Моэӣ* — замони гузашта; *Мустақбал* — замони оянда.

[108] *Муҳиб* — дӯстдор.

[109] *Ямин* — тарафи рост, тарафи дасти рост.

[110] *Шимол* — тарафи дасти чап.

[111] *Аврод* — ҷамъи «вирд».

[112] *Қавли би-л-мӯъҷиб* — қавли бо боис; сухани босабаб.

[113] *Сибқат* — пеш рафтан, гузаштан; мусобиқа кардан.

[114] *Инфиол* — шарм; ҳаё.

[115] *Фузало* — ҷамъи «фозил», яъне «фозилон»; *Уқало* — ҷамъи «оқил», яъне «оқилон».

[116] *Мантиқӣ* — Абӯмуҳаммад Мансур ибни Алӣ Мантиқии Розӣ (вафоташ — нимаи дуюми асри X) аз шоирони тоҷику форс аст, ки аз осори ӯ баъзе порчаҳо мондаасту халос. Ин шоир шеърҳои арабӣ низ мегуфтааст. Ӯ ҳам бо тахаллуси «Мантиқӣ» ва ҳам бо «Мансур» шеър эҷод мекардааст.

[117] *Мавлоно Шарафиддин Алии Яздӣ* — аз адибон ва донишмандони забардасти нимаи аввали асри XV буда, дар соли 858 ҳиҷрӣ (баробари 1454 мелодӣ) дар Тафт аз дуньё чашм пӯшидааст. Алалхусус дар муаммогӯӣ ва муаммошикофӣ қудрати бузурге доштааст. Аз ӯ, ба ғайр аз рисолае дар муаммо ба номи «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз», боз китобе дар таърих — «Зафарномаи темурӣ» машҳур аст, ки онро баъди заҳмати чорсола дар соли 828 ҳиҷрӣ (1425 мелодӣ) ба поён расонидааст. Шарафиддин бо тахаллуси «Шараф» шеър эҷод мекардааст ва девони ашъори ӯ мавҷуд аст. Ӯ манзумае ба номи «Темурнома» низ дорад, ки дар баҳри мутақориб таълиф ёфтааст.

[118] *Зарурӣ-уз зикр* — яъне: зикраш зарурист, ҳатмист.

[119] *Мухолифот ва мунофират* — ихтилофнок, зиддиятнок, нафратнок.

[120] *Муовинат* — ёрӣ кардан.

[121] *Муқаддам* — аз «қадим»; дар боло, дар пеш, дар аввал: *Муаххар* — аз «охир»; дар поён, дар охир.

[122] *Яъне* — Шарафиддин Алии Яздӣ.

[123] *Муҷовират* — ҳамсоягӣ; наздикӣ.

[124] *Мухолитат* — даромехтан, якҷоя шудан.

[125] *Асноф* — ҷамъи «синф»; хелҳо.

[126] *Мунофот* — аз «нафӣ»: мухолифи якдигар будан мутобиқат надоштан; зиддият.

[127] *Мустафод* — аз «фоида»: гирифташуда, истифодашуда; мафҳум ва маълумшуда.

[128] *Мустағрақ* — аз «ғарқ»: ғарқшуда, фурӯрафта; тамоман саргарм ба коре ё чизе.

[129] *Ҳуруфи мактуба* — ҳарфҳои навишташаванда; *Малфуза* — талаффузшаванда.

[130] *Ҳабо* — ин ҷо ночизу ҳақир; абас.

[131] *«Ҳаллияи ҳилал»* — *асари* Абдураҳмони Ҷомӣ буда, ба муаммо бахшида шудааст. Таълифи он соли 956 ҳиҷрӣ (1452 мелодӣ) анҷом ёфтааст.

[132] *Малҳуз* — чизе, ки ба гӯшаи чашм нигаранд.

[133] *Асмо* — ҷамъи «исм»; номҳо.

[134] *Татвил* — аз «тӯл», яъне дарозӣ; кашолсуханӣ.

[135] *Носих* — нусхабардор; китобаткунанда.

[136] *Хусуф* — гирифтани моҳ.

[137] *Занаб ва раъс* — дум ва сар; номи галаситора. *Фареҳ* — афзунӣ, пешӣ, олӣ.

[138] *Мавлоно Олими Ҳиравӣ* — аз шоирони асри XV тоҷику форс ба шумор меравад, ки ҳаёт ва мероси ӯ дуруст омӯхта нашудааст.

[139] *Унсурӣ* — Абулқосим Ҳасан ном дошта, аслан аз Балх буда, дар асри XI зиндагӣ ва эҷод кардааст ва аз шоирони забардасти замонаш ҳисоб меёфтааст. Вафоташ дар соли 1040 рӯй додааст. Ин шоир алалхусус дар қасида забардаст буда, Султон Маҳмудро васф кардааст ва ба унвони «Малик-уш-шуарой» соҳиб шудааст. Ба ғайр аз девони ашъор чанд маснавӣ низ таълиф карда будааст, ки ба имрӯз ягонтаи онҳо пурраю комил нарасидааст.

[140] *Ашҳар* — машҳур; беҳтарин.

[141] *Акмал* — хуб; баркамол.

[142] *Азҳар* — дурахшон, тобон, равшан, намоён, ошкор; ошкортар, намоёнтар.

[143] *«Фота мунно қутби давра»* — моддаи таърих аст, ки он дар абҷад баробари 898 ҳиҷрӣ (1492 мелодӣ) мебошад.

[144] *«Аморати мир»* — дар ҳисоби абҷад ба 892 ҳиҷрӣ (1487 мелодӣ) баробар аст.

[145] *«Шашуми моҳи раҷаб»* — мутобиқи 6 раҷаби 891 ҳиҷрӣ (9 июли 1486 мелодӣ) мебошад.

[146] *«Салхи раҷаб»* — яъне рӯзи охирини моҳи раҷаб. Ин таъбир дар ҳисоби абҷад 30 раҷаби 895-ро ифода мекунад, ки он баробари 21 июни соли 1490 мелодист.

[147] Дар ин қитъа моддаи таърих «Шайх Ҳусайн» аст, ки қимати ҳарфҳои он рақами 1033-ро ифода менамояд. Агар аз ин адад 150 бароварда шавад, 888 боқӣ мемонад, ки он ба санаи 1483 мелодӣ баробар аст.

Санъати сеюм

[1] *Савод* — ранги сиёҳ; *Баёз* — сафед; *Ҳумрат, Ҳумро, Аҳмар* — сурх.

[2] *Таонид* — аз «инод».

[3] *Ҳавошии «Шарифия» бар «Мутаввал»* — асари Амир Саидшариф. (Ниг. моддаи 15 «Санъати аввал»).

[4] *Аносири арбаа* — унсурҳои чоргона (яъне об, оташ, замин, ҳаво), ки дар фалсафаи қадим боиси эътиқод буданд ва онҳоро «чор унсур» ҳам меномиданд.

[5] *Мавлоно Фаттоҳӣ* — Яҳьё Себаки Нишопурӣ (вафоташ соли 1448) пеш аз ҳама бо «Ҳусну дил» (таълифаш соли 1437), «Шабистони хаёл» (соли таълифаш 1440) ва ғайра машҳур аст. Фаттоҳӣ дар назму наср маҳорат доштааст.

[6] *Назирӣ* — Мавлоно Назирӣ тахминан аз Машҳад буда, дар Дакани Ҳиндустон ҳаёт ба сар бурдааст. Санаи вафоташ маълум нест, вале то соли 865 ҳиҷрӣ (мутобиқи 1461 мелодӣ) зинда будааст.

[7] *Лавнҳо* — рангҳо.

[8] *«Иснайн ба иснайн»* — ду ба ду; дугона.

[9] *«Салоса ба салоса»* — се ба се; сегона.

[10] *«Арбаа ба арбаа»* — чор ба чор; чоргона.

[11] *Мутасаввар* — тасаввуршаванда.

[12] *«Ифтироқ»* — аз «фарқ», фироқ; дурӣ, ҷудоӣ.

[13] *Маҷнун* — образи машҳури афсонавӣ; тимсоли ошиқи содиқи ноком.

[14] *Мақотеъ* — ҷамъи «қитъа», яъне ҷудо-ҷудо, порча-порча; тақтеъ-тақтеъ.

[15] *Тавҷеҳ* — аз «ваҷҳ»; сабаб, далел; исбот.

[16] *Тағаззул* — маъмулан қисмати аввали қасида (насиб ва ташбиб), ки он ҷо сухан аз ишқу ишқбозӣ, маю майгусорӣ ва ғайра меравад. Гоҳе ба маънии умуман ашъори лирикии ишқӣ кор фармуда мешавад.

[17] *Фахомат* — бузургворӣ; бузургвор шудан.

[18] *Афҳом* — ҷамъи «фаҳм».

[19] *Муттасиқ* — пайваста; зич; алоқаманд, дарҳамбаста.

[20] *Заҳир* — Заҳириддин Абулфазл Муҳаммади Форьёбӣ (1156—1201) аз шоирони боистеъдоди тоҷику форс ҳисоб меёбад, ки махсусан дар қасида ном баровардааст.

[21] *Гӯпол* — гурз.

[22] *Муталойима* — калимаҳои мазмунан қарибу наздик, мувофиқ

[23] *Муфаррада* — аз «фард»; танҳо, ягона.

[24] *Муназзам* — зам шудан; илова кардан.

[25] *Мобаъд* — баъд аз.

[26] *Шарт ва ҷазо* — илтизому подош; паймону сазо.

[27] *Қисмати охирини мисраи дуюм* — «бонги ғулғулаш дарди сар аст» аз қасидаи «Дарьёи аброр»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ мебошад.

[28] *Байти охир аз Хоҷа Ҳофиз аст* — нигаред; Ҳофизи Шерозӣ, Мунтахаби ғазалиёт, Душанбе, «Ирфон», 1967, саҳ. 34.

[29] Ду байти охир:

Дар ҷаҳон ҳеҷ кас надидам, к-ӯ
Оқибат дӯстӣ ба бод надод.
Чун чунин аст, ҳар ки дар олам
Фард бошад, худош хайр диҳод.

аз шоири қитъасарои асри XIV форс-тоҷик Ибни Ямини Фарьюмадӣ мебошад.

[30] *Мутаззамин* — дар зимн гиранда, дар бар гиранда; шомил.

[31] *Истионат* — аз «иноат»: ёрмандӣ хостан, мадад пурсидан; ёрӣ талабидан.

[32] *Пораи охири мисраи дуюм* — «ало, ё аййуҳа-с-соқӣ» аз матлаи ғазали Ҳофиз аст.

[33] *Котибӣ* — Паҳлавон Шамсиддин Муҳаммад ибни Абдулло Котибии Нишопурии Туршезӣ шоири тоҷику форс буда, дар соли 1435 аз вабо дар Астаробод вафот ёфтааст. Котибӣ шоири соҳибистеъдодест. Чанд маснавӣ эҷод кардааст. Дар ҷавоби «Хамса» оғоз карда, вале онро ба поён нарасонидааст.

[34] Мисраи дуюми байт шакли андаке тағьир додашудаи мисраи Амир Шоҳӣ мебошад.

[35] *Амир Шоҳӣ* — Амир Оқмалик бинни Ҷамолиддин Фирӯзкӯҳии Шоҳии Сабзаворӣ — аз шоирони лирики асри XV ба шумор меравад. Ин шоир дар соли 1385 ба дуньё омадааст ва дар солҳои 1453-54 вафот кардааст. Ғазалҳои ӯ дар латифӣ ва салисӣ ном баровардаанд. Ӯ дар хушнависӣ, наққошӣ, мусиқӣ ва ғайра низ ҳунарманд будааст.

[36] *Султон Санҷар* — аз шоҳони хонадони салҷуқӣ буда, дар солҳои 1117—1153 ҳукмронӣ кардааст.

[37] *Машоих* — ҷамъи «шайх».

[38] *Уламо* — ҷамъи «олим».

[39] *Камоли Хуҷандӣ (вафоташ дар байни солҳои 1390—1401)* — шоири бузурги лирики тоҷик буда, умри гаронмояи худро дар Хуҷанд, Самарқанд, Чоч, Сарой, Табриз бо ташвишҳои зиёде гузаронидааст ва аз худ ғазалҳои беназир ёдгор гузоштааст.

[40] *Ҳаза* — ин; *Баъдаҳу* — баъд аз ин; *Айзан* — инчунин.

[41] *Ғамом* — абри сафед.

[42] *Азрақӣ* — номи пуррааш Шарафуззамон Абулмаҳосин Зайниддин Абӯбакр Ҷаъфар ибни Исмоил аслан аз Ҳирот буда, дар соли 526 ё 527 ҳиҷрӣ (солҳои 1132—1133 мелодӣ) аз олам даргузаштааст. Азрақӣ махсусан дар истеъмоли санъати ташбеҳ ва васфи табиат маҳорати баланде доштааст. Девонаш зиёда аз дуним ҳазор байт шеър дорад.

## Хотима

[1] *Алфози мутадовила* — калима ва иборахои маъмул.

[2] *Таассури талаффуз* — душворталаффуз; талаффузаш мушкил.

[3] *Мутаҳаррик* — ҳарфи ҳаракадор, яъне ҳамсадое, ки баъди он садоноки кӯтоҳ хоҳад омад.

[4] *Музоф илайҳи ва музоф* — муайянкунанда ва муайяншаванда.

[5] *Йо* — ҳарфи «и» дар калимаи «гирам».

[6] *Вов* — ҳарфи «у»-и дуюм дар калимаи «сухун».

[7] *Ишбоъ* — пурра, бошиддат хондан.

[8] *Баҳромӣ* — Абулҳасан Алӣ, аз Сарахс буда, дар соли 500 ҳиҷрӣ (1107 мелодӣ) вафот кардааст. Низомии Арӯзӣ «Ғоят-ул-арӯзайн», «Канз-ул-қофия» ва «Хуҷастанома» ном китобҳои ӯро нишон додааст, ки ҳоло ба мо дастрас нестанд. Баъзе порчаҳо аз ашъораш боқӣ мондаанд.

[9] *Абӯ Шакур* — Аслан балхӣ буда, аз барҷастатарин шоирони замони Рӯдакӣ ҳисоб меёбад. Порчаҳои боқимондаи ашъори ӯ ба

масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, алалхусус ба панду ахлоқ бахшида шудаанд. Ин шоир чор маснавӣ низ гуфта будааст.

[10] *Ваҷҳи баид* — далели дур аз ҳақиқат ғайриқаноатбахш.

[11] *Истиқро* — хулоса, натиҷа; ҷустуҷӯ; ба хулоса омадан.

[12] *Мусҳаф* — «Қуръон».

[13] *Хоқонӣ* — Абӯбадил Афзалиддин Иброҳим бинни Абулҳасан Алӣ ибни Усмон Хоқонии Шервонӣ аз суханварони забардаст буда, дар солҳои 1126—1198 умр ба сар бурдааст. Хоқонӣ зиндон дидааст, ашъори зиндонӣ гуфтааст. Ӯ ҳанӯз дар айёми ҳаёташ ном баровարда будааст; бо Рашиди Ватвот мушоира доштааст. Осори Хоқонӣ хеле зиёд аст ва девони ӯ 20 ҳазор байтро ташкил медиҳад.

[14] *Мазмум* — аз «замм»; зишт; паст.

[15] *Мухторӣ* — номи пурраaш Ҳаким Сироҷиддин Усмон бинни Муҳаммади Мухтории Ғазнавӣ буда, дар соли 534—554 ҳиҷрӣ (мутобиқи солҳои 1140—1159 мелодӣ) даргузаштааст. Ин шоир алалхусус дар қасида ва тарҷеъбанд маҳорат доштааст ва дар кор фармудани санъатҳои бадеӣ устоди замони худ будааст. Алҳол ҳаёт ва осори ин суханвар дуруст омӯхта нашудааст.

[16] *Ризо Нишопурӣ* — аз шоирони асри XII тоҷику форс буда, дар соли 598 ҳиҷрӣ (1202 мелодӣ) вафот ёфтааст. Ризо ба арабӣ низ шеър гуфтааст. Аҳвол ва эҷодиёти ин шоир то ҳол мавриди тадқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст.

[17] *Хутур кардан* — аз хотир гузаштан; дар ёд пайдо шудан.

[18] *Амтор* — ҷамъи «матар» — борон; *Риёҳ* — ҷамъи «реҳ» — бод.

[19] *Фалакӣ* — Абӯнизом Муҳаммад Фалакии Шервонӣ тахминан дар солҳои 1108—1146 ҳаёт ба сар бурдааст. Ӯ ба тавассути Хоқонии Шервонӣ (нигаред: моддаи 13 «Хотима») ба дарбори шервоншоҳиён кашида мешавад, вале ба қисмати талхи адибони пешқадами дарборӣ шарик мегардад; ӯро зиндон мекунанд. Банду зиндон ба саломатии шоир таъсири сахт мерасонад ва ӯ ба чиҳил надаромада, аз ҳаёт чашм мепӯшад. Алҳол девони ашъори шӯрангез ва санъаткорона гуфташудаи Фалакӣ дастрас мебошад.

[20] Ҳарчанд баъзе муҳаққиқон дубайтӣ ва рубоиро муштарак донистаанд ва Атоулло дар миёни онҳо равшан фарқ нагузоштааст, ду жанри мустақили лирикӣ буда, дар масъалаҳои вазн, мавзӯъ, ғоя, сохти композиционӣ ва амсоли инҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

[21] Агар аз *«Таҳрири бадеъ»*, ки дар ҳисоби абҷад 904 аст, қимати калимаи *«бад»* (6) бароварда шавад, 898 боқӣ мемонад, ки он ба соли 1493 мелодӣ мутобиқ аст.

[22] *Моддаи таърихи ин рубоӣ* — *«Даҳи ҷамид-ул-охир»*, ки санаи хатми китоб аст, 10-уми ҷумод-ул-охири 898 ҳиҷрӣ (баробари 10 марти соли 1493 мелодӣ)-ро ифода менамояд.

## МУНДАРИЧА

Чанд сухан доир ба Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва асари ӯ «Бадоеъ-ус-саноеъ» . . . 3

Дебоча . . . 11
Тамҳид . . . 12

Санъати аввал. Дар баёни санъатҳои лафзӣ . . . 13
Тарсеъ . . . —
Тарсеъ бо таҷнис . . . 15
Таҷнис . . . 16
Аввал — таҷниси том . . . —
Дуюм — таҷниси ноқис . . . 17
Сеюм — таҷниси музайӣал . . . 18
Чаҳорум — таҷниси музореъ . . . 19
Панҷум — таҷниси лоҳақ . . . 20
Таҷниси акс . . . 21
Фоида . . . 22
Таҷниси мураккаб . . . 23
Аввал — таҷниси хаттӣ . . . 25
Дуюм — таҷниси мушавваш . . . —
Сеюм — таҷниси би-л-ишорат . . . 26
Фоида . . . —
Аввал, иштиқоқ . . . —
Дуюм, шабаҳи иштиқоқ . . . 27
Радд-ул-аҷуз мин ас-садр . . . 28
Қалб . . . 33
Фоида . . . 35
Мақлуби муставӣ . . . 36
Саҷъ . . . 37
Саҷъи мутавозӣ . . . 38
Саҷъи мутарраф . . . 39
Саҷъи мутавозин . . . 40
Мумосила . . . 41
Фоида . . . 42

| | |
|---|---|
| Фоида | 42 |
| Фоида | 43 |
| Таштир | 43 |
| Таҷзия | 44 |
| Тасреъ | — |
| Тасмит | 47 |
| Акс | 49 |
| Тардид | 53 |
| Тааттуф | 54 |
| Ташреъ | — |
| Тафлиқ | 56 |
| Тавшеҳ | 58 |
| Талаввун | 60 |
| Тарофуқ | 62 |
| Макрӯи назму наср | — |
| Макрӯ-ул-луғатайн | 63 |
| Муламмаъ | 65 |
| Ҳазф | 66 |
| Аънот | — |
| Тазмини муздаваҷ | 68 |
| Мутазалзил | 69 |
| Мураббаъ | 71 |
| Мудаввар | 73 |
| Мушокила | — |
| Санъати дуюм. Дар баёни санъатҳои маънавия | 75 |
| Навъи аввал | — |
| Тавҷеҳ | — |
| Иҳом | 76 |
| Таъкид-ул-мадҳ би мо яшбаҳу-з-замм | 78 |
| Таъкид-уз-замм би мо яшбаҳу-л-мадҳ | 81 |
| Идмоҷ | — |
| Таълиқ | 82 |
| Ҳазлуни эрод би-л-ҷиддӣ | 83 |
| Таҷоҳули ориф | — |
| Талмеҳ | 84 |
| Ирсоли масал | 86 |
| Ирсол-ул-масалайн | — |
| Каломи ҷомеъ | 87 |
| Мазҳаби каломӣ | — |
| Ҳусни таълил | 88 |
| Тафреъ | 90 |
| Таҳаккум | 91 |

Ҷамъ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 92
Тафриқ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 93
Тақсим . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 94
Ҷамъ ва тафриқ . . . . . . . . . . . . . . . . 95
Ҷамъ бо тақсим . . . . . . . . . . . . . . . . 96
Ҷамъ бо тафрику тақсим . . . . . . . . . . . —
Ҷамъ бо тақсиму ҷамъ . . . . . . . . . . . . 97
Лаффу нашр . . . . . . . . . . . . . . . . . . 98
Мубоlиғаи мақбула . . . . . . . . . . . . . 101
Таблиғ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Иғроқ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Ғулувв . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 102
Айғол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 104
Такмил . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 106
Тазйил . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 108
Татмим . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 110
Эътироз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 111
Эзоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 116
Руҷӯъ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 117
Тадрук . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 118
Такрир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Тарҷеъ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 120
Итноб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 121
Мусовот . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Эҷоз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Иститрод . . . . . . . . . . . . . . . . . . 122
Тафсир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 125
Илтифот . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 126
Услубҳаким . . . . . . . . . . . . . . . . . 130
Қавли би-л-мӯҷиб . . . . . . . . . . . . . 131
Саволу ҷавоб . . . . . . . . . . . . . . . . 132
Ибдоъ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 133
Муаммо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 134
Луғз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 145
Навъи дуюм аз муҳассаноти маънавия . . . . . . . . 149
Баҳси аввал. Дар баёни санъатҳое, ки ба иттифоқи фусаҳои араб аз муҳассаноти зотияи каломанд ва шуарои Аҷам онро дар силки саноеъ овардаанд . . . . . . . . . . —
Ташбеҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Ташбеҳи мутлақ . . . . . . . . . . . . . . 150
Ташбеҳи киноят . . . . . . . . . . . . . . —
Ташбеҳи машрут . . . . . . . . . . . . . . 151
Ташбеҳи тасвит . . . . . . . . . . . . . . —

Ташбеҳи акс . . . . . . . . . . . . . . . . . . 152
Ташбеҳи измор . . . . . . . . . . . . . . . . 153
Ташбеҳи тафзил . . . . . . . . . . . . . . . . 154
Фоида . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 154
Истиорат . . . . . . . . . . . . . . . . . . 155
Тамсил . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 157
Қиноят . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Таъриз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 158
Баҳси дуюм. Дар баёни он чи фусаҳои араб онро дар муҳассаноти калом эътибор накардаанд ва номе нанинҳода ва шуарои Аҷам аз он ҷумла шумурдаанд . . . . . . . . 159
Тааҷҷуб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Сеҳри ҳалол . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Таърих . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —

Санъати сеюм. Дар муҳассаноти лафзия ва маънавия, яъне саноее, ки муҷиби ҳусни маҷмӯи лафзу маънӣ бошад, агарчи таҳсин дар яке аз ин ҳарду зиёда аз дигаре . . . . . . . . 161

Мутобиқа . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Тадбеҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 164
Муқобила . . . . . . . . . . . . . . . . . . 166
Муроот-ун-назир . . . . . . . . . . . . . . 167
Тафвиф . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 169
Таъзил . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 171
Тансиқ-ус-сифот . . . . . . . . . . . . . . 173
Ирсод . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 174
Музовиҷа . . . . . . . . . . . . . . . . . . 175
Икд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 176
Ҳал . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Тазмин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Ҳусни ибтидо . . . . . . . . . . . . . . . . 181
Ҳикоят . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 182
Бароати истеҳлол . . . . . . . . . . . . . . 183
Ҳусни тахаллус . . . . . . . . . . . . . . . 184
Ҳусни матлаб . . . . . . . . . . . . . . . . 185
Ҳусни мақтаъ . . . . . . . . . . . . . . . . 186

Хотима. Дар зикри уюби оман шеър ва дар баёни маонии баъзе алфози мутадовила миёни шуаро, ки муҳтоҷ аст ба баён. 188

Баҳси аввал. Дар зикри уюби шеър . . . . . . . . —
Аммо уюби роҷеа ба лафз . . . . . . . . . . —
Танофир . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Ғароиб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 189
Мухолифи қиёс . . . . . . . . . . . . . . . —

Заъфи таълиф . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Таъқиди лафзӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 189
Такрор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 190
Ихлол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Татлим . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Тазниб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 191
Тағйир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
**Фоида** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 192
Аммо уюби роҷеа ба маънӣ . . . . . . . . . . —
Танокис . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Имтиноъ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 193
Мухолифи урф . . . . . . . . . . . . . . . . 194
Нисбат-уш-шайъ ила ғайри мо қавлиҳи . . . . . . —
Қалб-ул-маънӣ . . . . . . . . . . . . . . . 195
Такаллуф-ул-қофия . . . . . . . . . . . . . . —
Насх . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Масх . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 196
Салх . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 197
Нақл . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 198
**Фоида** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Баҳси дуюм. Дар баёни маонии баъзе алфози мутадовила миёни шуаро, ки муҳтоҷ ба баён аст . . . . . . . . . . 199
Ташбиб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Насиб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Ғазал . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 200
Мусарраъ . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Муздаваҷ . . . . . . . . . . . . . . . . . 201
Муқаффо . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Муҷаммаъ . . . . . . . . . . . . . . . . . 202
Байт-ул-қасида . . . . . . . . . . . . . . . —
Матбӯъ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 203
Мутакаллаф . . . . . . . . . . . . . . . . —
Хасӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Ҷазолат . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Салосат . . . . . . . . . . . . . . . . . . 204
Иртиҳол . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Саҳли мумтанеъ . . . . . . . . . . . . . . —
Тавзеҳот ва луғот . . . . . . . . . . . . . 205

*АТОУЛЛО МАХМУДИ ХУСАЙНИ*

**МАСТЕРСТВО ПОЭЗИИ**

(на таджикском языке)

Муҳаррирон Ҷ. *Каримзода*, *М. Ҳотамов*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королева*
Муҳаррири техникӣ *Л. Шашкова*
Мусаҳҳеҳ *Ч. Тағойбердиев*